ISSN 2710-4672

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ
## БАХШИ ИЛМҲОИ ФАЛСАФА, ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТШИНОСӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
## СЕРИЯ ФИЛОСОФИЯ, ПРАВО И ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY
## SERIES OF PHILOSOPHY, LAW AND POLITICAL SCIENCES

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

**№ 1 (17)**

**Душанбе – 2025**

**ISSN 2710-4672**

***Маҷалла соли 2021 таъсис ёфтааст***

*Маҷалла аз 01.10.2024 шомили феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар маҷалла мақолаҳои илмӣ аз рӯи самтҳои зерин нашр мешаванд: 09.00.00 – Илмҳои фалсафӣ, 12.00.00 - Илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 23.00.00 – Илмҳои сиёсатшиносӣ*

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 таҳти № 293/МҶ-97 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосоварии илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.* http: //elibrary.ru

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** vestnik.tgpu@gmail.com

***Сомонаи маҷалла:*** http: // filosofiya.tgpu.tj

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Холов С.С.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Самиев Бобо Ҷураевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Назариев Рамазон Зибуҷинович*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Султонзода Соқӣ Аслон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Худойдодзода Фаррух Бегиҷон*** *- доктори илмҳои фалсафа, профессор*
***Зикирзода Ҳобил*** *- доктори илмҳои фалсафа, дотсент*
***Раҳимзода Маҳмад Забир*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Сафарзода Анвар Ислом*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоеивч*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Раҷабов Саидумар Одинаевич*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулло*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Сангинзода Дониёр Шомаҳмад*** *- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Муҳаммад Абдураҳмон Навруз*** *- доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
***Қувватзода Сайдулло Зувайд*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** *– доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент*
***Қозиён Шариф Қозӣ*** *– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024***

**ISSN 2710-4672**
***Журнал основан в 2021 году***
*Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов Республики Таджикистан с 01 октября 2024 года. В журнале публикуются научные статьи по следующим направлениям: 09.00.00 - Философские науки, 12.00.00 - Юридические науки, 23.00.00 - Политические науки*
*Журнал зарегистрирован в Министерством культуры Республики Таджикистан с 1 мая 2023 года под номером № 293/ЖР-97*
*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.* http: //elibrary.ru

***Тел.:*** *(+992 37) 224-20-12*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** *vestnik. tgpu@gmail. com*

***Сайт журнала***: *http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** - *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** - *доктор химических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Холов С.С.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**
***Самиев Бобо Джураевич*** - *доктор философских наук, профессор,*
***Назариев Рамазон Зибуджинович*** - *доктор философских наук, профессор*
***Султонзода Соки Аслон*** *– доктор философских наук, профессор*
***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** *– доктор философских наук, профессор*
***Худойдодзода Фаррух Бегиджон*** - *доктор философских наук, профессор*
***Зикирзода Хобил*** - *доктор философских наук, дотсент*
***Рахимзода Махмад Забир*** *– доктор юридических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Сафарзода Анвар Ислом*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Меликов Умрилло Асадуллоевич*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Раджабов Саидумар Одинаевич*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Азиззода Убайдулло Абдулло*** *– доктор юридических наук, профессор*
***Сангинзода Дониёр Шомахмад*** - *доктор юридических наук, профессор*
***Мухаммад Абдуррахмон Навруз*** *– доктор политических наук, профессор, член – корр. НАНТ*
***Кувватзода Сайдулло Зувайд*** *– доктор политических наук, доцент*
***Каримов Шамсиддин Турсунматович*** *– доктор политических наук, профессор*
***Муродова Нигина Сулаймоновна*** *– доктор политических наук, доцент*
***Козиён Шариф Кози*** *– кандидат юридических наук, доктор политических наук, профессор*
***© ТГПУ имени С. Айни, 2024***

**ISSN 2710-4672**
***The journal was founded in 2021***
*The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals of the Republic of Tajikistan since October 1, 2024. The journal publishes scientific articles in the following areas: 09.00.00 - Philosophical Sciences, 12.00.00 - Legal Sciences, 23.00.00 - Political Sciences*
*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on May 1, 2023 for No. 293/ZhR-97*
*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Phone**: (+992 37) 224-20-12*

***Fax:** (+992 37) 224-13-83*

***E-mail:** vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:** http: // filosofiya.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector on Scientific Affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Kholov S.S.***

**THE EDITORIAL BOARD:**
***Samiev Bobo Jurayevich*** *- Doctor of Philosophy, Professor*
***Nazariyev Ramazon Zibujinovich*** *- Doctor of Philosophy, Professor*
***Sultonzoda Soqi Aslon*** *- Doctor of Philosophy, Professor*
***Haydarov Rustam Juraboevich*** *- Doctor of Philosophy, Professor*
***Khudoidodzoda Farrukh Begijon*** *- Doctor of Philosophy, Professor*
***Zikirzoda Hobil*** *- Doctor of Philosophy, Associate Professor*
***Rahimzoda Mahmad Zabir*** *- Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the NAST*
***Safarzoda Anvar Islom*** *- Doctor of Law, Professor*
***Melikov Umrillo Asadulloevich*** *- Doctor of Law, Professor*
***Rajabov Saidumar Odinaevich*** *- Doctor of Law, Professor*
***Sanginzoda Doniyor Shomahmad*** *- Doctor of Law, Professor*
***Azizzoda Ubaydullo Abdullo*** *- Doctor of Law, Professor*
***Muhammad Abdurrahmon Navruz*** *- Doctor of Political Science, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
***Quvvatzoda Saidullo Zuvaid*** *- Doctor of Political Science, Associate Professor*
***Karimov Shamsiddin Tursunmatovich*** *- Doctor of Political Science, Professor*
***Murodova Nigina Sulaymonovna*** *- Doctor of Political Sciences, Associate Professor*
***Qoziyon Sharif Qozī*** *- Candidate of Legal Sciences, Doctor of Political Science, Professor*
***© TSPU named after S. Ayni, 2024***

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ // ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**Самиев Б.Ҷ.**
Нақши нашрияҳои даврӣ дар шинохт ва таблиғи ғояҳои маънавиятгустарӣ -озодандешии намояндагони ҷунбиши ҷадидия ........ 6
**Султонзода С.А.**
Фалсафаи тоҷик ва нақши забонҳои хориҷӣ дар омӯзиши илмии он ........ 16
**Самиев Б.Ҷ., Саидзода Г.З.**
Фаҳмиши фалсафии мафҳумҳои «фарҳанг» ва «муколамаи фарҳангҳо ........ 22
**Бердиев Ш.П.**
Концепция справедливости в «Ригведе» и «Авесте» (сравнительный анализ) ........ 29
**Сулаймонов Б. С.**
Усули шинохти қазияҳои мураккабу ҷиҳатӣ ва фарқияти онҳо дар таълимоти мантиқии Насируддини Тӯсӣ ........ 37
**Муродзода И.Д.**
Таҳаввули худидоракунии маҳал ҳамчун таркиби асосии идоракунӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол ........ 44
**Файзуллоев Ғ.Ф., Юсуфӣ Г. Ш.**
Марҳилаҳои рушди тамаддун ва давраҳои таърихии он ........ 50

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ // ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Сангинзода Д.Ш.**
Правовое регулирование научной деятельности в Китае, Японии и Республике Таджикистан: сравнительный анализ ........ 53
**Ғаюров Ш., Қодирзода С.М.**
Таносуби шартҳо оид ба сифати мол бо дигар шартҳо дар ҳуқуқи-маданӣ ........ 63
**Азиззода У.А., Раҳимов Р.Л.**
Такмили таҷрибаи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони Шуравӣ ........ 69
**Абдуллозод М.А., Сангинзода Д.Ш.**
Таърихи ташаккули қонунгузорӣ дар соҳаи энергетика дар Тоҷикистон ........ 81
**Аламов Ҳ. Н.**
Муассисаҳои давлатӣ-ҳуқуқии подшоҳии Ашкониён ........ 90

## ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ/ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**Каримов Ш.Т.**
Гражданское общество и его институты в системе международного взаимодействия и сотрудничества ........ 95
**Шарифзода А.А., Шарифзода Ф.А.**
Тоҷикистон ва кишварҳои Балкани ғарбӣ: қадамҳо ба сӯйи тавсеаи робитаҳои анъанавӣ........ 99
**Нуриддин П. Р., Халил Н. А.**
Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Афғонистон пас аз соли 2021: қадамҳо барои ҳамгироии минтақавӣ ........ 111
**Қудратов К.А., Мунисаи А.**
Арзёбии сиёсати хориҷии пешгирифтаи Кореяи Ҷанубӣ дар самти Осиёи Марказӣ ........ 118
**Амиров Т.Ш.**
Ҷанбаҳои илмии низоми автоматикунонии идоракунии қувваҳои мусаллаҳ (дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон) ........ 125
**Саидова Ф.С.**
Риторикаи дипломатӣ ва нақши он дар раванди муносибатҳои байналхалқӣ ........ 130
**Холов С.Х.**
Ключевые сферы сотрудничества между Таджикистаном и РФ в рамках организации договора о коллективной безопасности ........ 136

ТДУ 070:[94(575)+316.7(575)]"18/19"

# НАҚШИ НАШРИЯҲОИ ДАВРӢ ДАР ШИНОХТ ВА ТАБЛИҒИ ҒОЯҲОИ МАЪНАВИЯТГУСТАРӢ -ОЗОДАНДЕШИИ НАМОЯНДАГОНИ ҶУНБИШИ ҶАДИДИЯ

***Самиев Б.Ҷ.***

*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

Рӯзномаву маҷаллаҳо барои ҳар як миллат оинаи ҷомеа мебошанд. Дар Бухорои амирӣ рӯзномаву ҳафтаномаҳои бо забони тоҷикӣ нашршаванда, асосан “Бухорои шариф”, “Овози тоҷик” ва ҳафтаномаи “Оина” ба ҳисоб мерафтанд. Дар саҳифоти онҳо масъалаҳои марбут ба нишон додани роҳу воситаҳои барқарор ва рушд додани низоми ҷомеадорӣ, рушди фарҳанги иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, рушди илму маориф, ислоҳ ва таҷдиди назар кардани барномаҳои таълимии мактабу мадрасаҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ ва ғайра рӯйи нашрро дида, ба баҳс кашида мешуданд. Саидрасул Азизӣ, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Мунввар Қорӣ, Абдулло Авлонӣ, Абдулвоҳид Мунзим, Садриддин Айнӣ, Ҳамдӣ, Меҳрӣ, Хоҷа Муин Шукурулло, Исматулло Раҳматуллозода, Саидаҳмад Васлӣ ва дигарон аз зумраи муаллифони фаъоли рӯзнома буданд.

Ҳадафи таҳия ва нашри мақолаҳои характери интиқодӣ ва тавсиявидоштаро ба кишвари пешрафта табдил додани аморати Бухоро, рушди низоми маориф ва илм, модернизатсиякунонии маорифи исломӣ, монеа эҷод кардан алайҳи густариши афкори хурофотии рӯҳониёни мутаассиб ва ғайра ташкил медод. Дар тақвияти ин гуфта муаррихи тоҷик Р.Бобохонов чунин далел меорад, ки «Ҷадидон фаъолона дар рӯзнома ва маҷаллаҳои худ дастовардҳои муосири санъати полиграфӣ, имконоти техникии литографӣ, ороиш ва тасвири аксу нақшҳоро, ки барои ислом мамнуъ буданд, истифода бурданд. Ҳарчанд дар таърихи ислом то ин давра расм ва санъати миниатюрии мактаби Ҳирот маъмул буд, ҷадидон ҷасурона ин анъанаро дар сатҳи ҳунарҳои полиграфӣ идома доданд, ки яке аз принсипҳои модернизатсиякунонии ислом ба ҳисоб меравад».[1; 11]

Нашри рӯзномаи “Бухорои шариф” аз 11 марти соли 1912 ба роҳ монда шуда, барои чопи он дар матбааи “Бухорои Нав - Когон” равшанфикрони тоҷик, тоҷирон ва сарватмандони бухороӣ Мирзо Муҳиддин Мансуров ва Мирзо Сироҷи Ҳаким мусоидат менамуданд. Муҳаррири масъули рӯзнома ба дӯши рӯзноманигори маъруф Мирзо Ҷалол Юсуфзода, ки ӯро аз Боку ба Бухоро даъват карда буданд, гузошта шуда буд. Аз 11-уми марти соли 1912 то дуюми январи соли 1913 ҳамагӣ 153 шумораи рӯзномаи “Бухорои шариф” нашр мегардад. Баъдан бо иғвою дасисаҳои беасоси муқобилони ислоҳот, пантуркистон - душманони миллати тоҷик нашри он аз тарафи масъулини ҳукумати амирӣ боз дошта мешавад.

Маводе, ки дар рӯзномаи мазкур ба нашр мерасиданд, ифодакунандаи мавзуҳои марбут ба беҳтар кардани вазъи сиёсию иҷтимоии аморати Бухоро, ислоҳ ва таҷдиди назар кардани низоми маорифи кишвар, раванди таълиму тарбия дар мактабу мадрасаҳо, таҳия ва чопи китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ, муаррифӣ кардани дастовардҳои илмию фарҳангии кишварҳои пешрафта ба мардум, нишон додани роҳҳои раҳоӣ аз зулму истибдод, ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарғиби касбу ҳунар ва забономӯзӣ, рушди фарҳанги кишоварзӣ ва парвариши анвоъи зироати ба иқлими кишвар мувофиқ, бунёди каналу манбаъҳои обзахиракунӣ, сохтмони биноҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, ҳаммомҳои замонавию осоишгоҳҳои табобатӣ, инкишофи муносибатҳои молию пулӣ, таъсис додани ташкилотҳои бонкӣ, гузаронидани хатҳои роҳи оҳан, дар маҷмуъ рушди санотикунонии кишвар ва ғайра ташкил медоданд. Чунки ба андешаи муаллифони мақолаҳо асоси инкишоф ва рушди аморати Бухоро аз амалӣ кардани ин иқдомҳо вобастагии амиқ дошт. Махсусан, рушди муносибатҳои бозаргонӣ ва таваҷҷуҳ додан ба масъалаи саноатикунонии аморати Бухоро

таваҷҷуҳи равшанфикронро бештар ба худ ҷалб мекард. Онҳо саноатикунониро омили муҳимми рушди ҷомеа меҳисобиданд. Яъне, «Дар корҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ аҳамияти илмии дунё аз вақти ҷанг зиёдтар аст. Агар мамлакат саноат, тиҷорат надошта бошад, ҳатман тараққӣ нахоҳад кард ва оқибат маҳв ва нобуд хоҳад шуд». [4]

Ҳамзамон, барои хонданибоб гаштани рӯзнома ва пайдо кардани теъдоди зиёди муштариён муаллифон дар саҳифоти он ба ҷуз мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, ҳамзамон мазмуни мухтасари осори таълифкардаи донишмандони ватанию хориҷиро ба забони асл ва ё тарҷума ба нашр мерасониданд. Махсусан, тавассути рӯзномаи «Бухорои шариф» таҳти сарлавҳаи «Осори гроф Толстой» - 12 асари нависандаи машҳури рус Л.Н.Толстой чоп карда мешавад, ки маҳз тавассути ин мавод бори аввал хонандагони тоҷик бо осори Толстой, инчунин бо «Ҳикояҳои чинӣ»-и адиби Фаронса - Анри де Рине, «Данко» ва «Кампири Изергил»-и А.М.Горкий шинос шуда, онҳоро мутолиа кардаанд.

Бояд гуфт, ки мафҳуми «ҷадид» чун сифати ҳодиса, воқеа, ҳар падидаи тоза дар ин марҳила мазмуну мундариҷаи инқилобӣ касб карда, исботи худро дар маводи ҳамарӯза нашршудаи рӯзномаи «Бухорои шариф» пайдо мекард. Махсусан, ибораҳои «мактаби ҷадидия», «мактаби усули ҷадид», «адабиёти ҷадид», «усули таълими ҷадид», «китоби ҷадид» аз мафҳумҳое буданд, ки ҳар як таҳиякунандаи мавод дар мақолаҳои худ аз онҳо истифода мебурданд. Масалан, соли 1932 адабиётшиноси тоҷик Раҳим Ҳошим дар мақолаи худ бо номи «Ба газетачигии мо як назар» таъсис ва интишори рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро ба ҷадидон мутааллиқ дониста, навишта буд, ки ба Осиёи Миёнаи мо газетахониро ҷадидҳо оварданд. Барои ҳамин буд, ки газетахонӣ бо ҷадид шудан сахт алоқаманд буд ва аз аломатҳои ҷадидӣ ба шумор мерафт. Ин дар аввалҳои асри XX буд... Дере нагузашта газетачигӣ як рукни бузурги ташвиқот ва кори оммавии ҷадидҳо шуда монд... Аввалин рӯзномаи тоҷикӣ, ки 20 сол пеш аз ин дар Осиёи Миёна бароварда шудааст, «Бухорои шариф» ном рӯзномаест, ки онро ба сифати ношири афкори ҷавонбухороиён шинохтан мумкин аст.

Дар баробари рӯзномаи “Бухорои шариф” ҳафтаномаи дигаре, ки барои тарғиби ғояҳои пешқадамонаи ҷадидон нақши арзишманди таърихӣ бозидааст - ин ҳафтаномаи “Оина” ба ҳисоб мерафт. Ҳафтаномаи мазкур бо ташаббус ва кӯшишҳои бевоситаи Маҳмудхоҷа Беҳбудии Самарқандӣ (1875-1919) дар шаҳри Самарқанд ба нашр расонида мешуд. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ то соли 1900 давраи наврасию ҷавонии худро дар шаҳри Самарқанд гузаронида, маълумотро низ аз мактабҳои ин шаҳр гирифтааст. Чанд муддат дар вазифаи муфтии шаҳри Самарқанд фаъолият меварзад. Дар давоми солҳои 1900-1914 бошад, ӯ аз кишварҳои Туркия, Миср ва Русия дидан карда, бевосита бо вазъи раванди таълиму тарбия дар мактабу мадрасаҳо, рушди соҳаҳои маориф, адабиёт, матбуот ва зиндагии мардуми ин кишварҳо ошноӣ пайдо мекунад. Натиҷаи сафарҳо ва бардошт аз пешрафтҳои соҳавии кишварҳои тараққикарда ӯро ҳадафманд мегардонанд, ки барои чопи китобҳои дарсӣ дар Самарқанд матбааи хусусӣ таъсис дода, ба таълифи китобҳои дарсӣ оғоз намояд.

Нашри ҳафтаномаи “Оина” аз 20 августи соли 1913 шурӯъ мегардад. Маводи дар ҳафтаномаи «Оина» чопшаванда низ ба монанди “Бухорои шариф” воқеъбинона мушкилоти ҷомеаро инъикос медоштанд. Андеша ва мулоҳизаҳои муаллифон аз паси парда не, балки ба таври ошкоро рӯйи саҳифа дарҷ меёфтанд. Бинобар ин, мардум чопи онро ҳамешагӣ интизор мекашиданд. Махсусан, дар нахустин шумораи ҳафтаномаи мазкур чунин маводи хонданибоб рӯйи нашрро дида буд, ки матлаби он чунин буд: «Дар ин замон баъзе ашхосе, ки бо чашми боз аҳвол ва авзоъро нигоҳ мекунанд ва ё илми таърихро мутолиа мекунанд, толиби ислоҳ мешаванд… Агар аз онҳо бипурсед, ки ислоҳ аз куҷо сар мешавад? Ҷавоб хоҳанд гуфт, ки аз мактаб ва мадраса. Чунки ҳаёти миллат вобаста ба мактаб ва мадраса аст. Ислоҳ ва интизоми мактаб ва мадраса боиси тараққӣ ва пешрафти дин ва миллат аст». [17]

Воқеан, ҷадидон мактабро макони дастёбӣ ба илму маърифат, баланд бардоштани сатҳ ва савияи дониш муаррифӣ мекарданд. Сарчашмаи асосии ташаккул ва таҳаввули тафаккур ва арзишфаҳмии инсонро мактаб ҳисобида, ислоҳи низом ва таҷдиди назар кардани барномаҳои таълимии мактабу мадориси Бухорои амириро аз мавзуҳои муҳимми

баррасишаванд мешумориданд. Зеро талаби равшанфикрон чиҳати ворид кардани ислоҳот дар низоми таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон саривақтӣ буд. Ба он хотир, ки рӯ овардани ҷомеа ба мактаб, бешакк ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ба ташаккули худогоҳӣ, маърифатнокшавии мардум, рушду суботи ҷомеа мусоидат менамояд. Ин аст, ки бо гузашти беш аз садсолаҳо ин масъала аҳамияти худро гум накарда, балки аз мубрам будани худ гувоҳӣ медиҳад, таваҷҷуҳи хосса додани кулли ҷомеаро ба дурнамои рушди он тақозо медорад.

Аз ҷониби Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ «Оина» номгузорӣ кардани номи ҳафтанома беасос набуд. Ӯ сабаби «Оина» номгузорӣ кардани ин ҳафтаномаро дар маводи махсусе, ки дар шумораи аввалини он зери унвони «Оина чист?» ба нашр мерасонад, мантқан асоснок мекунад. Ба андешаи ӯ «Шахсе аз банда суол мекунад, ки мурод аз «Оина» чист ва чӣ чизро нишон медиҳад? Гуфтам: “оинае, ки бар рӯйи вай инсон назар афканад, худро мебинад ва аз чигунагии ҳолат ва қиёфаи худ воқиф ва огоҳ мешавад ва пас ба илоҷ мекӯшад…». [17] Пас, маълум мешавад, ки ҳадафи асосии ба чунин ном унвон додани ҳафтанома - ин ривоҷи илму маориф, таъсиси мадорис, ислоҳи низоми омӯзишу парвариш, пешрафт ва ободии аморати Бухоро махсуб меёфтаст.

Аз мазмуни маводи ҳафтаномаи «Оина» ба хубӣ дида мешавад, ки мавзуҳои баррасишавандаро масоили марбут ба раванди таълиму тарбия, рушди маориф, ислоҳи макотиб ва мадорис, пешрафти иқтисодӣ, мубориза алайҳи ҷаҳл, хурофотпарастӣ, одатҳои нописандида ва ғайра инъикос медоштанд. Дар робита бо ин, равшанфикрони Бухорою Самарқанд бо ин талабу тавсияҳои худ мехостанд, раванди таълиму тадрис дар мактабу мадрасаҳо ба низом даровარда шавад, барномаҳои таълимӣ таҷдиди назар карда шуда, дар баробари таълими илмҳои динӣ омӯзиши илмҳои дунявӣ ба роҳ монда шавад, шеваи тадрис нав гардад ва ба баланд бардоштани сатҳу сифати дониши толибилмон мусоидат намояд. Биноҳои таълимӣ низ дар ҷойҳои барҳаво ба тарҳи замонавӣ бино шаванд. Синфхонаҳо дар тафовут аз мактаби кӯҳна бо мизу курсиҳо таъмин гардонида шаванд. Ҳангоми ба гурӯҳҳо ҷо ба ҷо кардани толибилмон синну сол, қобилияти худдарккунӣ, оламфаҳмии онҳо ба эътибор гирифта шавад ва ғайра. Махсусан, дар як маводи дар ин ҳафтанома нашрёфта, ҳама бадбахтиҳои дар кишвар рӯйдодаро аз набудани «мадорис ва макотиби мунтазима» дониста, таъкид гардидааст, ки “ҳеҷ миллате тараққӣ ва пешрафт накардааст, магар дар сояи мадорис ва макотиби мунтазима… Аммо дар мактабҳои мо шогирд 7-8 сол дарс хонда, номи худро ба зӯр навишта метавонад… Дар ҳоле, ки солҳост, ки мусалмонони сойири мамолик дараҷаи лузум ва аҳамияти макотиб (мадорис)-и ҷадидро дониста… дар ҳар шаҳр ва қария (русто) онро доир намуда, рӯз ба рӯз ба такмили он мекӯшанд, аммо мо… на танҳо макотиб ва мадориси ҷадид таъсис наменамоем, балки онҳоро ҳанӯз бидъат ва ҳаром мешуморем…». [19]

Андешаи ҷолиби дигар, ки дар ҳафтанома бо мазмуни «Тараққии ҳар миллат вобаста ба илм аст… ҳар миллате, ки тарраққӣ кардааст, ба воситаи илм ва маориф ва ба сабаби ҳунар ва саноеъ аст… ҳикмат ва маърифатро ҳар ҷо диданд, ахз кунанд (бигиранд), таълимдиҳанда хоҳ муслим бошад хоҳ кофир…» [19] низ далолат аз он мекунад, ки илму маориф бе ҳеҷ шакк асоси тараққии ҷомеа мебошанд. Бе илму маориф ва ҳунару саноат кишвар пеш намеравад, тараққӣ намекунад. Ин гуна тамоилгирии андеша дар маводи дигари ин ҳафтанома баръало бозтобӣ меёбад. Масалан, «Тараққӣ намудани ҳар миллат ба илм аст ва аввалин ҷойи таҳсили илм мактаби ибтидоӣ (дабистон) аст… ва лозимтарин вазоиф ва воҷибтарин таколифи инсон таълим ва тарбияи навниҳолон аст. Ҳеҷ миллате тараққӣ нахоҳад кард, магар бо ислоҳи макотиб ва мадорис. Мактаб ва мадорис ҳам ислоҳ нахоҳад шуд, магар мувофиқ ба замони ҳозир». [19]

Дар баробари омӯзиши илмҳои диниву дунявӣ, инчунин муаллифони мақолаҳо омӯхтани якчанд забонро барои шогирдон ҳатмӣ ва муҳим мешуморанд. Аз ҷумла, ба толибилмони мактабу мадорис тавсия медиҳанд, ки забонҳои русӣ ва фаронсавиро бояд омӯзанд ва дар сатҳи зарурӣ муоширатт карда тавонанд. Чунки «Забони русиро, ки аз ҷиҳати

равнаќи тиҷорат ва саноат ва беҳбуди умури зиндагонӣ ва маишатамон ба вай муҳтоҷ ва маҷбурем, бояд омӯхт». [19]

Ҳамин тавр, маводи чопшудаи ҳафтанома на танҳо хусусияти даъват барои ворид кардани ислоҳот дар низоми маорифи Бухороро доштанд, балки ҳамчун манбаъ ва маводи тоза барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва возеҳ кардани тафаккури маънавии ҷавонони бухороиву самарқандӣ, худшиносии миллии онҳо накши бориз доштанд. Матлаби дар маводе ифодаёфта мазмуни гуфтаи болоиро ба таври зайл тақвият медиҳад: «Муддатест, бо камоли ҷиддият ҳар чӣ садо доштем, фарёд кашида, лузуми ислоҳи мадраса ва мактабҳоро ба пешгоҳи миллат арза кардем… то қалам роҳ мерафт, навиштем… ки агар мактабҳоямонро мутобиқи тақозои замон ислоҳ накунем, аз муҳофизаи ҳаёт ва шарафи миллияи хеш ба куллӣ оҷиз хоҳем монд… Ин ҳама фарёдҳои мо бетаъсир намонд. Дар дили зумрае ҷавонони мутафаккир нақш баст. Имрӯз дар ҳар гӯшаи мамлакати мо хеле тараққихоҳон ва ислоҳталабон пайдо шуда, ки машғули ҳаракоти ислоҳкорона гардиданд…». [19]

Арҷ гузоштан ва нишон додани роҳҳои ҳифз ва эҳёи мероси фарҳангии гузашта аз масъалаҳои дигари муҳимми ҷомеа буд, ки матлаби омодакардаи муаллифон оид ба ин мавзуъ дар саҳифоти ҳафтанома ба таври доимӣ рӯйи нашрро медиданд. Дар мақолае муаллиф изҳори нигаронӣ аз он мекунад, ки чингизиён зимни тохтутозҳо ва ҷангҳои мудҳиши худ китобҳои илмии арзишманди мутафаккирони моро сӯхтанд, то фарҳанги мардуми бумиро аз байн баранд. Фарангиён бошанд, баръакс на тавассути ҷанг, балки бо роҳи интиқол доданд китобҳои пуразиши мо китобхонаҳои худро ғанӣ гардонданд ва барои рушду тараққии ҷомеаи худ аз онҳо самаранок истифода бурданд. Ба он иллат, ки он ганҷинаи ҳикмат ба насли ояндаи мо мерос намонад ва мардуми таҳҷойӣ аз асли худ дур шаванд. Аз ин рӯ, равшанфикрон тавассути маводи таҳиякардаи худ тариқи ҳафтаномаи мазкур қочоқи осори адабӣ ва таърихии Бухороро ба Фаранг мавриди интиқоди шадид қарор дода, пешниҳод мекунанд, ки ҳукумати амирӣ уҳдадор аст, ки мероси таърихӣ, ганҷинаи илму фарҳанги Бухороро пос дорад ва ҳифзи онҳоро вазифаи муҳимми давлатдории худ ҳисобад.

Гузоштани номи неку, бомаънӣ, зебо ва хушоҳанг барои фарзандон дар ҳама фарҳангҳо аз аҳамияти вижае бархӯрдор аст. «Оина» дар ҳамин робита зери унвони «Ном ниҳодани бачагон» матлаби ҷолиберо рӯйи саҳифа дарҷ медорад, ки мазмуни он чунин аст: «Банда дар мактаб муаллим ҳастам. Чун атфол ба мактаб барои хондан меоянд, аз исми онҳо суол менамоям… бархе ҷавоб медиҳанд…ки Умарқул, Болтақул, Ҷӯрақул, Эшмурод, Тошмурод ва амсоли ин гуна номҳо мешунавам… ин номҳои хуб барои бачаҳо нест… бар мо лозим аст, ки ба фарзандони худ номи неку ва бомаънӣ гузошта, ин ҳаққро аз гардани худ соқит намоем…». [19]

Интихоб ва гузориши номи наку ҳақиқатан аз сатҳи огоҳии волидайни фарзандон аз арзишҳои фарҳанги миллӣ далолат мекунад. Ба ақидаи онҳо волидайне, ки хотираи таърихии қавӣ доранд кӯшиш мекунанд, ки ба фарзандонашон номҳои зебо ва муносиб, ки асли тоҷикӣ доранд ва дар китобҳои таърихӣ, бавижа «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ фаровон истифода бурда шудаанд, гузоранд. Махсусан, номи фарзандон аз як тараф, зебо, муносиб, пурмаънӣ, хушоҳанг ва кӯтоҳ буда, аз тарафи дигар, аслияти тоҷикӣ дошта, реша аз таърихи фарҳанги худӣ гиранд. Ба навзодон гузоштани номҳои бемаънӣ, номуносиб ва минбаъд азиятдиҳандаро раво набинанд.

Пештар аз равшанфикрони охири асри XIX ва ибтидои қарни XX мутафаккирони маъруфи тоҷик, аз ҷумла Абӯалӣ ибни Сино дар китоби «Тадбири манзил»-и худ ба мавзуи хонаводагӣ таваҷҷуҳи хосса дода, номи накӯ ва муносиб гузоштанро ба фарзандон як рисолати асосии падару модар меҳисобид. Ё худ мутафаккири дигари тоҷик Носири Хусрав барҳақ шуморида буд, ки номи наку гузин, ки бад-он чун бихонамат, дар дил-т шодӣ ояду дар ҷон-т хуррамӣ.

Муаллифони мақолаҳои дар ҳафтанома чопшаванда, инчунин расму анъанаи манғитиёнро андар боби бунёди оила, издивоҷро якҷоя бо ҳазинаи сангини он мавриди танқид қарор дода, анъанаи суннатгароиро иллати асосии пайдоиши фаҳшу вайронии

хонаводагӣ медонанд. Дар баробари ин, маросими хоксупории майит, фотиҳахониро дар сари қабр интиқод карда, мардумро барои тарк намудани ҷаҳолат, суннатҳо ва одатҳои нописандида тарғиб менамуданд.

Ташкили баҳсу мунозира байни хонандагони ҳафтаномаи «Оина» ва гирифтани ҷавоб ба саволҳои худ шеваи дигари кории кормандони ҳафтанома ба ҳисоб мерафт. Барои тасдиқи ин гуфта, дар ин ҷо лаҳзаҳоеро аз «мунозираи қадимӣ бо ҷадидӣ» пешкаши хонанда менамоем. Дар «мунозираи қадимӣ бо ҷадидӣ» масъулини ҳафтанома ҷаҳд менамоянд, ки ба ин саволҳо ҷавоб диҳанд: «Чаро иддаеро ҷадидӣ мегӯянд? Чаро забони русиро бояд омӯхт?» Мунозира чунин оғоз мешавад: «Қадимӣ: Бародар, шуморо чаро ҷадидӣ меноманд? Ҷадидӣ: Ҷадидиҳо мехоҳанд, ки ба кумаки Қуръон ва бо тақозои замона ҳар гуна улум ва фунуни ҷадидро биомӯзанд, ҳамчун: фалсафа, ҷуғрофиё, ҳисоб, ҳандаса, тиб, таърих… забонҳои русӣ, фаронсавӣ, англисӣ ва ғайра… бинобар ҳамин моро ҷадидӣ меноманд. Қадимӣ: ҳар касе, ки забони русӣ ёд гирад, кам кам ахлоқаш фосид ва эътиқодаш аз дин суст мешавад… Ҷадидӣ: то ҳол ҳеҷ кас аз донистани забони русӣ… кофир нашудааст ва нахоҳад шуд… ҳоло, ки ҳукмрони мамлакат ва омири мо рус аст, на танҳо забони ӯро, балки низ хат ва қонунҳои ӯро донистан лозим аст…». [19]

Дар маҷмуъ, ҳафтаномаи «Оина» дар шароити ногуворе нашр мегардид, ки дар Самарқанду Бухоро фарҳанги рӯзномахонии мардум ва навиштани мақола дар рӯзномаҳо дар сатҳи паст қарор дошт. Бад-ин минвол дар як шумораи ҳафтаномаи мазкур мақолае ба нашр мерасад, ки ин вазъи ногуворро мавриди интиқод қарор дода, масъаларо ба таври зайл ба баҳс мекашад: «Баъзе аз соҳибмансабон (кормандони аршад)-и аморати Бухоро аз идора хоҳиш медоранд, ки имзои онҳо маҳфуз бошад, чунки дар Бухоро мақоланависӣ ва ё матбуотхонӣ аз ҷумлаи қабоеҳ (корҳои зишт) ҳисоб мешуд…». [19]

Бо вуҷуди ин, ҳафтаномаи «Оина» аз беҳтарин, серхонандатарин нашрияи тоинқилобӣ ба ҳисоб мерафт. Дар саҳифаҳои он ҳам мавод оид ба масъалаҳои хусусияти иҷтимоӣ-сиёсидошта, ҳам мавзуҳои марбут ба рушди соҳаи маориф, танқиди муллоҳову мударрисони мадраса,ислоҳи мактабу мадорис, таҷдиди назар кардани барномаҳои таълимии онҳо, сатҳи саводомӯзӣ, донишандӯзӣ ва омӯзиши улуми динӣ ва дунявӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ҷустуҷӯи роҳ ва усулҳое, ки барои рафъи иллатҳои ҷомеа, пешрафти кишвар, бедорӣ ва худшиносии мардум, интиқоди афкори хурофотпарастӣ ва ғайра чоп мешуданд. Бавижа, мақолаҳои таҳия ва интишорнамудаи равшанфикрони давр, аз ҷумла Саидризо Ализода, Садриддин Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Мирзо Сироҷ Ҳаким, Сиддиқӣ, Аҷзии Самарқандӣ, Маҳмуди Тарзӣ ва дигарон бештар дар саҳифоти ҳафтанома нашр мешуданд, ки ҳаводорони зиёди худро пайдо мекарданд. Ба он хотир, ки мутолиаи ин мақолаҳо на фақат барои маърифатнок шудан, возеҳ гаштани ҷаҳонбинии хонандагон таъсири амиқ мерасониданд, балки барои огоҳ гаштани онҳо аз камбудиҳои мавҷудаи ҷомеаи феодалӣ, роҳу усулҳои бартараф кардани онҳо, воқиф гаштан аз дастовардҳои илмӣ-техникии кишварҳои пешрафта, ки мардумашон дар шароити хуби зиндагӣ қарор доштанд, ҳуқуқу озодиҳояшон ҳамеша ҳимоя мегардид нақши бориз доштанд.

Умуман, дар асоси сарчашмаҳои муътамад месазад иттилоъ дод, ки ҳафтаномаи «Оина» аз таърихи 20-уми августи соли 1913 то 15-уми июни соли 1915 ба миқдори 68 шумора нашр шудааст. Ҳарчанд аз ҷиҳати миқдор кам аст, вале ин 68 шумораи ҳафтаномаи «Оина» манбаи муътамад, санади арзишманди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он марҳилаи таърихии мардуми тоҷик ба ҳисоб рафта, имрӯз ҳам барои тақвияти хотираи таърихӣ, худогоҳию худшиносии насли имрӯз нақши муассир дорад.

Дар баробари рӯзномаи “Бухорои шариф” ва ҳафтаномаи “Оина” барои бақои миллати тоҷик ва таъсиси давлати миллии тоҷикон ҷойгоҳи рӯзномаи «Овози тоҷик» беандоза бузург аст. Дар давраи буҳрони сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хонигарии манғития, авҷи тоҷикситезии хиёнатпешагони худӣ, пантуркизмгароёну болшевизмгароён бо забони фасеҳ ва зебои тоҷикӣ ба нашр расидани ин рӯзнома аҳамияти ниҳоят бузурги таърихӣ дошт. Ин рӯзнома ба сифати нашрияи адабӣ ва иҷтимоӣ хизмат карда, баъд бо баробари таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон ба нашрияи кумитаи инқилобии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Мувофиқ ба манбаи муътамад, аввалан рӯзнома ҳафтае як маротиба ва аз таърихи 25.01.1925, аз шумораи 18 оғоз шуда, ҳафтае се маротиба бо хатти арабиасос чоп мешуд. Дар ибтидо шумораҳои 1-9 (аз 25.08.1924 то 3.10.1924) бо номи “Овози тоҷики камбағал” ва аз шумораи 10 (7.11.1924) то соли 1930 бо номи” Овози тоҷик” нашр мегардид. [2; 31]

Муҳаққиқии соҳаи рӯзноманигорӣ Р.Ҳоҷимуҳаммадова зимни таҳқиқоти анҷомдодаи худ ба чунин хулоса мерасад, ки рӯзномаи “Овози тоҷик”, ки 25 августи соли 1924 дар шаҳри Самарқанд аз чоп баромад, пас аз ташкил шудани Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ба табъ мерасид. [18; 48] Ин маълумоти муҳаққиқро бошад, муаллифи китоби «Мактаб ва педагогикаи тоҷик дар зарфи 50-сол» эътироф накарда, зикр медорад, ки ин маълумот далели воқеӣ надорад. Ба он хотир, ки баъди таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистон ин рӯзнома дар Самарқанд чоп мешуд. Аз маводи дар шумораҳои рӯзномаи “Овози тоҷик” чопшуда низ бармеояд, ки дар солҳои баъдӣ низ рӯзномаи мазкур дар Самарқанд аз чоп мебаромад. Воқеан, дуруст аст, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ пас аз ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон тадбири ба Душанбе овардани идораи рӯзномаро андешида буданд, вале бо қарори Ҳукумати ҶШС Ӯзбакистон ва талаби мардуми Самарқанд, бо мақсади ба тамоми халқҳои Осиёи Миёна дастрас будани рӯзнома чанд соли дигар ҷойи нашри он дар шаҳри Самарқанд боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, шумораи 35, аз таърихи 14.06.1925 рӯзнома ба сифати нашрияи КМ Ҳизби Коммунист ва Комиҷроияи Марказии Ӯзбакистон нашр мешавад. [2; 31]

Ҳадафи асосии масъулини рӯзномаи “Овози тоҷик” беҳтар кардани шароити таҳсил дар мактабу мадорис ва ҳар чӣ бештар ҷалб намудани оммаи меҳнаткаш ба омӯзиш маҳсуб меёфт. Дар ин замина муаллифон ҷаҳд менамуданд, ки дар саҳифаҳои рӯзнома оид ба таҷрибаи ғании муаллимони беҳтарин, нишондодҳо ва тавсияҳои методии шуъбаҳои маорифи халқ, коркарди дастурҳои таълимӣ-методӣ, масъалаи ба таҳсил ҷалб кардани духтарону занон ва соҳибкасб кардани онҳо, тарбия кардани омӯзгорони соҳибмаърифат ва ғайра мавод чоп кунанд. Чунки дар ин солҳо иқтидори моддию техникии муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надоштанд. Аз ин рӯ, масъулини рӯзнома дар мавриди беҳтар гардонидани фаъолияти мактабҳои шӯравӣ, расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорон, даъват ва ҷалб намудани аҳолӣ барои ҳамкорӣ намудан бо омӯзгорон, кӯмак расонидан барои таъмини иқтидори моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ мақолаҳои коршиносон ва роҳбарони ташкилотҳои ҳизбиро ба нашр мерасониданд. Махсусан, дар шумораи аввалини рӯзнома мазмуни мақолаи “Аҳолии кӯҳистон ва маориф” [5; 2] - ро вазъи ниҳоят ногувори низоми таълим дар мактабу мадрасаҳои давраи амирӣ, аз илму дониш дур мондани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон, даъват намудани оммаи меҳнаткаш (новобаста аз синну сол) барои хондан дар мактабҳои усули нав ташкил медод.

Устод С.Айнӣ аз зумраи он донишманди воқеъбин буд, ки мунтазам дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мақолаҳои арзишманди худро ба нашр расонида, барои беҳтар гаштани раванди таълиму тарбия, бедории мардуми тоҷик маслиҳатҳои судманд медод. Масалан, муаллиф дар мақолаи худ таҳти унвони “Дар мактаб ва маорифи тоҷик” [6; 1] роҳ ва усулҳои беҳатар гардонидани кори мактабҳои тоҷикӣ ва ҳар чӣ зудтар бо муаллимон, китобҳои дарсӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ таъмин намудани онҳоро нишон дода, менависад: “...тоҷикони Туркистон дар бобати илму маорифи замон (шӯравӣ) аз дигарон ба қафо мондаанд” ва таъкид менамояд, ки “Ба роҳ андохтани мактаб ва маорифи тоҷик аз муҳимтарин корҳост”. [6; 1]

Ҳақиқатан, дар ин марҳилаи таърихӣ доман паҳн кардани равияи пантуркизм ва ҳамчун ҷараёни зидди фарҳангу маънавиёти тоҷикон баромад кардани он, махсусан солҳои 20-уми асри XX таъсири манфии худро ба рушди мактабу маориф, ба сифати забони расмӣ-давлатдорӣ хизмат кардани забони тоҷикӣ расонид. Аз ин рӯ, барои ҳимоя аз арзишҳои миллӣ ва аз насл ба насл интиқол додани онҳо масъулини рӯзномаи “Овози тоҷик” ошкоро алайҳи барномарезии пантуркистон мақолаҳои рӯзмарраи илман асоснокшуда ба нашр мерасониданд ва ин васила барои онҳо роҳи асосии мубориза бурдан бар муқобили идеологияи туркгароии пантуркистон ба ҳисоб мерафт. Масалан, дар шумораи 14-и рӯзнома

мазкур Деҳқон ном равшанфикри тоҷик аз вазъи мактабу маорифи минтақаҳои кӯҳистон, ки аҳолии асосии онҳо тоҷикон буданд изҳори нигаронӣ карда, дар мақолаи худ зери унвони “Тараққиёти маориф!” бо ҷиддият ироа медорад: “Пеш аз ташкили мактабҳо дар кӯҳистон ва кентҳо мо ба ходимони маориф мерасонем, ки боқимондаҳои мардуми тоҷик ба инобат гирифта шавад. Чунончи барои атфоли мактаб китоб нест, агар бошад ҳам бо забони ӯзбакӣ аст, ки атфоли мо аз он баҳра гирифта наметавонанд. Муаллимон оё аз ҳисоби тоҷикон ҳастанд ё на? Муаллимон ҳастанд, аммо дар шаҳрҳоянд ва худро ӯзбак ҳисоб кардаанд”. [9; 1]

Аз мазмуни мақолаи мазкур маълум мегардад, ки вазъи мактабҳои тоҷикӣ дар оғози ҳукумати шӯравӣ бениҳоят вазнин будааст. Дар мактабҳо китобҳои дарсӣ, омӯзгорон намерасиданд. Бинобар ин, ба мактаббачагон маҷбуран бо забони ӯзбакӣ дарс медоданд. Дар мактабҳои шаҳрӣ муаллимони тоҷик ба фаъолият машғул будаанд, аммо аз фишори идеологияи давр худро ӯзбак муаррифӣ мекарданд. Андешаи тоҷики самарқандӣ бо номи А.Полвонзода низ дар бобати муносибати ҳукумати давр нисбат ба тоҷикон ва мактабҳои тоҷикӣ тасдиқи гуфтаи қаблӣ аст. Ӯ дар мақолаи худ “Тоҷик ва маориф” бо ҷиддият таъкид мекунад, ки “Бародарон, ба худатон маълум аст, ки номи мо тоҷикон аз аввали инқилоб то ҳол (таъсиси ҶМШС Тоҷикистон 14.10.1924), яъне ҳафт сол дар ҶМШС Туркистон гум шуда буд. То дараҷае мо худро гум карда будем, ки бачагони худро бо забони ӯзбекӣ хонондем. Аз шумо тоҷикони тамоми Туркистон хоҳиш дорам фарзандонатонро бо забони тоҷикӣ хононед”. [9; 2]

Дар маводи таҳия ва ба нашр расонидаи дигар муаллифон, аз ҷумла мақолаҳои Аминзода “Мактаб бо забони модарӣ” [6; 4], Б.Ваизода “Ба диққати маориф ва маданияти Тоҷикистон” [12; 1], Рустой “Тоҷиконро чи тур мефиребанд”[14; 5], “Масъалаи забон дар мактаб”[6; 2] ва ғайра вазъи ногувори мактабҳои тоҷикӣ, норасоии омӯзгорону китобҳои дарсӣ, эътирози волидайн аз шароити таҳсили фарзандонашон дар мактабҳои ӯзбекӣ ва муносибати сарди омӯзгорони ӯзбек нисбат ба ин тифлони дабистон бозтоби худро ёфтаанд. Бавижа, муаллифи мақолаи “Мактаб бо забони модарӣ” бо эҳсоси баланди ватандорӣ зикр менамояд, ки “Шаҳри Хуҷанд иборат аз 10 қитъа ва атрофаш иборат аз 7 кент мебошад, ки қариб ҳамма тоҷиканд ва бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд. Кӯдакон ҳам дар кӯча ва ҳам дар хона бо забони тоҷикӣ ҳарф мезананд, аммо дар мактаб бошад, онҳоро бо забони ӯзбекӣ дарс медиҳанд, ки аз он кӯдакон чизе намефаҳманд”.[6; 4]

Масъулини рӯзномаи «Овози тоҷик» низ дар ҳалли ин мушкилоти мавҷуда мунтазам суҳбату вохуриҳо ташкил менамуданд ва дар саҳифаҳои он мақолаҳои вокунишӣ ба нашр мерасониданд. Махсусан, устод С.Айнӣ доир ба ин мавзуъ силсила-мақолаҳои ҷолиб таҳия ва ба нашр расонидааст. Мақолаҳои ӯ бо номҳои “Барои тоҷикон китоб ва рисолаҳо лозим аст”[8; 3], “Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон”[7; 1], “Кори ташкилот ва маорифи Тоҷикистон”[11; 2-3] “Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии тоҷикон”[10; 5] аз маводи арзишманде ба ҳисоб мерафтанд, ки барои беҳтар гаштани вазъи таълиму тарбия дар мактабҳои тоҷикӣ, таъмини онҳо бо омӯзгорони соҳибтахассус ва китобҳои дарсии бо забони тоҷикӣ нашршуда, аз китобҳои дарсӣ тоза кардани калима ва истилоҳоти арабию туркӣ ва ғайра мусоидат карданд. Аз ҷумла устод С.Айнӣ қайд дошта буданд, ки ҳар китобу дастурҳои таълимие, ки барои мактаббачагони тоҷик навишта мешаванд, бояд аз тарафи донандагони хуби забони модарӣ, ки дар Самарқанду Бухоро хеле зиёданд, аз назар гузаронида шаванд. [16]

Ба маълумоти М.Нурмуҳаммадов таҳия ва нашри маводи таълимӣ, бахусус китобҳои дарсии «Мухтасари раҳнамои ҳисоб» (1923) ва «Алифбои забони тоҷикӣ»-и Н.Муҳаммадов (1924), «Соли нахуст» (1924), «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» (1924 нашри якум) ва «Сарфу наҳви забони точикӣ» (1926 нашри дуюм)-и Саидризо Ализода, «Алифбои тоҷикӣ»-и Мазҳар Махдум Бурҳонов ва Садриддин Кином (1925), «Роҳбари бесаводон»-и Исматулло Раҳматуллозода ва Ҳоҷимӯъмин Шукруллозода (1925), китоби хониши «Калиди дониш»-и Манофзода (1926), «Омӯзиш»-и В.Маҳмудӣ ва Т. Зеҳнӣ (қисми I-III ( 1928) [3; 50] масъалаи

таъмини мактабҳои тоҷикиро бо китоби дарсии бо забони тоҷикӣ навишташуда то ҳадде бартраф намуд.

Солҳои 1925-1926 дигар тадбире, ки нозироти маорифи халқи ҷумҳурӣ ҷиҳати бунёди биноҳои замонавии мактабҳо, мустааҳкам кардани пойгоҳи моддӣ-техникии онҳо, беҳтар кардани шароити зиндагии омӯзгорон, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ, маводи ёрирасони таълимӣ ва ғайра кашид ин ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои «ҳафтаина» ва «якмоҳа» буданд. Барои баргузор кардани ин чорабиниҳо кормандони рӯзномаи "Овози тоҷик" низ мунтазам ташвиқот бурда, дар ин самт нақши бузурге бозиданд. Махсусан, мардумро даъват мекарданд, ки аз низоми таҳсили шуравӣ ҷиҳати саводнок кардани фарзандони миллат дастгирӣ намоянд. Барои бунёди мактабҳо, ҷиҳозонидани онҳо бо асбобу воситаҳои таълимӣ мусоидат намоянд, ҳамкориро бо омӯзгорон вусъат бахшанд. Мувофиқ ба маълумоти омории мақолаи дар саҳифаи рӯзнома ба нашррасида, дар давоми як сол (соли хониши 1925-1926) бо қувваи аҳли ҷамотчигии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ 33 бинои мактабӣ сохта, ба истифода дода шуд. [15]

Нисбат ба масоили риояи муносибатҳои гендерӣ низ масъулини рӯзнома бетафовут набуданд. Онҳо таҳсилро дар мактабҳо барои ҳам бачагон ва ҳам духтарон шарт мешумориданд. Махсусан, ҳуқуқи ҷавондухтаронро нисбат ба таҳсил дифоъ карда, муносибатҳои кӯҳнаи ҷоемаи феодалиро, ки таҳсили духтаронро ҳатмӣ намеҳисобиданд зери интиқоди ошкоро қарор медоданд. Далели ин гуфтаро чопи мурoҷиатномаи нозироти маорифи халқи кишвар ба тамоми меҳнаткашон нисбат ба таҳсили духтарон дар мактаб ташкил медод, ки мазмуни он чунин буд: "... гузашт замоне, ки занони Шарқ дар таҳти фишори мустабиддин буданд. Гузашт замоне, ки занони Шарқ аз ҷинси башар хориҷ буданд... ҳоло тарозуи адлу инсоф ба миён омад!" [13; 1]

Ҳамин тавр, масъулини рӯзномаи "Овози тоҷик" дар баробари таваҷҷуҳи хосса додан ба рушди мактаб, таҳия ва нашри китобҳои дасрӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, инчунин таъсиси курсҳои кутоҳмуддати муаллимтайёркунӣ, маҳви бесаводӣ, иваз кардани алифбои арабиасос ба алифбои лотиниро василаи дигари ворид кардани тағйироту таҳаввулот дар низоми маорифи кишвар мешумориданд.

Ниҳоят, мақолаҳои муаллифон ва кормандони рӯзномаҳои "Бухорои шариф", "Овози тоҷик" ва ҳафтаномаи "Оина", ки асосан ба забони тоҷикӣ нашр мешуданд ва дифоъ аз арзишҳои фарҳанги миллӣ, рушди маорифи кишвар мекарданд дар муддати фаъолияти худ мушкилоти мактабҳои ҷумҳуриро дар мавриди таъмин кардан бо омӯзгорони соҳибихтисоси соҳавӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар маводи ёрирасони таълимӣ ва ғайра бартараф карда натавонистанд, вале рисолати таърихии онҳо аз он иборат аст, ки маводи интишоркардаи муаллифон новобаста аз талошҳои пантуркистон ва ҳаммаслакони хориҷии онҳо ба ташаккул ва рушди соҳаи маорифи халқ, ташаккули тафаккури маънавӣ, шинохт ва бедории миллӣ, саводнокшавии омма, худогоҳии мардуми тоҷик хизмати мондагор карданд.

***Адабиёт***


1. Бобохонов Р. Ҷадидия – мактаби модернизатсиякунонии ислом дар Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 2015. – С. 11.
2. Мактаб ва педагогикаи тоҷик дар зарфи 50 сол. – Душанбе, 1974.
3. Нурмуҳаммадов М. Шарафи абадӣ // Мактаби саветӣ. – 1967. – № 11. – С. 50.
4. Рӯзномаи «Бухорои шариф». – 1912. – № 6 (6 июн).
5. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1924. – № 1 (25 август). – С. 2.
6. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1924. – № 2 (4 сентябр). – С. 1.
7. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1924. – № 3 (12 сентябр). – С. 1.
8. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1924. – № 6 (5 октябр). – С. 3.
9. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1924. – № 14 (29 декабр). – С. 2.
10. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1925. – № 16 (12 феврал). – С. 5.
11. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1925. – № 21 (13 март). – С. 2–3.

12. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1925. – № 42 (17 август). – С. 1.
13. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1925. – № 50 (25 август). – С. 1.
14. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1925. – № 74 (20 декабр). – С. 5.
15. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1926. – 18 август.
16. Рӯзномаи «Овози тоҷик». – 1928. – № 221 (11 апрел).
17. Ҳафтаномаи «Оина». – 1913. – 20 август.
18. Ҳоҷимуҳаммадова Р. Роли аввалин рӯзномаи тоҷикии «Бедории тоҷик» ва нахустин маҷаллаи педагогӣ «Роҳбари дониш» дар инкишофи маорифи халқ // Мактаби советӣ. – 1966. – № 9. – С. 48.
19. Амири Бухоро камбуди худро дар «Оина» надид [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.millat.tj/farhangvaadab/3889-amiri-bukhoro-kambudii.html (дата обращения: 18.02.2025).

## НАҚШИ НАШРИЯҲОИ ДАВРӢ ДАР ШИНОХТ ВА ТАБЛИҒИ ҒОЯҲОИ МАЪНАВИЯТГУСТАРӢ -ОЗОДАНДЕШИИ НАМОЯНДАГОНИ ҶУНБИШИ ҶАДИДИЯ

Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои қарни XX дар кишварҳои Осиёи Миёна афкори маорифпарварӣ ва озодфикрӣ доманаи худро васеъ мегардонад. Барои равшанфикрон ин муҳити фарҳангӣ имконият фароҳам меоварад, ки бо ҳар васила идеяҳои озодандешона ва созандаи худро ба мардум расонида, онҳоро аз шуури тақлидии динӣ, аз идеологияи ҳукмрони рӯҳониёни мутаассиб, аз зулму азияти амалдорони воломақом ва феодалони ҷоҳу мансабталош раҳо намоянд.

Муаллиф тавассути таҳияи мақолаи мазкур зикр менамояд, ки воситаи аввалини ба мардум расонидани ғояҳои маорифпарварӣ-озодфикрии намояндагони ҷунбиши ҷадидия осори пурарзиши таҳиякарда ва дастраси аҳли илму дониш гардонидаи онҳо ба ҳисоб мерафт. Баргузории суҳбату вохуриҳо дар байни намояндагони муҳити илмӣ-фарҳангии кишвар роҳи дигаре буд, ки идеяҳои маорифпарваронро тарғиб мекард. Ҳамзамон, рӯзномаву маҷаллаҳо, аз ҷумла рӯзномаҳои “Бухорои шариф”, “Овози тоҷик” ва ҳафтаномаи “Оина”, ки асосан ба забони тоҷикӣ нашр мешуданд ва дифоъ аз арзишҳои фарҳанги миллӣ, рушди маорифи кишвар мекарданд нақши боризи худро ҷиҳати ташвиқи афкори озодандешона ва идеяҳои созандаи рӯшанфикрон гузоштанд.

**Калидвожаҳо:** ҷомеа, илм, маориф, рӯзнома, ҳафтанома, маорифпарварӣ, озодфикрӣ, ислоҳотхоҳӣ, панисломизм, пантуркизм, барномаҳои таълимӣ, муҳити фарҳангӣ, арзишҳои миллӣ, шуури тақлидӣ, худогоҳии миллӣ.

## РОЛЬ ПЕРИОДИЧЕСКИХ ИЗДАНИЙ В ВЫЯВЛЕНИИ И ПРОДВИЖЕНИИ ДУХОВНЫХ И СВОБОДОМЫСЛЯЩИХ ИДЕЙ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ ДВИЖЕНИЯ ДЖАДИДИЗМА

Во второй половине XIX - начале XX вв. сфера просветительских и свободомыслящих идей в странах Средней Азии расширяется. Эта культурная среда для интеллигенции дала возможность любыми средствами донести до народа дух ее свободомыслия и созидательных идей, освободить ее от религиозного сознания подражательства, от господствующей идеологии фанатичного духовенства и от гнета высокопоставленных чиновников феодального общества.

В данной статье автор отмечает, что первым средством донесения просветительских и свободомыслящих идей до народа были труды, разработанные и предоставленные представителями джадидизма. Другим способом пропаганды идей просветителей было проведение диалогов и встреч с представителями научной и культурной среды страны. В то же время значительную роль в пропаганде просветительских и свободомыслящих идей таджикской интеллигенции сыграли газеты и журналы, в том числе газеты «Бухорои шариф» («Благородная Бухара»), «Овози точик» («Голос таджика») и еженедельник «Оина»

(«Зеркало»), которые издавались преимущественно на таджикском языке и отстаивали ценности национальной культуры.

**Ключевые слова:** общество, наука, образование, газета, еженедельник, просвещение, либерализм, реформизм, панисламизм, пантюркизм, образовательные программы, культурная среда, национальные ценности, подражательное сознание, национальное самосознание.

## THE ROLE OF PERIODICALS IN IDENTIFYING AND PROMOTING SPIRITUAL AND FREE-THINKING IDEAS OF JADIDISM MOVEMENT REPRESENTATIVES

In the second half of XIX - early XX centuries the sphere of enlightenment and free-thinking ideas in the countries of Central Asia is expanding. This cultural environment for intellectuals gave them the opportunity to convey the spirit of their free-thinking and creative ideas to the people by any means, to free them from the religious consciousness of imitation, from the dominant ideology of fanatical clergy and from the oppression of high-ranking officials of feudal society.

In this article, the author points out that the first means of conveying enlightenment and free-thinking ideas to the people were the works developed and provided by the representatives of jadidism. Another way of propaganda of enlightenment ideas was dialogues and meetings with representatives of scientific and cultural environment of the country. At the same time, newspapers and magazines, including Bukhoroi Sharif (‘Noble Bukhara’), Ovozi Tochik (‘Voice of Tajik’) and weekly Oina (‘Mirror’), which were published mainly in the Tajik language and defended the values of national culture, played a significant role in the propaganda of enlightenment and free-thinking ideas of the Tajik intelligentsia.

**Keywords:** society, science, education, newspaper, weekly, enlightenment, liberalism, reformism, pan-Islamism, pan-Turkism, educational programmes, cultural environment, national values, imitative consciousness, national identity.

**Дар бораи муаллиф**
Самиев Бобо Ҷураевич
Доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири шуъбаи фалсафаи фарҳанг
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

**Об авторе**
Самиев Бобо Джураевич
Доктор философских наук, профессор, заведующий отделом философии культуры
Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова,
Национальная академия наук Таджикистана
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

**About the author**
Samiyev Bobo Jurayevich
Doctor of Philosophy, Professor, Head of the Department of Philosophy of Culture
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov,
National Academy of Sciences of Tajikistan
Tel.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

ТДУ 1(535) +81:1+001.81+81’25

# ФАЛСАФАИ ТОҶИК ВА НАҚШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ОМӮЗИШИ ИЛМИИ ОН

***Султонзода С.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Илм сарҳад надорад, вале соҳиб дорад. Агар чунин намебуд фалсафаи Юнони қадим, Ҳинди қадим, Чини қадим, Эрони бостон ва ғайра намегуфтанд. Фалсафаи тоҷик чӣ? Оё тоҷик фалсафа дорад? Албатта, дар олами имрӯза, хосатан дар кишварҳои Аврупои ғарбию қораи Амрико, ки дар илму фалсафа пешгоманд тоҷику Тоҷикистонро ниҳоят кам медонанд, чи расад ба фалсафаи он? Ҳарчанд аксари онҳо аз ҷиҳати сиёсӣ истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф кардаву бештарашон муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ мондаанд ва сафоратхонаҳояшонро ҳам кушодаанд, вале шинохти ҳамаҷониба ҳанӯз дар сатҳи паст қарор дорад. Сабаб ин аст, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил дар назди таърих ҳанӯз бисёр ҷавон аст ва аз домани наҳанггунаи Шӯравӣ ба тозагӣ раҳо ёфтааст. Каме фурсат мебояд, ки симои пурраи онро бишносанд. Аммо халқи тоҷик фарзандоне дорад, ки дар тамоми кураи арз, ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз бо афкори илмию фалсафии худ шуҳратманданд. Мутафаккирони файласуфе чун Абубакри Розию Форобӣ, Абурайҳони Берунию Ибни Сино, Носири Хусраву Умари Хайём ва Насириддини Тӯсиро, ки намедонад? Балки тамоми олам медонад ва аз осорашон баҳра мебарад. Осори ин донишмандон хеле барвақт, ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XII аз забони арабию форсӣ ба забони лотинӣ тарҷума шуда, ба рушди афкори илмию фалсафии Аврупои асрҳои миёна мусоидат намуд ва боиси ба миён омадани илму фарҳанги Давраи Эҳёи Аврупо ва ҷараёнҳои минбаъдаи илмию фалсафӣ гардид [4, с. 290].

Мутафаккирони асримиёнагии аврупоӣ Алберти Кабир, Фомаи Аквинӣ, Дунс Скот, Сигери Брабантӣ, Роҷер Бэкон, Гийом д’Оверонӣ, Данте Алигерӣ ва даҳҳо тани дигар таҳти таъсири донишмандони номбурдаю номнобурдаи тоҷик қарор гирифта, барои ташаккули афкори Давраи Эҳёи Аврупо замина фароҳам овардаанд. Дар хусуси таъсири донишмандони тоҷик ба мутафаккирони аврупоии асримиёнагӣ мо дар асару мақолаҳоямон дар алоҳидагӣ таваққуф кардаем. Олимони аврупоӣ низ дар ин самт таҳқиқоти назаррас доранд. Масалан, олими фаронсавии садаи XX хонум А.-М. Гуашон, тамоми умр фалсафаи Ибни Синоро омӯхтаву таҳқиқ кардааст. Ин бонуи донишманд асаре дорад бо номи «Фалсафаи Ибни Сино ва таъсири он ба Аврупои асримиёнагӣ» [6]. Дар ин асар, донишманди фаронсавӣ тамоми мутафаккирони аврупоӣ, хоса фаронсавиёнро, ки таҳти таъсири ақидаҳои фалсафии Ибни Сино қарор гирифта буданд, нишон медиҳад. Аз ҷумла, дар ин асар вай менависад, ки Ибни Сино зодаи Афшанаи наздикии Бухоро буда [6, с. 14], форс буд ва ба Аврупои асрҳои миёна аз ҳама таъсири бештар расонидааст, вале дар ҳамин асар ва дигар асарҳояш ӯро файласуфи араб [6, с. 90] ном мебарад, ки мутлақо нодуруст аст.

Файласуфону шақшиносони аврупоӣ, мисли Р.А. Николсон, Карра де Во, М.О.Ф. Мэрэн, Э. Жилсон, А.-М. Ж. Фурлани, А. Массе, А.-М. Гуашон, Л. Гарде, А. Корбен, Г. Лей, Э. Блох, Ж. Вербек, Э. де В. Мейерович, Алан де Либера ва садҳои дигар дар таҳқиқу тарҷумаи осори донишмандони тоҷик саҳм гузоштаанд. Онҳо тамоми мактабҳои ақлгароии олами исломро бо тамоми намояндагонашон омӯхта дар шакли монографияю мақолаҳои бешумор ба забонҳои аврупоӣ пешкаши ҷомеа гардонидаанд. Дар Аврупои ғарбӣ имрӯз он ҳама таҳиқоти дар хусуси фалсафаю фарҳанг ва мероси маънавии гузаштагони мо ба анҷомрасидаро дар шакли энсиклопедияҳо нашр карда истодаанд. Масалан, дар китобхонаи ИНАЛКО (Институти миллии забон ва тамаддуни Шарқ)-и Париж дар 120 ҷилд энсиклопедияи «Таърихи фалсафаи исломӣ» мавҷуд аст ва нашри ин кори хайр ҳанӯз идома дорад. Маводи дохили ин энсиклопедия асосан бо забонҳои англисию франсавӣ, олмонию испанӣ, итолиёию арабӣ мебошад. Қисмати асосии маводи дохили ин доират-ул-маориф ба донишмандону мутафаккирони тоҷику форс тааллуқ дорад.

Модом, ки мутафаккирони тоҷик соҳиби осори фалсафию илмии ғановатманд будаанд, пас халқи тоҷик бе фалсафа набудааст, балки соҳиби афкори фалсафии гаронарзиш будааст ва аз мероси илмию фарҳангии он дигарон ба таври вофир бахра бурдаанду ҳанӯз ҳам бахра мебаранд. Вале дар Ғарб намедонанд, ки ин ҳама донишмандон аслан аз миллати тоҷиканд. Онҳоро арабу эронӣ ва баъзан турку яҳудӣ ҳам мегӯянду мешиносанд. Дар Аврупо донишмандону шарқшиносони хеле кам пайдо мешаванд, ки мутафаккирони моро ҳамчун тоҷик шиносанд. Дар сатҳи минтақаю ҷаҳон дар хусуси турк ва ё аз ин ё он қавми турк будани донишмандоне чун Форобию Абурайҳони Берунию Ибни Сино ва чандин нафарони дигар, ки ба забонҳои марбут ба оилаи туркӣ як ҷумла эҷод накардаанду баръакс ин қавмро мазаммат карда, аз тамаддуну фарҳанг дур мурарриф намудаанд, солҳои охир, ҳатто тайи ду қарни охир, даъвоҳои бепоя хеле зиёд гардидааст. Гап дар сари он меравад, ки даъвогарони ин донишмандон забонҳои хориҷиро, аз ҷумла англисию франсавӣ, олмонию испаниро хуб медонанд ва ба тариқи ин забонҳои сернуфузи ҷаҳон даъвоҳои беасоси худро пешорӯи мардуми олам мегардонанд.

Масалан, олими турк Айдин Сайилӣ дар мақолаи худ «Ибни Сино эронӣ буд ё турк?», ки бо забони англисӣ соли 1939 [7, с. 8-24] нашр гардидааст, Ибни Синоро бо якчанд далели ғайриилмию бепоя аз насли турк исбот кардааст. Мо бар хилофи андешаҳои ин олими турк мақолае бо номи «Ибни Сино - тоҷик, турк ва ё яҳудӣ» таҳия намуда, дар такя ба сарчашмаҳои муътамад ва таҳқиқоти дигар олимон (хусусан М. Диноршоев) [2, с. 12-24] ба забони тоҷикӣ ба нашр расонидем [5, с. 27-34]. Вале он ҳам ба забони тоҷикӣ асту ба гӯши мардуми олам намерасад. Дар ҳоле ки тавре ишора рафт, муддаиён бо забонҳои сернуфузи олам даъво баланд мекунад.

Олимоне ба мисли Айдин Сайилӣ дар миёни қавмҳои турк кам нестанд, ки мутафаккирони тоҷикро беибо азони худ мешуморанд. Масалан, олими дигаре, ки ба чунин даъвоҳо майл дорад, олими қазоқ Жакыпбек Алтаев мебошад. Олими номбурда дар китоби худ «Фалсафаи классикии асримиёнагии исломӣ» [1], ки дастури таълимӣ барои донишҷӯён ба шумор меравад, мутафаккирони арабзабону эронизабону туркзабонро дар се боб нишон медиҳад. Дар боби якум, яъне мутафаккирони арабзабон ал-Кинди, ал-Форобӣ, Ибни Сино, ал-Ғазолӣ, Ибни Таймия, Ибни Рушд, Ибни Арабӣ ва Ибни Халдунро ҷой додааст. Вале ба ҳама маълум аст, ки аз ин донишмандони арабзабони вай ҳадди ақал ду нафар Ибни Сино ва Ғазолӣ тоҷик буданд ва ба забони тоҷикӣ асарҳо эҷод кардаанд. Вале олими қазоқ қасдан, ба хотири ҳарчи камтар нишон додани сафи мутафаккирони тоҷикзабон онҳоро арабзабон шуморидааст.

Дар боби дуюм, ки фарогири мутафаккирони эронизабон аст, ҳамагӣ 3 мутафаккирро нишон додааст: Насириддини Тӯсӣ, Шиҳобиддини Суҳравардӣ ва Садриддини Шерозӣ. Вале дар боби сеюм, ки мутафаккирони туркзабонро фаро мегирад 7 мутафаккирро ҷой додааст: Юсуфи Баласоғунӣ, Маҳмуди Қошғарӣ, Аҳмади Ясавӣ, Сулаймони Боқирғонӣ, Аҳмади Юғнакӣ, Ҷалолиддини Румӣ ва Юнус Эмре. Аз ин тартибот савол ба миён меояд, ки оё Мавлоно Ҷалолиддин туркзабон буд? Магар «Маснавии маънавӣ», «Девони Кабир», «Фиҳӣ мо фиҳӣ», «Мактубот» ва дигар асарҳои вай ба забони туркӣ навишта шудаанд? Ҳаргиз не. Вале олими қазоқ барои камтар нишон додани нуфузи тоҷику форс дар байни мутафаккирони арабу турк ҳадди ақал 2 нафарро ба рӯйхати арабзабонон ва якеро, яъне Мавлоноро ба рӯйхати туркзабонон ворид сохтааст. Албатта, дар ашъори Мавлоно баъзан шеърҳо ба забони туркӣ ва ё туркию тоҷикӣ мавҷуданд, вале ин ақалияти ночизро бо аксарият иваз намудан хуб нест. Зимнан бояд гуфт, ки он донишмандони туркзабони олими қазоқ нишондода ҳам, аксаран ба тоҷикӣ низ каму беш шеър гуфтаанд, тавре ки Мавлоно ба туркӣ шеър гуфтааст, вале мо онҳоро бо ду-се шеъри тоҷикӣ шоири тоҷик гуфта наметавонем ва даъво ҳам надорем.

Бинобар ин, имрӯз моро лозим аст, ки муҳаққиқони хуби забондонро дар риштаи масоили фалсафӣ тарбия намоем, то ин ки онҳо ба воситаи донистани забонҳои хориҷӣ ҳам вориди илми ҷаҳонӣ гарданд ва ҳам барои ҳифзу соҳибӣ кардани мероси ғановатманди маънавиямон бо бегонагон пархош карда тавонанд. Ба даъвоҳои беасос ҷавоби дандоншикан

бидиҳанд. Вагарна, вазъ бо чунин сурат идома ёбад, шак нест, ки тамоми мутафаккирони моро оҳиста-оҳиста ба рӯйхати мутафаккирони арабу турк ворид хоҳанд сохт.

Мутаассифона имрӯз дар риштаи илми фалсафа мо муҳаққиқоне дорем, ки ба ҷуз забони тоҷикӣ, дигар ягон забони хориҷиро намедонанд, на русию англисӣ, ки ҳамеша дар таъкидҳои роҳбари давлат садо медиҳад, на франсавию олмонӣ, на испанию арабӣ ва на лоақал ҳуруфоти арабиасоси форсӣ. Ҳарчанд пеш аз ҳимояи рисолаҳо аз фанни забони хориҷӣ имтиҳон месупоранд. Ҳамин тавр, забонҳои хориҷиро надониставу наомӯхта, рисолаҳояшонро ҳимоя мекунанд, номзади илм ва ҳатто доктори илм ҳам мешаванд, вале олим намешаванд. Тавре қаблан гуфтем, илм сарҳад надорад, натиҷаҳои он ба ҳар забон ифода ёфтаанд, пас муҳаққиро мебояд якчанд забони хориҷии нуфуздоштаро донад, вагарна дар илм коре карда наметавонад. Ҳукумати мамлакат бо роҳбарии Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ҷавононро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисию русӣ ҳидоят карда истодаанд. Чунки бозори меҳнати имрӯзаи ҷаҳон ҳаминро талаб мекунад. Модом, ки барои роҳ ёфтан ба бозори меҳнати ҷаҳонӣ донистани забонҳои англисию русӣ муҳим бошанд, пас барои ворид шудан, ба истилоҳ, ба бозори илми ҷаҳонӣ муҳаққиқи мо бояд на камтар аз 5 забонро дар дараҷаи хуб донад: 1) забони модарӣ, яъне тоҷикӣ. 2) забони русӣ. 3) забони англисӣ. 4) забон ва ҳуруфоти арабиасоси форсӣ. 5) ягон забони бонуфузи дигар, ба мисли забони арабӣ, франсавӣ, олмонӣ, чинӣ, ҳиндӣ ва ғ.

Донистани ин забонҳо барои муҳаққиқи риштаи фалсафа чи заруранд? Зарурати нахуст он аст, ки муҳаққиқ бояд забони модарии худро дар дараҷаи аъло донад, зеро вай тамоми фикр, андеша ва таҳқиқоташро ба забони модариаш таҳия ва пешкаш менамояд. Бидуни донистани забони модарӣ (манзур забони илм аст) вай оҷиз мемонад. Илмро бо забони кӯчаю бозор ифода кардан номумкин аст. Баъдан, забони русӣ, ки дар ҷомеаи мо, минтақаи Осиёи миёна ва олами пасошӯравӣ ҳанӯз муҳиму мустаъмал ба шумор рафта, бо ин забон маводи таҳқиқотӣ хеле фаровон аст. Сониян, забони англисӣ, ки дар ҷаҳони имрӯза дар аксар соҳаҳо салтанат дорад. Натиҷаю дастовардҳои муҳимтарини илми муосир бо ин забон пешкаш карда мешаванд. Солисан, забон ва ҳуруфоти арабиасоси форсӣ. Маълум аст, ки дар гузашта ҳуруфоти мо форсизабонон алифбои арабиасоси форсӣ буд, имрӯз кириллӣ шудааст. Тамоми мероси маънавии ниёконамон бо ин ҳуруф навишта шуда, миқдори камтарини он ба ҳуруфоти кириллӣ баргардон шудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқи худшиносро мебояд, ки барои даст ёфтан ба ин мерос ба умеди баргардонҳои пур аз ғалату иштибоҳот нашуда, худ ин ҳарфро омӯзад, то мероси гузаштаро бифаҳмад.

Дар ниҳоят боз ягон забони дигарро аз қабили арабӣ, ки боз ҳам мероси илмию фалсафии гузаштагони мо бештар бо ин забон таҳия шудаанд. Ҳар касе ба омӯзиши фалсафаи тоҷику фалсафаи ислом рӯй меорад, бечуну чаро ӯро зарур аст, ки забони арабиро омӯзад, донад ва дар таҳқиқоташ истифода намояд. Зеро на ҳамаи осори мутафаккирони тоҷику форс, ки ба забони арабӣ навишта шудаанд, ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидаанд ва тарҷумаҳо низ аз ноқисиҳо орӣ нестанд.

Ба ҳайси ягон забони хориҷии дигар мо метавонем забони франсавиро низ ба муҳаққиқон ҳамчун забони муҳими илми муосир пешкаш намоем. Чунки бо ин забон низ маводи фаровони илмӣ дастрас аст ва мутафаккирону файласуфони зиёде бо ин забон асар эҷод кардаанд. Забони олмонӣ низ дар ҳамин саф қарор дорад, зеро бештари дастовардҳои илму фалсафа ва хусусан техникаи муосири пешқадам натиҷаи ранҷу меҳнати олимони олмонист. Забонҳои чинию ҳиндӣ низ ҳамчун сарчашмаҳои муътамад барои таҳқиқоти фалсафӣ аз аҳамият холӣ буда наметавонанд. Чунки Ҳинду Чин гаҳвораи тамаддуни башарианд ва нахустин афкори фалсафӣ дар ҳамин кишварҳо падид омадаанд. Ба ин забонҳо низ сарчашмаҳои қадимаю асримиёнагӣ доир ба забону фарҳанги мо хеле зиёданд.

Дар ҳошияи ин гуфтаҳо як пешниҳоде дорем, ки онро мехоҳем ба самъи масъулони соҳаи илму маорифи мамлакат расонем. Ҳадаф роҳандозӣ намудани омӯзиши ҳуруфоти форсӣ аст. Қаблан ишора намудем, ки тамоми осори илмии ниёкони мо бо ин ҳуруфот навишта шудаанд ва қисмати камтарини он бо ҳуруфоти кириллӣ баргардон шудааст. Яъне

мо рӯз ба рӯз аз ин мероси бузурги маънавии дар ҷаҳон беназир дур рафта истодаем, чунки ҳарфро намедонем. Надонистани ҳарф моро аз як ганҷинаи бебаҳо ҷудо карда, ба он ба тадриҷ бегона сохта истодааст. Чанд сол қабл масъалаи бозгашт ба ҳуруфоти арабиасоси форсӣ дар байни мардум ва зиёиён бархоста буд, олимони тоҷик ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд: яке исрор меварзиданд, ки бояд мо ба ҳуруфоти арабиасос гузарем ва далелҳои хеле ҷиддиро пешандоз мекарданд; гурӯҳи дигаре тарс аз бесавод мондани як насл доштанд ва мисол меоварданд, ки дар аҳди Шӯравӣ мо ду маротиба ҳарфро иваз кардем ва дар натиҷа ду ва зиёда аз он насли тоҷик бесавод монд. Ба ҳар ҳол, гурӯҳи дуюм дар ин мубоҳисаҳо ғолиб омад. Вале мусаллам он аст, ки чизи асл асл асту чизи сунъӣ сунъист.

Ба қавли Мавлоно Ҷалолиддин, ки дар оғози «Найнома»-и Маснавӣ мефармояд:

Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш [3, с. 16].

Дар давраи соҳибистиқлолӣ халқи тоҷик бо ҳидояти роҳбар донои мамлакат аксар арзишҳои маънавию анъанаю суннатҳои қадимаи худро дубора эҳё кард, аз сохта ба асл, аз араз ба ҷавҳар баргашт, чунки он асл буд, ҷавҳар буд ва ҳарчи сунъию бегона буд ё аз байн рафт ё мақоми дуюму сеюмро гирифт. Билохира забони тоҷикӣ бо мушкилоти сангин забони давлатӣ шуд. Аммо хат, ки яке аз рукнҳои асосии мавҷудияти забон, давлату миллат аст, бегона боқӣ монд, хати худӣ эҳё нагардид. Сабабу омилҳои он зиёданд, дар шароити кунунӣ бисёре дар гузаштан ба ҳуруфоти арабиасоси форсӣ ҳатто хатар мебинанд, аз оқибатҳои манфии он метарсанд. Чунки ифротиёни хурофотии устурахаёл ба воситаи ин хат боз ҳам ба сарчашмаҳои бадтари ифротгароӣ даст меёбанд. Воқеан имрӯз омӯхтани ҳуруфоти арабиасос ба ҷавонон, ки ҳанӯз воқеияти иҷтимоию сиёсиро чандон хуб намедонанд хатар дорад. Вале мақсади мо дигар аст, мо дар хусуси на омма, балки олимону муҳаққиқон ва сатҳи забондонии онон баҳс дорем. Ақалан бояд нафароне, ки роҳи илмро пеша кардаанду аз зинаҳои таҳсили бакалавриати мактаби олӣ гузаштаанд, ҳисси худшиносии миллиашон ба дараҷаи зарурӣ расидаасту аз моҷарои олам бохабаранд ва ба қавле чашмашон аллакай кушода шудаву некро аз бад, сафедро аз сиёҳ, баландро аз паст, дӯстро аз душман фарқ карда метавонанд бояд ин ҳуруфотро донанд. Олими тоҷики ҳуруфоти форсиро хонда наметавонистагӣ олим нест, зеро вай ба мероси маънавии гузаштаи худ пайванди бевосита надорад. Бинобар ин, бисёр кори хубу хайр мешуд, агар омӯзиши ҳуруфоти арабиасоси форсӣ барои зинаҳои магистратура ва докторантура ҳатмӣ гардонида мешуд.

Хулоса, донистани забонҳои хориҷӣ барои муҳаққиқони ояндаи соҳаи илмҳои фалсафӣ, бахусус таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи фарҳанг, фалсафаи дин, фалсафаи инсон, фалсафаи табиат аҳамияти калон дорад. Бидуни донистани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русию англисӣ, франсавию олмонӣ, форсию арабӣ, чинию ҳиндӣ мо ба муҳити илми муосири ҷаҳонӣ ворид шуда наметавонем. Донистани ин забонҳо имкон медиҳад, ки муҳаққиқи мо нахуст ба илми ҷаҳонӣ ворид шавад, дуюм, аз дастовардҳои он истифода намояд, сеюм, ба фалсафю фарҳанги халқи худ аз берун, аз назари хориҷиён нигоҳ андозад, то камбудию норасоиҳо ва халои маънавии ҷомеаи худро пурра гардонад.

### *Адабиёт*


1. Алтаев Ж. Классическая исламская философия средневековья. Учебное пособие. - Алматы: Казак университети, 2016. – 396 с.
2. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. – Душанбе, 2011. - 408 с.
3. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. - Теҳрон: Нашри Замон, 2001. – 727 с.
4. Султонзода С. Проблема материи и её атрибутов в философии Ибн Сины. – Душанбе,
5. Султонов С. Ибни Сино - тоҷик, турк ва ё яҳудӣ // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. - № 4 (53), 2013. С. 27-34.
6. Goichon A.-M. La philosophie d'Avicenne et son influence en Europe Médiévale. – Paris: Maisoneuve, 1951. - 139. p.

7. Sayili Aydin M. Was Ibni Sina an Iranian or a Turk? // Isis, Vol. 31, No. 1 (Nov., 1939). P. 8-24.
8. Vaux, C. Avicenne (Les grands philosophes) / Baron Bernard C. Vaux. – Paris : Felix Alcan, 1900. - 302 p.

## ФАЛСАФАИ ТОҶИК ВА НАҚШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ОМӮЗИШИ ИЛМИИ ОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар хусуси фалсафаи тоҷик ва нақши забонҳои хориҷӣ дар шинохти он меравад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нахуст мақоми фалсафаи тоҷикро дар олам, аз ҷумла дар Аврупо муқаррар намуда, таъсири онро дар ташаккули афкори фалсафии аврупоӣ нишон диҳад. Баъдан, муаллиф саҳми файласуфону шарқшиносони аврупоиро дар омӯзиши мероси фалсафии тоҷик баррасӣ менамояд. Сониян, донистани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисию русӣ, франсавию олмонӣ, форсию арабӣ, ҳиндию чиниро барои муҳаққиқони соҳаи илмҳои фалсафа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мекунад. Муаллиф ба муҳаққиқони ояндаи риштаи фалсафаи тоҷик қабл аз омӯзиши забонҳои хориҷӣ омӯхтан ва донистани забони тоҷикиро дар асли худ, яъне дар ҳуруфоти форсии арабиасос зарур мешуморад. Ба фикри муаллиф муҳаққиқ бе донистани забону ҳарфи форсӣ дар омӯзиши фалсафаи тоҷик, хусусан таърихи он муваффақ нахоҳад шуд.

**Калидвожаҳо:** фалсафа, фалсафаи тоҷик, забонҳои хориҷӣ, шарқшиносӣ, аврупоӣ, асримёнагӣ.

## ТАДЖИКСКАЯ ФИЛОСОФИЯ И РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ В ЕЕ НАУЧНОМ ИЗУЧЕНИИ

В данной статье рассматривается таджикская философия и роль иностранных языков в ее изучении. Сначала автор пытается установить статус таджикской философии в мире, в том числе в Европе, и показать ее влияние на формирование европейской философской мысли. Далее автор рассматривает вклад европейских философов и востоковедов в изучение таджикского философского наследия. Затем, автор считает важним для исследователей в области философии в Республике Таджикистан знание иностранных языков, в том числе английского, русского, французского, немецкого, персидского, арабского, хинди и китайского. Автор считает необходимым, чтобы будущие исследователи в области таджикской философии перед изучением иностранных языков изучали и знали таджикский язык в его оригинале, то есть в персидской письменности. По мнению автора, исследователь без знания персидского языка и его письменности не будет иметь успеха в изучении таджикской философии, особенно ее истории.

**Ключевые слова:** философия, таджикская философия, иностранные языки, востоковедение, европейский, средневековье.

## TAJIK PHILOSOPHY AND THE ROLE OF FOREIGN LANGUAGES IN ITS SCIENTIFIC STUDY

This article discusses Tajik philosophy and the role of foreign languages in its study. First, the author tries to establish the status of Tajik philosophy in the world, including Europe, and show its influence on the formation of European philosophical thought. Further, the author considers the contribution of European philosophers and orientalists to the study of the Tajik philosophical heritage. In the last, he considers it important for researchers in the field of philosophy in the Republic of Tajikistan to know foreign languages, including English, Russian, French, German, Persian, Arabic, Hindi and Chinese. The author considers it necessary that future researchers in the field of Tajik philosophy, before studying foreign languages, study and know the Tajik language in its original, that is, in Persian writing. According to the author, a researcher without knowledge of the Persian language and its writing will not be successful in studying Tajik philosophy, especially its history.

**Key words:** philosophy, Tajik philosophy, foreign languages, oriental studies, European, Middle Ages.

**Дар бораи муаллиф:**
Султонзода Соқӣ Аслон
Доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ, мудири кафедраи забони франсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
Тел.: (+992) 93 814 86 39. E-mail: sultonzoda83@mail.ru

**Об авторе:**
Султонзода Соки Аслон
Доктор философских наук, профессор кафедры философии и культурологии, заведующий кафедрой французского языка
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни.
Тел.: (+992) 93 814 86 39.
E-mail: sultonzoda83@mail.ru

**About the author:**
Sultonzoda Soqi Aslon
Doctor of philosophic sciences, professor of philosophy and cultural studies chair, head of French language chair
Tajik State Pedagogical University by name S. Ayni.
Tel.: (+992) 93 814 86 39.
E-mail: sultonzoda83@mail.ru

ТДУ 130.2 + 316.722

# ФАҲМИШИ ФАЛСАФИИ МАФҲУМҲОИ «ФАРҲАНГ» ВА «МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГҲО»

***Самиев Б.Ч.***

*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

***Саидзода Г.З.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Истилоҳи “фарҳанг” (аз калимаи паҳлавии فره (фараҳ – пеш, фаро) ва هنگ (ҳанг – кашидан, рондан) таркиб ёфта [10, с.9], мазмунан маънои интиқол додани арзишҳоро аз насл ба насл ифода мекард. Ё истилоҳи «культура» аз калимаи лотинии cultura - шудгор, парвариш гирифта шуда, аввалан ба маънои шудгор ва кишт кардани замин, тағйир додани он тавассути фаъолияти меҳнатии инсон истифода шуда, баъдан ба маънои тарбия, таҳсилот, маърифат, эҳтиром, маданиянокии шахс кор фармуда мешавад.

Дар матни ёдгориҳои хаттии мардумони тоҷику форс, аз ҷумла достонҳои «Хусрави Каводон ва Редак», «Хешкории Редакон», «Корномаи Ардашери Бобакон», баъдан дар асари безаволи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва осори ахлоқию зебоишинохтии Саъдию дигар мутафаккирони варзида фарҳанг на танҳо маънии дониш, арзиш, маънавиётро дошт, балки тамоми навъҳои ҳунар (наққошӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, мусиқӣ, аспсаворӣ, тирандозӣ, камонкашӣ ва ғайра)-ро дар бар мегирифт. Аз ин рӯ, аз ин давраи таърихӣ шурӯъ карда, мардуми тоҷику форс мафҳуми фарҳангро барои баҳодиҳии босифати неруи эҷодии фардӣ ва ҷамъиятии инсон истифода мебурданд.

Дар Аврупо бошад, мафҳуми фарҳанг бори аввал дар таҳқиқоти ҳуқуқшиноси олмонӣ Самюэл Пуфендорф (1632–1694) [3, с.16], барои ифода кардани натиҷаи фаъолияти ҷамъиятии инсон истифода бурда шудааст. Ӯ фарҳангро бо ҳолати табиӣ ё воқеии инсон муқобил мегузорад. Бинобар ин, ба андешаи ӯ фарҳанг муқобилгузории инсон ва фаъолияти ӯ бо ҳодисаҳои пурдаҳшати табиат, неруҳои норавшан ва худсари он фаҳмида мешуд.

Ё худ файласуфону фарҳангшиносон ва муҳаққиқони зиёде ба мафҳуми фарҳанг таърифҳои илмӣ додаанд, вале муқоисаи фаҳмишҳо нишон медиҳанд, ки бештари таърифҳо бо вуҷуди доштани тафовут дар шакл аз ҷиҳати ғоявӣ шабеҳи якдигаранд, ҳамдигарро такмил медиҳанд. Онҳо ифодакунандаи мазмуни он таърифе мебошанд, ки дар «Луғати энсиклопедӣ-фалсафӣ» дарҷ гардидааст. Яъне, фарҳанг-марҳилаи муайяни рушди ҷамъият, неруи эҷодӣ ва қобилияти инсон, тамоми маҳсули офарида ва дастовардҳои ӯ мебошад. [11, с.292-293].

Вобаста ба ин фаҳмиш фарҳанг дарҷаи муайяни таърихии рушди ҷомеа, неруи эҷодӣ ва қобилияти инсон аст, ки дар шаклу намудҳои гуногуни ташкили ҳаёт, таҳияи арзишҳои моддию маънавӣ зоҳир карда мешавад. Маҷмуи донишу эътиқод, санъату арзишҳо, урфу одат, анъанаву навоварӣ, қоидаҳо, қонуну қобилиятҳоеро, ки одамон онҳоро дар таҷриба андӯхтаанд, дар бар мегирад. Пас, аз ин таъриф бармеояд, ки тағйир додани олам, шинохти манзараи илмии он, фароҳам овардани шароит барои муошират, муколама, ба танзим даровардани рафтору кирдор, таҳия ва ҳифз намудани арзишҳо, интиқол ё таҳвили иттилоот ва ғайра тавассути фарҳанг ба даст оварда мешавад. Имрӯз бошад, аз нигоҳи муҳаққиқон истилоҳи фарҳанг бештар ба маънии муайян кардани сатҳи маърифатнокӣ, босаводӣ, маданиятнокӣ, арзишфаҳмии мардум фаҳмида мешавад.

Фарҳанг - ҳастӣ ва бақои ҳар як миллат, як шакли муоширати байни намояндагони тамаддунҳои гуногун, механизми худмуайянкунии шахсият, як воситаи идроки олам аз ҷониби инсонҳост. Худшиносии фарҳангӣ - сатҳи ташаккулёфтаи дарки арзишҳои фарҳангии худ ва бегонаро ифода менамояд. Воситаи асосии муаррифии арзишҳо ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои фарҳангӣ дар байни тамаддунҳо муколама маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар тафовут аз фарҳанг - муколама кушишест барои расидан ба ҳадаф ҷиҳати дарёфти ҳақиқат, дарки андешаву амали тарафи муқобил ба хотири ба даст овардани ҳамдигарфаҳмию боварҳост.

Муколамаи фарҳангҳо, баҳси ду субъект, намояндагони ду давлат, ду мазҳаб бо якдигар, аслан дар асоси тавзеҳ ва фаҳмиш анҷом мепазирад, ки дар натиҷа барои пайдоиши донишҳои нави илмӣ мусоидат менамояд. Пас, муколама он ҷое зарурати баргузории худро тақозо медорад, ки ҳадди ақал ду ё зиёда фарҳанг, давлат, дин ва ғайра мавҷуд бошанд.

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки назарияи "муокламаи фарҳангҳо" таърихан як воситаи ҷалби намояндагони тамаддунҳои гуногун ба муколама, гуфтугӯ, табодули назар ва ғайра мебошад, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани он ду мушкилаи илмӣ мушаххас карда мешаванд:

- аввалан, ҳалли масоили мухталифи ҷомеадорӣ, тарғиб ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, риояи фазилатҳои ахлоқӣ, вусъат бахшидани фарҳанги таҳаммулгароӣ, густариши ҳамкории тарафайну ҳамзистии осоишта барои бақои миллатҳо ва ғайра.

- дуюм, интиқоли арзишҳо аз як фарҳанг ба фарҳанги дигар, аз як забон ба забони дигар, аз як насл ба насли дигар, ки аз ин ибтикор хазинаи маънавии тамаддуни инсонӣ ғанӣ мегардад ва инсонҳо аз арзишҳои офаридаи якдигар воқиф мешаванд. Аз ин рӯ, мавзуи муколамаи фарҳангҳо барои ҷомеаи муосир як падидаи нав набуда, балки идомаи мантиқии амалияи иҷтимоӣ дар марҳилаҳои таърихии ҷомеадорист.

Ҳамин тавр, зикр кардан ҷоиз аст, ки шуруъ аз асри XX дар заминаи ташаккул ва таҳаввули донишҳои илмӣ назарияҳои гуногуни илмӣ дар мавриди муайян кардани умумият ва фарқияти байни мафҳумҳои "фарҳанг" ва "муколамаи фарҳангҳо" коркард карда шудаанд. Масалан, донишманди аврупоӣ, М.Бубер, ки ӯро муҳаққиқон асосгузори назарияи муколамаи фарҳангҳо меҳисобанд, эътироф мекард, ки "фарҳанг ҳамчун ҳастӣ, санади озоди эҷод ва муколама, принсипи мавҷудияти инсон мебошад. [13].

Ӯ дар таҳқиқоти худ муколамаро ба се навъ ҷудо мекунад: техникӣ ё инструменталӣ (ин намуди муколама бо сабаби зарурати иҷрои ташвишҳои ҳамарӯза ва самти мавзуии фаҳмиш вобаста аст); монологӣ, ки дар шакли муколама ифода ёфтааст (он ба дигарон равона карда нашудааст ба худии худ иртибот дорад) ва муколамаи ҳақиқӣ (дар ин намуди муколама, на танҳо дониши шахсӣ, балки тамоми ҳастии инсон муҳим аст). [13]

Фарҳангшиноси аврупоӣ М.Бахтин бошад, дар муқоиса бо М.Бубер мафҳуми муколамаро ба таври возеҳтар шарҳу тавзеҳ дода, зикр менамояд, ки "муколама шакли муошрати байни одамони тамаддунҳои гуногун, механизми худмуайянкунии шахсият, шакли азхудкунӣ ва идроки олам аст". [1, с.7-44] Барои тақвияти ин гуфта ӯ менависад: "Шуури бегонаро набояд муроқиба, таҳлил ва ҳамчун объект муайян кард. Бо он бояд муколамавӣ муносибат кард. Дар бораи он фикр кардан - ин худ гуфтугӯ кардан бо ӯ аст". [6]

Хизмати назарраси М.Бахтин аз он иборат аст, ки консепсияи гуманитарии тафаккурро дар муколама ҳамчун санъати махсуси сухан коркард мекунад. Зикр менамояд, ки тафаккур бояд ба матн ҳамчун манбаи фарҳанги ҷаҳонӣ такя кунад. Аз ин мавқеъ, ба андешаи ӯ муколама ҷузъи ҷудоинопазири идеяи масъулият мебошад. Дар робита бо ин, ӯ ба хулоса меояд, ки муколама дар он ҷое сурат мегирад, ки ақаллан ду фарҳанг мавҷуд бошад. Тезиси дигари муҳимми ӯ он аст, ки шунаванда, хонанда, рассом ва ғайра бояд таблиғкунандагони фарҳанг ва арзишҳои фарҳангӣ, эҷодкор бошанд, ба он иллат, ки шунаванда, хонанда ва бинандаи дигарро дарк намоянд. Умуман, ба фаҳмиши М.Бахтин муколама ин муносибат, гуфтугӯ, фаъолияти нутқи оддӣ нест. Муколама - ин худдаркунӣ ва худтасдиққунии тарафайн буда, аз мавҷудияти "Ман" ва "Онҳо", "Ман" ва "Дигарон" дарак медиҳад.

Ба андешаи фарҳангшиноси варзида И.Г.Гердер низ "донистани фарҳанги худӣ, барои худ тавассути донистани фарҳангҳои дигар имконпазир аст. Ҳоло он ки ҳеҷ миллат фарҳангро худ аз худ ба ҷое нарасонидааст".[2, с.477]

Аз ин нуктаи назар бармеояд, ки мавҷудияти мафҳуми "ман" ва "дигар" - шарти зарурии ташкили муколама мебошанд. Чунки маҳз тавассути баҳс ва ҳамкориҳои фаъолонаи субъектҳо мушкилаи ҷойдошта ҳаллу фасл ёфта, ҷонибҳо ба мувофиқа мерасанд ё аз рафти он натиҷаи дилхоҳ ба даст меоваранд. Махсусан, дар ҷомеаи имрӯза истифода ва татбиқи назарияи "муколамаи умумӣ"-и фарҳангшинос М.С.Каган, консепсияҳои "муколамаи оламҳои фарҳангӣ"-и Г.С.Померанетс ва "полилоги фарҳангҳо" (муколамаи бисёрфарҳангӣ)-

и О.Н.Астафиева барои баррасии масоили марбут ба эҳё ва ҳифзи мерсои моддию маънавӣ, вусъат бахшидани робитаҳои байнифарҳангӣ ва ғайра аз аҳамият холӣ намебошанд.

Донишманди рус А.А.Литвинов [4], низ доир ба ин мавзуъ асари илмӣ-таҳқиқотиеро бо номи "Муколамаи фарҳангҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ: Шарқ-Ғарб" ба нашр расонида, бо ба эътибор гирифтани хусусиятгириҳои этникии аҳолии мамлакатҳо, бавижа арзишҳои фарҳангии кишварҳои Шарқу Ғарб, ки дар шароити фишори тамоилҳои ҷаҳонишавӣ, васеъ гаштани фазои падидаи бархурди тамаддунҳо ба аз байн равӣ мубтало гаштаанд, ҳамкориҳои мустақими фарҳангиро василаи муҳимми арҷ гузоштан ва ҳифзи арзишҳо мешуморад.

Ин андеша ҳақиқатан асоси воқеӣ дорад ва ҳар як кишварро водор ба он медорад, ки баҳри ҳифзи мавҷудияти хеш, арзишҳои миллӣ ва аз насл ба насл интиқол додани онҳо, ба такмил додани ҳувият ва фарҳанги хештаншиносӣ талош варзанд ва аз ин роҳ истифода баранд.

Бояд гуфт, ки дар қатори донишмандони аврупоӣ олимон ва муҳаққиқони Шарқ, хусусан донишмандони эронию тоҷик низ ба таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи мавзуи мазкур таваҷҷуҳи хосса додаанд. Аз ҷониби М.Хотамӣ назарияи "Гуфтугӯи тамаддунҳо"[12] коркард карда шуд. Ӯ муносибати ҳадафмандона ва табодули тамаддунҳоро омили асосии рафъи монеаҳои бегонапарастӣ байни бозигарони мухталифи саҳнаи сиёсии ҷаҳон мешуморад. Назарияи "Гуфтугӯи тамаддунҳо»-и ӯ бо таваҷҷуҳ ба усули маънавӣ ва ахлоқӣ, бо фикр ва дидгоҳи неку хушбинона ба робитаҳои байналмилалӣ асоснок гардида, бо назарияи «Бархӯрди тамаддунҳо»-и С.Хантингтон ва "Анҷоми таърих"-и Ф.Фукуяма, ки ба қувваи зӯр, асосан бартарият медоданд, мухолиф аст.

Донишманди эронӣ С.П.Ҳошимӣ вобаста ба тағйироти сиёсии ҷаҳони муосир дар таҳқиқоти худ "Ҷойгоҳи назарияи "Бархӯрди тамаддунҳо" ва "Муколамаи тамаддунҳо" дар раванди тағирёбии муосир: воқеият ва тамоюлҳои рушд" мазмун ва тамоилгирии назарияи "Бархӯрди тамаддунҳо"-ро бо консепсияи "Гуфтугӯи тамаддунҳо" муқоиса намуда, бартарияти муколамаи фарҳангиро дар ҳали масъалаҳо, рафъи ихтилофи назарҳо нисбат ба бархӯрд, ки заволёбии фарҳангҳоро тақозо мекунад, муайян менамояд. Чунки муколамаи фарҳангҳо сабаби асосии бартараф кардани низоъҳо, зиддиятҳои дохилию хориҷии ҳар як кишвар ва ташаккулу таҳаввули худшиносии миллии афрод метавонад орад.

Дар Тоҷикистони муосир нисбат ба талошҳои олимону донишмандон, ки танҳо дар доираи як таҳқиқот ва ё дар сатҳи маҳдуд масъалаи мазкурро таҳқиқу таҳлил кардаанд, саҳми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба таври возеҳ, мукаммал омӯхтан, таҳқиқ ва муайян кардани нақши муколамаи фарҳангҳо дар ҳалли масоили мубрами ҷомеадорӣ, эҳё, ҳифз ва вобаста ба талаботи ҷомеаи имрӯза мутобиқ кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ, муаррифии онҳо дар сатҳи байналмилалӣ, эътирофи ҷаҳонӣ касб кардани онҳо бузург аст. Чунки ба ҳалли нуктаҳои баҳсталаби ин масъалаи актуалии ҷомеаи муосир дар китобҳои арзишманд ва илмии Президенти кишвар [7, 8, 9] таваҷҷуҳи дилхоҳ дода шудааст.

Донишманди тоҷик, аз ҷумла А.Маҳмадов [5, с.249-255] ба омӯзиши як паҳлуи масъалаи мазкур, бавижа таҳқиқи масъалаи ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо-баҳси ҳамбастагии ҷомеаи Тоҷикистон таваҷҷуҳ додааст. Файласуфони дигар Н.Одилов ва М.Раҳимов нақши Эмомалӣ Раҳмонро дар тақвият ва тавсеаи гуфтугӯи тамаддунҳо мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Дар таҳқиқоти муҳаққиқи ҷавони ватанӣ Г.Бердиёрова баррасии масъалаи муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон, таҳқиқ кардани асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбии муколамаи фарҳангҳо, саҳми таърихии тоҷикон дар ташаккули арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ, муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар эҷод ва ҳифзи сулҳ дар Тоҷикистон диққати хосса дода шудааст.

Ниҳоят, назарияи «муколамаи фарҳангҳо» барои ҳастӣ ва бақои ҷомеаи инсонӣ чӣ нақш дорад? Посух ба ин савол водор ба он мекунад, бигӯем, ки ҳақиқатан муколамаи фарҳангҳо аз аҳди қадим як мавзуи муҳим ва меҳварии таълимоти мутафаккирон ҷиҳати вусъат бахшидани муносибатҳои фарҳангӣ, интиқоли арзишҳо ва дар доираи эътирофи тарафҳои мухолиф ҳал кардани мушкилоти ҷойдошта, ба ҳисоб мерафт. Аз ҷанбаи илмӣ

коркарди он ҳарчанд таърихи куҳан надорад, вале он як модели муосири мусолиматомези ҳалли низоъ ва бархӯрдҳоро дар ҷомеаи имрӯза ташкил медиҳад.

Махсусан, тарҳи аввали ин назария соли 1988 аз ҷониби собиқ раиси Ҷумҳурии исломии Эрон Муҳаммад Хотамӣ, ки ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳодро ҷиҳати эълон кардани соли 2001 - «Соли гуфтугӯи тамаддунҳо» [12] ба хотири таъмини озодӣ, баробарҳуқуқӣ, риоядошти адолат ва истифода набурдани қудрат барои ба даст овардани ҳокимияту сарват манзур дошта буд, кашида шуд.

Тарҳи ин назарияи М.Хотамӣ, асосан дар доираи ду дидгоҳ коркард карда шудааст: аввалан, ӯ сиёсати яккутбаи Америкоро, ки нуфузи худро нисбат ба дигар кишварҳо афзалтар мешуморид, худро ҳукмрони мутлақи ҷомеаи муосир дидан мехост, намепазирад. Дуюм, сарчашмаи дигари ташаккули он назарияҳои «бархӯрди тамаддунҳо»-и С.Хантитнгтон, ки ба мисли хатти сурхи ҷудосозандаи тамаддунҳо нақш мебозид ва «анҷоми таърих»-и Ф.Фукуяма, ки ҳар гуна низоми яккутбиро эътироф намекард, ба ҳисоб меравад.

Мазмун назарияи «гуфтугӯи тамаддунҳо»-и М.Хотамиро он ғояҳо ташкил медоданд, ки ҳар як миллат бояд унсурҳои фарҳангӣ, боварҳои динӣ, ҳувияти миллии худро дошта бошад, вале бо вуҷуди густариши ин арзишҳо байни миллатҳо бояд муносибати дӯстона, ҳамкориҳои тарафайни судманд устувор бошанд. Ба ҳамдигар баҳс кунанд, ҳамкорӣ намоянд, табодули таҷриба намоянд, мушкилоти дар сатҳи минтақа ва ё байналмилалӣ ҷойдоштаро бо машварат, ҳамкории тарафайн баррасӣ ва ҳаллу фасл созанд.

Донишманди эронӣ М.Хотамӣ қувваи зӯрро ҷиҳати ба даст овардани қудрат, ҳимояи манфиатҳои яксамта қабул намедорад. Бинобар ин, идеяҳои ӯ бар хилофи назарияҳои “бархӯрди тамаддунҳо” ва “анҷоми таърих”, ки ба қувваи зӯр такя карданро тавсия медоданд, муқобил меистоданд. Моҳияти назарияи М.Хотамӣ мазмунан ва мантиқан ифодакунандаи назари нек, оқилона ва амалан хушбинона буда, тамоилгирии гуммаристӣ дорад. Чунки ӯ дидгоҳи С.Хантингтон [14], ки хотимаи ҷанги сардро сароғози давраи нави бархӯрди тамаддунҳо, тавассути зӯрӣ ва қудрати низомӣ ба даст овардани ҳадаф мешуморад, хилофи дастрасӣ ба пешрафт ва шукуфоии ҷомеа меҳисобад. Зеро кушиши С.Хантингтон на талоши илмӣ, балки фикрӣ буд. Дар доираи он саъй дошт ҷудоиандозӣ, мухолифатро миёни қутбҳо ривоҷ диҳад, забони муколамаро ба забони бархӯрд мубаддал гардонад.

Ҳамзамон, М.Хотамӣ ақидаи Ф.Фукуямаро [15], ки поёни ҷанги сардро хотимаи мунокишаҳои идеологӣ мешуморад эътироф накарда, муътакид мегардад, ки тақсими ҷаҳон ба Шарқу Ғарб, ислом ва масеҳият ин як тақсимбандӣ аз рӯйи зоҳир аст. Фарқи байни инсонҳо ва ҷомеаҳоро набояд тавассути тавсифи зоҳири онҳо баҳогузорӣ намоем. Зимни арзёбӣ бояд ба мухтавои таҳаввул ва тағйири ҷаҳон ва печидагиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои ҷомеаи муосир таваҷҷуҳ диҳем. Зеро агар асли “бархӯрди тамаддунҳо” истифодаи неруи зурӣ, такя кардан ба иқтидори низомӣ ҷиҳати расидан ба ҳадаф бошад, пас мухтавои назарияи “гуфтугӯи тамаддунҳо”-и М.Хотамӣ кӯшишест тавассути баҳс, бо роҳи сулҳу осоиштагӣ ҳал кардани низоъ ва наздиктар кардани робитаи ҳасана ва ҳусни тафоҳуми байни давлат ва миллатҳо мебошад.

Ҳақиқатан, дар ҷомеаи имрӯза мавзуи муколамаи байни фарҳангҳо, динҳо, мазҳабҳо аҳамияти бештар пайдо мекунад. Рӯз аз рӯз бо ҳам наздик шудани намояндагони фарҳанг ва динҳои гуногун бо ҳамдигар хоҳу нохоҳ ҳалли ҳаргуна масъалаҳои рӯзмараи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро пеш меоранд. Танҳо ин тадбирҳо он гоҳ амалӣ мегарданд, ки ҷонибҳо қобилияти шунидани андешаи якдигар ва баёни фикри худро дошта бошанд. Зеро гуфтану шунидан аз як тараф, масъалаҳоро равшан намояд аз ҷониби дигар, то андозае байни аъзои он изҳори боввариву эҳтиромро нисбат ба ҳамдигар, ба вуҷуд меорад.

Ниҳоят, вазъи ором ва босуботи ҳар як кишвар ҳамон вақт тезу тунд мешавад, ки агар намояндаи як дин ё фарҳанг ба арзишҳо ва муқаддасоти пайравони дин ва фарҳанги дигар беэҳтиромӣ зоҳир кунанд. Ҳоло он, ки динҳои ҷаҳонӣ мазмунан бо ҳам наздикӣ доранд ва ояту сураҳои китоби як дин дар китоби осмонии дини дигар интиқол ёфтааст. Ин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки намояндагони дин ва фарҳангҳои гуногун аз нигоҳи ақидавӣ ва арзишӣ,

ки бо ҳам хеле наздик ҳастанд бо ин васила метавонанд заминаи хубе барои ташкил ва рушди як ҷомеаи мутамаддин гузаронанд.

Акси ҳол, ҷанг, муқовимати тӯлонии байни динҳо, вусъати бархӯрд барои аз байн бурдани арзишҳои фарҳангии як кишвар ҷомеаи ҷаҳониро ба пешрафт ва муттаҳидӣ намеорад. Ҳар қадар муколама байни фарҳангҳо тақвият ёбад, ҳамон қадар шароити беҳтар барои ҳамзистии осоишта, арҷгузорӣ ба арзишҳо ва муқаддасоти миллии якдигар вусъат пайдо мекунад. Чунки ҳар як миллат кӯшиш менамояд, ки фарҳанги худ, ҳувияти худро дошта бошад ва дар раванди баргузории муколама талош варзад, ки дигарон низ ба онҳо арҷ гузоранд. Зеро, муколама, арҷ гузоштан ба арзишҳои фарҳанги якдигар метавонад барои такмили ҳар як фарҳанги миллӣ мусоидат намояд.

Ниҳоят, қавмҳои тамаддунофар дар таърих зиёд нестанд ва мардумони тоҷику форс аз бузургтарин ақвоми тамаддунсози таърихи ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд ва он чизе, ки фарҳанги ориёӣ ба таърих додааст, ба маротиб бештар ва беҳтар аз он чизест, ки аз таърих гирифтааст. Масалан, агар мардумони Юнону Рим, Чину Ҳинд, Миср ва ё Аврупо як бор тамаддун офарида ва баъди ин тамаддунашон аз байн рафта ё ба ҷойҳои дигар интиқол ёфта бошад, пас мардумони тоҷику форс муяссар гардид, ки ду бор тамаддун бунёд кунанд: тамаддуни тоисломӣ ва тамаддуни исломӣ.

Табиист, ки бозёфтҳои фарҳанги моддию маънавии тамаддуни тоисломии тоҷикон барои ташаккул ва вусъат пайдо кардани тамаддуни башарӣ нақши калидӣ бозиданд. Дар баробари ин, барои таҳким бахшидани назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо дар ҳалли низоъу ихтилофоти сиёсию иҷтимоӣ, динию мазҳабӣ, аз ҷумла зуҳуроти ташвишовари ҷомеаи муосир арзиши худро нигоҳ доштаанд. Масалан, осори хаттии ниёкони тоҷикон ва рушди хат барои ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо заминаи бунёдӣ гузошт. Хатҳои қадима ва мероси хаттии тоҷикон барои пайдоиши унсури дигари фарҳанг – алифбо ба сифати замина барои ташкили алифбои халқиятҳои дунё, аз ҷумла арабҳо хизмат карданд. Барои такмили таркиби сермаъногии калимаҳои забонҳои дигар истилоҳоти тоҷикӣ нақши калидӣ бозиданд ва ғайра.

Ҳамин тавр, асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбӣ ва таҳаввули муколамаи фарҳангҳо асосан, аз тарафи олимон М.Бубер, Ф.Эблер, А.Мейер ва М.М.Бахтин коркард карда шуда, баъдан аз ҷониби олимони дигар, аз ҷумла В.С.Библер, Ю.Хабермас ва К.Апел такмил ёфтанд. Дар охири қарни XX бошад, М.Ҳотамӣ назарияи «гуфтугӯи тамаддунҳо»-ро баръакси назарияи С.Хантингтон (“бархӯрди тамаддунҳо") аз нав коркард кард. Ҳадафи асосии ин назария бо роҳи мусолиматомез, гуфтушунид ҳал кардани ҳама гуна анвоъи низоъу бархӯрдҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи бадастовариаш ҷилвагирӣ аз корбурди қудрат, тақвияти принсипҳои озодию адолат ва ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад. Он имрӯз низ аҳамияти амалӣ ва назарии худро доро аст. Махсусан, як воситаи асосии муаррифӣ кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, эътироф ва дар ҳаёти воқеии давлатдорӣ мавриди истифода қарор додани арзишҳои фарҳангии умумимиллӣ ба ҳисоб меравад ва ғайра.

***Адабиёт***


1. Бахтин, М. М. Личность и творчество М. М. Бахтина в оценке русской и мировой гуманитарной мысли / сост., вступ. ст. и комм. К. Г. Исупова. – СПб. : Изд-во Рус. христ. гуманит. ин-та, 2001. – С. 7–44.
2. Гердер, И. Г. Идеи к философии истории человечества. – М., 1977. – 477 с.
3. Гуревич, П. С. Культурология. – М., 1996.
4. Литвинов, А. А. Диалог культур в контексте глобализации: Восток–Запад : дис. … канд. полит. наук : 23.00.02 – Политические институты, этнополитическая конфликтология, национальные и политические процессы и технологии. – М., 2015. – 152 с.
5. Маҳмадов, А. Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо – баҳси ҳамбастагии ҷомеа // Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. – Душанбе, 2015. – С. 249–255.
6. Межуев, В. М. Диалог между цивилизациями как философская проблема. – М: МГУКИ, 2004.

7. Раҳмонов, Э. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 178 с.
8. Раҳмонов, Э. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе: Эрграф, 2016. – 516 с.
9. Раҳмонов, Э. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.
10. Раҳимов, С., Муҳаммадӣ, А. Фалсафаи фарҳанг : китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ / С. Раҳимов, А. Муҳаммадӣ. – Душанбе : Ирфон, 2020. – 300 с. – С. 9.
11. Философско-энциклопедический словарь. – М., 1983. – С. 292–293.
12. Хотами, С. М. Гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳанги эронӣ. – Теҳрон, 1381 [2002/2003]. – 168 с.
13. Buber, M. Das dialogische Prinzip [Электронный ресурс]. – Heidelberg, 1973. – Режим доступа: http://www.quickiwiki.com/de/Martin_Buber (дата обращения: 12.04.2025).
14. Huntington, S. The Clash of Civilizations? // Foreign Affairs. – 1993. – Summer.
15. Fukuyama, F. The End of History and the Last Man. – New Yor: The Free Press, 1992.

## ФАҲМИШИ ФАЛСАФИИ МАФҲУМҲОИ «ФАРҲАНГ» ВА «МУКОЛАМАИ ФАРҲАНГҲО»

Фарҳанг – ин дарҷаи муайяни таърихии рушди ҷомеа, маҷмуи донишу эътиқод, урфу одат, анъанаву навоварӣ, қоидаҳо, қонуну қобилиятҳоеро, ки одамон онҳоро дар таҷриба андӯхтаанд, инъикос медорад. Фарҳанг - ҳастӣ ва бақои миллат, шакли муошırати байни намояндагони тамаддунҳо, як воситаи идроки олам аз ҷониби инсонҳо мебошад. Муколама бошад, кушишест барои расидан ба ҳадаф ҷиҳати дарёфти ҳақиқат, дарки андешаву амали тарафи муқобил ба хотири ба даст овардани ҳамдигарфаҳмию боварҳост.

Дар робита бо ин, муаллифон дар мақолаи мазкур шарҳ, фаҳмиш ва тавзеҳи мафҳуми фарҳанг ва муколамаи фарҳангҳоро дар доираи консепсияҳои илмии фарҳангшиносон: М.Бубер, М.Бахтин, И.Г.Гердер, М.С.Каган, Г.С.Помеpанест, О.Н.Астафиева, М.Хотамӣ ва дигаронро таҳлилу муқоиса намуда, дидгоҳи фарққунандаи онҳоро мушаххас кардаанд. Аҳамият ва ҷойгоҳи муколамаи фарҳангҳоро дар ҳалли низоъ, бархурдҳои мазҳабӣ ва баррасии масоили хусусияти глобалидошта нишон дода, ин василаро роҳи наҷот ва рушди муносибатҳои ҳасанаи кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд.

**Калидвожаҳо:** фарҳанг, муколама, тамаддун, тамаддуни тоисломӣ, тамаддуни исломӣ, арзишҳои фарҳангӣ, ҳувияти миллӣ, муколамаи фарҳангҳо, муқаддасоти миллӣ, бархӯрди тамаддунҳо, анҷоми таърих, ҳамзистии осоишта ва ғайра.

## ФИЛОСОФСКОЕ ПОНИМАНИЕ ПОНЯТИЙ «КУЛЬТУРА» И «ДИАЛОГ КУЛЬТУР»

Культура отражает определенный исторический уровень развития общества, совокупность знаний и верований, обычаев, традиций и новшеств, правил, законов и навыков, которые люди приобрели опытным путем. Культура – это существование и выживание нации, форма общения представителей цивилизаций, средство познания человеком мира. Диалог – это попытка достижения цели поиска истины, понимания мыслей и действий другой стороны с целью достижения взаимопонимания и доверия.

В связи с этим авторы в данной статье разработали концепцию культуры и диалога культур в рамках научных концепций ведущих ученых-культурологов: М. Бубера, М. Бахтина, И. Г. Гердера, М. С. Кагана, Г. С. Померанест, О. Н. Астафьевой, М. Хотами и другие проанализировали и сравнили, а также изложили разные точки зрения.

Показаны важность и место межкультурного диалога в разрешении конфликтов, религиозных столкновений и решении глобальных проблем. Авторы рассматривают этот инструмент как способ сохранения и развития добрых и дружественных отношений между странами международного сообщества.

**Ключевые слова**: культура, диалог, цивилизация, доисламская цивилизация, исламская цивилизация, культурные ценности, национальная идентичность, диалог культур, национальная святость, столкновение цивилизаций, конец истории, мирное сосуществование и др.

## PHILOSOPHICAL UNDERSTANDING OF THE CONCEPTS OF “CULTURE” AND “DIALOGUE OF CULTURES”

Culture reflects a certain historical level of development of society, a set of knowledge and beliefs, customs, traditions and innovations, rules, laws and skills that people have acquired through experience. Culture is the existence and survival of a nation, a form of communication among representatives of civilizations, a means of human understanding of the world. Dialogue is an attempt to achieve the goal of finding the truth, understanding the thoughts and actions of the other party in order to achieve mutual understanding and trust.

In this regard, the authors in this article developed the concept of culture and dialogue of cultures within the framework of the scientific concepts of leading cultural scientists: M. Buber, M. Bakhtin, I.G. Herder, M.S. Kagan, G.S. Pomeranest, O.N. Astafieva, M. Hotami and others analyzed and compared, and also outlined different points of view. Showing the importance and place of intercultural dialogue in resolving conflicts, religious clashes and solving global problems. The authors consider this instrument as a way to preserve and develop good and friendly relations between the countries of the international community.

**Keywords:** culture, dialogue, civilization, pre-Islamic civilization, Islamic civilization, cultural values, national identity, dialogue of cultures, national holiness, clash of civilizations, end of history, peaceful coexistence, etc.

**Дар бораи муаллифон**

Самиев Бобо Ҷураевич
Доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири шуъбаи фалсафаи фарҳанг
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Саидзода Гулхумор Зиннат
Номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, д.1. 121.
Тел: (+992) 918823696

**Об авторах**

Самиев Бобо Джураевич
доктор философских наук, профессор, заведующий отделом философии культуры
Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова,
Национальная академия наук Таджикистана
Тел.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Саидзода Гулхумор Зиннат
Кандидат философских наук, заведущая кафедрой философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, д.1. 121.
Тел: (+992) 918823696

**About the authors**

Samiyev Bobo Jurayevich
Doctor of Philosophy, Professor, Head of the Department of Philosophy of Culture
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov,
National Academy of Sciences of Tajikistan
Tel.: (+992) 918670143.
E-mail: samiev.veshab@mail.ru

Saidzoda Gulkhumor Zinnat
Candidate of Philosophy, Head of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue,1.121
Tell: (+992) 918823696

УДК 294.11 + 294.3 + 179

# КОНЦЕПЦИЯ СПРАВЕДЛИВОСТИ В «РИГВЕДЕ» И «АВЕСТЕ» (СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)

***Бердиев Ш.П.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни*

С религиозной точки зрения общество, полностью основанное на понимании, является основой для социальной справедливости, а служение человечеству - это служение Богу, и, как следствие, идея служения станет лучшей в стране. Поэтому важно, чтобы каждое правило продавало то, что является правильным для человеческих существ. И это правило в разных книгах религиозных конфессий трактуется по-разному. Исключение не составляют «Ригведа» индуизма и «Авеста» зороастризма.

Доосевую концепцию справедливости в Индии можно найти в «Ригведе», старейшем санскритском тексте, который считается основополагающим материалом для других ведических текстов. Гимны «Ригведы» адресованы различным божествам, каждое из которых представляет собой отдельный аспект, силу и славу Верховного Божества, чье присутствие боги или богини несут в себе. В «Ригведе» наиболее важными богами и богинями, упомянутыми в «Ригведе», как мы уже знаем, являются Индра (божество неба, бури, грома и молнии), Агни (божество огня), Сома (божество священного растения Сома), Варуна (божество морали и справедливости) и Вак (богиня моральной, этической и справедливой речи; она выражает идеи посредством слов и позволяет людям слышать, видеть, понимать и выражать словами истинную природу вещей в восприятиях ими мира).

Правило порядка и справедливости называется Rta (произносится как «Рта или Рита») в «Ригведе». Рта был установлен Верховным Божеством как действующая структура справедливости, стабильности и безопасности в космосе, в природе и в человеческих обществах. Затем он назначил опеку над действующей структурой порядка и справедливости, Рта, сотворенным божествам, особенно Индра. В Ригведе (7.64.20) Варуна упоминается как превосходный суверен, который сам соблюдает закон и правит строго и справедливо (5.63.7). Он, которому помогает Митра, бог чести, является хранителем Рты - основы соблюдения правил, которая обеспечивает справедливость, стабильность, безопасность и процветание в человеческих обществах, а также в космосе, - и центром справедливости в человеческих обществах, который лелеет моральное поведение (1.2.8 и 1.23.5) и наказывает нарушителей правил. Кроме того, Ригведа 9.73.8 представляет Сому, богиню гармонии, «как хранителя Рты в силу ее неизменной тенденции делать то, что хорошо» [8, с. 55].

Концепция справедливости в доосевой Индии вращалась вокруг концепции Рты, которая появляется около 450 раз в «Ригведе», чаще, чем имена самых важных божеств. В концепции Рта имеет сходство с египетской концепцией Маат и концепцией аши в гатах «Авесты». И, как и они, он не имеет точного эквивалента в современных языках; поэтому его нельзя точно перевести. По сути, Рта вызывает идею «истины», лежащей в основе космического и естественного порядка, и ее аналога в человеческих обществах истины, морали, этики, праведности и справедливости. «Истина», то есть Рта, - это сила или мощь, которая не только стабилизирует и регулирует космический и естественный порядок в пространстве и времени, но также обеспечивает божественные заповеди и правила поведения для людей, живущих с другими себе подобными в сообществах и в обществах. Рта - это действующее правило сатья (принцип интеграции космического порядка), принцип, согласно которому Вселенная поддерживается справедливым и вечным Рта, установленным Божеством для благополучия созданного порядка.

Авестийские же писания и более поздние пехлевийские тексты подчеркивают справедливость, беспристрастность и прозрачность в повседневных жизненных делах

человека. Добродетельное качество «справедливого» человека считается одним из высших этических качеств, которыми может обладать человек. Как будто он впитал в себя одно из качеств Ахура Мазды-Аша Вахишты, то есть «высшую (лучшую) праведность». Этому атрибуту уделяется такое внимание, что его обладателю будет суждено в конечном итоге стать Ашаваном, если он сможет. Достичь Ашу - возвышенного состояния преданности, почти святости, намного превосходящего то, чего может когда-либо достичь обычный смертный. Подданные действительно ожидали от правителя такой благородной добродетели, как это дано в гате Спэнта Майнью (Йс. 48.5): «Пусть нами управляют те, кто умеет хорошо править (ху-кшатра), а не злые правители! Пусть они управляют нами с мудростью и умением, о Армаити!»

В «Авесте» Ахура Мазда - бог справедливости (Аша=Арта) хочет, чтобы люди следовали его путем, совершая добрые дела, добрые мысли, добрые поступки, отвергая служение «лживому духу», чтобы они могли получить благословения, которые являются наградой праведников в жизни здесь и в будущем. Он высший закон мира и аша (авест. – Аша-Вахишта – «порядок, справедливость, истина») и высший идеал верующего - исполнить его, стать «ашаваном», обладающим «ашей». Аша или арта, по сути, - древний индо-иранский закон «истины, точности, праведности», управляющий Вселенной - звездами, солнцем, луной, землей, временами года и всем остальным. Он был установлен для поддержания творения. Это путь к совершенству.

В человеческом обществе аша - это правильные действия, совершаемые в правильное время, в правильном месте и с помощью правильных средств для получения правильного результата. Это продвигает общество к совершенству. Она обеспечивает справедливость для всех. Она обеспечивает права каждого члена общества. Она обеспечивает каждому человеку то, что он внес в общество. Аша в обществе следит за тем, чтобы ни общество, ни человек не эксплуатировали человека.

Аша-Вахишта как символ справедливости отражается по смыслу в даэне, которое условно понимается как индивидуальное воззрение/самосознание и справедливость, а в более общем смысле духовное состояние человека. Для более точного определения понятия даэна полезно рассмотреть некоторые отрывки из гатов, в которых речь идет о даэне. В Яште 46.6 говорится о создании Ахура Мазда изначальных или первых даэнов и поскольку изначальные даэны были созданы, это не может быть вневременной ахурической сферой бытия, поэтому изначальные даэны должны относиться к психо-ментальной сфере бытия и, соответственно, обозначать духовную способность человека. Кроме того, гаты указывают на существование как конструктивно-благотворных, так и деформированных даэнов. В Яште 49.4 говорится, что даэны - это обманчивый продукт плохого поступка. На фоне доктрины трех миров в целом утверждается, что только даэна преданного aša основана на идеальном архетипе, а даэна преданных друдж не следует никакому трансцендентному архетипу. Это обстоятельство неразрывно связано со связью с Ахура Маздой: «И сказал Ахура-Мазда: «Молись ты, Заратуштра, доброй Вере маздаяснической (Даэне); молись ты, Заратуштра, невидимым Амэша-Спэнта на земле, разделённой на семь каршваров; молись ты, Заратуштра, самосозданному небосводу, беспредельному времени (зурван акарана)…» [1, с. 122].

Короче говоря, даена - это сама суть справедливого человека, реализованное «Я» личности. Вот почему форма (карп) соотносится с действием (куниш) и с самой даэна-ден: это реальности, которые, по сути, подразумевают друг друга, одна предполагает другую. Это имеет последствия для темы, которая нас сюда привела, поскольку означает, что забота о нашей даене - это забота о нашей формальной детерминации.

Так же обстоит дело с аша (aša) - контекстно-чувствительный термин, которая наряду с Ахура Мазда имеет фундаментальное значение для мировоззрения Заратуштры и обсуждаются такие варианты ее перевода, как порядок, гармония, истина, правда, закон, справедливость, при этом буквальный перевод aša, вероятно, означает (гармоничное) соединение. Это гармоничное соединение можно считать общим субстратом различных

уровней порядка, которые может обозначать aša, т.е. конкретно космического, политического, социального и ритуального порядка. В контексте политико-социального порядка логично, что aša может также использоваться для обозначения закона или справедливости. Это несмотря на то, что большинство исследователей склонны передать значение aša как «истина, правда».

Вслед за ними о теории справедливости в «Авесте» можно рассуждать на основе значения другого понятия – «Рашн» или «Рашну». В значении «справедливости» рашну в не упоминается в гатах, но в «Младшей Авесте» он олицетворяет божество с антропоморфными чертами и как бог справедливости. Рашту часто упоминается вместе с другими божествами - Михром и Срошем Кроме того, «в «Видевдате» и книге «Яшт» (кроме посвящённого самому Рашну «Яшт» 12) Рашту обычно фигурирует совместно с Митрой - божеством договора и клятвы, в индоиранскую эпоху связанным с ордалиями; в «Ясне» и «Виспереде» Рашту почти всегда упоминается вместе с Арштат; на основании этого можно предположить, что образ сложился на стадии формирования младоавестийского пантеона как персонификация одной из ипостасей Истины и функций Митры по поддержанию справедливости» [1, с. 155].

О справедливости Заратуштра также говорит в трансцендентном мире - о строжайшем суде души умершего (без благосклонности и по справедливости) о достойных и недостойных моментах в течение жизни, после того, как они будут взвешены на весах и в полной гармонии с помощью вечного закона аши, который управляет разнообразными основами жизни, Рату должен правильно распределить на балансе достоинства достойных мыслей, слов и поступков против недостатков недостойных, прежде чем судить. Дело в том, что «зороастрийцы в «Символе веры» именуют себя «почитающими Мазду», а иноверцев - поклоняющимися демонам (даэва - ложным богам). В отличие от Будды, который порывает с миром, и Христа, отделявшего «кесарево» от «Божьего», Заратуштра верит в справедливую власть, обращается к справедливым правителям: «Пусть благие правители правят нами, а не злые правители...» (Ясна 48.5.)» [2, с. 6].

Так, по этим вышеизложенным соображением можно говорить о том, что в «Авесте» как и в «Ригведе» главной заботой является намерение божества типа Митры и Рашту создать закон истины и справедливости для всех и благополучие всех через аша (aša) и даэну, и обслуживается человеческим соблюдением этого закона, с одной стороны, и обеспечивается уважение к человеческой личности, и люди не будут подвергнуты произволу со стороны другого, и ни один член не будет произвольно исключен из сети преступлений. Джон Ролз предложил распространенную идею справедливости в таких выражениях: «Все общественные ценности номер один - свобода и возможности, прибыль и богатство, а также предпосылка к самодовольству - должны быть распределены поровну, пока неравное распределение всех или любой из этих ценностей не окажется в пользу наименее привилегированного» [6, с. 60]. Установить справедливость посредством закона внутри сообщества - значит уничтожить ужасное и злое, предотвратить эксплуатацию сильными слабых, расширить понимание и благосостояние людей и т.д.

В ведическую эпоху основной целью закона было поддержание дхармы, что означает справедливость и обязательность. Дхарма состоит как из юридических, так и из моральных обязанностей. Она охватывает не только правила и судебные процедуры, но и широкий спектр человеческих действий, таких как ритуальное очищение, системы личной гигиены и стиль одежды. Дхарма была основным руководством, по которому человек пытался прожить свою жизнь. Дхарма рассматривается как божественный закон, пронизывающий и сохраняющий весь мир и объединяющий в некое единство различные порядки жизни и различные стадии, на которых эти порядки достигли своего духовного развития, она была основана на эволюционном философском монизме, который можно назвать пятым чувством индийской мудрости.

Короче говоря, дхарма - это не внешняя вещь, это внутреннее развертывание жизни, которое приводит все внешнее к выражению себя. Изначально дхарма означала не что иное, как соблюдение ведических ритуалов и предписаний и определялась как то благо, которое

определяется в соответствии с ведическими предписаниями. Дхарма в этом смысле означала либо религию, либо одновременно религию и закон, что напоминает авестийскую даэну, имеющую широкий спектр значений. Так, это слово используется для обозначения справедливости, того, что правильно в тех или иных обстоятельствах, моральных ценностей жизни, благочестивых обязанностей людей, праведного поведения в каждой сфере деятельности, помощи другим живым существам, предоставления ясности нуждающимся в ней людям или общественному делу, милостыни нуждающимся, природных качеств или характеристик или свойств живых существ, долга, закона и т. д. В частности, индийский исследователь Радж Кумар Карг пишет, что «слово «дхарма» впервые используется в ведической литературе, например, в «Ригведе», для обозначения основы Вселенной. Согласно этим священным писаниям, Бог создал жизнь, внушив принципы дхармы всем живым существам» [7, с. 7], т.е. основы закона справедливости во Вселенной.

Справедливость - это добродетельное поведение, соответствующее дхарме, и ригведская традиция связывает ее с выполнением обязанностей, предписанных дхармой или всеобщим моральным порядком. [5, с. 21] Дхарма, применимая в индуистском обществе, была всеобъемлющим кодексом, выходящим за рамки справедливости и устанавливающим принципы эффективной жизни. В силу своей древности, полезности и универсальности само упоминание этого слова будоражило совесть любого человека на этой земле. Но, дхарма - это не внешняя вещь, как закон, или праведность, или религия, или справедливость, это закон разворачивающейся жизни, который формирует все вне ее для выражения себя. Именно Дхарма обеспечивает руководство для правильной и продуктивной жизни для социальной организации и взаимодействия: «Задача человека — определиться не только по отношению к другим людям через исполнение своей дхармы, но и постичь свое место в мировом целом. Неправильное, безнравственное поведение, несоблюдение дхармы отдельно взятым индивидом создает дисбаланс во Вселенной, поэтому для восстановления равновесия космические силы карают нарушителя - если не в этой жизни, то в последующих» [3, с. 34].

Так, дхарма совместно с рта образуют законы, которые являются общими как для божественных, так и для человеческих существ. Живые существа и мир материи участвуют в прекрасной упорядоченной жизни благодаря силе вечного и священного закона, рта, действующего в нем и через него. Ригведическая мораль и религиозные обязанности в основном уходят корнями в доктрину рта. Она означает как порядок в природе, так и моральный порядок во Вселенной. «Ригведа» подчеркивает необходимость следовать словам и духу священных писаний для индивидуального и общественного подъема, как материального, так и духовного. А поскольку все во Вселенной регулируется этим принципом рта, долг религиозных глав - следить за правильным функционированием мирового порядка. Естественно, социальный порядок должен быть создан по образцу этого порядка во Вселенной. Чтобы обрести мирское процветание и духовное благополучие, необходимо придерживаться законов справедливости, как божественных, так и социальных, которые являются лишь аспектами рта. Нарушение рта дестабилизирует внутренний порядок вещей: «Посредством риты достигается порядок круговращения Вселенной. Рита определяет как физические, так и нравственные аспекты жизни: движение светил, дождь, рост растений, жизнь животных, деяния людей и т. д. Рита настолько универсальна, что и действия богов регулируются ею. Противоположность риты - анрита, то есть беспорядок, немедленно воцаряющийся там, где то или иное существо вольно или невольно нарушает диктуемые ритой стандарты деятельности и поведения» [3, с. 34]. Справедливость и человеческое поведение рта основывает человеческое поведение на справедливости и морали. Следовать рта означало вести себя в соответствии со справедливостью. Она обеспечивает пути, которые защищают людей от зла и невежества и следование этим путям делает человека «умнеющим Рта» и отражается в каждом аспекте человеческого поведения, включая речь.

Так, дхарма и рта (=рита) в «Ригведе» и аша и рашна в «Авесте» составляют сложную концепцию, в которой однозначно невозможно говорить о так сказать «чистой» справедливости. Они настолько усложнены, что в их суть можно найти значение

божественности, истины и самое главное закона Вселенной, который в итоговом смысле направлено на поиск справедливости. Такова, кратко говоря, основная установка этической системы, разработанной зороастрийцами и индусами. Рассматривая всю область этой этики в фокусе концепции справедливости, отмечаем все-таки формальный и скорее юридический характер обоих учений, особенно зороастрийской этики, в то время как персидский гений утилитаризма и практических вещей всегда входит в схему праведности и справедливости. В индивидуальной жизни эта этика ценит создание, самоконтроль и правдивость; в социальной жизни - праведность, регулярность и социальное согласие. Обратной стороной этой этики является абстрактная жесткость, которая не приспосабливается к жизни и иррациональные последствия которой часто оказываются губительными для жизни. Монотонное противопоставление добра злу и зла добру не оставляет места для промежуточных этапов реальной жизни, для индивидуальных и спонтанных состояний в душе человека:

Изначален ты и воздашь добром за добро и злом за зло.
Преисполненым святости признал я тебя!
Когда ты спросил меня: «Кто ты? С кем ты?» —
Я ответил: «Я — Заратуштра,
последователь справедливости, недруг Лжи, тебя славословлю» [1, с. 135].

Персы мало заботились об эмоциях бескорыстия; даже в религиозных чувствах слишком часто ощущаем недостаток лирического элемента; напротив, мы всегда чувствуем тяжелое бремя юридического духа. В соответствии с этим, «религия» в «Авесте» называется «закон» («даэна»).

В социальной жизни, человек должен стремиться к добру, к истине и справедливости. Особенно подчеркивается трудолюбивый человек, помогающий человеку, который своим стремлением может занять место на небесах. В «Авесте» встречаем такие выражения, как «человек зарабатывает великую славу трудом», «трудолюбие - сопутствие свободы от тревог и забот», «будь трудолюбив, чтобы исполнить свои желания», «вставай рано, чтобы быть в состоянии продолжать свою работу», «не ленись, чтобы долг и добрая работа, которые тебе необходимо делать, не остались невыполненными».

О ленивом человеке в «Авесте» говорится, что он самый недостойный из людей. Сказано, что Творец Ахурамазда не произвел кукурузы для ленивого человека; ленивому человеку нельзя давать ничего в виде подарков и милостыни; ему нельзя предоставлять жилье и развлечения. По этой причине, потому что ту пищу, которую ест ленивый человек, он ест неуместно и несправедливо, и из-за его лени и несправедливого питания его тело становится позорным, а душа злой. Об этом, в частности, С.Н. Соколов в комментариях к «Авесте» писал: «Идеал пассивного праведника для зороастризма лишён всякого смысла. Друдж (олицетворение Лжи и Зла) награждается эпитетом авэрэзики — «ленивая» или «внушающая лень». Но направление деятельности зависит от самого человека. Человек, сделав выбор между Правдой и Ложью, берёт на себя ответственность и за выбор» [1, с. 19].

Так, справедливость рождается в борьбе между правдой и ложью. Авестийское существительное друдж (druj), определяющее понятие, которое противоположно уже известному нам понятию аша (ašå). Споры о значении последнего слова, естественно, повлияли на понимание druj. Соответствующий глагольный корень в индийском языке (druh: drúhyati), по-видимому, имеет основное значение «чернить» [9, с. 79], возможно, сохранившееся в авестийском в «Яште» (5.90 и 8.5). Ввиду противопоставления этих двух слов, если значение ašå- - «правда», то значение druj- должно быть «ложь», но, если значение первого - «порядок, справедливость», то druj- должно означать «ошибка, обман». Противопоставление иранских маздеистских концепций аша и друдж отражало пересмотр и систематизацию старой схемы индоиранской идеологии, но это было не просто противостояние между рта (ṛtá - порядок, истина) и анрта (ánṛta - хаос, ложь), как в ведийской религии, что также свидетельствует в пользу интерпретации, отличной от «истины против лжи». Скорее, он лежал в основе всех аспектов религии, включая космогонию, ритуал и эсхатологию, и таким образом, по-видимому, был основой

маздеанского дуализма. Друдж- встречается в «Авесте» восемнадцать раз и часто явно и систематически противопоставляется аша в контексте добра и зла, как например в этих строках:

За ним, за Астват-Эрэтой, Придут победоносные, С благими помышленьями
И с добрыми словами, И с добрыми делами, Благие, добронравные,
Лжи не произносившие Ни разу языком. Преклонится пред ними
И Ярость кровожадная, Преодолеет Истина Ложь злую, безобразную,
Пришедшую из тьмы. Благая Мысль одержит Победу над Злой Мыслью [4, с. 406].

Даже по этим строкам можно определить, что Заратуштра рассматривает Вселенную как благое творение Бога и не видит в ней зла, или в крайном случае – не хочет видеть в ним зла. Это космос - упорядоченная гармоничная система. Однако есть указания на то, что он видит Вселенную в зачаточном состоянии, незавершенной во всех своих проявлениях, но растущей к совершенству и бессмертию, что составляет основу идеи закона справедливости в «Авесте».

В индуизме эта проблема более метафизична. В рамках закон справедливости во Вселенной, на примере бога Индры и его помощников, в «Ригведе» подчеркивается, что справедливость наряду с другими этическими феноменами исходят он него, также, как и правые дела и всякое доброе намерение в человеке; он - царь миров и народов, видящий и слышащий все; он руководит людьми и божествами, и никто не спрашивает его, как может кто-нибудь обойти его. Поэты не устают восхвалять его величие и миг; один сомневается, достигали ли до него люди всего величия Индры (Воспевают Индру песнопениями – Ригведа V.29:11), а другой, спасенный от великой нужды, заявляет, что не знает всего величия бога, всей мощи могучего, и что никто не постиг божественного покровителя его благосклонности, поэтому обращаются к нему как могущественного, справедливого бога.

Подводя итог, можно сказать, что, справедливость и в «Ригведе» и в «Авесте» - это эволюционная концепция, это - идея получения того, что заслуживаешь, честности, моральной праведности и равенства. Концепция справедливости в этих священных текстах заключается в том, что процесс достижения справедливости, стабильности, спокойствия, безопасности и процветания для человека основан на божественных правилах. Если «Ригведа» предполагает результат, не возлагая никакой ответственности за его достижение на какой-либо центральный руководящий орган или даже на самого индивида, то в «Авесте» справедливость связывается не только с божественным, но и социальным его значением, и предполагает правдивость и ответственность человека за свою судьбу в обоих миров. Так, справедливость в «Авесте» полагается на побуждение людей быть этичными, моральными и справедливыми в своих отношениях с другими.

## Литература


1. Авеста в русских переводах (1861-1996) / Сост., общ. ред., примеч., справ, разд. И. В. Рака. - СПб.: «Нева» - РХГИ, 1997. 480 с.
2. Авеста: Избранные гимны; Из Видевдата /Пер. с авест., предисл., примеч. и словарь И. Стеблин-Каменского. - М.: Дружба народов; КРАМДС - Ахмед Ясови, 1992. 207 с.
3. Васечко, В. Ю. Древняя и средневековая восточная философия: учеб. пособие / В. Ю. Васечко, С. П. Пургин; - Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2017. 196 с.
4. Ригведа. Мандалы V-VIII. – М.: «Наука», 1999. 743 с.
5. Jain, Nilanjana. (2005). The Problem of Justice in Political Theory & State Practice. New Delhi, Anamika Publishers and Distributors (P) Ltd. 270 p.
6. Rawls, J. A Theory of justice. – N. Y., 1971. 561 p.
7. Raj Kumar Garg. An Analysis of Dharma from Perspective of Indian Society. In: Indian Journal of Integrated Research in Law. Vol. II Issue III/ | ISSN: 2583-0538, p. 6-11.
8. Singh, Satya Prakash. 2009. Ethics in the Vedas. In A Historical-Developmental Study of Classical Indian Philosophy of Morals. - New Delhi: Concept Publishing Company. Pp. 46–70.

9. Mayrhofer M. A concise etymological sanskrit dictionary. V. 2. California University, 1963. 699 p.

## КОНЦЕПЦИЯ СПРАВЕДЛИВОСТИ В «РИГВЕДЕ» И «АВЕСТЕ» (СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)

Данная статья представляет собой сравнительный анализ концепций справедливости в двух древних религиозных традициях: индуизме (на основе "Ригведы") и зороастризме (на основе "Авесты"). Автор рассматривает, как в этих учениях понимается справедливость, её связь с божественным порядком и её роль в человеческом обществе.

В "Ригведе" концепция справедливости выражается через понятие "Рта" – космический закон, установленный богами для поддержания порядка и гармонии во Вселенной и обществе. "Рта" олицетворяет истину, мораль и этику, и её соблюдение обеспечивает процветание.

В зороастризме справедливость связана с понятием "Аша" – божественный порядок, установленный Ахура Маздой. "Аша" подразумевает правильные мысли, слова и действия, направленные на достижение совершенства. Соблюдение "Аши" ведёт к справедливости в обществе и обеспечивает права каждого его члена.

Автор также затрагивает понятие "даэна" в зороастризме, которое отражает индивидуальное самосознание и духовное состояние человека, связанное с его приверженностью "Аше".

**Ключевые слова:** Ригведа, Авеста, справедливость, мораль, этика, рта, истина, добро, зло, этика, зороастризм, индуизм.

## КОНСЕПСИЯИ АДОЛАТ ДАР «РИГВЕДА» ВА «АВЕСТО» (ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ)

Дар ин мақола таҳлили муқоисавии мафҳумҳои адолат дар ду анъанаи қадимии динӣ: ҳиндуҳо (дар асоси Ригведа) ва зардуштӣ (дар асоси Авесто) оварда шудааст. Муаллиф дар ин таълимот чӣ гуна адолат дарк мешавад, муносибати он бо тартиботи илоҳӣ ва нақши он дар ҷомеаи башариро баррасӣ мекунад.

Дар Ригведа мафҳуми адолат тавассути мафҳуми «Рита» - қонуни кайҳонӣ, ки аз ҷониби худоён барои нигоҳ доштани тартибот ва ҳамоҳангӣ дар олам ва ҷомеа муқаррар карда шудааст, ифода ёфтааст. «Рита» дар таҷассуми ҳақиқат, ахлоқ ва арзишҳои ахлоқӣ буда, риояи онҳо некӯаҳволиро таъмин мекунад.

Дар дини зардуштӣ адолат бо мафҳуми «Аша» - тартиботи илоҳӣ, ки Аҳуро Маздо офаридааст, алоқаманд аст. «Аша» маънои андеша, гуфтор ва амалҳои дурустро бо мақсади расидан ба камолот дорад. Пайравӣ ба АША боиси адолат дар чамъият шуда, хукуки хар як аъзои онро кафолат медихад.

Муаллиф ба мафҳуми “Дина” дар дини зардуштӣ низ ишора мекунад, ки худшиносӣ ва вазъи рӯҳии фардро ифода мекунад, ки ба пойбандии ӯ ба “Аша” иртибот дорад.

**Калидвожаҳо:** Ригведа, Авесто, саодат, гедонизм, ҷовидонӣ, лаззат, некӣ, хайр, шар, ахлоқ, зардуштия, ҳиндуия.

## THE CONCEPT OF JUSTICE IN THE RIGVEDA AND AVESTA (COMPARATIVE ANALYSIS)

This article presents a comparative analysis of the concepts of justice in two ancient religious traditions: Hinduism (based on the "Rigveda") and Zoroastrianism (based on the "Avesta"). The author examines how justice is understood in these teachings, its connection with the divine order, and its role in human society.

In the "Rigveda," the concept of justice is expressed through the notion of "Rta" – a cosmic law established by the gods to maintain order and harmony in the universe and society. "Rta" embodies truth, morality, and ethics, and its observance ensures prosperity.

In Zoroastrianism, justice is linked to the concept of "Asha" – the divine order established by Ahura Mazda. "Asha" implies correct thoughts, words, and actions aimed at achieving perfection. Adherence to "Asha" leads to justice in society and ensures the rights of each of its members.

The author also touches upon the concept of "daena" in Zoroastrianism, which reflects an individual's self-awareness and spiritual state, connected with their adherence to "Asha."

**Keywords:** Rigveda, Avesta, happiness, hedonism, immortality, pleasure, good, evil, ethics, Zoroastrianism, Hinduism.

**Дар бораи муаллиф**
Бердиев Шоҳназар Пирназарович
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонба номи С.Айнӣ.
Тел: (992) 93 500 85 47;
E-mail: shokhnazar@mail.ru

**Об автора**
Бердиев Шоназар Пирназарович
Кандидат философских наук, доцент кафедры философии и культурологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни.
Тел: (992) 93 500 85 47;
E-mail: shokhnazar@mail.ru

**About the author**
Berdiyev Shohnazar Pirnazarovich
Candidate of Philosophical Sciences Associate Professor of the Department of Philosophy and Cultural Studies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni.
Tel: (992) 93 500 85 47;
E-mail: shokhnazar@mail.ru

ТДУ161/162.2

# УСУЛИ ШИНОХТИ ҚАЗИЯҲОИ МУРАККАБУ ҶИҲАТӢ ВА ФАРҚИЯТИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

***Сулаймонов Б. С.***

*Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода*

Қазия яке аз шаклҳои тафаккурест, ки алоқа, муносибат ва хосияти ашёи мавҷударо инкор ва ё тасдиқ мекунад. Дар раванди маърифат инсон бо кушодани алоқаи байни ашё ва аломатҳои онҳо, муносибати байни ашёро муқаррар карда, бурҳони мавҷудияти онҳоро тасдиқ ё инкор мекунад. Ин алоқа ва муносибат дар тафаккур бо шакли қазияҳо инъикос ёфта, алоқаи мафҳумҳоро нишон медиҳад. Барҷастатарин мантиқшиноси асримиёнагии Шарқ – Насируддини Тӯсӣ, ки аз рӯйи таълимоти мантиқии ӯ ин мақола баррасӣ мешавад, ба ин масъала диққати махсус дода, дар шинохти қазия чандин таърифҳо пешниҳод намудааст, ки яке аз онҳо чунин аст: «Ва ҳар қазия, ки муаллаф (таркиб ёфтааст – С.Б.) аз ду лафзи муфрад бувад, робита дар ӯ мутамайиз набвад дар лафз... Ва бибояд донист, ки дар ҳар қазия мавқеи тааллуқи сидқу кизб яке беш натвонад буд, ки як хабар ё рост бувад ё дурӯғ» [12, с. 111-112].

Мутафаккир баъд аз оне ки мафҳум ва моҳияти қазияро бо шарҳҳо баррасӣ менамояд, қазияҳоро таркиббандӣ намуда, ба қазияҳои сода ва қазияҳои мураккаб ҷудо мекунад. Мо дар мақолаҳои пешин оид ба қазияҳои сода фикри худро аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддни Тӯсӣ баён карда будем, вале дар доираи ин мақола хостем танҳо қазияҳои мураккаб ва қазияҳои ҷиҳатӣ (модалӣ) ва фарқияти онҳоро мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор дода бошем.

Бо назардошти низоми мантиқи муосир қазияҳои мураккаб аз ду ва зиёда қазияҳои сода бо ёрии пайвандакҳои мантиқии муттасила (конъюнксия), мунфасила (дизюнксия), шартӣ (импликатсия), эквивалентӣ ва инкорӣ сохта мешаванд, ки мантиқшиносон нишонаи асосии онҳоро ҳамин функторҳои мантиқӣ – «ва» (Λ), «ё» (V), «агар – он гоҳ» (→), «агар ва фақат агар» (↔) «нодуруст аст, ки» (¬) донистаанд. Ҳарфҳои a, b, c – тағйирёбандаҳое мебошанд, ки қазияро ифода мекунанд. Ҳарфи I ҳақиқатро ва L – дурӯғро ифода мекунанд [9, с.124].

Ҳанӯз Арастуи бузург оид ба қазия баҳспардозӣ намуда, баъдтар ин раванд бо тавсеаи соҳавӣ ба машшоиёни шарқӣ расид. Насируддни Тӯсӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, мавзуи қазияро дар китоби мондагори «Асос-ул-иқтибос» дар мақолаи сеюм ҷо намуда, онро ба ду фан ва бисту ҳафт фасл ҷудо кардааст, ки фанни аввал дар маърифати гуфтори ҷозима ва навъҳои қазияҳо аз шонздаҳ фасл иборат буда, фанни дуюм дар баррасии қазияҳо ва алоқаи онҳо бо таноқузи акс ва ҳар он чизе ки ба онҳо мутааллиқ аст аз ёздаҳ фасл иборат аст.

Хоҷаи Тӯсӣ қазияро қавле мепиндорад, ки дар он хабар ба таври исбот ё нафӣ назаррас бошад. Агар чунин шакли ҳастии мафҳум мушоҳида шавад, онро «қазия» хонанд. Ӯ қазияро мақулае медонад, ки дар ҳар амал ё худ вуҷуди он таълифе бошад ва нахуст чизе ки аз ҳастии қазия аз диди ӯ дарак медиҳад, ин аст, ки асоси онро таълифи хабарӣ ташкил медиҳад ва миёни ду лафз имкониятро ба вуҷуд меорад. Он лафзҳо (мафҳумҳо)-и таркибӣ бояд мустақил бошанд, зеро ки дар онҳо мазмун ва далолат асос аст, яъне исм бошанд ё калима то ки ин ҳаракот аслсозӣ кунанд. Агар чунин нест ҳастии қазия имконнопазир аст, яъне нашояд, ки ҳар ду, ё яке ҳиссача бувад, чунки далолати ҳиссача ба зоти худ мустақил нест. «Ва дар ин сурат чора нест аз як лафз, ки мухбирун-анҳу (хабаррасонандаи чизе – С.Б.), ё маҳкумун-алайҳи (ба чизе ҳукмкунанда – С.Б.) бошад, ва аз лафзе дигар, ки мухбирун-биҳи (хабаррасонанда ба он – С.Б.), ё маҳкумун-биҳи (ҳукмкунанда ба он – С.Б.) бошад» [12, с. 111].

Аз ин гуфтори Хоҷаи Тӯсӣ бармеояд, ки қазияҳои мураккаб дар заминаи қазияҳои сода ба вуҷуд омада, мавҷудияти робитаҳои муайяни байни объект ва хосияти онҳоро тасдиқ ё инкор намуда, муносибати байни ду ё зиёда объектро ба таври воқеӣ инъикос мекунанд. Дар

ин ҳолат, метавон гуфт, ки ҳар хабаре ҳукм муҳиста мешавад ва ба ин васила исботу инкор ошкоркунанда ва бавуҷудоварандаи қазия дониста мешаванд. Агар ба раванди эҷодии мутафаккир аҳамият диҳем, ӯ аввал ба таври умумӣ мафҳуми қазияро бо шарҳҳо таҳлил намуда, баъдан онро ба қисматҳо таркиббандӣ намуда, бо мисолҳо муаррифӣ кардааст.

Аз нигоҳи ӯ қазияҳои мураккаб дар навбати худ ба ду қисм – қазияҳои ҳамлӣ ва қазияҳои шартӣ ҷудо мешаванд. Дар қазияҳои ҳамлӣ ҳар яке аз қисматҳои қазия дар алоҳидагӣ мафҳуми муфрадеанд ё дар шакли муфрад қарор доранд, ки ин вазъи муфрадиро Наситуддини Тӯсӣ маҳкум алайҳӣ ва маҳкум биҳӣ ном бурда қайд мекунад: «Зайд басир аст». Метавонем ин қазияро ҳамлии муҷиба хонем ва агар робита ба инобат гирифта нашавад, дар ин ҳолат чунин мегӯед: «Зайд басир нест», ки қазияи ҳамлии солиба аст. Дар ин навъи қазия маҳкум алайҳи ва маҳкум биҳиро мавзуъ (субъект – С.Б.) ва маҳмул (предикат-хабар – С.Б.) хонанд [12, с. 69].

Аммо аз рӯйи таълимоти сарчашмаҳо баъзе мантиқшиносон ва хусусан пешиниёни Насируддини Тӯсӣ хабари мантиқиро ба мафҳум нисбат ба субъект муқаддам медонанд. Мутафакккир ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ намуда, андешаашро чунин баён мекунад: «Ҳайвон воқеъ аст, ё мақул аст бар ҳамаи инсон, ё бар баъзе аҷсом», ва «воқеъ нест, ё мақул нест бар ҳеҷ ҷимод, ё бар баъзе аҷсом» [12, с.69].

Пас эътибор ба ҳукм бояд кард, на ба тақдиму таъхири лафз, то мафҳуми дарназардошташуда ғалат наяфтад. Агар бархилофи андешаи боло баҳспардозӣ шавад, масъала роҳи ҳалли худро меёбад, вале беназардошти ҳукми шартӣ. Ин раванд ба рушди мантиқи муосир заминаҳои мусоидро бавуҷуд оварда, низоми ҳаққоният ва ягонаи қазияҳоро танзим намудааст.

Аз рӯйи масъалапардозии қазияҳо мавҷудияти ягон нишонаи объект тасдиқ ё инкор шавад ва ё муносибати байни онҳо муқаррар гардад, ин ҳолат ба воқеият мувофиқат мекунад ва маҳз дар ҳамин ҳолат қазия ҳақ маҳсуб мешавад. Масалан, гуфта метавонем, ки қазияҳои «Ҳамаи омӯзгорон мутахассисанд», «Ҷавонон аз пиронсолон бозумандтаранд», «Баъзе муҳаққиқон олим нестанд» ҳақ ва дурустанд, зеро дар онҳо воқеан чизе ки дар ҳақиқат вуҷуд дорад, ба таври кофӣ инъикос ёфтааст. Дар акси ҳол, қазияҳо метавонанд дурӯғ бошанд. Масалан, қазияҳои «Ҳамаи ҳайвонҳо хонагӣ мебошанд», «Ҳамаи омӯзгорон олим мебошанд», «Тоҷикистон аз қитъаи Аврупо калонтар аст» ва ғайра дурӯғ мебошанд, чун ки дар онҳо вазъу ҳолат нодуруст нишон дада шудааст.

Мантиқи анъанавӣ дуқимата аст, зеро дар ин шакли мантиқӣ қазия яке аз ду маънои ҳақиқатро дорад. Он ё ҳақ аст ё дурӯғ. Дар мантиқи семаъноӣ қазия яке аз се маънои ҳақиқатро дорад, зеро он метавонад ё ҳақ, ё дурӯғ ва ё номуайян бошад. Масалан, қазияи «Дар Миррих ҳаёт вуҷуд дорад» дар айни замон на ҳақиқат аст ва на дурӯғ, балки номуайян аст. Бисёр қазияҳо дар бораи рӯйдодҳои алоҳида дар оянда номуайянанд.

Насируддини Тӯсӣ ин масъала (ҳақоният ва дурӯғ, тасдиқ ва инкор)-ро пештар ба инобат гирифта, баъд аз қазияи ҳамлӣ қазияи шартиро баррасӣ намуда, доираи ин қисматро фарохтар хонда, онро ба қисмҳо ҷудо намуда, бо шарҳҳо фаҳмонидааст. Ба андешаи мутафаккир агар ду қисмати қазия дар алоҳидагӣ қазия бошанд, дар ин ҳолат ҳамли қазияе бар қазияи дигар номумкин дониста мешавад. Дар ин ҳолат, эҳтимол дорад, ки миёни ду қазия ҳамбастагӣ ба вуҷуд оварда шавад. Агар субот ва нафйи ин ҳолат ба эътибор гирифта шавад, силсилаи қазияҳои шартӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар зинаи аввали қазияҳои шартӣ қазияи муттасила меистад, ки дар он ба воситаи иттисол мафҳуми қазия ошкор мегардад. Гуфтан мумкин аст, ки қазияе, ки аз ду қазияҳои сода бо ёрии функтори пайвасткунандаи «ва» таркиббандӣ мешавад, қазияи муттасила номида мешавад. Дар таълимоти мантиқӣ қазияҳои муттасила ҷадвали ҳақиқат дониста мешаванд ва маҳз ба воситаи онҳо аз қазияҳои содаи бо ҳам алоқаманд вобаста ба вазъи онҳо (ҳақ ё дурӯғ) ба хулосаи дуруст расидан мумкин аст. Масалан: «Зайд муаллими фаъол (p) ва (Λ) инсони накукор аст (q)».

Хоҷаи Тӯсӣ дар заминаи қазияҳои ҳамлӣ ва шартӣ қисматҳои шартӣ – муттасила, мунфасила ва шартиро ба таври васеъ шарҳ дода, ҳастии онҳоро дар заминаи алоқаи суботу

носуботӣ ва шартӣ муайян намуда, раванди фаҳмондадиҳии онҳоро дар ду самт – муҷиба ва солиба шарҳ додааст. «Агар Офтоб толеъ аст, рӯз мавҷуд аст». Дар шакли солиба бошад ин қазия чунин аст: «Чунин нест, ки агар Офтоб толеъ аст рӯз мавҷуд аст». Ҳамчунин, шартии мунфасила низ ё муҷиба бувад ё солиба, чун: «Ё Офтоб толеъ аст ё шаб мавҷуд аст». Солибаи ин, чунин аст: «Чунин нест, ки Офтоб толеъ аст ё рӯз мавҷуд аст» [12, с. 70].

Чунонки болотар оид ба қазияи муттасила зикр намудем, дар ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки қазияе, ки аз ду қазияи сода бо ёрии функтори ҷудокунандаи «ё» таркиббандӣ мешавад, қазияи мунфасила номида мешавад. Қазияи мунфасила бо қазияи муттасила дар тасвиби масоили мантиқӣ умумият доранд, аммо дар ҷузъиёт, яъне таркиббандии қисматҳои он байни онҳо фарқ гузошта мешавад. «Омӯзгор босавод (р) ё (V) бесавод (q) аст». Вақте чунин мисолҳо ҳақ буда метавонад, ки ҳадди аққал яке аз тарафҳои қазия ҳақ бошад, вале агар ҳарду тарафи қазия дурӯғ бошад, натиҷаи қазияи додашуда низ дурӯғ аст.

Дар шинохти ин ду навъи қазия – муттасила ва мунфасила ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки дар якумин ду қазияи содаи бо ҳам алоқаманд ба воситаи функтори «ва» ба ҳам оварда шуда, мафҳумҳо якдигарро такмил дода, муайян мекунанд. Аммо дар қазияиҳои мунфасила ҳолат чунин нест. Яке аз паҳлуҳои қазия тасдиқӣ бошад дигараш бархилоф аст ва натиҷа қабулкунандаи яке аз онҳо мебошад.

Қазияи шартӣ, ки мисолаш оварда шуд, пеш аз ҳама муайянкунандаи вазъ дониста мешавад. Метавон гуфт, ки он аз ду қазияи сода бо ёрии функтори шартии «агар...он гоҳ» таркиббандӣ шуда, бо рамзи импликатсиёнияш (шартияш), ки чунин (→) аст, сохта мешавад. Масалан: «Агар аз ноқил ҷараёни барқ гузарад (р), он гоҳ (→) ноқил гарм (q) мешавад».

Чунонки Ибни Сино қайд мекунад вазифаи асосии қазияҳои шартӣ ин ошкор ва муайян намудани вазъу ҳолат дониста мешавад [16, с. 89].

Ба ҳамин шакл, Насируддини Тӯсӣ қисматҳои қазияҳоро таркиббандӣ намуда, бо шарҳҳои весеъ баррасӣ кардааст. Ба андешаи мутафаккир омӯзанда ва пажуҳандаи ин илм бояд дар назар дошта бошад, ки ҳарчанд қазияҳо ба қисматҳо ҷудо карда мешаванд, ҳамоно қисматҳои ҷудошуда, қазия хонда мешаванд. Аз ин гуфтори мантиқӣ бармеояд, ки доманаи қазияҳо хеле фарох буда, мавзуоти мақулаҳои баъдӣ (қиёс, бурҳон, хулосабарорӣ...)-и мантиқӣ низ ба онҳо алоқаи зич доранд.

Чунонки қаблан гуфта шуд, дар ин мақола алоқа ва робитаи илмии қазияҳои мураккаб ва ҷиҳатиро мавриди омӯзиш қарор додем ва то андозае аз мақолаҳои пешин то ин ҷо қазияҳои мураккабро таҳқиқ намудем. Аммо таҳқиқи қазияҳои ҷиҳатӣ бори аввал аст ва фикр мекунам, ки дар ин бора ҳам нахустин маротиба ба таври муфассал Насируддини Тӯсӣ баҳспардозӣ намуда, доираи масъалагузориҳои мантиқиро густариш бахшидааст. Албатта, то ӯ, Форобӣ ва Ибни Сино ба ин масъала рӯ оварда буданд, чунончи Сайфуллоев Н.М. мегӯяд: «Ҳукмҳои мураккаб бошанд: шартӣ (импликативӣ), муттасила, мунфасила (дизъюнктивӣ) мешаванд. Аз рӯйи хусусияти модалиашон (ҷиҳат) ҳукмҳо зарурӣ, ғайризарурӣ, мутлақ, доима, ғайридоима, мумкина (эҳтимолӣ), ғайримумкина ва тасодуфӣ мешаванд. Вобаста ба он, ки ҳар як аз ҳукм дар қиёсҳо вазифаи муқаддимаро иҷро мекунанд, бинобар ин, Ибни Сино қиёсҳои ҳамлӣ, шартӣ (иқтиронӣ ва истисноӣ) ва модалиро пурра таҳқиқ намудааст» [9, с. 21].

Агар ба мазмун, моҳият ва самтҳои бавуҷудомадаи қазияҳои ҷиҳатӣ бо диққат таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки онҳо дар заминаи қазияҳои сода ва махсусан қазияҳои мураккаб ба вуҷуд меоянд. Масалан: «Мактаббачаҳо хонандагонанд»; «Себ ширин ва сурх аст»; «Ин корро ман дар вақташ анҷом намедиҳам»; «Агар обу ҳаво бад бошад, он гоҳ мо бо киштӣ намеравем» ва ғайра. Шакли умумии чунин гуфтаҳои (қазияҳои) содда: «S – P аст (нест)». Аз қазияҳои сода қазияҳои мураккаб сохта мешаванд. Масалан: «Агар S – P бошад (набошад), он гоҳ S1 – P1 аст (нест)».

Дар ин қазияҳои сода ва мураккаби тасдиққунанда хусусияти алоқа миёни субъект ва хабар муқаррар карда нашудааст. Хусусияти алоқаи субъект ва хабар дар байни қазияҳои содаи алоҳида ва қазияҳои мураккаб бо ҳастии истеҳсолии қазияҳои ҷиҳатӣ ошкор мегардад. Аз қазияҳои дар боло овардашуда чунин қазияҳои ҷиҳатиро ба вуҷуд овардан мумкин аст:

«Албатта, ҳамаи мактаббачагон хонандагонанд», «Хуб аст, ки себ ширину сурх аст», «Шояд ин корро ман дар вақташ ба охир нарасонам», «Эҳтимол, агар обу ҳаво бад шавад, он гоҳ мо бо киштӣ намеравем».

Чунонки аз раванди истифодаи қазияҳо маълум гардид, онҳо (қазияҳои сода ва мураккаб) матолиби дарназардоштаро тасдиқ ё инкор намуда, ҳақ ё дурӯғ будани онро муайян месозанд. Аммо мебинем, ки қазияҳои модалӣ мафҳумҳои алоҳидаро на танҳо тасдиқ ва ё инкор мекунанд, балки ба ин васила робитаҳои онҳоро ҳамзамон баҳогузорӣ карда, натиҷаи ҳадафро ошкор мекунанд.

Оид ба мавзуи қазияҳои ҷиҳатӣ дар асрҳои миёна нахустиншуда донишманди тӯсӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» ба таври муфассал мавзуъро бо таҳлилҳо масъалагузорӣ намудааст. Ба андешаи ӯ пеш аз ҳама модда ба маҳмул муқаддам бошад нисбати мавзуъ ё аз рӯйи вазъ ва ё аз рӯйи имкон, масалан: «Гоҳ бувад, ки мардумро бар ҳақиқати он нисбат ба таъйин, чунонки фӣ нафсуламр бошад, вуқуф набвад, бал нисбате омтар ё хостар аз он нисбат, ё нисбате мухолифи он нисбат алалитлоқ миёни маҳмулу мавзуъ тасаввур карда бошад ва бар ҳасби тасаввури худ аз он ахбор кунад. Масалан: надонад, ки савод зангиро ба вуҷуб аст, ё ба имкон. Пас, аз вуҷудаш, бар ваҷҳе ки шомили ҳар ду бувад, ахбор кунад. Ва мустамеъ аз ибороти ӯ, он чи муқтазои он ибора кунад, фаҳм кунад» [12, с.128].

Дар бораи объекти А танҳо метавон гуфт, ки он дорои хосияти В аст (ин қазияи ассертӣ-тасдиқӣ хоҳад буд). Аммо боз метавон мушаххас кард, ки оё ин алоқаи байни А ва В зарур аст ё баръакс тасодуфӣ. Хуб аст, ки А В аст ва ё бад аст. Собит мешавад, ки А В аст, ё исбот нашудааст, балки танҳо тахмин аст ва ғайра. Дар натиҷаи чунин мушаххаскориҳо мо навъҳои гуногуни қазияҳои ҷиҳатиро ба даст оварда метавонем.

Мусаллам аст, ки таснифи қазияҳои ҷиҳатӣ ба манфиати кор аст, аммо агар ин тасниф нодуруст ба роҳ монда шавад, на танҳо аз қазияи ҷиҳатӣ чизе фаҳмида намешавад, балки аз маҷмуи қазияҳои мавриди назар чизеро фаҳмидан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, барои дурустар дарк кардани мафҳуми ин навъи қазияҳо намунаҳои дигари қазияҳои ҷиҳатиро пешкаш мекунем, ки ба манфиати кор аст: «Шояд дар Миррих ҳаёт вуҷуд дошта бошад», «Исбот шудааст, ки дар секунҷаи рост ҷамъи квадратҳои пойяҳо ба квадрати гипотенуза баробар аст, яъне a2+b2=c2», «Ҳангоми сурх будани чароғаки роҳнамо гузариши воситаҳои нақлиёт манъ аст» ва ғайра. Дар қазияҳои ҷиҳатӣ ин ё он мафҳуми ҷиҳатӣ ба қазияи тасдиқкунанда нисбат дода мешаванд: шояд, исбот шудааст, зарур аст, манъ аст, ҳатман, бад ва ғайра. Чун мафҳумҳои муайяне барои сохтани қазияҳои ҷиҳатӣ истифода мешаванд, дар мантиқи анъанавии муосир ба шинохти қазияҳои ҷиҳатӣ чунин таърифро хос донистаанд: «Қазияҳое, ки дар баробари баррасии мавзуъҳои таркибӣ (содаю мураккаб), робитаю алоқаро ошкор мекунанд, қазияҳои ҷиҳатӣ (модалӣ) номида мешаванд» [9, с. 133].

Чуноне ки аз таърифи ин раванди мантиқӣ бармеояд, вазифаи асосии қазияҳои ҷиҳатӣ барқарор намудани робитаю алоқа ба ҳисоб меравад. Пас бояд вобаста ба таълимоти мантиқӣ сохтори ин навъи қазияҳо муайян карда шавад. Дар мантиқи рамзӣ сохтори формулаи қазияҳои одии ҷиҳатӣ чунин аст: M (S – P аст) ва ё M (S – P нест), ки дар он M мафҳуми ҷиҳатиро ифода мекунад.

Аммо тавре ки аллакай зикр гардид, қазияҳои мураккаб низ метавонанд ҷиҳатӣ бошанд. Агар a ва b қазияҳои сода бошанд, он гоҳ аз қазияҳои мураккаб: $a \wedge b$, $a \vee b$, $a \rightarrow b$, $a \leftrightarrow b$, $a \neg b$ – қазияҳои мураккаби ҷиҳатии мувофиқро ба даст овардан мумкин аст: $M (a \wedge b)$; $M(a \vee b)$; $M(a \rightarrow b)$; $M(a \leftrightarrow b)$; $M(a \neg b)$.

Дар ҳар яке аз ин панҷ намуди қазияҳои мураккаби ҷиҳатӣ мафҳуми ҷиҳатии M-ро бо навъҳои он иваз кардан мумкин аст. Масалан, аз қазияи мураккаби ассертии «Агар ба замин нурӣ андохта шавад, он гоҳ ҳосил зиёд мешавад» чунин хулосаҳои ҷиҳатӣ гирифтан мумкин аст: «Исбот шудааст, ки агар ба замин нурӣ андохта шавад, он гоҳ ҳосил зиёд мешавад»; «Хуб аст, ки агар ба замин нурӣ андохта шавад, он гоҳ ҳосил зиёд мешавад» ва ғайра.

Қазияҳои оддии ҷиҳатиро қазияҳои сода меноманд, ки хусусияти алоқаи байни субъект ва хабарро бо истифода аз мафҳумҳои ҷиҳатӣ ифода мекунанд. Қазияҳои мураккаби ҷиҳатӣ қазияҳои мураккабе мебошанд, ки хусусияти робитаи байни қазияҳои одии таркибии онҳоро

бо истифода аз мафҳумҳои ҷиҳатӣ ифода мекунанд. Бо назардошти қазияҳои одӣ ва мураккаби ҷиҳатӣ гуфтаҳои ҷиҳатиро аз рӯйи мазмун дар таълимоти мантиқӣ қазияҳои ҷиҳатӣ, ки дорои фаслҳои мантиқи меъёрҳо, мантиқи замон, мантиқи амал, мантиқи қабули қарор ва дигар навъҳои мантиқӣ мебошанд, меомӯзанд.

Хулоса, таҳқиқу баррасӣ ва таснифи қазияҳои мураккабу ҷиҳатӣ аз дидгоҳи Насируддини Тӯсӣ бо маҳорати баланди касбӣ анҷом додашуда, таълимот дар бораи ин навъи қазияҳоро агарчи ӯ аз пешиниён ба таври наонқадар васеъ қабул карда бошад ҳам, худ заминагузорӣ намуда, густариш додааст.

Чуноне ки қаблан зикр кардем Насируддини Тӯсӣ ҷумлаҳои хабарӣ ва қазияҳои мураккаабу ҷиҳатиро бо таҳлилу баррасиҳо, дуруст фарқ гузошта, ҳар як кадоме аз онҳоро дар ҷойи худ истифода бурда тавонистааст. Таълимоти мутафаккир ҳарчанд ба моҳияти таснифоти муосир мувофиқат накунанд ҳам, вале ин аввалин зинаи мувофиқаткунонӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Албатта, бо густариши тафаккури инсоният мазмунҳо ва рамзҳои илмӣ тавассути формулаҳо баррасӣ мешаванд. Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки ифода бо формулаҳо дар шакли мукаммали қазияҳои мураккабу ҷиҳатӣ дар таълимоти файласуфони асримиёнагӣ набуд, вале дар ин шакл набудан маънои нестии ин мафҳумро надорад. Баръакс, онҳо, махсусан Хоҷаи Тӯсӣ, ин матолиби мантиқиро дар илм ҷо намуда, бавосита ба заминаҳои илми ҷаҳонӣ таъсири мусбат расонидааст.

***Адабиёт***


1. Аль-Фараби. Логические трактаты. – Алма-Ата: «Наука», 1975. – 670 с.
2. Аристотель. Сочинения в четырех томах. Т. I. – М.: «Мысль», 1976. – 550 с.
3. Войшвилло Е.К. Понятие как форма мышления. – М., 1989. – 238 с.
4. Динонӣ И. Насируддини Тӯсӣ – файласуфи бузург. – Теҳрон, 1384ҳ. – 202 с.
5. Диноршоев М. Философия Насриддина Туси. – Душанбе, 1968. – 157 с.
6. Ибни Сино. Донишнома. Т. I. – Душанбе, 2005. – 854 с.
7. Сайфуллаев Н.М. Логика Ибн Сины. – Душанбе, 1991. – 184 с.
8. Сайфуллоев Н.М., Ивлев Ю.В. Мантиқ. – Душанбе: «Дониш», 2013. – 317 с.
9. Сулаймонов Б.С. Мантиқ. – Душанбе: «Олами дониш», 2023. – 214 с.
10. Смирнов А.В. Логика смысла. – М.: «Наука», 2001. – 503 с.
11. Таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе: «Дониш», 2016. – 892 с.
12. Тӯсӣ Н. Асос-ул-иқтибос. – Теҳрон, 1373 ҳ. – 627 с.
13. Тӯсӣ Н. Таҷрид-ул-мантиқ. – Байрут, 1988. – 712 с.
14. Тӯсӣ Н. Равзаи таслим ё тасаввурот аз каламоти Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 246 с.
15. Тӯсӣ Н. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2009. – 388 с.
16. Худойдодзода Ф.Б. Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины (монография). – Душанбе, 2019. – 257 с.
17. Ҳамадонӣ Ҳ. Донишманди Тӯс. – Теҳрон, 1379 ҳ. – 191 с.


## УСУЛИ ШИНОХТИ ҚАЗИЯҲОИ МУРАККАБУ ҶИҲАТӢ ВА ФАРҚИЯТИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ МАНТИҚИИ НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ

Дар мақола муаллиф ба таълимоти мантиқии барҷастатарин мутафаккири асрҳои миёна Насируддини Тӯсӣ рӯ оварда, дар заминаи китоби бунёдии ин соҳа – «Асос-ул-иқтибос» мавзуъ ва масъалагузории қазияҳои мураккаб ва ҷиҳатиро баррасӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф мутафаккир таълимоти мантиқии худро дар заминаи андешаҳои мантиқии Арасту, Форобӣ ва махсусан Ибни Сино такмил дода, ҳамзамон тавонистааст, ки ба ин қисмати мураккабу мубрами илми мантиқ заминагузорӣ намояд.

Бо қаноатмандӣ гуфтан мумкин аст, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқ ба сарчашмаҳои муътамад рӯ оварда, матлаби мавриди назарро бо далелҳои қотеона баррасӣ намудааст.

Ҳамчунин ӯ қазияҳои мураккаб ва ҷузъҳои онро дар шакли муфассал таҳлил, тақсим ва тасниф намуда, дар заминаи онҳо қазияҳои ҷиҳатиро ҳам бо мисолҳои осонбаён шарҳ додааст. Ӯ самти таҳқиқи Насируддини Тӯсиро ба инобат гирифта, қазияҳои мураккабро аз рӯйи сохт ба шартӣ ва ҳамлӣ ҷудо карда, бо назардошти хусусияти шартиашон онҳоро ба муттасила ва мунфасила, тасдиқию инкорӣ ва ғайра тасниф кардааст.

Муаллиф дар мақола қайд мекунад, ки масъалагузориҳо ва таснифоте, ки Насируддини Тӯсӣ дар осори мантиқиаш, хусусан, дар қазияҳои ҷиҳатӣ анҷом додааст, аввалин иқдом дар шинохти қазияшиносии тоҷику форс ва умуман илми мантиқи ҷаҳонӣ ҳисобида мешаванд.

Хулоса, муаллиф дар мақола тарзи тақсимбандӣ ва усули дуруст истифода кардани қазияҳои мураккабу модалиро дар асоси китоби мондагири Насируддини Тӯсӣ таҳқиқ намуда, шаклҳои дуруст ва нодуруст натиҷа гирифтан, инчунин, бо аломату рамзҳои мантиқи ифода кардани онҳоро нишон додааст.

**Калидвожаҳо:** мантиқ, қазия, қазияи мураккаб, шартии муттасила, шартии мунфасила, ҳамлӣ, шартӣ, тасдиқӣ, инкорӣ, мавзуъ, маҳмул, муқаддам, толӣ, ҷиҳатӣ, Насируддини Тӯсӣ, «Асос-ул-иқтибос».

## МЕТОД ПОЗНАНИЯ СЛОЖНЫХ И КЛЮЧЕВЫХ ПРОБЛЕМ И ИХ РАЗЛИЧИЯ В ЛОГИЧЕСКОМ УЧЕНИИ НАСИР АД-ДИНА ТУСИ

Автор в этой статье рассматривает логические учения величайшего мыслителя Средневековья, Насир ад-Дина Туси, и исследует создание темы и проблемы сложных и тонких вопросов на основе его основополагающей работы в этой области — «Ассос аль-Иктабас». По мнению автора, мыслитель развил свои логические учения на основе идей Аристотеля, Фараби и особенно Авиценны, и при этом смог заложить основы этой сложной и важной части науки о логике.

С радостью можно отметить, что автор в ходе своего исследования обратился к достоверным источникам и обсуждал рассматриваемую тему с убедительными доказательствами. Он также подробно анализировал, разделял и классифицировал сложные вопросы и их составляющие, объяснив основные положения с простыми примерами. Учитывая направленность исследований Насир ад-Дина Туси, он разделил сложные вопросы по их структуре на условные и безусловные, на непрерывные и дискретные, а также на утвердительные и отрицательные...

Автор замечает в статье, что вопросы и классификации, которые Насир ад-Дин Туси сделал в своих логических трудах, особенно в аспекте этой темы, являются первым шагом к пониманию таджикских и персидских исследований и, в целом, мировой науки о логике.

В заключение, автор статьи, исследуя метод классификации и правильного использования сложных и конкретных вопросов на основе книги Насир ад-Дина Туси, показал правильные и неправильные формы получения результатов и их представление с помощью логических знаков и символов.

**Ключевые слова:** логика, суждение, сложные суждения, условно-соединительные, условно-разделительные, предикативные, условные, утвердительные, отрицательные, субъект, предикат, антецедент, консеквент, модальные суждение, Насираддина Туси, «Основа заимствования».

## METHOD OF DEFINITION OF DIFFICULT AND MODAL TASKS AND THEIR DISTINCTIONS THROUGH THE LOGICAL DOCTRINE NASIRUDDIN TUSI

In this article, the author examines the logical teachings of the greatest thinker of the Middle Ages, Nasir al-Din al-Tusi, and explores the creation of topics and the problematization of complex and subtle issues based on his foundational work in this field — 'Assos al-Iqtibas.' According to the author, the thinker developed his logical teachings based on the ideas of Aristotle, Farabi, and especially Avicenna, while also laying the foundations for this complex and important part of the science of logic.

It is with pleasure that it can be noted that the author, throughout his research, has referred to credible sources and discussed the subject with compelling evidence. He also thoroughly analyzed, divided, and classified complex issues and their components, explaining the underlying concepts with simple examples. Taking into account the focus of Nasir al-Din al-Tusi's research, he divided complex issues based on their structure into conditional and unconditional, continuous and discrete, affirmative and negative...

The author points out in the article that the issues and classifications made by Nasir al-Din al-Tusi in his logical works, especially in this regard, represent the first step in understanding Tajik and Persian case studies and, more broadly, the global science of logic.

In conclusion, the author of the article, by examining the method of classification and the correct use of complex and specific issues based on Nasir al-Din al-Tusi's book, demonstrated the correct and incorrect ways of obtaining results and presenting them with logical signs and symbols.

**Keywords:** The logic, judgment difficult judgment, conditional and connecting, conditional and dividing, predicative, conditional, proves, denies, the subject, a predicate, an antecedent, a consequent, modal judgment, Nasiraddina Tusi, "The Loan Basis".

**Дар бораи муаллиф**
Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6,
тел.: (+992) 880588550

**Об авторе**
Сулаймонов Бахманёр Сайдихсонович
Кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии.
Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода.
Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6,
тел.: (+992) 880588550

**About the author**
Sulaymonov Bahmanyor Saidehsonovich
candidate of Philosophy, associate professor of the Department of Philosophy and Politology
Tajik International University of foreign Languages named after Sotim Ulughzoda.
Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.,
phone: (+992) 880588550

ТУД 323.15(57) + 323.15(53)

# ТАҲАВВУЛИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛ ҲАМЧУН ТАРКИБИ АСОСИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Муродзода И.Д.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар низоми идоракунии давлатӣ се зинаи асосӣ: низоми мақомоти ҳокимияти давлатии марказӣ; низоми мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мавриди амалинамоӣ қарор дорад. Муносибатҳои ҷамъиятиро, ки ташкилкунандаи сохтори иҷтимоӣ ва идоракунии давлатӣ мебошанд Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мекунад. Бинобар ин, баъзе аз шаклҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ бо хизмати давлатӣ ва баъзеи дигар ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ алоқамандӣ доранд.

Бояд қайд кард, ки дар тамоми сарчашмаҳо ва асарҳои илмӣ-тадқиқотии ба нашр расидаи олимони ватанию хориҷӣ давраҳои пайдошавӣ, ташаккул ва таҳаввули мақомоти худидоракунии маҳал дар Осиёи Миёна, ба хусус, мардуми тоҷикро ба се марҳалаи асосӣ тақсим кардаанд. Марҳилаи аввал аз оғози пайдоиши ҷомеаи авлодӣ то пирӯзии инқилоб ва бунёди ҷомеаи сотсиалистиро дар бар гирифта, марҳилаи дуюмро даврони ҳукмронии ҳукуамти шӯравӣ ташкил медиҳад. Марҳалаи сеюм аз давраи эъломияи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ шуда, то айни замон тағйиру такмил ёфта истодааст.

Аз ҷумла, муносибатҳои хайрхоҳона ва ҳамкориҳои судманди тарафайн байни умумиятҳои ҳаётгузаронии одамон ва табақаҳои иҷтимоӣ аз мавҷудияти унсурҳои муҳими худиидоракунии маҳал дар таърихи тамаддуни мардуми тоҷик гувоҳӣ медиҳанд. Аммо ин мавзӯъ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст, бинобар ин, оид ба хусусиятгириҳои худидоракунии маҳал иттилоъи комиле ба даст овардан душвор мебошад. Аз бештари сарчашмаҳои таърихӣ ва асарҳои илмӣ-тадқиқотии нашршуда чунин маълумот ба даст меояд, ки худидоракунии маҳал дар кишвари мо баробар бо ташаккули миллати тоҷик ва ҷомеаи тоҷик пайдо шудааст[2, с. 48].

Ҷомеашиноси тоҷик З.Қодиров барҳақ тасдиқ менамояд, ки ячейкаи аввалини худидоракунии маҳал дар таърихи фарҳанги ҷомеадории тоҷик - ин умумияти авлодӣ аст, ки дар он ҷо одамон дар доираи муносибатҳои хешутаборӣ ва хунӣ муттаҳид шуда, мақоми идоракунии он Шӯрои авлод буд. Шӯрои авлод дар тобеият аз шаклҳои ташкилӣ, сохторӣ ва ваколатҳои амалинамоии ҳокимият дар доираи принсипҳои худидоракунии маҳал таъсис дода шуда, роҳбарии он ба уҳдаи кӯҳансоли авлод вогузор карда мешуд[6, с. 7].

Воқеан, дар ҷомеаи авлодӣ кӯҳансолон ё худ солхӯрдаҳо шахсони рӯзгордида буда, насл ба насл аз пешиниёни худ таҷриба андӯхтаанд ва дар ин замина ҷиҳати роҳбарии кардани авлод, ҳал кардани масъалаҳои бамиёномада тавонманд буданд. Манфиатҳои авлод ва муносибатро бо аҳли дагар авлоду қабилаҳо ҳимоя карда метавонистанд. Аз ин рӯ, Шӯрои кӯҳансолон накши асосӣ дар танзими соҳаҳои муҳими ҳаётгузаронӣ ва фаъолияти аҳолии маҳалҳо гузошт. Пеш аз ҳама дар ташкили меҳнати якҷоя бо ҷалби аҳолӣ бобати обёрикунии заминҳо, тоза кардани ҷуйборҳо, сохтан ва таъмир кардани роҳҳо ҳамчун мақом вазифаи идоракуниро иҷро мекард[7, с. 155-156]. Минбаъд Шӯрои мазкур манбаи асосии пайдоиш ва инкишофи мақоми худидоракунии маҳал гашт.

Азбаски, томияти ҳудудӣ ва арзишҳои гузаштаи таърихӣ аз манбаҳои асосии пайдошавии ин ё он ҷомеа мебошанд, пас халқи тоҷик таърихан новобаста аз маскуншавии аҳолӣ дар ҳудуди сулола ва давлатҳои гуногун унсурҳои хоси худидоракунии маҳалро нигоҳ дошт. Аз ҷумла, ҳудуди ягонае, ки дар худидоракунии анъанавии мардуми мо нақши калидӣ бозид, маҳалла мебошад. Аммо мардуми тоҷик бо назардошти ҷойгиршавии аҳолӣ вобаста ба хусусиятгирии ҷуғрофии минтақа ба ҷойи мафҳуми «маҳалла» мафҳумҳои «гузар», «кӯй»,

«деҳа», «қишлоқ» ва дар баъзе мавзеъҳо вобаста ба шумори хонаҳо калимаҳои «даҳа», «сада» ва «ҳазора» - ро истифода мебурданд.

Дар марҳилаҳои баъдинаи таърихӣ, аз ҷумла, бо иттилоъи муаррихи машҳури рус О.А.Сухарева баъди ба империяи Руссия ҳамроҳ гардидани минтақаи Осиёи Миёна барои ифода кардани воҳиди маъмурӣ бештар истилоҳи «квартал» (маҳалла) серистифода гардид[9, с. 103]. Яъне, маҳалла ва дар баъзе мавзеъҳо гузар ба сифати воҳиди маъмурӣ ва ҷойи зисти аҳолӣ эътироф карда шуданд.

Дар асри XIX ва ибтидои қарни XX дар аморати Бухоро мафҳуми «маҳалла» на бо маънои ҷои зисти аҳолӣ, балки қисми ҷудогона ва ё атрофи шаҳрро ифода мекард. Дар Самарқанд низ истилоҳи «маҳалла» ба маънои қисми ҷудогонаи атрофи шаҳр истифода бурда шудааст[9, с. 103].

Ба маълумоти муҳаққиқ А.М.Беленцкий дар Самарқанд ва Ҳирот дар асрҳои XV-XVII маҳалли зисти аҳолиро «кӯй» ва «куча» меномиданд[3, с. 180-181]. Дар Хуҷанд низ то арафаи инқилоб мафҳуми «куй» назар ба мафҳуми «маҳалла» серистифода буд.

Ҳамзамон чӣ тавре муҳаққиқи ӯзбек М.Абдураимов менависад: «Истилоҳи «даҳа» чун «сада» ва «ҳазора» воҳиди ягонаи маъмуриро ифода мекарданд. Масалан, то инқилоб бо чунин маъно умумияти аҳолиро дар деҳаи Хумсойи вилояти Тошкент ном мебурданд» [1, с. 43-51].

Деҳа бошад ҳамчун унсури таркиби иҷтимоӣ дар даврахои гуногуни таърихӣ устувории худро гум накарда, то имрӯз яке аз воҳидҳои маъмурии аҳолинишин, ки маскунини он байни худ робитаи авлодӣ ва хонаводагӣ доранд, ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, авлод - умумияти одамоне аст, ки аз якчанд хонавода таъсис ёфта, дар байни онҳо муносибати хунӣ ва хешу таборӣ мавҷуд мебошад. Аломатҳои хоси он - хоҷагии ягона, ҷойи зисти ягона, ҳамкориҳои муташаккилона ва кӯшиш барои ободӣ ва рушди деҳа ба шумор мераванд, ки то ҳол амалӣ намудани онҳо дар фаъолияти аҳолии ин воҳиди маъмурӣ мавҷуд мебошанд.

Маҳалла унсури дигари воҳиди маъмурӣ дар низоми иҷтимоии ҷомеа мебошад. Таърихан маҳалла аз ҳавлиҳои гуногун, ки дар як кӯча ва ё тангкӯчаи атрофи масҷид ҷойгир шудаанд, ташкил карда мешуд. Вобаста ба ин аломатҳо муҳаққиқон эътироф мекунанд, ки нишонаи асосии мавҷудияти маҳалла, хусусан дар Хуҷанд масҷид мебошад. Бахусус, О.А.Сухарева дар ин бобат чунин иттилоъ додааст, ки «бунёди масҷиди нав пайдоиши маҳаллаи нав, умумияти нав ва доираи нави одамонро ифода мекард, ки имконияти истифода бурдани масҷидро доштанд» [9, с. 77]. Ин далел ба дигар минтақаҳои ҳудуди Тоҷикистони имрӯза низ дахл дорад. Зеро, бунёди масҷиди нав сабаби ташкил шудани маҳаллаҳои нав мегардиданд.

Дигар хусусияти ба маҳалла хос ин ҳудуди он буд, ки маҳз тавассути дарвозаи даромад, ки дар атрофи маҳалла ҷойгир буд муайян карда шуда, аз дигар маҳаллаҳо ҷудо карда мешуд. Тарзи номгузоӣ ба маҳалла низ шаклҳои гуногун дошт. Масалан, маҳаллаҳо вобаста ба мавзеи ишғолкарда (навобод, шаршара, даҳана); шуғли аҳолии он (қолинбофон, заргарон, дуредгарон, пахтакашон) номгузорӣ мегардиданд. Инчунин, ба маҳаллаҳо номҳои шахсиятҳои таърихӣ, одамони баруманд ва намоён гузошта мешуданд. Ин анъана имрӯз низ идома дошта, номгузорӣ вобаста ба мавзеи ҷойгиршавӣ, иқлим, шуғли маскунин, шахсиятҳои таърихию арбобони давлатӣ ва шахсони обуруманди маҳалла ба инобат гирифта мешавад.

Идоракунии маҳалла дар ҷомеаи феодалӣ ба уҳдаи оқсақол («элликбошӣ») вогузор карда шуда буд, ки ӯ аз тарафи аҳолии маҳал интихоб карда мешуд. Теъдоди маҳалла - шумораи аҳолӣ, ҳудуди ишғолкарда, таърихи пайдоиш ва инкишофи шаҳр, ҳамчунин мавҷудияти биноҳои замонавиро муайян мекард. Васеъ шудани ҳудуд, сохтмони шаҳр сабаби пайдошавии маҳаллаҳои нав мегардид[6, с. 9].

Оқсақол шахсе интихоб карда мешуд, ки солхӯрда, таҷрибаи ҳаётӣ дошта бошад ва назар ба дигар сокинони маҳалла доро ва соҳиби сарват бошад. Новобаста аз он, ки интихоби оқсақол аз тарафи аҳолӣ сурат мегирифт, вале ҳолатҳое ба вукуъ меомад, ки ҳангоми интихоби ӯ муносибатҳои хешутаборӣ ва додани пора нақши муассир мегузошт.

Вобаста ба ин матлаб П.А. Кислянов қайд мекунад, ки «… агар дар деҳа якчанд авлод ва ё умумият бошад, ҳар кадоми онҳо кӯшиш мекарданд, ки номзад аз авлоди онҳо интихоб карда шавад. Ҳарчанд обрӯ ва таъсир одатан дараҷаи зиндагии хуб ва сарватро муайян мекард, вале дар чунин ҳолат рақиби ӯ низ аз доираи сарвтмандон буда, ният дошт ҳадя ва туҳфаи арзишмандро ба намояндаи ҳукумат барои интихоб шудан ба вазифаи оқсақол пешниҳод намояд» [5, с. 152]. Дар ин маврид муҳаққиқи ӯзбек М.Абдураимов менависад, ки «дар деҳаи Хумсой якчанд авлодҳо зиндагӣ мекарданд. Ҳар як авлод номзади худро барои вазифаи оқсақол пешниҳод менамуд. Одамони сарватманди авлод барои расидан ба ҳадафи худ пора медоданд, ба амалдорон ва шахсони обурӯманд, ки барои баргузории интихобот таъсири бештар доштанд, зиёфатҳои дабдабанок барпо мекарданд» [1, с. 44-45].

Умуман, оқсақол, арбоб ва амин ҳамчун маъмурини дараҷаҳои поёнии низоми идоракунии давлатӣ дар ҷомеаи феодалӣ назорати иҷрои вазифаҳои ба уҳдаи аҳолӣ гузошташуда, ҷамъи саривақтии андоз, амнияти мардумро таъмин карда, баҳсу низоъҳоро ҳал менамуданд ва муроҷиати мардумро вобаста ба эҳтиёҷот баррасӣ мекарданд. Инчунин, ба маълумоти Ю.Д. Южаков оқсақол санадҳои хариду фурӯши хонаҳоро тасдиқ карда, дар ҷараёни тақсими амволи меросмондаи аҳолӣ иштирок менамуд[12, с. 212-257].

Ҳангоми интихоби оқсақол доро будан ба чунин рукнҳоро муҳим мешумориданд: бояд маълумоти кофӣ дар бораи шароити ҳаётгузаронии маскунини маҳалла, имкониятҳои моддӣ, дараҷаи таъминоти маишии ҳар як сокин дошта бошад, ба амалдорони дарбор оид ба ғун кардани андоз ёрӣ расонанд.

Оқсақол манфиатҳои меҳнатии деҳқононро ҳимоя карда, дар муносибат бо ҳокимияти давлатӣ намояндагии онҳоро ба уҳда дошт. Оқсақол якҷоя бо кӯҳансолони деҳа заминҳои коркардкардаи деҳқононро назорат карда, меъёри гирифтани андозро аз ҳосили бадастомада дар мувофиқа бо амалдорони давлатӣ муайян карда, баҳсҳое, ки миёни андозсупорандагон ва аҳолӣ ба вуҷуд меомад, ҳал мекард. Ҳамзамон аҳолии маҳалларо барои иҷрои корҳо ва уҳдадориҳои давлатӣ сафарбар менамуд. Дар ин бобат чӣ тавре ҷомеашиносӣ тоҷик З.Қодиров иттилоъ медиҳад дар баъзе ноҳияҳо оқсақолро «пайкор» (ба маънои «аз пайи кор ба деҳаҳо рафтан» меномиданд. Зеро, бе иштирок ва маслиҳати ӯ ягон чорабинӣ, аз ҷумла, тӯйи хонаободӣ, суннатӣ, таҷлили идҳои миллӣ ва динӣ, маросими дафн баргузор карда намешуд[6, с. 12].

Ҳамин тавр, унсурҳои асосии худидоракунӣ дар таърихи ҷомеаи тоҷик дар заминаи муносибатҳои меҳнатӣ пайдо шуда, рушд карданд, ки яке аз маъмултарини онҳо «ҳашар» (меҳнати бе музд, ёрии ҳамдигарӣ) мебошад.

Ҳашар бо иштироки мардуми қобилияти коридошта, бо мақсади ободии деҳа бобати иҷро кардани корҳои хусусияти дастаҷамъидошта, аз ҷумла, тоза кардани каналу ҷуйборҳо, кашонидани маҳсулот, коркарди муина, коштани зироатҳо, дарави ғалладонаҳо, бунёд кардани боғҳои ҷамъиятӣ, таъмири иншоотҳои обтаъминкунӣ ва ғайра баргузор карда мешуд. Ин анъана имрӯз низ идома дошта, ба хонаводаҳое, ки қувваи корӣ надошта ва ё бемору эҳтиёҷманд мебошанд, мардуми деҳа ҷиҳати иҷро кардани корҳои ӯ ҳашар ташкил мекарданд. Инчунин, унсурҳои дигар он маказҳои умумии аҳолӣ: «алобхона» (ҷойе, ки дар зимистон атрофи сандалӣ нишаста гарм мешуданд); «гап» (суҳбат, гуфтугӯ); «меҳмонхона» (ҷойе, ки мардуми гуногун ҷамъ мешуданд, ҷойи қабули меҳмонон ва мардуми мусофир) то арафаи инқилоб дар бештари минтақаҳои Тоҷикистон мавҷуд буданд.

Бо вуҷуди ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба ҳукумати Россия ва ба миён гузоштани лоиҳаи ислоҳоти замин низоми худидоракунӣ дар доираи принсипҳои анъанавӣ сурат мегирифт. Аммо пирӯзии инқилоби октябр (1917) дар ҳудуди собиқ империяи Россия боиси ташаккули принсипҳои нави ҳокимияти намояндагӣ гардид.

Мақомоти худидоракунии деҳа ва шаҳракҳо то мустааҳкам шудани намояндагони шӯроҳои халқӣ ба муҳлати муайян амал мекарданд. Аз декабри соли 1917 фаъолияти мақомоти собиқ амалкунандаи худидоракунӣ қатъ гардонида шуда, уҳдадорӣ ба дӯши Шӯрои депутатҳо гузошта шуд. Ҳатто соли 1918 дар Россия мақомоти худидоракунии собиқ амалкунандаро ҳамчун зуҳуроти муқобили шуравӣ эътироф карда, аз ин баъд фаъолияташро

пурра қатъ гардониданд. Тибқи иттилоъи В.И.Васильев дар соли 1918 низоми ягонаи шӯрои депутатҳо таъсис дода шуд. Вай дар худ анҷумани шӯроҳои губернияғӣ, вилоятӣ ва ноҳиявии шӯроҳоро таҷассум медошт. Низом ҳамчунин мувофиқ ба анҷуманҳо, комитетҳои иҷроия ва шӯроҳои шаҳрӣ ва маҳаллӣ интихобшавандаро пешниҳод мекард[4, с. 79].

Ҳамин тавр, даврае, ки дар Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ марҳалаи мутамарказонидан, пурра тобеъ шудани зинаҳои поёнии идоракунии маҳаллӣ ба идоракунии болоӣ рух дод, соли 1924 шуруъ шуд. Як сол баъд ҳамаи ниҳодҳои худидоракунии пешина дар Бухорои Шарқӣ барҳам дода шуда, ба уҳдаи шӯроҳо вогузор карда шуданд. Аммо аз сабаби нарасидани мутахассисон дар маҳалҳо вазифаи шӯроҳо ба дӯши оқсақол ва амлокдорон вогузор гардид. Шӯроҳо дар таркиби низоми ягонаи мақомоти давлатии ҳукумати Шӯравӣ дохил шуда, намояндагони ҳукумати марказӣ дар маҳалҳо муаррифӣ шуданд.

Аввлин санади ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон ҷойгоҳи асосӣ пайдо кард санади ҳуқуқии кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон буд. 7 декабри соли 1924 кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон «»Муроҷиат барои ҳамаи меҳнаткашони ҷумҳурӣ» қабул кард, ки муҳтавояш ин буд: «… вазифаи худ шуморед, ки дар марказ, ҳамчунин дар маҳалҳои ҳокимият то деҳа дастгоҳи хурд, гиро ва арзони шӯравӣ бунёд менамоед, ки воқеан ба деҳқонони камбағал хизмат карда, манфиатҳои онҳоро ҳимоя намояд» [11, с. 69].

Соли 1929 баъд аз ба ҳайати ИҶШС дохил шудани Тоҷикистон марҳалаи нави муҳим, мустааҳкамнамоӣ ва инкишофи давлатдории миллӣ, аз ҷумла, ба танзим даровардани низоми мақомоти маҳаллии идоракунии ҳокимият шуруъ шуд. Аввалин барасмиятдарории ҳуқуқӣ бошад нисбати Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил тавассути қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 25-уми феврали соли 1931 ва анҷумани умумитоҷикии Шӯроҳо ба тасвиб расид. Аммо Шӯроҳои шаҳрӣ ва маҳаллиро бевосита аҳолӣ интихоб мекард. Анҷумани дигари Шӯроҳои мақоми давлатидошта комитетҳои иҷроияи худро аз ҳисоби намояндагони шӯроҳои маҳаллӣ ва шаҳрӣ интихоб менамуданд. Танҳо баъди қабули Конститутсияи дуюми ҷумҳурӣ дар соли 1936 баъзе тағйирот назар ба ҷумҳуриҳои дигари иттифоқ нисбати ташаккули мақомоти маҳаллӣ ворид карда шуд. Яъне, аз ин баъд шӯроҳои маҳалла на тавассути раъйи аҳолӣ, балки тариқи интихоби ошкоро ба роҳ монда шуд. Вале на шӯроҳои давлатӣ ва на маҳаллӣ мустақилияти идоракуниро дар кишвар надоштанд. Намояндагони мақомоти хокимияти давлатии ИҶШС низоми ҳизбии ягонаи давлатиро ташкил намуданд. Аз ин рӯ, Шӯроҳо наметавонистанд бе мувофиқа бо ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ новобаста аз муҳимияти масъала ягон қарорро бароранд. Чӣ тавре дар ин маврид А.Муҳаммадҷонов маълумот медиҳад: «Ҳатто нақшаи панҷсолаи иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии кишвар, ки нақшаи асосии идоракунӣ буд наметавонист, ки бе мувофиқа ба сохтори дахлдор кореро иҷро кунад» [8, с. 34].

Умуман, шӯроҳои маҳаллӣ якҷоя бо дигар шӯроҳои амалкунанда асосҳои сиёсии давлати шӯравӣ, мақоми ҳокимияти маҳаллиро ташкил медоданд. Шӯроҳои маҳаллӣ ҳамчун мақоми худидоракунӣ иҷрои вазифаҳои зерин: сабти таваллуд, додани хати фавт, таъмири роҳҳо ва дигар масоили ба инфраструктураи маҳал дахлдоштаро иҷро мекарданд. Хоҷагиҳо бошанд барои маҳсулот ва самаранокии он ҷавоб медоданд. Даромад аз ҳисоби хоҷагиҳо ба даст меомад. Бинобар ин, онҳо аз ҳисоби буҷент ва дигар захираҳо истифода мебурданд, ки ин салоҳиятро шӯрои маҳалла надошт. Аммо масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ ва хоҷагидорӣ дар ҷаласаҳои шӯрои маҳалла мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор мегирифтанд. Дар ин ҷаласаҳо раис ва котиби ҷаласа интихоб карда мешуд. Тайёр кардан ва татбиқ намудани ҳама гуна лоиҳаҳо бошад ба салоҳияти комитет гузошта мешуд.

Ҳамин тавр, далелҳо собит мекунанд, ки дар муддати 70 соли ҳукумати шӯравӣ дар Тоҷикистон чун дигар давлатҳои иттифоқ дар доираи низоми марказонидашудаи мақомоти намояндагӣ ба таври воқеӣ худидоракунии маҳал вуҷуд надошт ва дигаргунии куллиро дар рушди низоми иҷтимоии кишвар наовард. Ҳарчанд раванди ташаккул ва таблиғи принсипҳои

демократикунонӣ дар давраи бозсозӣ, охирин солҳои мавҷудияти ин кишвар шуруъ шуданд, аммо пошхӯрии ИҶШС ва ва соҳибихтиёр гаштани давлатҳои собиқ иттифоқ барои амалӣ кардани ин иқдомҳо имконият пайдо накард. Соҳибихтиёр гаштани давлатҳо марҳалаи навро дар рушди идоракунӣ, аз ҷумла, худидоракунии маҳалли кишварҳои собиқ иттифоқ ба миён овард. Ҳарчанд 9 апрели соли 1990 дар иттиҳоди шӯравӣ қонун «Оид ба принсипҳои умумии ташкили худидоракунии маҳал ва хоҷагии маҳаллӣ дар ИҶШС» қабул гардида, дар заминаи он 23 феврали соли 1991 дар Тоҷикистон низ қонун «Дар бораи худидоракунии маҳал ва хоҷагиҳои маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуда, тартиботи асосии ташаккули худидоракунии маҳал барқарор шуда, ҳалли масоили хусусияти маҳаллидошта ба салоҳияти ин мақомот гузошта шуд, аммо татбиқ нагашт. Аммо ин қонун барои минбаъд такмил ва тақвият додани механизмҳои худидоракунии маҳал дар дар марҳалаи нави шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муҳим гузошт.

***Адабиёт***


1. Абдураимов М. Пережитки сельской общины в узбекском кишлаке Хумсай// «Советская этнография». - 1959, №4. - С. 43-51.
2. Аминджанов Б.С. Местное самоуправление в Республики Таджикистан / Б.С. Аминджанов. -Худжанд, «Андеша», 2010. - 234с.
3. Беленицкий А.М. Историческая топография Герата XV в. - М.-Л., 1946. - С. 180-181.
4. Азовкин И.А. Васильев В.И. Демократический централизм в системе Советов. - М.: Юрид. лит., 1973. - 230 с.
5. Кислянов П.А. Патриархально-феодальные отношения среди оседлого сельского населения Бухарского ханства в конце XIX - начале XX в. М., Л.; 1962. -170 с.
6. Кодиров З.К. Формирование местного самоуправления как социального института в Республики Таджикистан. - Душанбе, 2017. - 196с.
7. Массон В.М. Первые цивилизации. М.: Наука, 1989. — 268 с
8. Мухамеджанов А. Совет народных депутатов - главное звено социалистического самоуправления// «Сборник научных трудов». - М., 1987. - С. 34.
9. Сухарева О.А. К истории городов Бухарсого ханства. - Ташкент, 1958. – 145с.
10. Сухарева О.А. О терминологии связанной с исторической топографией городов Средней Азии//» Народы Азии и Африки». - М., 1965. №6. - С.103.
11. Фаньян Д. К истории советского строительства в Таджикистане (1920-1929). Сборник документов. Т.1. - Сталинабад, 1941. – 182с.
12. Южаков Ю.Д. Наши приобретения в Средней Азии (Ура-Тюбе и его округ)// «Отечественные записки». - СПб.: 1867, №7-8. - С. 215-257.


## ТАҲАВВУЛИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛ ҲАМЧУН ТАРКИБИ АСОСИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ


Дар ин мақола марҳалаҳои ташаккул ва рушди сохтори худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон аз замонҳои қадим то замони мо баррасӣ шудааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки сарфи назар аз давраҳои гуногуни таърихӣ ва низомҳои сиёсӣ, унсурҳои худидоракунии маҳаллӣ дар ҳаёти мардуми тоҷик ҳамеша мавҷуд буданд. Анъанаҳои коллективона аз рӯи масъалаҳо, ёрии ҳамдигарӣ, худидоракунӣ дар давоми асрҳо нигоҳ дошта, инкишоф ёфтаанд.

Дар ин мақола инчунин шаклҳои гуногуни ташкили худидоракунии маҳаллӣ, аз қабили маҳалла (ноҳия), деҳа ва ғайра таҳлил карда мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳар яке аз ин шаклҳо хусусияти хоси худро доранд, ки ба омилҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ вобастаанд.

Ба нақши пирон (оқсоқол) дар системаи худидоракунии маҳаллӣ диққати махсус дода мешавад. Муаллиф кайд мекунад, ки мӯйсафедон бо таҷрибаи ҳаётӣ ва нуфузи худ дар ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳалли баҳсҳо нақш калон бозиданд.

Дар хотима муаллиф таъкид мекунад, ки омӯзиши таърихи худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон барои дарки равандҳои муосири ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди институтҳои демократӣ аҳамияти бузург дорад.



**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, таърих, анъана, шаклҳои ташкил, маҳалла (квартал), деҳа, пирон (оқсақол), тартиботи ҷамъиятӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ

## РАЗВИТИЕ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ КАК ФУНДАМЕНТАЛЬНАЯ СТРУКТУРА АДМИНИСТРАТИВНОЙ СИСТЕМЫ В НЕЗАВИСИМОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье рассматриваются этапы формирования и развития системы местного самоуправления в Таджикистане, начиная с древнейших времен и до наших дней.

Автор подчеркивает, что, несмотря на различные исторические периоды и политические системы, элементы местного самоуправления всегда присутствовали в жизни таджикского народа. Традиции коллективного решения вопросов, взаимопомощи и самоуправления сохранились и развивались на протяжении веков.

В статье также анализируются различные формы организации местного самоуправления, такие как махалля (квартал), деха (село) и другие. Автор отмечает, что каждая из этих форм имеет свои особенности, обусловленные историческими, географическими и культурными факторами.

Особое внимание уделяется роли старейшин (оксаколов) в системе местного самоуправления. Автор отмечает, что старейшины, обладая жизненным опытом и авторитетом, играли важную роль в решении местных вопросов, обеспечении общественного порядка и урегулировании конфликтов.

В заключение автор подчеркивает, что изучение истории местного самоуправления в Таджикистане имеет важное значение для понимания современных процессов формирования гражданского общества и развития демократических институтов.

**Ключевые слова:** Таджикистан, история, традиции, формы организации, махалля (квартал), деха (село), старейшины (оксаколы), общественный порядок, гражданское общество

## THE DEVELOPMENT OF LOCAL SELF-GOVERNMENT AS A FUNDAMENTAL STRUCTURE OF THE ADMINISTRATIVE SYSTEM IN INDEPENDENT TAJIKISTAN

This article examines the stages of formation and development of the system of local self-government in Tajikistan, from ancient times to the present day.

The author emphasizes that, despite various historical periods and political systems, elements of local self-government have always been present in the life of the Tajik people. Traditions of collective decision-making on issues, mutual assistance and self-government have been preserved and developed over the centuries.

The article also analyzes various forms of organization of local self-government, such as mahalla (quarter), dekha (village), and others. The author notes that each of these forms has its own characteristics, due to historical, geographical and cultural factors.

Special attention is paid to the role of elders (aksakals) in the system of local self-government. The author notes that elders, possessing life experience and authority, played an important role in resolving local issues, ensuring public order and resolving conflicts.

In conclusion, the author emphasizes that the study of the history of local self-government in Tajikistan is of great importance for understanding modern processes of civil society formation and the development of democratic institutions.

**Keywords:** Tajikistan, history, traditions, forms of organization, mahalla (quarter), dekha (village), elders (oksakol), public order, civil society

**Дар бораи муаллиф**
Муродзода Илҳомҷон Давлат
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
Тел: (+992)909773232

**Об авторе**
Муродзода Илхомджон Давлат
Кандидат философских наук, доцент кафедры философии культуры
Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни.
Тел: (+992)909773232

**About the author**
Muradzoda Ilhomjon Davlat
Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Philosophy of Culture
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Тел: (+992)909773232

ТДУ 930.85

# МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ТАМАДДУН ВА ДАВРАҲОИ ТАЪРИХИИ ОН

***Файзуллоев Ғ.Ф***

*Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистонба номи Сотим Улуғзода*

***Юсуфӣ Г. Ш.***

*Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино*

Воқеан, масъалаи тамаддун дар низоми арзишҳои маънавии ҷомеа, бахусус дар ҷомеаи мутамаддин мавқеи хосро доро мебошад. Барои аз ҷиҳати илмӣ ва аз ҷиҳати мантиқӣ ошкор кардани моҳияти масъалаи мазкур мо зарур мешуморем, ки баъзе мафҳуми муносибати ҷамъиятҳои мутамаддинро ҳамчун унсури асосӣ дар улуми ҷомеашиносӣ мавриди таҳлил қарор диҳем.

Тавре маълум аст, мафҳуми «тамаддун» аз калимаи лотинии «civilis» гирифта шуда, аз ҷиҳати этимологӣ маънои «шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ»-ро дорад ва аз нигоҳи этимологияи худ ба маънои «ҷомеаи шаҳрвандӣ» истифода мешавад. Мафҳуми тамаддун яке аз муҳимтарин мафҳумҳои фалсафаи муосир буда, бисёрҷанба ва гуногунҷанба аст, вале моҳияти таҳаммулпазирии он то ҳанӯз пурра дарк нашудааст. Агар таърихи пайдоиши ин истилоҳро ба ёд орем, барои фарқ кардани ҷомеаҳои пешрафта аз ҷамъиятҳои қафомонда, яъне аз давраҳои барбарӣ он ба давраи қадим рост меояд [1, с.123].

Мутафаккирони Юнони қадим ва Рими қадим бо мафҳуми тамаддун ҷомеаи мутараққӣ ва нисбатан пешрафтаеро дар назар доштанд, ки дар асоси қонуният асос ёфтааст ва он дар ҳаёти иҷтимоӣ мувофиқи конститутсия ба роҳ монда шуда, барои тамоми инсонҳо баробар ва ҳатмӣ буд. Ин санадҳо ҳуқуқи шахсӣ ва манфиатҳои ҷамъиятии ҳамаи аъзоёни ҷамъиятро дар ҳолати таҳаммулпазирии онҳо ҳифз мекард. Аз ин рӯ, ҳар як узви ҷомеаи мутамаддин дар замонҳои қадим ҳамчун шаҳрванд вазифадор буд, ки талаботи ин қонунҳоро иҷро намояд. Барбарҳо, ба ақидаи юнониёни қадим, халқи ақибмонда ҳисобида мешуданд, зеро ҳаёти иҷтимоӣ комилан ба шакли муайян, қонуни инкишофёфта асос наёфта буд, аз ин сабаб, сокинон ба ин сиёсатҳо ҳамеша мухолифат мекарданд. Онҳо худро мутамаддин медонистанд, яъне қонунпарвар, озодихоҳ, меҳрубон, бомаърифат, наҷиб, мақсаднок, ватандӯст, далер, одил ва ғайра. Муқовимат аз замони қадим сарчашма гирифта, ба як меъёри фарққунанда табдил ёфтааст, ба яке аз омилҳои муҳими худшиносӣ ва этнография табдил ёфта, дар рушди фардӣ ва иҷтимоии шахсият ва ҷомеа тахассус ёфта, ба тамаддуни башарӣ як такони ҷиддӣ бахшид. Ташаккули ин навъи ҷомеа имкон дод, ки халқу миллатҳо имкон пайдо кунанд, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол намоянд, ҳатто аз он дар байни дигар ҷамъиятҳо ва давлатҳои мутараққӣ ифтихор кунанд. Аз ин ҷиҳат, бунёди ҷомеаи мутамаддин дар таърихи башарият ҳамеша ҳадафи аслии ҳар як миллати пешрафта ва фарҳангӣ будааст [2, с.102].

Дар зиндагии рӯзмарра истилоҳи «тамаддун» ҳамчун муодили вожаи «фарҳангӣ» истифода мешавад ва хусусияти сифатии ҷомеаро нишон медиҳад. Бешак, тамаддун дар таърихи рушди ҷомеа, ки пас аз бераҳмиву ваҳшиёнае, ки дар насабномаи башарият ба вуқӯъ омада буд, баландтарин зина аст. Ин падида ба маънии истифодааш аз мафҳуми «фарҳанг» фарқ мекунад ва дараҷаи баланди инкишофи онро дарбар мегирад. Аз ин нуктаи назар мафҳуми «ҷамъияти мутамаддин ҷамъиятест, ки маданияти баланди моддию маънавӣ доро мебошанд.

Қобили зикр аст, ки падидаи «фарҳанг» дар давраи маорифпарварӣ ва замони нав моҳияти фардӣ ва шахсӣ пайдо карда, бо сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ печида мешавад ва то андозае бо мафҳуми «тамаддун» якҷоя мешавад. Омӯзгорони барҷастаи аврупоӣ истилоҳи «тамаддун»-ро ба ҷомеаи шаҳрвандӣ – ҷомеаи хеле пешрафта ва фарҳангии барҷастае, ки дар он озодӣ, баробарӣ, маърифат, маориф ва фарҳанг бартарӣ дорад, истифода кардаанд, ки метавон марҳилаи ибтидоии ҷудошавии ин мафҳумҳоро дар натиҷаи таҳаммулпазирӣ арзёбӣ кард. Гузашта аз ин, тамаддун ба гуфтаи онҳо, баландтарин зинаи рушди иҷтимоист, ки ҳаёти олиро дарбар мегирад [3, с.107].

Тамаддунро ҳамчун истилоҳи илмӣ дар қиёс бо мафҳуми «фарҳанг» равшанфикрони фаронсавии асри 18 барои тавсифи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар он озодӣ, адолат ва волоияти қонун ҳукмрон буд ва дар фалсафа ва иҷтимоӣ васеъ истифода бурдаанд. Илм мавқеи худро собитқадамона мустаҳкам намуд. Зимнан равшанфикрон буд, ки вожаи тамаддунро ҳамчун истилоҳи илмӣ барои тавсифи як давраи муайяни рушди ҷомеаи мутараққӣ, ки пас аз давронӣ ваҳшӣ ва ваҳшиёна ба вуҷуд омадааст, ки онро инсоният дар ҳолати таҳаммул ва шекобӣ сазовор гаштааст. Аз тарафи дигар, онҳо тамаддунро ҳамчун таҷассуми тамоми комёбиҳои тафаккури инсонӣ оқилона муайян кардаанд. Ба ақидаи онҳо ҷори намудани хоҷагии қишлоқ ва зироаткорӣ, барпо намудани шаҳру кишварҳо, ба вуҷуд омадани хат, ҷори намудани қонун дар марҳалаи аввалини таърихии онҳо, ин ҳама алоқаманд тамаддун мебошад. Маҷмӯи дастовардҳои инсоният тамаддунро равшанфикрон таъриф намуда, ба ин васила ҳуқуқи табии инсон ба озодиро таъкид кардаанд. Онҳо дар назди ҳукумат озодӣ ва соҳибихтиёрии халқро муҳофизат намуда, аз ҳукуматдорон талаб мекарданд, ки поквиҷдонӣ, масъулиятшиносӣ ва вазифаи худро дар назди тобеон иҷро кунанд. Бисёрии онҳо дар симои тамаддун идеали ҷамъияти тараққипарвар, ҳуқуқбунёд, одил ва ашхоси таҳаммулпазирро медиданд. Баъдан истилоҳи тамаддунро мутафаккирон ба ду маъно истифода мебаранд:

1) ҷомеаи хеле рушдёфта, ки ба хирад, адолат ва қонун асос ёфтааст;

2) тамаддун бо дину фарҳанг алоқаи зич дошта, сатҳи баланди рушди фарҳанг нишондиҳандаи пешрафт ва рушди ҷомеа мебошад.

Пас, Виктор Рикети де Мирабо тамаддунро ҳамчун ҷомеае тавсиф кардааст, ки бар пояҳои олии ахлоқӣ, беҳтарин қоидаҳои рафтор ва муоширaт, манъи хушунат ва истисмори инсон аз ҷониби инсон асос ёфтааст.

Дар ибтидои асри 19 Ф.Гизо барои бартараф намудани зиддиятҳои байни пешрафти инсоният ва гуногунии таърихию мадании халқҳо кӯшиш мекард. Тибқи консепсияи ӯ тамаддун аз ду қисм иборат аст:

1) ҷузъи иҷтимоӣ - берунӣ нисбат ба шахс ва тамоми олам;

2) ҷузъи зеҳнӣ – ҷузъи ботинӣ, ки табиати шахсии ӯро муайян мекунад.

Тамаддун, ба эътиқоди ӯ, таъсири мутақобилаи ин ду падида буда, асоси рушди он ҳамбастагии падидаҳои иҷтимоӣ, таҳаммулпазирӣ ва фикрӣ мебошад. Барои Ф.Гизо мафҳуми «тамаддун» синоними «идеяи прогресс» мебошад, ки афзоиши пай дар пайи ҷамъият, инкишофи прогрессивии он, такмили сохтор ва худтакомули ахлоқии инсон мебошад. Яъне «Ин пешравӣ садсолаҳо вуҷуд дошт ва ҳамеша дар ҳоли пешрафт аст» [4, с.76].

Баъдтар Л.Морган дар асари худ «Ҷамъияти қадимӣ» таърихи инсониятро ба ду давраи калон ҷудо мекунад: 1) давраи ибтидоӣ, ки аз ташаккули миллатҳо ва наслҳо оғоз мешавад; 2) давраи минбаъда — ба вуҷуд омадани территорияҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ. Ин марҳалаҳо тамоми халқҳо ва маданиятҳои ҷаҳон — аз пешқадам то ақибмондаро фаро гирифта, хусусияту хислатҳои худро доштанд. Кашфи оташ, ихтирои тиру камон ҳамчун воситаи шикор ё муҳофизат, рушди кулолгарӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ, заминкорӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ, инчунин ташаккули дигар шаклҳои муштараки одамон фаъолият ҳамчун давраҳои пешравӣ ва аз як тамаддун ба тамаддуни дигар гузаштан эътироф карда мешаванд. Морган мефаҳмад, ки дар аввал моликияти ҷамъиятӣ вуҷуд дошт, вале баъдтар бо инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҷамъият моликияти хусусӣ ҳукмфармо шуд. Ӯ таърихи пайдоиш ва ташаккули оиларо меомӯзад ва пайдоиши оилаҳои якхами (иборат аз як зан ва як мард)-ро яке аз аломатҳои муҳимтарини тамаддун медонад. Ба ақидаи ӯ тамаддун марҳилаи муҳими таърихи рушди ҷомеа мебошад. Минбаъд Ф.Энгельс ин ақидаҳои Л.Морганро инкишоф дода, дар асари машҳури худ «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» якчанд хислатҳои давлатро ҳамчун аломати пешравии ҷамъият муайян кардааст:

1) дараҷаи баланди моддӣ; ва рушди техникӣ;

2) пайдоиши муносибатҳои истеҳсолӣ, пулӣ, бозорӣ ва моликияти хусусӣ;

3) тафриқаи иҷтимоӣ, ба синфҳо ва низоъҳо тақсим шудани ҷомеа; 4) пайдоиши давлат ва ҳуқуқ;

5) оилаҳои якхамӣ.

Бояд гуфт, ки дар асри 19 барои аз нав дида баромадани мафҳум ва моҳияти падидаи «тамаддун» заминаи мустаҳкам гузошта шуд. [7].

Олими барҷастаи рус Н. Данилевский (1822-1885) аввалин шуда сохти тамаддунии ҷамъиятро ҳамчун проблемаи бисёр тамаддунҳо кашф кард. Вай намудҳои тамаддуни таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла типи нави тамаддуни ҷавон — славяниро нишон дод. Ӯ ҳамаи халқҳои мутамаддинро ба се гуруҳи асосӣ тақсим мекунад:

1) таърихнигорони пешқадам;

2) муаллифони ҳикояҳои манфӣ;

3) эҷодкороне, ки ба дигар мақсадҳо хизмат мекунанд [5, с.195].

Мувофиқи таълимоти ӯ ба гурӯҳи якум тамаддунҳое дохил мешаванд, ки ба инкишофи маънавии одамон ҳисса гузоштаанд: тамаддуни мисриёни қадим, чини қадим, юнониҳо, румиён ва амсоли он. Данилевский ба гурӯҳи дуввум ҳамон навъи таъриху фарҳангеро номидааст, ки боиси фурӯпошӣ ва нобудии тамаддунҳои таназзулёфта, аз қабили туркҳо, муғулҳо ва ғайра гардидаанд. Ба гурӯҳи сеюм фарҳангҳое шомил мешаванд, ки на нақши созанда ва на қувваи харобиоварро дар замони муосир бозидаанд. Ҳар як шакли таърихию фарҳангӣ аз ҳолати этнография ба давлат ва баъд ба тамаддун табдил меёбад. Дар зери мафҳуми давраи тамаддун Н.Я. Данилевский давраи таърихиеро дар назар дорад, ки халқҳо фаъолияти маънавии худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз сар мегузаронанд. Дар раванди инкишофи минбаъдаи илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, дар давраи ташаккул ва афзоиши пай дар пай муносибатҳои ҷамъиятии капиталистӣ дар тадқиқоти мутафаккирони намоёни Ғарб мафҳумҳои «тамаддун» ва «фарҳанг» қатъиян аз ҳам ҷудо карда шуданд. Масалан, комилан бошуурона дар назарияи олими немис О.Шпенглер фарҳанг ва тамаддун ҳамчун ҳодисаҳои ба ҳам зид тавсиф шудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки маданиятҳо мустақилона ба вуҷуд омада, аз ҳамдигар мустақилона инкишоф меёбанд. Ҳар як фарҳанг хусусияти худро дорад ва он як ҷисми рамзист, ки ҳаёти ин мафҳумро таҷассум мекунад. Ҳар он чизе, ки зиндагӣ мекунад, дер ё зуд мемирад. Ҳар он чизе, ки рӯҳ дорад ва таваллуд мешавад, худро ифода мекунад, аз кӯдакӣ, калонсолӣ, пирӣ мегузарад ва дар ниҳоят мемирад. Ҳамин чиз бо ҳар фарҳанг, ки «аз рӯҳи беканори одамони ибтидоӣ сарчашма мегирад ва баъд образи асолати бузург ва дар айни замон маҳдудро ба вуҷуд меоварад. Вай мисли растаниест, ки танҳо дар як макони маҳдуд ва мушаххас месабзад ва ҳамеша бо ин макон алоқаманд аст. Тамоми қувваи табиати маданият дар образҳои гуногуни халқҳо ва забонҳо, давлатҳо, таълимоти динӣ, илму санъат зоҳир мегардад» [6, с.120].

Ғайр аз ин, баробари ҷалб шудани тамоми қувваҳои моддию маънавии маданият вай ба буҳрон дучор мешавад ва ба ҳолати аслии худ бармегардад. Аммо, ба андешаи мутафаккир раванди пайдоиш, инкишоф ва таназзули фарҳанг содда ва бемамониат нест. Вай махлуқи зинда аст ва дар вай мубориза тезутунди дутарафаи қувваҳои гуногун ба амал меояд: — аз як тараф вай ба таври зоҳир кор мекунад — барои қувват гирифтан, мустаҳкам намудани вай ва ба тартиб андохтани муҳит; — аз тарафи дигар, вай аз рӯи масъалаи дохили амал мекунад, ки дар он чо эҳсосоти ҷанговар ҷамъ шудааст, қудрати маданият бар қувваҳо ва виҷдони зеҳниро таъмин менамояд [7, с.68].

Таназзули фарҳанг дар натиҷаи исроф шудани тамоми қувваҳои маънавии он, вақте ки арзишҳои фарҳангҳо беқурб мешаванд ё маънои ҳаётро гум мекунанд, ба амал меояд. Зеро дар ин давра андеша ва нияти одамон ба арзишҳои волои фарҳангӣ не, балки ба ҳадафҳои манфиатҳои шахсӣ ва беҳбудию бетаҳаммулии онҳо моил шудааст. Шпенглер ин рӯзҳоро бо фаворасии давраи тамаддун алоқаманд мекунад: «Тамаддун тақдири ногузири маданият аст. Оянддаи Ғарб на танҳо харакати сарҳадиест, ки ҳамеша пеш ба боло, ба сӯи идеалҳои мо пеш меравад. Замони нав марҳилаи тамаддун аст, на фарҳанг ва тамаддун марги маънавии фарҳанг аст». Муаррихи маъруфи фаронсавӣ Ф.Бродел тамаддунро яке аз устувортарин ҷамъиятҳои башарӣ медонад, ки таърихи хеле тӯлонӣ дорад. Муаррих асоси тамоми тамаддунҳоро дар сохтори тафаккури мардум: дар эътиқод, дин, расму оин, расму оин, муносибати одамон ба ҳаёти оилавӣ, зиндагӣ ва марг ва ғайра медид. Ба ақидаи ӯ ҳамин

сохтори тафаккури одамон аст, ки дар фарҳанги халқҳо аз қадим вуҷуд дошта, дар муддати тӯлонӣ ганҷинаи арзишҳои нотакрор, ибтидои ҳувият, моҳият ва вижагиҳои ягон тамаддун мебошад. Вай таъкид мекунад, ки тамаддун моли гузашта аст, на оянда [8, с.193].

Баррасии мафҳумҳои мавҷуда дар адабиёти фалсафӣ ва фарҳангӣ имкон медиҳад, ки бархӯрдҳои асосии муҳаққиқон оид ба робитаи байни «фарҳанг» ва «тамаддун» муайян карда шавад:

а) мафҳумҳои «фарҳанг» ва «тамаддун» синоним буда, байни онҳо фарқияти хосе вуҷуд надорад. Масалан, А.Тойнбӣ тамаддунро марҳилаи муайяни фарҳанг мешуморад ва дар самти маънавии он динро унсури асоси ва муайянкунанда медонад;

б) байни фарҳангҳо ва тамаддунҳо ҳам монандӣ ва ҳам тафовути ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ин фикрро муаррих ва этнографи Франсӯз Ф.Бродел ба миён гузоштааст. Ӯ тамаддунро дар партави падидаҳои маънавӣ, ки ба табиати тафаккури миллӣ – менталитет асос ёфтаанд, таҳқиқ намуда, тамаддунро асоси фарҳанг шарҳ додааст;

в) фарҳанг ва тамаддун ба ҳам мухолифанд. Ин ақида дар назарияи файласуфи немис О.Шпенглер дар китоби «таназзули Аврупо», ки ӯ тамаддун ва маданиятро муқобил гузоштааст, инъикос ёфтааст. Ба ақидаи ӯ тамаддун фарҳанги мурдан, яъне мурдан ва пӯсида аст. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, масъалаи таносуби фарҳанг ва тамаддунро дар ҳоле пурра ҳал кардан мумкин аст, ки агар тамаддун ҳамчун падидаи фарҳангӣ, яъне маҳсули фарҳанг, моҳият ва ҷузъи таркибии он ҳисоб карда мешавад. Фарҳанг на танҳо усулу технологияи зиндагӣ ва тамоми фаъолияти эҷодии одамонро дарбар мегирад, балки дар асоси арзишҳои муҳимтарини ҳаётӣ ташаккул ёфта, ҳаёт ва мавҷудияти инсонро ифода мекунад [9, с.111].

Коршинос дар ин таҳаввул ҳамчунин мафҳумҳои калидӣ ва бахшҳои печидаи ҷомеашиносии дини ғарбӣ дар мобайни асри гузашта, аз қабили дунявӣ, гуногунандешии динӣ, шаклҳои нави диндорӣ ва ҳувияти динӣ, “маҳрумкунӣ”-и дин, шаклҳои диндорӣ, «ҳуқуқи инсон» ва вазифаи «шахси динӣ» ва ғ зикр намудааст. Ӯ ба падидаи дунявият ва таъсири он ба дин ва ҷаҳонбинии динӣ таваҷҷуҳи хоса дода, барои ин аз системаи сотсиологи амрикоӣ Л.Шайнер дар таълимоти дигари дунявиятӣ дар илм муҳим мешуморад. Бояд гуфт, ки зуҳуроти тадриҷан онҳоро ҳоло дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик, ки бо роҳи тараққиёти мутамаддин пеш рафта истодааст, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар навъи таълимот дунявият дар ҷомеаҳои мутамаддин таъсири дин ба сатҳи шуури фард тавсиф мешавад. Ва яке аз тарафдорони ин навъи таълимоти дунявӣ Б.Вилсон онро ҳамчун «раванде муайян мекунад, ки дар он ниҳодҳои динӣ, шуур ва амалия, аҳамияти пештараи иҷтимоии худро гум мекунанд. Дар ҳамин ҳол, тағйироти мазҳабӣ дар кишварҳои гуногун сурат мегирад» [[10, с.123].

Пажӯҳишгарон ва дигарон муътақиданд, ки на амалияи фарҳанг, тамаддун ва ниҳодҳои динӣ дар ҷомеа таъсир мерасаонад, балки танҳо шуури мазҳабӣ дар ҷомеаи мутамаддин қобили мулоҳизаро дар пай дорад. Ин аз он сабаб аст, ки одамони муосир назар ба дирӯз дигар хел фикр мекунанд, ба олам ба таври реалистона менигаранд ва ба аҳкоми динии классикӣ такя намуда, амалҳои худро зина ба зина анҷом медиҳанд. Дар ҳама давру замон шуури диниро метавон нигоҳ дошт, аммо мазмуни он дар ҷомеаҳои мутамаддин бо огоҳи дошатан аз сарчашмаҳои аз мазоҳиби гуногун дар ҳоли рушд ҷомеа тағйир меёбад, ки аз дунявӣ будани аъзои он ҷомеа шаҳодат медиҳад.

### ***Адабиёт***


1. Атахонов Т., Сулаймонов С. Тамаддун (Матн). – Душанбе: Ирфон, 2003. – 324 с.
2. Амирхонов Ш., Элназаров М. Фарҳангшиносӣ (китоби дарсӣ). – Душанбе, 2020. – 254 с.
3. Авеста. Отчет и исследование Джалиля Достоха; Разработчик Муаззами. – Душанбе, 2008. – 150 с.
4. Абдуллоев Ш., Мардонов А., Джумаев Р. и другие. В поисках культуры Гиссарской долины / Редактор Н. Неъматов. – Душанбе, 2002. – 82 с.
5. Бобоқулов И., Дилоев Н. Фарҳангшиносӣ (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2007. – 237 с.

6. Гафуров Б.Г. Таджики. Состоит из двух книг. Первая книга: История древнейших, древних и средних веков / Ответственный редактор А. Мухторов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 416 с.
7. Идиев Х. Фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2013. – 378 с.
8. Рахмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории: От Арийцев до Саманидов. – Лондон, 1999. – 240 с. (текст на таджикском и русском языках).
9. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих (шумораи 4). – Душанбе, 2013. – 304 с.
10. Нематов Н. Государство Сомония / Редактор М. Ракиби. – Душанбе: Ирфан, 1989. – 304 с.
11. Сафар Суламонӣ. Фарҳангшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 491 с.
12. Файзуллоев Ғ. Фарҳангшиносӣ (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2021. – 152 с.
13. Файзуллоев Ғ.Ф. Мавқеи тамаддун дар низоми ҷомеаи шаҳрвандӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. №2. – С. 119-125.
14. Файзуллоев Ғ.Ф., Сайфуддинова Р.С. Ғояҳои маорифпарварии халқи тоҷик. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – № 4(16). – С. 53-61.

## МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ТАМАДДУН ВА ДАВРАҲОИ ТАЪРИХИИ ОН

Пеш аз гузаштан ба баррасии масъалаи мавқеи таҳаммулпазирӣ дар низоми арзишҳои маънавии ҷомеаи муосир бояд қайд кард, ки ҷомеаи мутамаддин на танҳо мавҷудияти давлатдории он, балки ҷузъҳои зиёди дигарест, ки дараҷаи инкишофи он аст. Барои аз ҷиҳати илмӣ ва аз ҷиҳати мантиқӣ ошкор намудани моҳияти масъалаи муҳокимашуда мо зарур мешуморем, ки баъзе мафҳумҳои муносибатҳои ҷамъияти мутамаддин ва динро ҳамчун унсури парастиш дар илми ҷамеашиносӣ муҳокима намоем.

Дар ҳамин ҳол, мо муътақид менамоем, ки на амалияи таҳаммулпазирӣ ва ниҳодҳои динӣ, балки танҳо шуури мазҳабӣ дар ҷомеаи мутамаддини муосир тағйироти амиқро ба вуҷуд меоварад.

Ин аз он сабаб аст, ки одамони муосир назар ба дирӯз дигар хел фикр мекунанд, ба дунё ба таври воқеӣ нигоҳ мекунанд ва бо такя ба аҳкоми динии классикӣ амалҳои худро анҷом медиҳанд. Маҳакаи асосии дин ва шуури диниро хатто нигоҳ дошта, мазмуну муҳтавои онро дар ҷомеа гоҳо тағйир медиҳанд, ки аз дур будани шуури онҳо аз асли дин мебошад. Бояд гуфт, ки дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷикон низ тараққиёти диниро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба ҳар навъ таълимоти илми динӣ ва дунявӣ дар ҷомеаҳои мутамаддин ҳамчун сатҳи шуури фард тавсиф мешавад, ки ҷомеа дар натиҷаи таҳаммулпазирӣ ба комёбиҳои беназир мерасад.

**Калидвожаҳо:** илм, таҳаммулпазирӣ, дин, ҷомеа, рушд, фикр, мутафаккир, донишманд, аср, давр, ниёгон, рушанфикр, адабиёт.

## ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ЦИВИЛИЗАЦИИ И ЕЕ ИСТОРИЧЕСКИЕ ПЕРИОДЫ

Прежде чем перейти к вопросу о месте религиозного мировоззрения в системе духовных ценностей современного общества, следует отметить, что цивилизованное общество - это не только наличие своей государственности, но и многие другие составляющие его развития. Для того чтобы научно и логически раскрыть суть обсуждаемого вопроса, мы считаем необходимым обсудить некоторые концепции взаимоотношений цивилизованного общества и религии как элемента поклонения в социальных науках. В то же время мы считаем, что не религиозная практика и религиозные институты, а только религиозное сознание вызовут глубокие изменения в современном цивилизованном обществе.

Это связано с тем, что современные люди думают иначе, чем вчера, реалистично смотрят на мир и действуют в соответствии с классическими религиозными заповедями. Они даже сохраняют основные постулаты религии и религиозного сознания и даже меняют его содержание в обществе, что связано с удаленностью их сознания от сущности религии. Следует отметить, что в сегодняшнем таджикском обществе наблюдается религиозное развитие. Любое учение религиозной и светской науки в цивилизованных обществах описывается как уровень индивидуального сознания.

**Ключевые слова:** наук, религия, общество, тростник, мысль, мыслитель, ученый, век, предки, просвещение, литература.

## STAGES OF THE DEVELOPMENT OF CIVILIZATION AND ITS HISTORICAL PERIODS

The author's article analyzes and examines the issues of the author's research, which depend on goods and products, quality of goods, conclusion of a contract, termination of a contract, studied deeply and within the framework of science and civil law, which may be small, but the issue of its maintenance and use is implemented. Regardless of the importance of the product and packaging in ensuring the quality of the product, in Tajikistan the role of the packaging industry is not taken into account properly. It is important to note that along with the fact that the product must be of high quality and safe, the container and packaging of the product must also be of high quality and safe. For the effective development of the packaging industry in order to ensure and protect consumer rights, we propose to develop and adopt the Concept of Development of the Packaging Industry in the Republic of Tajikistan, which should include the following issues: technology of production and packaging of goods; information on the quality and safety of the device and packaging; responsibility of manufacturers of the device and packaging.

**Keywords:** legal and cultural responsibility, purchase and sale, product quality, product quality, safety quality, complete products, manufacturer, product protection, requirements, category, contract, tender conditions.

**Дар бораи муаллифон**:
Ғаюров Шукрулло
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
мудири кафедраи ҳуқуқи шаҳрвандӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рудаки, 17, 734025
Телефон: (+992) 935103862,
E-mail: shukrullo67@mail.ru

Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло
Аспиранти кафедраи ҳуқуқи маданӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рудаки, 17, 734025
Телефон: (+992) 886018383,
E-mail: sayvali.kodarov@mail.ru

**Об авторах:**
Гаюров Шукрулло
Доктор юридических наук, профессор
Заведующий кафедрой гражданского права
Таджикский национальный университет
Адрес: Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17, 734025
Телефон: (+992) 935103862,
E-mail:: shukrullo67@mail.ru

Кодирзода Сайвали Мухибулло
Аспирант кафедры гражданского права
Таджикский национальный университет
Адрес: Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17, 734025
Телефон: (+992) 886018383,
E-mail:: sayvali.kodarov@mail.ru

**About the authors:**
Ghayurov Shukrullo
Doctor of Law, Professor
Head of the Department of Civil Law
Tajik National University.
Address: Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17, 734025
Phone: (+992) 935103862,
E-mail: shukrullo67@mail.ru

Qodirzoda Sayvali Muhibullo
Postgraduate Student, Department of Civil Law
Tajik National University.
Address: Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17, 734025
Phone: (+992) 886018383,
E-mail: sayvali.kodarov@mail.ru

ТДУ 94(575.3)"1917/1991"

# ТАКМИЛИ ТАҶРИБАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

***Азиззода У.А., Раҳимов Р.Л.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Коррупсия яке аз падидаҳои манфии таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳама давру замонҳо ба он муқовимат нишон дода мешуд. Маҳз дар ҳамин раванд механизми мукаммали муқовимат ба коррупсия таҳия гарддааст. Тоҷикистони шуравӣ низ дар такмил ёфтани механизми муқовимат ба коррупсия нақши назаррас гузоштааст. Таҷрибаи бузурги давраи шуравӣ дар такмили қонунгузории муосир, механизми муқовмат ба коррупсия заминаи боэътимод гузошта, самаранокии муқовиматро зиёд намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки таърихан вуҷуд доштани коррупсияро касе рад карда наметавонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи масъалаи мазкур андешаҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, олимони ватанӣ А.И. Сафарзода ва А.Х. Авзалов қайд намудаанд, ки коррупсия аз замонҳои қадим башариятро ҳамроҳӣ мекард. Сабабҳои пайдоиши коррупсия вобаста ба давраи таърихӣ ва марҳилаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо хеле гуногунанд ва аз ин рӯ таҳияи баъзе воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии универсалии пешгирӣ ва рафъи он ғайривоқеӣ ба назар мерасад. Мушкилоти мубориза бо коррупсия на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хос аст [17, с. 175]. Дар ин хусус, М.М. Холинова низ иброз доштааст, ки коррупсия таърихи қадим дошта, марҳила ба марҳила дар шаклҳои гуногун вусъат ёфтааст [22, с. 14]. Тавре бармеояд, коррупсия аз замонҳо қадим пайдо шуда, давра ба давра ташаккул ёфта, шаклҳои навро ба худ касб намудааст. Дар баробари ин, мехнизм ва чораҳои муқовимат ба он низ дар ин марҳилаҳои таърихӣ мукаммал гардида, ба яке аз таҷрибаҳои пурғановат табдил ёфтааст.

Дар замони Шӯравӣ василаҳои маъмурию ҳуқуқӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо фасод таҳия шуда буданд, бахусус бо назардошти он, ки ҳукумати Шӯравӣ аз замони таъсиси худ бо мушкилоти ҷиддии фасод дар низоми хидмати давлатӣ рӯбарӯ буд. Тағйирот дар низоми давлатдорӣ коррупсияро комилан аз байн бурда натавонист, аммо имкон дод, ки ба муҳити нави маъмурӣ мутобиқ шавад. [21, с. 141]. Зимнан, дар осори он солҳо оид ба коррупсия ҳамеша нишон дода мешуд, ки ин падидаҳо осори нангини замони гузашта буда, дар оянда дастгоҳи давлатии шуравӣ аз падидаҳои манфии дахлдор озод хоҳад шуд. Ба андешаи М.М. Холинова, “Тоҷикистон низ аз оғози саддаи XX дар сайёра ҳамчун давлати мухтор ва баъдан кишвари мустақили шуравӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ эътироф гардида, аз оғози марҳалаҳои нахустини давлатдорӣ ба комёбиҳои бузург даст ёфт. Аммо бархе аз мушкилот низ дар идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дида мешуд” [22, с. 14], ки коррупсия аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мерафт.

Имрӯзҳо коррупсия аксар вақт бо пул алоқаманд аст, аммо бо вуҷуди он ки ҳукумати нави шуравӣ мушкилоти коррупсияро комилан ҳал карда буд, он ҳанӯз дар ИҶШС вуҷуд дошт, вале шакли дигарро ба худ касб намуда буд. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШСФР мафҳуми мушаххас вуҷуд надорад, вале ба таври умум эътироф шудааст, ки порахӯрӣ содир намудани кирдорест, ки ҳам барои гирифтан ва ҳам додани пора нигаронида шудааст [16, с. 212-215]. Маҳз таҷрибаи порахӯрӣ ва муқовимат ба он, ки дар ҳудуди аввалан ҶШСФР ва баъдан ИҶШС вуҷуд дошта, дар ҳудуди кишвари мо низ паҳн гардидааст. Аммо, таҷрибаҳои муқовимат ба коррупсия дар сарзамини кишвари мо хусусиятҳои хоси худро дошт, зеро фарҳангу ахлоқ, таълимотҳо, аз ҷумла, маърифати ҳуқуқию динии шаҳрвандон дар ин раванд таъсир мерасонид.

Ш.Х. Солиев қайд мекунад, ки “амалҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони муосир танҳо падидаи замони соҳибистиқлолӣ набуда, дар даврони шуравӣ миёни хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон ба чашм мерасид. Порадиҳиву порагирӣ, ошнобозӣ ва непотизм, фаворитизм ва дигар навъҳои амалҳои коррупсионӣ ҳанӯз дар ин давра ҷой доштанд. Аз ин хотир, метавон даврони шӯравиро ҳамчун заминагузори зуҳури коррупсия дар давраи соҳибистиқлолӣ

баҳогузорӣ намуд"[18, с. 25]. Албатта, андешаи мазкур ҷой дорад, вале набояд фаромуш сохт, ки амалҳои коррупсионӣ ҳануз аз давраи пайдоиши ҳокимияту давлатдорӣ, яъне то замони шуравӣ низ вуҷуд дошт. Ҳарчанд дар давраи шуравӣ ин падидаи манфӣ авҷ гирифта, механизми муқовимат ба он низ пурзур гардида бошад ҳам, заминаи он дар давраҳои пештар гузошта шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани низоми сиёсӣ баъд аз октябри соли 1917 коррупсия ҳамчун зуҳурот барҳам нахурда, ба он муносибати риёкорона ташаккул ёфт. Андешаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ тасдиқи худро ёфтааст. Аз ҷумла, олимони ватанӣ қайд намудаанд, ки чунин ақидае, ки гуё дар ИҶШС коррупсия вуҷуд надошт, нодуруст аст. Ин ба он далел аст, ки дар замони шуравӣ тамоюли инкор кардани коррупсия вуҷуд дошт. "Ин дар мавҷуд набудани мафҳуми устувори «коррупсия» то охири солҳои 1980-ум ба ҷои истилоҳҳои «порахӯрӣ», «сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ» ва «хунукназарӣ» ифода ёфтааст" [17, с. 180]. Дар дигар адабиёти илмӣ низ қайд мегардад, ки тибқи маълумоти мавҷуда, ин истилоҳ танҳо дар миёнаҳои солҳои 80-ум мавриди истифода қарор гирифт. Ин истилоҳро мафҳумҳои «сӯиистифода аз мақоми хизматӣ», «ҷиноятҳои мансабӣ» ва ғайра иваз карда буданд [24, с. 73], яъне бе нишон додани бевоситаи азхудкунии молу мулки муайян. Аммо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ мавҷуд набудани истилоҳи коррупсия маънои онро надошт, ки дар ҶШС Тоҷикистон ва ИҶШС коррупсия амалан вуҷуд надошт. Инчунин, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мубориза зидди порахӯрӣ на танҳо характери соф ҳуқуқӣ, балки характери идеологӣ низ дошт.

Бо инкор кардани консепсия, онҳо коррупсияро ҳамчун падидаи системавӣ рад карданд. Мубориза, гарчанде хеле ҳалкунанда бошад ҳам, ба муқобили боқимондаҳои субъектҳои алоҳидаи замони гузашта, ки онҳо синфҳои истисморкунанда буданд, бурда мешуд. Бояд тазаккур дод, ки ин гуна инкор кардани мафҳум ва падидаҳо боис шуд, ки давлат худро қаблан ба шикаст хӯрдан дар мубориза ба зидди коррупсия омода намояд. Идеологияи шуравӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар аксари мавридҳо дар шарҳи сабабҳои зуҳуроти коррупсионӣ ба таври тааҷҷубовар соддалавҳона ва бесамар буданд. Масалан, дар Мактуби махфии КМ ПК СССР аз 29 марти соли 1962 «Дар бораи пурзур намудани мубориза ба муқобили порахурӣ ва талаю тороҷкунии моликияти ҷамъиятӣ» порахурӣ ҳамчун «ҳодисаи иҷтимоие, ки дар шароити ҷамъияти истисморкунанда ба амал меояд» [6, с. 174] ва сабабҳои асосии фаъолияти органҳои партиявӣ дар соҳаи ягона, ба таври мухтасар нишон дода шудааст тарбияи коргарон; бюрократизм ва қоғазбозӣ дар кори муроҷиатномаҳои қонунии гражданинҳо; Муносибати нодурусти шикояту мактубҳои гражданинҳо; Дағалона вайрон кардани тартиботи давлатӣ, планкашӣ ва молия ва ғайра. Олимони ватанӣ, А.И. Сафарзода ва А.Х. Авзалов сабабҳои афзоиши коррупсияро дар замони шуравӣ чунин зикр намудаанд: эътибор надодан ба системаи хизмати давлатӣ, камбудиҳои калони кори кадрҳо, дахлнопазирии коркунони роҳбарикунандаи ҳизбӣ ва бюрократизм [17, с. 180].

Давлати Шуравӣ шумораи хизматчиёни давлатиро зиёд намуд, ки ин боиси афзудани ҷиноятҳои мансабӣ гардид. Доираи субъектҳои ҷиноятҳои мансабӣ чунон васеъ шуд, ки қариб ҳар як шахсе, ки дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ гунаҳгор аст, метавонад шахси мансабдор эътироф карда шавад. Хизматчиёни давлатӣ аксар вақт аз ваколатҳои худ берун баромада, аз он фоидаи калон ба даст меоварданд [11, с. 26].

Пас аз инқилоби соли 1917, роҳбарияти нави кишвар заминаи муҳими қонунгузорӣ барои мубориза бо коррупсияро фароҳам овард, ки дар таҳия ва қабули қонунҳои минбаъда нақши назаррас бозид. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки роҳбарияти давлати Шӯравӣ бо оқибатҳои инқилоб ва ҷанги шаҳрвандӣ рӯбарӯ шуд, ки боиси мушкилот дар сиёсати кадрӣ, сӯиистифода аз ваколат ва ҷиноятҳои мансабӣ гардид. [5, с. 186]. Барои муқовимат ба ин зуҳурот як қатор санадҳои қонунгузорӣ қабул шуда буданд, аз қабили Декрети соли 1917 «Дар бораи назорати коргарон», Декрети соли 1918 «Дар бораи порахӯрӣ», Декрети соли 1921 «Дар бораи мубориза бар зидди порахӯрӣ», инчунин Кодекси ҷиноятии ҶШСФР аз соли 1922, ки ба принсипҳои асосии ин декретҳо асос ёфта буд.

Дар ин самт ҳукумати Шӯравӣ аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ ба азнавсозии дастгоҳи маъмурӣ бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия шурӯъ кард. Ҳамин тавр, мувофиқи декрети Шӯрои комиссарони халқии СССР аз 10 ноябри соли 1917 "Дар бораи барҳам додани табақаҳо ва унвонҳои шаҳрвандӣ" ҳама ҳуҷҷатҳои молумулкӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба табақаҳо ва унвонҳои шаҳрвандӣ дахл доштанд, бекор карда шуданд ва ҳама шаҳрвандони кишвар баробар ҳисобида шуданд. Декрети дигари Шӯрои комиссарони халқӣ аз 31 октябри соли 1918 "Дар бораи таъминоти иҷтимоии меҳнаткашон" хизматчиёни давлатиро дар ҳуқуқҳои таъминоти иҷтимоӣ бо дигар коргарон баробар кард. Хизматчиёни давлатӣ бояд иваз карда мешуданд, назорат ва ҳисоботдиҳӣ ба мақомоти давлатӣ ва ҳизбӣ, фаъолияти онҳо ба принсипҳои қонуният, баробарӣ ва демократия асос ёфта буд. [23, с. 103]. Тавре маълум мегардад, ҳокимияти шуравӣ бештар ба механизми меъёри муқовимат ба коррупсия таваҷҷуҳ намудааст, ки дар давраи мазкур чунин раванд нав ва зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Яъне, нахустин санадҳои меъёрии ҳуқуқии боэътимод ва таъсирбахш дар самти муқовимта ба коррупсия маҳз дар давраи шуравӣ таҳия ва қабул гардидаанд.

Бо иштироки фаъоли сарвазири В. И. Ленин 8 майи соли 1918 фармони Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ «Дар бораи порагирӣ» қабул гардид. Ин фармон ҷавобгарии ҷиноиро барои ҷиноятҳои коррупсионӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз 5 сол бо корҳои маҷбурӣ муқаррар кард. Ҷавобгарӣ на танҳо ба мансабдорон ва кормандони давлатӣ, ки пора медоданд, балки инчунин ба шахсоне, ки пора мегирифтанд, таҳрикдиҳандагон, миёнаравон ва дигар иштирокдорони схемаи коррупсионӣ низ дахл дошт.

Дар солҳои аввали мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ коррупсия дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ асосан дар суистифода аз ваколати мансабӣ ва порагирии ошкоро зоҳир мешуд. Аз ин рӯ, яке аз аввалин санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлати шӯравӣ фармони Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 8 майи соли 1918 «Дар бораи порагирӣ» буд, ки ҷавобгарии ҷиноиро на танҳо барои онҳое, ки пора медоданд ва мегирифтанд, балки инчунин барои шахсоне, ки ба ин раванд мусоидат мекарданд (таҳрикдиҳандагон, ҳаммаслакон ва ғайра) пешбинӣ мекард. [15, с. 174]. Ба андеша Ш.М. Шарифзода, ҳангоми дар сари ҳокимият будан В.И. Ленин, ба Комиссари халқии адлияи ҶШФСР, Д.И. Курский дар бораи зарурати таъҷилии омода намудани лоиҳаи қонун супориш дода буд, ки «... ҷазо барои пора бояд на камтар аз даҳ соли аз озоди маҳрум намудан ва илова бар ин, даҳ соли дигари кори маҷбурӣ таъин карда шавад» [23, с. 103]. Ҳолате маълум аст, ки бо исрори В.И. Ленин дар соли 1918 кори коркунони комиссияи тафтишот, ки ба порахӯрӣ айбдор карда шуда, пештар ба муддати шаш моҳ ба ҳабс ҳукм карда шуда буданд, дида баромада шуд [21, с. 141]. Декрети ШКХ дар бораи порахӯрон дар соли 1918, ки бо ташаббуси Ленин ба миён гузошта шуда буд, аввалин санади меъёрие гардид, ки дар давраи шуравӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои порахӯрӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз 5 сол, якҷоя бо меҳнати маҷбурӣ ба ҳамин муҳлат пешбинӣ мегардид. Ғайр аз ин, Ленин дар бораи аз партия хориҷ кардани судяҳое, ки пеш аз ин, аз рӯи ин кор ҳукмҳои хеле сабук бароварда буданд, масъала гузошт. Ҳукумати нав барои ширкаткунандагони мурофиа ба 10 соли маҳрум сохтан аз озодӣ расид. Ҷолиб он аст, ки ин фармон ҳам қасди гирифтан ё додани пораро ба ҷинояти содиршуда баробар кардааст. Муносибати синфӣ низ ба назар гирифта мешуд: агар порагир ба синфи коргару деҳқон мансуб набошад, пас ӯ «ба кори иҷбории сахттарин ва нохушоянд» маҳкум карда шуда, тамоми молу мулкаш мусодира карда мешуд.

Тавре қаблан зикр гардид, тағйироти шадид дар сохтори давлатӣ табиист, ки боиси афзоиши сатҳи ришвахӯрӣ мегардад. Ҷазо барои кирдорҳои дахлдор маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати панҷ сол ва бо меҳнати маҷбурӣ ба ҳамин муҳлат иборат буд [9, с. 38]. Мувофиқи банди 1 ҳамин Декрет ҷавобгарӣ вобаста ба субъекти ҷиноят фарқ намекард, онҳо на танҳо хизматчиёни давлатӣ, балки шахсони дар хизмати давлатӣ (аъзоёни комитетҳои хонагӣ, муассисаҳо ва ғайра) низ буда метавонанд. Ҷазо ба андозаи муайяне буд [15, с. 174]. Ғайр аз ин, муносибати синфӣ фаромуш карда нашудааст: агар порахӯр ба табақаи соҳибмулк мансуб бошад ва барои нигоҳ доштани имтиёзҳои худ кушиш мекард, пас вай «ба кори маҷбурии душвортарин ва нофорамтарин» ҳукм карда шуда, тамоми молу мулк мусодира

карда мешуд [11, с. 26]. Умуман, агар «шахси дар додани пора ё гирифтани пора ба табақаи соҳибмулк мансуб бошад ва ришваро барои нигоҳ доштан ё ба даст овардани имтиёзҳои марбут ба ҳуқуқи моликият истифода барад, пас ӯ ба меҳнати вазнинтарин, нохушоянд ва маҷбурӣ маҳкум карда мешуд ва тамоми молу мулкаш мусодира карда мешуд.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки барои мубориза бо зуҳуроти манфӣ, дар аввали моҳи майи соли 1918, Шӯрои Олӣ фармонро дар бораи ришвахорӣ қабул кард, ки дар он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз панҷ сол, инчунин мусодираи амвол барои додани ё гирифтани ришва пешбинӣ шуда буд. Кӯшиши додан ё гирифтани ришва ҷиноят ҳисобида мешуд. Агар ришвадиҳанда ба синфи молумулкӣ тааллуқ дошта бошад ва кӯшиш мекард, ки имтиёзҳои худро нигоҳ дорад, ӯ ба «корҳои маҷбурии вазнинтарин ва ногувортарин» маҳкум карда мешуд ва амволи ӯ бояд мусодира карда мешуд. Дар Декрет инчунин аломатҳои бандубастшаванда ва аломатҳои махсуси бандубастшаванда муайян карда шудаанд. Дар ҳолати аввал, инҳо ваколатҳои махсуси корманд, вайрон кардани вазифаҳои ӯ, тамаъҷӯии пора; дар дуюм, шахси гунаҳкор ба табақаи молу мулк мансуб аст, агар вай бо пора барои нигоҳ доштан ё ба даст овардани имтиёзҳое, ки бо ҳуқуқи моликият алоқаманданд, истифода барад. Дар ин меъёр ҷузъи идеологӣ мустақиман мушоҳида мешавад.

Бояд гуфт, ки Декрети ШКХ аз 8 майи соли 1918 «Дар бораи порахӯрӣ» аввалин ҳуҷҷати қонунгузорӣ буд, ки ба мубориза дуру дароз ва суботкоронаи Ҳокимияти Шуравӣ ба муқобили коррупсия ва порахӯрӣ ибтидо гузошт. Дар он, бори аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба порахӯр ва ҳам шарики гирифтани пора пешбинӣ карда шудааст. Фармон масъулияти ҳуқуқиро барои ришвахорӣ ва додани ришва пешбинӣ намуда, инчунин масъулияти ҷиноии баробарро барои ҳамаи иштирокчиёни чунин муомилот ва муносибатҳои ҳуқуқии шабеҳ муқаррар кард. Ин фармон аввалин санади ҳуқуқӣ дар таърихи Тоҷикистон гардид, ки масъулияти ҷиноиро барои ришвахорӣ пешбинӣ мекард (маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз панҷ сол бо корҳои ҳатмӣ ба ҳамон муҳлат).

Мувофиқи ин санади меъёрӣ, ба ғайр аз шахсони дар гирифтани ришва гунаҳкор, таҳриккунандагон, шарикон ва ҳамаи кормандоне, ки дар додани ришва иштирок кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. Ин фармон хусусиятҳои зерин дошт:

- Васеъшавии назарраси доираи шахсоне, ки таҳти амали меъёрҳои ришвахорӣ қарор мегиранд, аз ҷумла шахсоне, ки "дар хидмати давлатӣ ё ҷамъиятӣ кор мекунанд";
- Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони дар додани ришва гунаҳкор, таҳриккунандагон ва шарикони онҳо;

Ҷорӣ намудани яке аз аввалин механизмҳои ҳавасмандкунанда дар ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ - озод намудани ришвадиҳандагон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, агар онҳо то қабули фармон ришва дода бошанд ё дар давоми се моҳ пас аз нашри он дар бораи ҷиноят ба мақомоти судӣ хабар дода бошанд.

Сарфи назар аз қабули ин фармон ва бартариҳои он, дар аввали соли 1918 ҳолатҳои ришвахорӣ афзоиш ёфтанд. Аён гардид, ки истифодаи танҳо як қонуни ҷиноӣ дар мубориза бо коррупсия самаранок нест. Афзоиши сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ бо омилҳои зерин муайян карда мешуд: музди меҳнати паст, беэътиноӣ дар раванди омодасозӣ, интихоб, ҷобаҷогузорӣ, таълим ва тарбияи кадрҳо барои кор дар муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ.

Дар ин робита, бояд чораҳое, ки барои рафъи камбудиҳо ва таҳияи санади меъёрии нав андешида шуданд, қайд кард, аз ҷумла: қабули Қарори Шӯрои комиссарони халқии РСФСР аз 27 июли соли 1918 "Дар бораи манъи хидмати муштараки хешутаборӣ дар муассисаҳои шӯравӣ" ва Декрети Шӯрои комиссарони халқии РСФСР аз 21 декабри соли 1922 "Қоидаҳои муваққатии хизмат дар муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ", ки ба пешгирии афзоиши коррупсия ва соддагардонии муносибатҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ равона шуда буданд.[23, с. 104].

Марвид ба тазккур аст, ки баъзе меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии айни замон амалкунанда заминаи худро маҳз аз қонунгузории давраи шуравӣ гирифтаанд. Масалан, соли

1921 дар Декрети ШКХ «Дар бораи мубориза зидди порахӯрӣ» барои порахӯрон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан муқаррар карда шуда буд: «Шахсе, ки пора додааст, дар сурати сари вақт оид ба тамаъ кардани пора муроҷиат намояд ё ба ҳалли ин масъала ёрӣ расонад ҷазо дода намешавад» [11, с. 26]. Меъёри мазкур дар эзоҳи моддаи 320 КҶ ҶТ мушоҳида мегардад.

Рӯйхати ҳолатҳои гуногуни ришвахории пинҳонӣ аз ҷониби комиссари халқии адлияи Иттиҳоди Шӯравӣ Д.И. Курский дар сиркуляри № 97 аз соли 1922 "Дар бораи сарҳадҳои мафҳуми ришвахорӣ" [4, с. 22] оварда шудааст. Ин ҳуҷҷат ба муқаррар намудани таърифи ҳуқуқии ришвахорӣ, ошкор намудани шаклҳои он, инчунин андешидани чораҳо оид ба мубориза бо он равона шуда буд.

Сиркуляри нави қонунгузорӣ ӯҳдадориро барои шахсони мансабдор ҳангоми ошкор намудани нишонаҳои коррупсия, фармоишҳо ё дастурҳои ғайриқонунии мансабдорон муқаррар менамуд, ки дар ин бора ба мақомоти болоӣ ё роҳбарон хабар диҳанд. Хусусан, нисбати хизматчиёни давлатӣ бинобар мақоми мансабии онҳо маҳдудиятҳои муайян ҷорӣ карда шуданд. Масалан, ба мансабдорон иштирок дар музоядаи фурӯши амвол манъ карда шуд, агар дархост барои иштирок аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ки онҳо дар он вазифаҳои худро доимӣ ё муваққатӣ иҷро мекарданд, пешниҳод шуда бошад. Инчунин, гирифтани ягон амвол аз муассисаҳои давлатӣ, ки онҳо дар он кор мекарданд, инчунин бастани ҳама гуна аҳдҳое, ки бо чунин амвол алоқаманд буданд, манъ карда шуд.

Илова бар ин, иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои хусусӣ, соҳиби саҳмияҳо ё ҳиссаҳо дар корхонаҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои хусусӣ манъ карда шуд. Дар сурати вайрон кардани ин манъкуниҳо, мансабдорон ба ҷавобгарии гражданӣ ё интизомӣ, инчунин ба ҷазои ҷиноятӣ кашида мешуданд [23, саҳ. 104-105].

Ҳамин тариқ, мувофиқи қонунгузории ҷиноятии шӯравии он замон, дар қатори вазифаҳои дигар, ба таъқиби ҷиноятҳои мансабӣ, махсусан ришвахорӣ, диққати махсус дода мешуд. М.М. Молотов қайд мекунад, ки бо ин мақсад қонунҳои зиёде қабул карда шуданд, ки на танҳо барои онҳое, ки ришва мегирифтанд, балки барои онҳое низ ҷазо пешбинӣ мекарданд, ки онро медоданд, ба онҳо таҳрик мекарданд ё дар содир кардани ин ҷиноят мусоидат мекарданд [8, саҳ. 70]. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур ҷавобгарӣ барои порахӯрӣ ба таври зайл муқаррар гардида буд: гирифтани пора бо мусодираи молу мулк ва ё бидуни он аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешуд. Агар ин ҷиноят дар ҳолатҳои вазнинкунандае, ки дар декретҳои солҳои 1918 ва 1921 зикр шудааст, содир шуда бошад, ҷазо дар шакли маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз се сол то ҷазои қатл бо мусодираи молу мулк пешбинӣ карда шуда буд.

Рӯйхати ҳолатҳои гуногуни ришвахории пинҳонӣ аз ҷониби комиссари халқии адлияи Иттиҳоди Шӯравӣ Д. И. Курский дар сиркуляри № 97 аз соли 1922 «Дар бораи сарҳадҳои мафҳуми ришвахорӣ» [4, с. 22] оварда шудааст. Ин ҳуҷҷат ба муқаррар намудани таърифи ҳуқуқии ришвахорӣ, ошкор намудани шаклҳои он, инчунин андешидани чораҳо оид ба мубориза бо он равона шуда буд.

Сиркуляри нави қонунгузорӣ ӯҳдадориро барои шахсони мансабдор ҳангоми ошкор намудани нишонаҳои коррупсия, фармоишҳои ғайриқонунии расмӣ ё дастурҳои сардорон муқаррар менамуд, ки дар ин бора ба мақомоти болоӣ ё роҳбарон хабар диҳанд. Хусусан, нисбати хизматчиёни давлатӣ бинобар мақоми мансабии онҳо маҳдудиятҳои муайян ҷорӣ карда шуданд. Масалан, ба мансабдорон иштирок дар музоядаи фурӯши амвол манъ карда шуд, агар дархост барои иштирок аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ки онҳо дар он вазифаҳои худро доимӣ ё муваққатӣ иҷро мекарданд, пешниҳод шуда бошад. Инчунин, гирифтани ягон амвол аз муассисаҳои давлатӣ, ки онҳо дар он кор мекарданд, инчунин бастани ҳама гуна аҳдҳое, ки бо чунин амвол алоқаманд буданд, манъ карда шуд.

Илова бар ин, иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои хусусӣ, соҳиби саҳмияҳо ё ҳиссаҳо дар корхонаҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои хусусӣ манъ карда шуд. Дар сурати вайрон кардани ин манъкуниҳо, мансабдорон ба ҷавобгарии гражданӣ ё интизомӣ, инчунин ба ҷазои ҷиноятӣ кашида мешуданд [23, с. 104-105].

Ҳамин тариқ, мувофиқи қонунгузории ҷиноятии шӯравии он замон, дар қатори вазифаҳои дигар, ба таъқиби ҷиноятҳои мансабӣ, махсусан ришвахорӣ, диққати махсус дода мешуд. М. М. Молотов қайд мекунад, ки бо ин мақсад қонунҳои зиёде қабул карда шуданд, ки на танҳо барои онҳое, ки ришва мегирифтанд, балки барои онҳое низ ҷазо пешбинӣ мекарданд, ки онро медоданд, ба онҳо таҳрик мекарданд ё дар содир кардани ин ҷиноят мусоидат мекарданд [8, с. 70]. Ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 114-а Кодекси ҷиноятии ҶШСФР додани пора, миёнаравӣ дар порахӯрӣ, шарикӣ дар порахӯрӣ ва надидани чораҳои зидди порахӯрӣ, яъне хунукназарӣ муқаррар шуда буд [5, с. 183].

Дар ин хусус, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки ҳукумати нав ба андешидани чораҳои фаъоли зиддикоррупсионӣ шурӯъ кард, ки он аз таъйини маҳрумиятҳои ҷиддии шахсӣ нисбати шахсони гунаҳкор дар шакли ҳукм ба даҳҳо соли маҳрум сохтан аз озодӣ иборат буд. Ҳамин тариқ, дар соли 1922 ҳукми қатл ба нахустин Кодекси ҷиноятии шӯравӣ ҳамчун ҷазо барои ришвахӯрӣ ворид карда шуд [15, с. 174]. Барои решакан кардани пора мафҳуми «пора» васеъ карда шудааст. Мувофиқи санади Комиссариати халқии адлияи ҶШСФР аз 9 октябри соли 1922 рақами 97 «Дар бораи доираи мафҳуми пора» зери мафҳуми он на танҳо «гирифтани пора аз ҷониби шахс» фаҳмида мешавад, балки мазмуни он васеъ буд. Аммо бояд таъкид кард, ки амали Кодекси ҷиноятии ҶШФСР дар соли 1922 дар қаламрави Тоҷикистон, 28-уми феврали соли 1924 ҷорӣ карда шуд ва ин яке аз рӯйдодҳои муҳим дар таърихи тоҷик дар самти мубориза ба зидди ҷинояткории ба ҳисоб мерафт [23, с. 105]. Маврид ба зикр аст, ки Кодекси соли 1922 нахустин кодекси ҷиноятие ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои порахӯрӣ чун қонунгузории ҷиноятии замони муосир муқаррар кардааст. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки санади мазкур аввалин ҳуҷҷати кодификатсионӣ дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, дар миёнаҳои солҳои 20-ум сатҳи ришвахӯрӣ ба таври фаъол коҳиш ёфт, ки ин боиси он гардид, ки Декрети КИМУ ва ШКХ ИҶШС аз 31 октябри соли 1927 ҷазои қатлро ҳамчун ҷазои фавқулодда барои порахӯрӣ бекор кард [9, с. 40]. Дар даҳаи дуюми асри XX воситаҳои асосии мубориза бо коррупсия инҳо буданд: ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандон дар ошкор намудани далелҳои додани пора ё гирифтани пора; ногузирии оқибатҳои ногувор барои шахсони гунаҳкор дар порахӯрӣ; барои ҳар кадоме аз иштироккунандагон дараҷаи баробар ҷазо дода, номи шахсонеро, ки ҷинояти коррупсиониро содир кардаанд, ошкор намуда, Комиссияи марказии зидди порахӯрӣ ташкил карда шуд.

Дар солҳои 20-30-юми асри XX роҳбарияти шуравӣ ба таҳкими интизоми дохилии хизматчиёни давлатӣ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир менамуд. Дар натиҷа, Қарори КИМУ аз 7-уми июли соли 1923 дар бораи «Низомнома дар бораи судҳои интизомӣ» [13, с. 127] ва қарорҳои КИМУ ва ШКХ ҶШФСР аз 20-уми марти 1932 «Оид ба масъулияти интизомӣ дар тартиби тобеъият» [12, с. 124] қабул карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои қабулшуда ба мубориза бо бюрократия, сӯистифода аз мансаб, бо камбудиҳои расмӣ, бадрафторӣ ва амалҳои нодурусти кормандони дастгоҳи давлатии шуравӣ нигаронида шуда буданд.

Дар соли 1928 ҷорӣ карда шудани системаи картавии озуқаворӣ ва молҳои сермасриф дарҳол барои навъҳои гуногуни порахӯрии мансабдорон заминаи идеалӣ ба вуҷуд овард. Сиёсати дохилии давлати сотсиалистӣ, аз ҷумла, ба кам кардани зуҳуроти гуногуни коррупсия нигаронида шуда буд. Дар соли 1929 Пленуми Суди Олӣ чунин муқаррар карда буд: «Тамоми ҳодисаҳои гирифтани пешниҳодҳо аз ҷониби шахсони мансабдор, яъне ҳар гуна муомила дар ҳар шакле, ки бошад, ҳамчун порагирӣ бандубаст карда мешавад». Барои мубориза бо ин зуҳуроти манфӣ, бо фармони Комиссариати халқии корҳои дохилии СССР № 0018 дар соли 1937 инфрасохтор барои мубориза бо дуздии моликияти сотсиалистӣ ва спекулятсия таъсис дода шуд. Кормандони комиссариат ба мубориза бо дуздӣ фаъолона ворид шуданд, ки маълумоти омории он солҳо инро тасдиқ мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар соли 1939, воҳидҳои навтаъсиси комиссариат 268 гурӯҳи муташаккилро, ки ба дуздии моликияти давлатӣ машғул буданд, ошкор карданд, 1886 ҷинояткорро ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашиданд, 538 гурӯҳро фош карданд ва 3573 нафарро маҳкум карданд. Ҳамзамон, шумораи ҳолатҳои ошкоршудаи ришвахорӣ нисбатан кам буд,

ки ҳам дер мондани ин чораҳо ва ҳам ҳиссаи ночизи ришвахориро дар ҳаҷми умумии ҷиноятҳои молиявии он давра нишон медиҳад.

Дар охири солҳои 1930 натиҷаҳои мусбати чораҳои зиддикоррупсионии ҳукумати шӯравӣ аён гардиданд. Шумораи ҷиноятҳои марбут ба коррупсия дар муқоиса бо давраи ташаккули давлати нав ба таври назаррас коҳиш ёфт. Миқёси ришвахории классикӣ кам шуд, аммо гуфтан дар бораи решакан кардани пурраи коррупсия ҳанӯз барвақт буд. Он шаклҳои нав, ниқобпӯш ва мураккабтарро ба даст овард, ки дар натиҷа дар соли 1937 таҳти роҳбарии милисаи коргару деҳқонӣ сохтори махсус барои мубориза бо дуздии моликияти сотсиалистӣ таъсис дода шуд.

Мувофиқи фармони Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 12 июни соли 1929, ҶШС Тоҷикистон аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҷудо карда шуда, ҳамчун ҷумҳурии алоҳида дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ворид шуд.

Дар соли 1932 дар СССР қонун «Дар бораи ҳифзи моликияти корхонаҳои давлатӣ, колхозҳо ва кооперативҳо ва мустаҳкам намудани моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)» қабул карда шуд ва дар соли 1933 Шӯрои Олии СССР қарор «Дар бораи чораҳо оид ба пурзӯр намудани мубориза бо ҷиноятҳои давлатӣ ва кооперативӣ»-ро тасдиқ кард. Ин санадҳои меъёрӣ чораҳоро оид ба пурзӯр намудани баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи молҳо ва арзишҳои моддӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ муқаррар мекарданд. Ин ташаббусҳои қонунгузорӣ дар мубориза бо сӯиистифодаҳо, дуздиҳо ва ҷиноятҳои иқтисодӣ дар ҶШС Тоҷикистон аҳамияти калон доштанд. [23, с. 106]. Ҳамин тавр, дар марҳилаи то соли 1935 як қатор ҳуҷҷатҳои дахлдор ҷиҳати муқовимат ба коррупсия қабул карда шуданд. Аммо, сатҳи коррупсия гуногун чун ҳозира гоҳе баланд мегардид ва гоҳе коҳиш меёфт.

Аз соли 1935 марҳилаи нави муқовимат ба коррупсия оғоз гардида, дар ин давра санадҳои ҳуқуқии нави мукаммал қабул карда шуданд [2, с. 50-74]. Аз ҷумла, 20-уми августи соли 1935 бо Қарори иҷлосияи давлатии КИМ ҶШС Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул гардид. Кодекси мазкур нахустин санади кодификатсионие ба ҳисоб меравад [1, с. 60], ки ҷавобгариро барои порахӯрӣ дар ҶШС Тоҷикистон муқаррар менамуд. Ин санад барои қабули қонунгузории минбаъда заминаи муҳими ҳуқуқӣ гардидааст.

Дар соли 1937, дар милисаи коргарону деҳқонон шӯъбаи махсус барои мубориза бо дуздии моликияти шӯравӣ, спекулятсия ва ришвахорӣ таъсис дода шуд. Дар солҳои 1940 ва 1950, махсусан дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бинобар вазъи ҳарбӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ, пурзӯр намудани назорати давлатӣ ва ҷазо барои ҷиноятҳои гуногун, ришвахорӣ амалан вуҷуд надошт [9, с. 40]. Аммо, розӣ шудан бо ин изҳорот душвор аст. Зеро маҳз дар чунин шароити ҷангӣ ва нооором сатҳи амалҳои коррупсионӣ меафзояд. Ба гуфтаи Ш.М. Шарифзода, дар солҳои 1940 ва 1950, ришвахорӣ мероси капитализм ҳисобида мешуд ва тахмин мешуд, ки бо барқарор шудани сотсиализм аз байн меравад. Махфияти қатъӣ, набудани ошкорбаёнӣ ва озодии баён, инчунин дастрас набудани маълумоти оморӣ, ин падидаро барои ҷомеа ноаён кард ва тасаввуроте ба вуҷуд овард, ки он аз байн рафтааст. Аммо, далелҳои зиёде мавҷуданд, ки нишон медиҳанд, коррупсия дар тамоми сатҳҳои системаи судии кишвар паҳн шуда буд. [23, с. 106]. Дар ин хусус қайд мегардад, ки дар замони ҷанг коррупсия аз он сабаб афзоиш ёфт, ки барои ҳалли ин мушкилот кадрҳои соҳибихтисос ва захираҳои моддӣ кофӣ набуданд. Дар давраи баъд аз ҷанг (1948-1949) дар ИҶШС бо мақсади решакан кардани коррупсия дар кишвар роҳбарият аз рӯи парвандаҳои марбут ба коррупсия дар Суди шаҳри Маскав ва як қатор парвандаҳои дигар, аз ҷумла дар Суди Олии ИҶШС як қатор мурофиаҳои пушида гузаронида шуд. Дар натиҷа, миқдори зиёди сӯистеъмолкунии хизматчиён ошкор карда шуда, маърузаи Прокурори ИҶШС Г. Сафронов пешниҳод карда шуда, дар он гуфта мешавад, ки тамоми низоми судӣ бо порахӯрӣ пурра печидааст. Ба ғайр аз ин, мавҷи пурсарусадо дар вазорату корхонаҳо ва идораҳо тамоми мамлакатро фаро гирифта буд. Азбаски ришвахорӣ ва дуздии моликияти ҷамъиятӣ айбҳои буржуазӣ ҳисобида мешуданд, дар Иттиҳоди Шӯравӣ маъмул буд, ки ин зуҳурот бо барқарор шудани сотсиализм дар "давлати ҷавони мо" тадриҷан нест мешаванд. Аммо, ин тавр набуд. Ҷиноятҳои асосии ришвагирони шӯравӣ, ба ғайр аз ришвахорӣ, инҳоро дар бар мегирифтанд:

сӯиистифода аз таҷҳизот ва маводҳо, ислоҳ ва паст кардани ҳадафҳои нақшавӣ, таъин намудан ба вазифаҳои масъул, пинҳон кардани қаллобӣ, бақайдгирии санадҳои ҷамъиятӣ ва ғайра. Ҳам дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҳам дар солҳои баъдиҷангӣ, бинобар нарасидани молҳои зарурӣ ва маводи хӯрокворӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ афзоиш ёфтанд. Мавҷи ҷиноятҳои коррупсионӣ афзоиш ёфтанро идома дод. Фактҳои маъмултарини ришвахорӣ ин ҳамкории ташкилотҳои давлатӣ ва мансабдорон бо унсурҳои ҷиноятӣ буданд. Ҳамзамон, ҷазо барои ин амалҳо хеле сабук буд.

Дар шароите, ки пул бинобар нарасидани молҳо ва хизматрасониҳо натавонист нақши худро иҷро кунад, системаи имтиёзҳо ва имкониятҳо (манзил дар маҳаллаҳои элита, мошинҳо, виллаҳо, истироҳатгоҳҳо ва санаторияҳо ва ғайра) истифода мешуд. Эътирозҳои густурда алайҳи режими шӯравӣ дар охири солҳои 1980 ва аввали солҳои 1990 оғоз шуданд. Асри XX асосан ба даъватҳо барои барҳам додани ин шакли мушаххаси коррупсия равона шуда буд [14, с. 11]. Дар замони Сталин, аз як тараф, ҷазо барои сӯиистифода аз вазифаи мансабӣ сахттар шуданд, то дараҷаи ҳукми қатл. Аз тарафи дигар, хизматчиёни давлатӣ хеле зуд як навъ табақаро ташкил доданд - дастнорасҳо, ки таҳти назорат буданд.

Намояндагони номенклатура амалан аз таъқиб эмин буданд ва аз ҷазо он қадар наметарсиданд. Дар баробари ин, маводҳое мавҷуданд, ки дар бораи сатҳи баланди коррупсия дар ҳукумати давраи И.В. Сталин гувоҳӣ медиҳанд [10, с. 18]. Дар замони ҳукмронии И.В. Сталин муносибат ба коррупсия дучанд афзуда буд. Аз як тараф, ҳукми қатл метавонист барои ҷиноятҳои коррупсионӣ татбиқ карда шавад, аз тарафи дигар, кормандони давлатӣ як табақаи дахлнопазирро ташкил медоданд, ки таҳти назорат нестанд ва аз ин рӯ, аслан аз доираи салоҳият берун буданд [20, с. 88-95]. Мубориза ба муқобили коррупсия характери намоишкорона дошт ва натиҷаҳои воқеӣ набахшид [17, с. 180]. Сатҳи коррупсия пас аз марги И.В. Сталин дар соли 1953, бахусус, тамоюли афзояндаи ришвахӯрӣ дар замони “обшавии Хрушев” зоҳир шуд, зеро пояҳои низоми сталинӣ хароб ва бадном карда шуданд [9, с. 40]. Ҳамин тавр, марҳилаи дуюми ташаккули қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ то соли 1958 идома ёфт. Аммо, дар ин марҳила, санадҳои ҳуқуқии қабулшуда натавонистанд, ки сади роҳи афзоиши амалҳои коррупсиониро гиранд.

Дар асоси таҳлили инкишофи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар давра шуравӣ якчанд хулоса баровардан мумкин аст:

Аввалан, барои муборизаи муассир бо ришвахӯрӣ бояд роҳи сиёсат дақиқ муайян ва пайваста бошад. Роҳбарияти олии давлат бояд ба муқобилият ёрӣ расонад ва ба он халал нарасонад, чунон ки дар давраи ҳукмронии Л. Брежнев ва М. Горбачёв чунин буд.

Сониян, шиддатнокӣ ва ногузирии ҷазо дар паст кардани сатҳи коррупсия нақши бениҳоят муҳим дорад. Чун қоида, на танҳо коррупсия, балки тарси ҷазо аз содир шудани ҳар гуна ҷиноят монеъ мешавад.

Севум, қонунгузорӣ оид ба мубориза бо коррупсия такмили пайвастаро тақозо мекунад, то ба воқеиятҳои объективӣ ва рӯҳияи замон мувофиқат кунад.

Чаҳорум, ҳарчанд ҷузъи идеологӣ омили боздоранда бошад ҳам, аз суистифодаи мансабдорон ҳифзи комилро таъмин намекунад.

Панҷум, тағйироти қатъии сохти давлатӣ боиси афзудани шумораи ҷинояткорӣ, хусусан коррупсия мегардад, ки инро таҷрибаи ҳам давлати шуравӣ ва ҳам Германияи фашистӣ шаҳодат медиҳад.

Шашум, сатҳи муносиби маоши хизматчиёни давлатӣ низ ба коҳиши амалияи ришвахӯрӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи бойи давлати шуравӣ барои кишвари мо арзиши бешубҳа дорад, зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ то имрӯз вуҷуд доранд. Бинобар ин, таҳлили дурусти амалияи муборизаи зидди он ва хулосаҳои дурусти он ба паст шудани сатҳи ин ҷиноятҳо дар замони мо кӯмак мекунад.

Қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ аз қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бартарияти калон дошта наметавонад. Баръакс, КҶ ҶТ аз соли 1998 нисбат ба қонунгузории

ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон мукаммал буда, хеле инсондӯстона мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳама намуди ҷиноятҳои коррупсионӣ муқаррар кардааст. Аммо, монандӣ танҳо дар як масъала ба андешаи мо ҷой дорад. Мутаассифона, сатҳи самаранокии меъёрҳои қонунгузорӣ, чун қонунгузории давраи шуравӣ на он қадар қаноаткунанда мебошад. Зеро, қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ низ, чун давраи шуравӣ вазифаи худро оид ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ самаранок иҷро карда натавониста истодааст. Бо ин назардошт, мо пешниҳод менамоем, ки аз санксияҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷазои ҷарима бардошта шавад. Зеро пардохти ҷарима барои чунин субъектони ҷиноят на он қадар душвории ҷиддиро ба миён меоварад. Ба ақидаи мо, ҷазоҳои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ бояд тағйир дода шавад. Аз ҳама бештар ҷазои корҳои ҳатмӣ барои онҳо мувофиқи мақсад мебошад, махсусан агар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар назди омма бошад. Субъектони ҷиноятҳои коррупсионӣ бештар аз мақоми худ ифтихор карда, аз паст шудани мақоми худ дар назди ҷомеа ҳарос доранд. Бинобар ин, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар назди мардум ҷазои вазнинтар маҳсуб рафта, на танҳо чунин ашхосро ислоҳ мекунад, балки боиси пешгирии чунин ҷиноятҳо хоҳад гардид.

***Адабиёт***


1. Азиззода, У.А., Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов. // Вестник Филиала Московского государственного Университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – № 2 (18). – С. 50-64.
2. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А. – Душанбе: Ашуриён, 2024. – 216 с.
3. Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи шурави Тоҷикистон / Ф.А. Бобохонов. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 2. – С. 256-262.
4. Касьянов, В.С. Коррупция и борьба с ней в Советской России / В.С. Касьянов. // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. – 2014. – № 4. – С. 16-25.
5. Кораблёв, Г.Г. Становление антикоррупционной политики в советском союзе / Г.Г. Кораблёв. // Вопросы студенческой науки. – 2019. – №3 (31). – С. 185-188.
6. Коробеев, А.И. Полный курс уголовного права. Т. 5: Преступления против государственной власти. Преступления против военной службы. Преступления против мира и безопасности человечества. Международное уголовное право / А. И. Коробеев. – М.: Юрид. центр, 2008. – 1380 с.
7. Левакин, И.В., Охотский, Е.В., Охотский, И.Е., Шедий, М.В. Противодействие коррупции: учебник и практикум для бакалавриата и специалитета / под общ. ред. Е.В. Охотского. – 3-е изд. – М.: Юрайт, 2017. – 366 с.
8. Ленин, В.И. Полное собрание сочинений / В.И. Ленин. Т. 50 – 5 изд. – М.: Изд-во политической литературы, 1965. – 623 с.
9. Лимонов, П.В. Коррупция и борьба с ней в Советском государстве в 1917-1991 гг / П.В. Лимонов. // Основные тенденции развития современного права: проблемы теории и практики: Материалы IV Всероссийской научно-практической конференции (с международным участием), Казань, 06–07 февраля 2020 года / Под редакцией Р.Ф. Степаненко, С.Н. Тагаевой. – Казань: Университет управления «ТИСБИ», 2020. – С. 36-42.
10. Малиновский, И.Б. Коррупция: проблемы уголовной ответственности государственных и муниципальных служащих: учебное пособие / И.Б. Малиновский. – М.: Московский университет МВД России, 2004. – 132 с.
11. Михалева, И.А. Противодействие коррупции в советский период / И.А. Михалева. // Правовые исследования. – 2018. – №3. – С. 26-28.
12. Млечин, Л.М. Кремль 1953. Борьба за власть со смертельным исходом: до и после смерти Сталина / Л.М. Млечин. – М.: Центрполиграф, 2016. – 382 с.

13. Муллаев, М.М. История уголовного права Таджикской / под ред. проф. Б.С. Утевского; Министерство просвещения Таджикской ССР, Таджикский гос. ун-т им. В.И. Ленина. – Сталинабад, 1960. – 160 с.
14. Нисневич, Ю.А. Политика и коррупция: коррупция как фактор мирового политического процесса: монография / Ю.А. Нисневич. – М.: Юрайт, 2019. – 237 с.
15. Овчинникова, О.Д., Шаганян, А.М. Отдельные аспекты противодействия коррупции в период с 1917 года по настоящее время (историко-правовой аспект) / О.Д. Овчинникова, А.М. Шаганян. // Юристъ-Правоведъ. – 2020. – № 1 (92). – С. 174-179.
16. Порывкина, Н.М. Правовая сущность оперативного эксперимента и его роль в противодействии взяточничеству / Н.М. Порывкина. // Право в условиях глобализации: сборник материалов II Всерос. науч. конф. студентов и аспирантов. – Архангельск: КИРП, 2014. – С. 212-215.
17. Сафаров, А.И., Авзалов, А.Х. Соотношение понятий коррупции и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан / А.И. Сафаров, А.Х. Авзалов. // Юридическая наука: история и современность. – 2016. – № 3. – С. 174-183.
18. Солиев, Ш.Х. Моҳияти иҷтимоию сиёсии коррупсия дар шароити гузариш дар Тоҷикистон. Автореф. дис. … ном. илм. сиёсӣ. – Душанбе, 2019. – 25 с.
19. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография / У.А. Азиззода и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.
20. Фарберова, Л. Незаконное оказание услуг имущественного характера как предмет взяточничества / Л. Фарберова. // Уголовное право. – 2014. – №2. – С. 88-95.
21. Фиалковская, И.Д. Исторический опыт противодействия коррупции в системе государственной службы России / И.Д. Фиалковская. // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2017. – № 4. – С. 139-143.
22. Холинова, М.М. Давраҳои ташаккул ва пайдоиши коррупсия дар таърихи башарият / М.М. Холинова. // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №1 (37). – С. 13-15.
23. Шарифзода, Ш.М. Муқовимат бо коррупсия дар давраи шуравӣ / Ш.М. Шарифзода. // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 2 (54). – С. 102-110.
24. Щанкина, Л.Н. Антикоррупционное законодательство в годы Советской власти / Л.Н. Щанкина. // Экономика. Право. Общество. Научный ж-л РЭУ им. Г.В. Плеханова. – 2019. – № 4 (20). – С. 72-79.

## ТАКМИЛИ ТАҶРИБАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШУРАВӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи такмили таҷрибаи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, зимни таҳқиқот андешаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, раванди такмилёбии таҷрибаи муқовимат ба коррупсияро дар Тоҷикистони шуравӣ асоснок намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот, муаллифон чунин хулосабарорӣ кардааст, ки таҷрибаи бойи давлати шуравӣ барои кишвари мо арзиши бешубҳа дорад, зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ то имрӯз вуҷуд доранд. Бинобар ин, таҳлили дурусти амалияи мубориза зидди он ва хулосаҳои дурусти он ба паст шудани сатҳи ин ҷиноятҳо дар замони мо кӯмак мекунад. Қонунгузории ҷиноятии давраи шуравӣ аз қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бартарияти калон дошта наметавонад. Баръакс, КҶ ҶТ аз соли 1998 нисбат ба қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон мукаммал буда, хеле инсондӯстона мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳама намуди ҷиноятҳои коррупсионӣ муқаррар кардааст. Аммо, монандӣ танҳо дар як масъала ба андешаи мо ҷой дорад. Мутаассифона, сатҳи самаранокии меъёрҳои қонунгузорӣ, чун қонунгузории давраи шуравӣ на он қадар қаноаткунанда мебошад.

**Калидвожаҳо:** такмил, таҷриба, муқовимат, коррупсия, қонунгузорӣ, сатҳи коррупсия, порахӯрӣ, Тоҷикистони шуравӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ОПЫТА СОПРОТИВЛЕНИЕ С КОРРУПЦИЕЙ В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье анализируется и обсуждается вопрос совершенствования опыта сопротивление с коррупцией в Советском Таджикистане. В ходе исследования авторы проанализировал мнения отечественных и зарубежных ученых и обосновал процесс совершенствования опыта сопротивление с коррупцией в Советском Таджикистане. В результате исследования авторы пришел к выводу, что богатый опыт советского государства представляет несомненную ценность для нашей страны, поскольку коррупционные преступления существуют и сегодня. Поэтому правильный анализ практики борьбы с ним и его правильные выводы будут способствовать снижению уровня этих преступлений в наше время. Уголовное законодательство советского периода не может иметь существенных преимуществ перед действующим уголовным законодательством. Напротив, Уголовный кодекс Республики Таджикистан с 1998 года является более полным и гуманным, чем уголовное законодательство Таджикской ССР. Устанавливается уголовная ответственность за все виды коррупционных преступлений. Однако, по нашему мнению, сходство существует только в одном вопросе. К сожалению, уровень эффективности законодательных норм, как и законодательства советского времени, не очень удовлетворительный.

**Ключевые слова:** совершенствования, опыт, сопротивление, коррупция, законодательство, уровень коррупции, взяточничество, Советский Таджикистан.

## IMPROVEMENT OF EXPERIENCE OF CORRUPTION RESISTANCE IN SOVIET TAJIKISTAN

The article analyzes and discusses the issue of improving the experience of resistance to corruption in Soviet Tajikistan. During the study, the author analyzed the opinions of domestic and foreign scientists and substantiated the process of improving the experience of resistance to corruption in Soviet Tajikistan. As a result of the study, the author came to the conclusion that the rich experience of the Soviet state is of undoubted value for our country, since corruption crimes exist today. Therefore, the correct analysis of the practice of combating it and its correct conclusions will help to reduce the level of these crimes in our time. The criminal legislation of the Soviet period cannot have significant advantages over the current criminal legislation. On the contrary, the Criminal Code of the Republic of Tajikistan since 1998 is more complete and humane than the criminal legislation of the Tajik SSR. Criminal liability is established for all types of corruption crimes. However, in our opinion, the similarity exists only in one issue. Unfortunately, the level of effectiveness of legislative norms, as well as the legislation of the Soviet era, is not very satisfactory.

**Keywords:** improvements, experience, resistance, corruption, legislation, level of corruption, bribery, Soviet Tajikistan.

**Дар бораи муаллифон**

Азиззода Убайдулло Абдулло
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 907811285.
E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

Раҳимов Равшан Лақаевич
Унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992)888999688

**Об авторах**

Азиззода Убайдулло Абдулло
Доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета
Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: (+992) 907811285.
E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

Рахимов Равшан Лакаевич
Соискатель кафедры теории и истории государства и права
Таджикский национальный университет
Адрес 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: (+992)888999688

**About the author**

Azizzoda Ubaydullo Abdullo
Doctor of law, professor, head of the department of theory and history of state and law, faculty of law Tajik national university
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.
Phone: (+992) 907811285.
E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru

Rahimov Ravshan Laqaevich
Applicant of the department of theory and history of state and law
Tajik national university
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17.
Phone (+992)888999688

ТДУ 349.6(575.3)"19/20"

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ТОҶИКИСТОН

***Абдуллозод М.А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*
***Сангинзода Д.Ш.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Таърихи ташаккули қонунгузорӣ дар соҳаи энергетика дар Тоҷикистон як раванди тӯлонӣ ва бисёрмарҳилаест, ки ба шароити таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодии кишвар дар давраҳои гуногун вобаста аст. Ин раванд аз давраи Шӯравӣ оғоз ёфта, пас аз истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991 бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва талаботи замон такмил ёфтааст. Захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ (527 млрд кВт/соат дар як сол) ва ангишт (5 млрд тонна) заминаи табиии ин ташаккулро ташкил дода, қонунгузорӣ дар ин соҳа ба танзими муносибатҳои энергетикӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва таъмини амнияти энергетикӣ нигаронида шудааст. Тоҷикистон бо ин захираҳо дар ҷойи 8-уми ҷаҳон аз рӯи потенсиали гидроэнергетикӣ қарор дорад, ки 4% аз иқтидори ҷаҳонии ин намуди энергияро ташкил медиҳад [7].

Таҳлили кулли санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи энергетика[2] ва асарҳои олимони ватанӣ[6] далели он аст, ки мафҳуми расмии бозори энергетикӣ то дараҷае мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Давраи Шӯравӣ (то соли 1991): Дар давраи Шӯравӣ, энергетикаи Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи низоми ягонаи Иттиҳоди Шӯравӣ идора мешуд. Ин марҳила бо сохтмони нерӯгоҳҳои бузурги барқи обӣ, аз қабили НБО “Норак” (3000 МВт), ки соли 1972 ба истифода дода шуд, ва НБО “Бойғозӣ” (600 МВт), ки соли 1985 фаъол гардид, хос аст. Қонунгузории ин давра дар сатҳи ҷумҳуриҳои иттиҳодӣ таҳия шуда, ба ҳадафҳои саноатии умумишӯравӣ, аз ҷумла таъмини энергия барои истеҳсоли пахта ва саноати вазнин дар минтақа, хизмат мекард. Сангинов Д.Ш. қайд мекунад, ки дар ин давра энергетикаи Тоҷикистон ба талаботи ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳод, аз қабили Узбекистон ва Туркманистон, вобаста буд, ва идораи он аз марказ – Маскав – анҷом дода мешуд [7, с. 20-36].

Дар ин марҳила, қарорҳои Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон асоси танзимро ташкил медоданд. Масалан, нақшаҳои панҷсолаи Шӯравӣ барои Тоҷикистон сохтмони силсилаи нерӯгоҳҳо дар дарёи Вахшро пешбинӣ мекарданд, ки НБО “Норак” ва “Бойғозӣ” қисми он буданд. Ин нерӯгоҳҳо барои таъмини энергияи арзон ва рушди саноати минтақа сохта шуданд, аммо қонунгузории он замон хусусияти мустақил надошт ва ба манфиатҳои умумии Иттиҳод хизмат мекард. Ин вазъ боиси он гардид, ки Тоҷикистон пас аз истиқлолият бо инфрасохтори аз давраи Шӯравӣ меросмонда, вале бе заминаи ҳуқуқии мустақил барои идораи он, рӯбарӯ шавад [5, с. 45].

Сохтмони ин нерӯгоҳҳо дар давраи Шӯравӣ бо технологияҳои пешрафтаи он замон анҷом дода шуд, аммо идораи онҳо ба манфиатҳои Тоҷикистон ҳамчун як воҳиди алоҳида камтар нигаронида шуда буд. Масалан, НБО “Норак” бо иқтидори 3000 МВт ва истеҳсоли миёнаи 11 миллиард кВт/соат дар як сол яке аз бузургтарин нерӯгоҳҳои минтақа буд, аммо қисми зиёди энергияи он барои эҳтиёҷоти минтақаҳои дигари Иттиҳод истифода мешуд. Ин вазъ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ тағйир ёфт, вале заминаи техникии он давра (шабакаҳои барқӣ ва инфрасохтор) то имрӯз асоси низоми энергетикии Тоҷикистонро ташкил медиҳад [3, с. 20-36].

Оғози марҳилаи истиқлолият (1991-1993): Истиқлолияти Тоҷикистон дар соли 1991 бо мушкилоти зиёди иқтисодӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), ҳамроҳ буд, ки ба рушди соҳаи энергетика таъсири манфӣ расонд. Дар ин давра, қонунгузорӣ бештар ба ҳалли мушкилоти фаврӣ, аз қабили таъмини аҳолӣ бо барқ дар шароити бӯҳрон, нигаронида шуд. Яке аз санадҳои аввалини муҳим дар ин марҳила Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 5 апрели соли 1993, №139 "Дар бораи тадбирҳои ҳавасмандгардонии тараққиёти энергетикаи хурд ва истихроҷи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" буд. Ин қарор ба рушди нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ ва истифодаи ангишт ҳамчун манбаи алтернативӣ нигаронида шуда, нишонаи аввалини мустақилияти қонунгузорӣ дар соҳаи энергетика дар шароити истиқлолият гардид.

Ин қарор дар шароите қабул шуд, ки Тоҷикистон аз низоми ягонаи энергетикии Шӯравӣ ҷудо шуда, бо мушкилоти таъминот рӯбарӯ гардид. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, шабакаҳои барқӣ дар бисёр минтақаҳо хароб шуданд, ва истеҳсоли барқ ба таври назаррас коҳиш ёфт. Қарори мазкур кӯшиши аввалин барои ҳалли ин мушкилот буд, аммо дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва нарасидани маблағ, татбиқи он маҳдуд монд. Рахимзода М.З. қайд мекунад, ки дар ин марҳила давлат ба танзими мустақили бозори энергетикӣ омода набуд, ва аксари муносибатҳо ба воситаи сохторҳои давлатӣ, чун "Барқи Тоҷик", идора мешуд [4, с. 123].

Дар ин давра, Тоҷикистон бо вазъияти вазнини энергетикӣ рӯбарӯ шуд, зеро иқтидори истеҳсолии нерӯгоҳҳо (5190 МВт) дар шароити ҷанг пурра истифода намешуд, ва таъминот ба минтақаҳои дурдаст қариб қатъ гардида буд. Ин вазъ зарурати қабули қонунгузории мустақилро ба миён овард, ки метавонист идоракунии соҳаро дар шароити нав таъмин кунад. Қарори соли 1993 нишон дод, ки давлат ба истифодаи захираҳои дохилӣ, аз ҷумла ангишт ва нерӯгоҳҳои хурд, ҳамчун алтернатива ба гидроэнергетикаи бузург тамаркуз кардааст, аммо ин кӯшишҳо барои ташкили бозори энергетикӣ кофӣ набуданд.

Дар давраи пас аз ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), Тоҷикистон бо вазъияти вазнини энергетикӣ рӯбарӯ буд, зеро инфрасохтори барқӣ дар бисёр минтақаҳо хароб гардида, истеҳсоли барқ ба таври назаррас коҳиш ёфта буд. Дар ин шароит, қонунгузории соҳаи энергетика ба барқарорсозии низом ва таъмини талаботи асосии аҳолӣ нигаронида шуд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1997, №267 "Дар бораи инкишофи энергетикаи хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" яке аз қадамҳои муҳим дар ин марҳила буд. Ин қарор сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обиро барои таъмини минтақаҳои дурдаст ҳавасманд мекард, зеро шабакаҳои марказии барқӣ дар шароити бӯҳрон наметавонистанд талаботро пурра қонеъ кунанд.

Ин қарор дар заминаи вазъияти вазнини иқтисодӣ қабул шуд, ки дар он Тоҷикистон аз дастгирии молии хориҷӣ ва захираҳои дохилӣ маҳрум буд. НБО-ҳои хурд, ки бо харҷи кам сохта мешуданд, ҳамчун роҳи ҳалли муваққатӣ барои таъмини барқ дар деҳот пешниҳод гардиданд. Аммо, дар амал, татбиқи ин қарор бо мушкилоти зиёд, аз қабили нарасидани сармоя ва инфрасохтори зарурӣ, рӯбарӯ шуд. Рахимзода М.З. қайд мекунад, ки дар ин давра давлат ба идоракунии мустақили бозори энергетикӣ омода набуд, ва аксари муносибатҳо тавассути сохторҳои давлатӣ, чун "Барқи Тоҷик", танзим мешуданд, ки ин ба рушди рақобати бозоргонӣ монеъ гардид [4, с. 123].

Дар ин марҳила, иқтидори умумии низоми энергетикӣ 5190 МВт буд, аммо истифодаи воқеии он ба далели харобии шабакаҳо ва нарасидани маблағ барои нигоҳдорӣ хеле кам буд. Масалан, НБО "Норак" бо иқтидори 3000 МВт яке аз манбаъҳои асосии барқ буд, аммо талафоти барқ дар шабакаҳо (то 20% дар баъзе минтақаҳо) ва қатъиҳои зуд-зуд дар таъминот мушкилоти ҷиддиро ба миён меовард. Ин вазъ зарурати қабули қонунгузории мустақилро барои идоракунии соҳа дар шароити нав ба миён овард, ки ин раванд дар охири ин давра бо қабули қонуни асосӣ оғоз ёфт.

Соли 2000 як нуқтаи муҳими таърихӣ дар ташаккули қонунгузорӣ дар соҳаи энергетика буд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи энергетика" аз 29 ноябри соли 2000, №33 асоси ҳуқуқии танзими соҳаро гузошт [7, с. 124]. Ин қонун барои аввалин бор мақсадҳои давлатро дар соҳаи энергетика, аз ҷумла таъмини амнияти энергетикӣ, гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ, ҷалби сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ, ва додани мустақилияти иқтисодӣ ба корхонаҳои энергетикӣ муайян кард. Дар моддаи 1-и қонун, энергетика ҳамчун соҳаи ҳаётан муҳим эътироф шуда, замина барои идоракунии мустақилонаи он дар шароити истиқлолият фароҳам оварда шуд [7, с. 104].

Сангинов Д.Ш. қайд мекунад, ки ин қонун қадами муҳим дар ташаккули низоми ҳуқуқии мустақили энергетика буд, зеро он барои аввалин бор асосҳои танзимро дар шароити нав муқаррар намуд [5, с. 20-36]. Масалан, моддаи 4-и қонун вазифаҳои давлатро дар таъмини амнияти энергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист муайян карда, заминаи ҳуқуқӣ барои идоракунии соҳа гузошт. Аммо, ин қонун камбудиҳои худро низ дошт, ки дар набудани таърифи бозори энергетикӣ ва механизмҳои мушаххас барои танзими муносибатҳои бозоргонӣ зоҳир гардид. Ин камбудиҳо дар он буд, ки қонун бештар ба идоракунии давлатӣ нигаронида шуда, ба рушди бахши хусусӣ ва рақобат камтар таваҷҷуҳ кардааст.

Ҳамзамон бо қабули ин қонун, бо Фармони Президенти ҶТ аз 25 октябри соли 2000, №422 Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Ин вазорат идоракунии мутамарказ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар соҳаи энергетика ба ӯҳда гирифт, ки барои барқарорсозии низоми энергетикӣ пас аз бӯҳрон муҳим буд. Вазорат масъулияти таҳияи сиёсати энергетикӣ ва назорати корхонаҳои давлатиро бар дӯш дошт, аммо дар он замон ба далели нарасидани захираҳо ва таҷрибаи кофӣ, фаъолияти он маҳдуд буд.

Дар ин давра, Тоҷикистон бо мушкилоти техникии меросӣ аз давраи Шӯравӣ рӯбарӯ буд. Шабакаҳои барқии кишвар, ки дар солҳои 1970-1980 сохта шуда буданд, фарсуда гардида, талафоти барқро афзоиш медоданд. Ин вазъ дар минтақаҳои дурдаст, ки ба шабакаҳои марказӣ дастрасии кам доштанд, боз ҳам мушкилтар буд. Қарори соли 1997 оид ба энергетикаи хурд кӯшиши ҳалли ин мушкилот буд, аммо он танҳо қисман амалӣ шуд, зеро маблағ ва инфрасохтор барои татбиқи пурраи он кофӣ набуд.

Дар маҷмӯъ, марҳилаи аввали истиқлолият (1991-2000) бо кӯшишҳои аввалин барои ташкили қонунгузории мустақил дар соҳаи энергетика хос буд. Қабули Қонуни “Дар бораи энергетика” ва таъсиси Вазорати энергетика нишонаи оғози низоми мустақили танзим буд, аммо ин қонунгузорӣ ҳанӯз ба талаботи бозори муосир ҷавобгӯ набуд.

Оғози марҳилаи муосир (2000-2010): Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи энергетика” дар соли 2000 ва таъсиси Вазорати энергетика, Тоҷикистон вориди марҳилаи нави ташаккули қонунгузорӣ дар соҳаи энергетика гардид, ки ба барқарорсозии иқтисодиёт ва рушди устувор нигаронида шуд [7, с. 104]. Ин марҳила бо кӯшишҳои давлат барои истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ (527 млрд кВт/соат дар як сол) ва ангишт (5 млрд тонна) барои таъмини талаботи дохилӣ ва оғози ҳамкории минтақавӣ хос аст. Дар ин давра, Тоҷикистон бо мушкилоти техникии меросӣ аз давраи Шӯравӣ, аз қабили фарсудагии шабакаҳои барқӣ ва талафоти зиёди энергия (то 20% дар баъзе минтақаҳо), рӯбарӯ буд, ки қонунгузории навро барои ҳалли онҳо талаб мекард.

Дар ин марҳила, давлат ба сохтмони нерӯгоҳҳои нав ва барқарорсозии инфрасохтор тамаркуз кард. Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси дуввуми фурӯши нерӯи барқ (27 октябри 2006) ин самтро равшан мекунад. Президент ба зарурати истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ барои содироти барқ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, аз ҷумла Покистон (4000 МВт) ва Афғонистон, таъкид намуда, лоиҳаҳои “Роғун” (3600 МВт), “Сангтӯда-1” (670 МВт) ва “Сангтӯда-2” (220 МВт)-ро ҳамчун асоси ин сиёсат муаррифӣ кард. Ин суханронӣ нишон дод, ки қонунгузорӣ бояд ба ҳадафҳои стратегӣ, аз қабили содирот ва ҷалби сармояи хориҷӣ, мутобиқ гардад [1, с. 137].

Яке аз қадамҳои муҳим дар ин давра қабули Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2005, №471 “Дар бораи барномаи рушди энергетикаи Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010” буд. Ин барнома ба сохтмони нерӯгоҳҳои хурд ва миёна, барқарорсозии шабакаҳо ва ҷалби сармоя нигаронида шуда, ҳадаф дошт, ки талафоти барқро кам кунад ва таъминоти дохилиро беҳтар созад. Аммо, татбиқи он бо мушкилоти молиявӣ ва нарасидани таҷрибаи идоракунӣ рӯбарӯ шуд. Сангинов Д.Ш. қайд мекунад, ки ин барнома нишонаи оғози равиши стратегӣ ба энергетика буд, аммо он ба танзими муносибатҳои бозоргонӣ камтар диққат дода, бештар ба идоракунии давлатӣ такя мекард [5, с. 172].

Дар соли 2009, Фармони Президенти ҶТ аз 24 апрели соли 2009, №653 “Дар бораи тадбирҳои иловагии истифодаи сарфаҷӯёнаи энергия” қабул шуд, ки ба кам кардани талафоти барқ ва ҷорӣ кардани технологияҳои сарфаҷӯй нигаронида шуд. Ин фармон дар

заминаи норасоии барқ дар зимистон (2,5 млрд кВт/соат) ва зиёдатии он дар тобистон (3-5 млрд кВт/соат) қабул гардид, ки нишондиҳандаи заъфи идоракунӣ дар бозори энергетикӣ буд. Ин санад барои аввалин бор ба масъалаи самаранокии энергия диққати махсус дода, замина барои қонунҳои минбаъда гузошт, аммо он низ ба танзими мустақими давлатӣ такя карда, бахши хусусиро ҷалб нанамуд.

Қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия" аз 12 январи соли 2010, №587 як пешрафти дигар дар ин марҳила буд. Ин қонун ба рушди манбаъҳои алтернативӣ, аз қабили энергияи офтобӣ ва шамол, нигаронида шуда, ҳадаф дошт, ки вобастагии кишварро ба гидроэнергетика (94% иқтидори умумӣ) кам кунад. Дар моддаи 3-и ин қонун, истифодаи манбаъҳои барқароршаванда ҳамчун роҳи таъмини амнияти энергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист муайян шудааст. Аммо, татбиқи он бо мушкилоти техникӣ ва нарасидани сармоя маҳдуд монд, ки нишондиҳандаи заъфи заминаи ҳуқуқӣ барои рушди бозори энергетикӣ буд [5, с. 173].

Дар ин давра, Тоҷикистон ҳамчунин ба ҳамкории минтақавӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои сохтмони нерӯгоҳҳо шурӯъ кард. Масалан, НБО "Сангтӯда-1" бо дастгирии молии Россия (250 млн доллар) ва "Сангтӯда-2" бо сармояи Эрон (180 млн доллар) дар солҳои 2000-ум оғоз шуд . Ин лоиҳаҳо нишон доданд, ки қонунгузорӣ бояд ба ҷалби сармоя ва танзими муносибатҳои байналмилалӣ мутобиқ гардад. Аммо, Сангинов Д.Ш. таъкид мекунад, ки ин санадҳо бештар ба идоракунии лоиҳаҳои мушаххас нигаронида шуда, заминаи умумии бозори энергетикӣро фаро нагирифтанд [7, с. 45].

Ин марҳила бо афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва кӯшишҳои аввалин барои диверсификатсияи манбаъҳо хос буд. Масалан, НБО "Сангтӯда-1" соли 2009 ва "Сангтӯда-2" соли 2011 ба истифода дода шуданд, ки истеҳсоли барқро то андозае афзоиш дод. Аммо, норасоии барқ дар зимистон ва талафоти зиёд дар шабакаҳо (то 20%) боқӣ монд, ки нишондиҳандаи нокифоягии қонунгузорӣ барои ҳалли мушкилоти сохторӣ буд. Абдуллозода М.А. қайд мекунад, ки ин давра нишон дод, ки бозори энергетикӣ дар Тоҷикистон ба танзими муассир ва муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ниёз дорад, то аз захираҳои худ пурра истифода барад [5, с. 174].

Дар маҷмӯъ, солҳои 2000-2010 бо оғози равиши стратегӣ ба энергетика ва кӯшишҳо барои ҳамкории минтақавӣ хос буд. Қонунгузории ин давра заминаи аввалини танзимро гузошт, аммо он ҳанӯз ба талаботи бозори муосир, аз қабили шаффофият ва рақобат, пурра ҷавобгӯ набуд.

Пас аз соли 2010, қонунгузории соҳаи энергетика дар Тоҷикистон ба самти рушди устувор, диверсификатсияи манбаъҳо ва густариши ҳамкории минтақавӣ нигаронида шуд. Ин марҳила бо афзоиши талабот ба энергияи тоза ва зарурати ҳалли мушкилоти норасоии барқ дар зимистон (2,5 млрд кВт/соат) ва истифодаи нокифояи захираҳои гидроэнергетикӣ (527 млрд кВт/соат дар як сол, ки танҳо 4-5%-аш истифода мешавад) хос аст. Давлат дар ин давра ба сохтмони нерӯгоҳҳои нав, ҷалби сармояи хориҷӣ ва таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои бозори энергетикӣ тамаркуз кард.

Яке аз қадамҳои муҳим дар ин марҳила қабули Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 марти соли 2011, №116 "Дар бораи тасдиқи қоидаҳои пешбурди кадастри давлатии манбаъҳои барқароршавандаи энергия" буд. Ин қарор барои аввалин бор баҳисобгирии захираҳои барқароршаванда, аз қабили энергияи офтобӣ, шамол ва гидроэнергияро муқаррар карда, замина барои истифодаи онҳо дар оянда гузошт. Ин санад идомаи Қонуни ҶТ "Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия" аз соли 2010 буд, ки ҳадафаш кам кардани вобастагии кишвар ба гидроэнергетикаи бузург ва таъмини амнияти энергетикӣ буд. Аммо, татбиқи он бо мушкилоти молиявӣ ва нарасидани технологияҳои муосир рӯбарӯ шуд.

Дар соли 2013, Қонуни ҶТ "Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия" аз 19 сентябри соли 2013, №1018 қабул гардид, ки як пешрафти назаррас дар танзими бозори энергетикӣ буд . Ин қонун барои кам кардани талафоти барқ (то 20% дар шабакаҳо) ва ҷорӣ кардани технологияҳои сарфаҷӯй нигаронида шуда, меъёрҳои истифодаи оқилонаи энергияро муқаррар кард. Дар моддаи 5-и қонун, вазифаҳои давлат дар таъмини самаранокии

энергия муайян шуда, замина барои идоракунии муассири захираҳо гузошта шуд . Сангинов Д.Ш. қайд мекунад, ки ин қонун нишонаи гузариш ба равиши муосир буд, аммо он ба танзими муносибатҳои бозоргонӣ камтар таваҷҷуҳ карда, бештар ба назорати давлатӣ такя мекард [7, с. 20-36].

Дар ин давра, Тоҷикистон ба лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ, аз қабили CASA-1000, шурӯъ кард, ки соли 2016 расман оғоз ёфт. Ин лоиҳа ҳадаф дошт, ки 1300 МВт баркро аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистон ва Покистон интиқол диҳад, ва Тоҷикистон дар он нақши калидӣ дошт. Суханронии Президенти соли 2006 ин имкониятро пешгӯӣ карда буд, ки Тоҷикистон бо захираҳои худ (527 млрд кВт/соат) метавонад ба як таъминкунандаи муҳими минтақавӣ табдил ёбад. Аммо, барои амалӣ шудани ин лоиҳа, зарур буд, ки қонунгузорӣ ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва танзими муносибатҳои байналмилалӣ мутобиқ гардад. Рахимзода М.З. қайд мекунад, ки дар ин марҳила набудани заминаи ҳуқуқии мустаҳкам барои бахши хусусӣ монеаи ҷиддӣ буд [4, с. 123].

Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2015, №795 “Дар бораи Барномаи аз худ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони неругоҳҳои хурди барқи обӣ барои солҳои 2016-2020” идомаи ин раванд гардид . Ин барнома сохтмони 71 нерӯгоҳи хурд бо иқтидори умумии 76 МВт-ро пешбинӣ карда, ҳадаф дошт, ки минтақаҳои дурдастро бо барқ таъмин кунад . Ин қарор нишон дод, ки давлат ба диверсификатсияи манбаъҳо ва кам кардани норасоии барқ тамаркуз дорад, аммо татбиқи он бо мушкилоти молиявӣ ва идоракунӣ рӯбарӯ шуд . Абдуллозода М.А. таъкид мекунад, ки ин барнома нишонаи кӯшиши давлат барои ҳалли мушкилоти сохторӣ буд, аммо он ба танзими муассири бозори энергетикӣ пурра нигаронида нашудааст [5, с.175].

Дар ин марҳила, Тоҷикистон инчунин ба сохтмони НБО “Роғун” (3600 МВт) шурӯъ кард, ки соли 2018 нахустин агрегати он ба кор даромад. Ин лоиҳа, ки дар суханронии Президенти соли 2006 зикр шуда буд, яке аз бузургтарин нерӯгоҳҳои минтақа буда, истеҳсоли 13 миллиард кВт/соат дар як солро пешбинӣ мекунад. Аммо, сохтмони он бо мушкилоти молиявӣ (арзиши умумӣ беш аз 3 млрд доллар) ва зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ рӯбарӯ шуд, ки қонунгузории мавҷуда барои он пурра омода набуд. Сангинов Д.Ш. қайд мекунад, ки ин лоиҳа нишон дод, ки Тоҷикистон ба қонунгузории муосир барои танзими сармоягузорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ниёз дорад [7, с. 45].

Дар маҷмӯъ, солҳои 2010-2020 бо густариши лоиҳаҳои энергетикӣ ва кӯшиш барои ҳамкории минтақавӣ хос буд. Қонунгузории ин давра ба рушди устувор ва диверсификатсия тамаркуз кард, аммо ҳанӯз ҳам дар муайян кардани бозори энергетикӣ ва ташкили муносибатҳои рақобатӣ заъф дошт.

Марҳилаи муосир (2020-2025): Пас аз соли 2020, қонунгузории соҳаи энергетика дар Тоҷикистон ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди устувор, содироти барқ ва ҳамкории минтақавӣ нигаронида шуд. Ин марҳила бо афзоиши талабот ба энергияи тоза, тақвияти лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ, чун НБО “Роғун” (3600 МВт), ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои такмили инфрасохтор хос аст. Захираҳои гидроэнергетикӣ (527 млрд кВт/соат дар як сол) ва ангишт (5 млрд тонна) имкониятҳои Тоҷикистонро барои табдил шудан ба як таъминкунандаи муҳими минтақавӣ таъмин мекунанд, аммо норасоии барқ дар зимистон (2,5 млрд кВт/соат) ва истифодаи нокифояи захираҳо (4-5%) мушкилоти идомаёбанда боқӣ мемонанд.

Яке аз санадҳои муҳим дар ин давра Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2023, №51 “Дар бораи Барномаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2023-2027” буд. Ин барнома идомаи кӯшишҳои қаблӣ барои диверсификатсияи манбаъҳо ва таъмини минтақаҳои дурдаст бо барқ буда, ҳадаф дорад, ки истеҳсоли баркро афзоиш дода, талафоти онро (то 20% дар шабакаҳо) кам кунад. Дар ин санад, истифодаи манбаъҳои офтобӣ ва шамол ҳамчун алтернатива ба гидроэнергетика пешбинӣ шуда, инчунин сохтмони нерӯгоҳҳои хурд барои таъмини деҳот идома дода мешавад. Абдуллозода М.А. қайд мекунад, ки ин барнома нишонаи гузариш ба равиши муосири танзим аст, аммо он ҳанӯз ба

муайян кардани бозори энергетикӣ ҳамчун як системаи муташаккил пурра нигаронида нашудааст [7, с. 136-141].

Дар ин марҳила, Тоҷикистон ба такмили лоиҳаи НБО “Роғун” тамаркуз кард, ки соли 2018 нахустин агрегати он ба кор даромад ва то соли 2025 пурра ба истифода дода мешавад. Ин нерӯгоҳ бо иқтидори 3600 МВт ва истеҳсоли 13 миллиард кВт/соат дар як сол яке аз бузургтарин лоиҳаҳои минтақа аст, ки дар суханронии Президенти соли 2006 пешгӯӣ шуда буд. Аммо, сохтмони он бо мушкилоти молиявӣ (арзиши умумӣ беш аз 3 млрд доллар) рӯбарӯ шуд, ки қонунгузории мавҷударо барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва танзими муносибатҳои байналмилалӣ нокифоя нишон дод. Сангинов Д.Ш. таъкид мекунад, ки ин лоиҳа зарурати таҳияи меъёрҳои ҳуқуқии муосирро барои идоракунии сармоягузорӣ ва муносибатҳои бозорӣ равшан кард [7, с. 45].

Қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ” аз 23 декабри соли 2021, №1845 як қадами дигар дар ин марҳила буд . Ин қонун барои аввалин бор имкони истифодаи энергияи атомиро ҳамчун манбаи алтернативӣ дар оянда муайян карда, заминаи ҳуқуқӣ барои диверсификатсияи манбаъҳои энергетикӣ гузошт. Дар моддаи 2-и қонун, ҳадафҳои истифодаи бехатар ва самараноки энергияи атомӣ барои рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳит муқаррар шудааст. Аммо, татбиқи он дар шароити кунунӣ бо нарасидани технология ва захираҳои молиявӣ маҳдуд аст. Рахимзода М.З. қайд мекунад, ки ин қонун нишонаи нияти давлат барои гузариш ба манбаъҳои муосир аст, аммо он ба рушди бозори энергетикӣ бевосита таъсир нарасонд [5, с. 123].

Дар ин давра, Тоҷикистон инчунин ба лоиҳаи CASA-1000 ва ҳамкории минтақавӣ тамаркуз кард. Ин лоиҳа, ки соли 2016 оғоз шуда, то соли 2025 пурра амалӣ мешавад, ҳадаф дорад, ки 1300 МВт баркро аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистон ва Покистон интиқол диҳад. Ин лоиҳа идомаи ҳадафҳои дар суханронии Президенти соли 2006 зикршуда аст, ки Тоҷикистонро ҳамчун таъминкунандаи муҳими барқ дар минтақа муаррифӣ карда буд. Аммо, барои муваффақияти он, қонунгузорӣ бояд ба танзими муносибатҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ мутобиқ гардад.

Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 феврали соли 2025, №112 “Дар хусуси лоиҳаи Созишнома дар бораи хизматрасонии машваратӣ байни Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ” нишон медиҳад, ки давлат ба ҷалби сармоя ва такмили идоракунӣ дар соҳаи энергетика идома медиҳад. Ин санад барои беҳтар кардани инфрасохтор ва идоракунии бозори энергетикӣ нигаронида шуда, нишонаи кӯшиши давлат барои ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ бо стандартҳои байналмилалӣ аст. Аммо, Абдуллозода М.А. таъкид мекунад, ки ин санадҳо ҳанӯз ба ташкили бозори муташаккили энергетикӣ бо муносибатҳои рақобатӣ пурра нигаронида нашудаанд [1, с. 136-141].

Дар маҷмӯъ, марҳилаи 2020-2025 бо такмили лоиҳаҳои бузург, густариши ҳамкории минтақавӣ ва кӯшиш барои диверсификатсия хос аст. Қонунгузории ин давра ба рушди устувор ва содироти барқ тамаркуз дорад, аммо ҳанӯз ҳам дар муайян кардани бозори энергетикӣ ва ташкили муносибатҳои бозоргонӣ заъф дорад.

Хулоса, таърихи қонунгузории энергетикии Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳуқуқӣ се марҳилаи муайян дорад – ташаккули ибтидоӣ (1991-1999), мустаҳкамкунӣ (2000-2020) ва ҳамгироии байналмилалӣ (2021-2025), ки таҳқиқот онро ҳамчун як раванди динамикии ҳуқуқӣ бо такя ба санадҳои асосӣ, аз қабили Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 1993, № 139 ва Қонуни "Дар бораи энергетика" аз соли 2000 таҳлил мекунад; аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, ин марҳилаҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи аввал (1991-1999) заминаи танзим дар шароити бӯҳрон бо санадҳои ибтидоии чун Қарори аз 4 июни соли 1997, № 267 ташкил шуда, вале набудани низоми мукаммали ҳуқуқӣ мушкилоти идоракуниро ба вуҷуд овардааст; дар марҳилаи дуюм (2000-2020), қабули қонунҳои асосӣ ва фармонҳо (масалан, Фармони Президенти ҶТ аз 25 октябри соли 2000, № 422) сохтори ҳуқуқии соҳаро мустаҳкам кард, аммо таҳқиқот исбот мекунад, ки ин санадҳо ба рақобат ва самаранокии бозор камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд; марҳилаи сеюм (2021-2025) бо санадҳои байналмилалӣ (масалан,

Қарори аз 28 феврали соли 2025, № 112) хос аст, ки ҳамгироии ҳуқуқиро таъмин мекунад, ва ин таҳлили ҳуқуқӣ як асоси нави таърихӣ барои фаҳмиши эволютсияи танзим мегузорад.

Ба Кодекси энергетикии Тоҷикистон (дар сурати қабул) боби махсус оид ба таърихи ташаккули қонунгузорӣ (1991-1999, 2000-2020, 2021-2025) илова карда шавад, ки дар он санадҳои асосӣ (масалан, Қарори № 139 аз соли 1993, Қонуни № 33 аз соли 2000) ҳамчун асоси ҳуқуқии эволютсияи соҳа муайян гардад, то идомаи мантиқии ислоҳот таъмин шавад.

***Адабиёт***


1. Абдуллозода М.А. Ҷанбаҳои ҳуқуқии мафҳум ва хусусиятҳои бозори энергетикӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – № 4 (16). – С. 136–141.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, № 983 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – № 15–16. – Мод. 235; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – № 22. – Мод. 259; 2008. – № 1, қ. 2. – Мод. 16; № 12, қ. 2. – Мод. 1005; 2010. – № 12, қ. 1. – Мод. 822; ҚҶТ аз 28.12.2013, № 1048. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29 ноябри соли 2000, № 33 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2000. – № 11. – Мод. 504; 2005. – № 12. – Мод. 633; 2007. – № 6. – Мод. 436; № 7. – Мод. 672; 2009. – № 9–10. – Мод. 549; 2011. – № 6. – Мод. 440; Қонуни ҶТ: аз 26.12.2005, № 118; аз 13.06.2007, № 280; аз 30.07.2007, № 310; аз 16.10.2009, № 556; аз 28.06.2011, № 727; аз 22.07.2013, № 998; аз 28.12.2013, № 1054; аз 19.07.2022, № 1909. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт» аз 30 июли соли 2007, № 309 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – № 7. – Мод. 671; ҚҶТ аз 24.02.2017, № 1403. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» аз 19 сентябри соли 2013, № 1018 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – № 8–9. – Мод. 651. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» аз 18 марти соли 2015, № 1190. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» аз 23 декабри соли 2021, № 1845.
3. Пушкарева В.А. Актуальные проблемы правового регулирования энергетических рынков // Актуальные проблемы науки и практики. – 2021. – № 4. – С. 54–57.
4. Рахимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе: Илм, 2018. – 392 с.
5. Сангинов Д.Ш. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. – 2022. – № 1. – С. 171–175.
6. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 200 с. Сангинов Д.Ш. Энергетическое право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 200 с. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Сино, МДМТ, 2016. – 320 с. Сангинов Д.Ш. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. – 2022. – № 1. – С. 171–175. Сангинов Д.Ш. Правовые проблемы инновационной деятельности в нефтегазовой отрасли Республики Таджикистан // Экономико-правовое регулирование в энергетике: сб. ст. междунар. круглого стола (ТЭФ-2024). – Казань, 2024. – С. 43–48.
7. Сангинов Д.Ш. Энергетическое право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 200 с.

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ТОҶИКИСТОН

Мақола таърихи ташаккули қонунгузории соҳаи энергетика дар Тоҷикистонро аз давраи Шӯравӣ то имрӯз мавриди таҳлил қарор дода, марҳилаҳои асосии онро – ибтидоӣ (1991-1999), мустаҳкамкунӣ (2000-2020) ва ҳамгироии байналмилалӣ (2021-2025) – муайян мекунад. Муаллифон захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва ангишти кишварро ҳамчун заминаи табиии ин раванд таъкид намуда, таҳаввули қонунгузориро бо такя ба санадҳои муҳим, аз қабили Қонуни “Дар бораи энергетика” (2000) ва қарорҳои давлатӣ, баррасӣ мекунанд. Дар мақола камбудиҳо ва дастовардҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла масъалаҳои амнияти энергетикӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва рушди бозори энергетикӣ, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** Қонунгузории энергетикӣ, гидроэнергетика, амнияти энергетикӣ, захираҳои табиӣ, Тоҷикистон, бозори энергетикӣ, истиқлолият, НБО “Норак”, НБО “Роғун”, танзими ҳуқуқӣ.

## ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В СФЕРЕ ЭНЕРГЕТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Статья анализирует историю формирования законодательства в сфере энергетики Таджикистана с советского периода до настоящего времени, выделяя основные этапы: начальный (1991-1999), укрепление (2000-2020) и международная интеграция (2021-2025). Авторы подчеркивают значительные гидроэнергетические и угольные ресурсы страны как естественную основу этого процесса и рассматривают эволюцию законодательства на основе ключевых документов, таких как Закон “Об энергетике” (2000) и государственные постановления. В статье исследуются недостатки и достижения законодательства, включая вопросы энергетической безопасности, эффективного использования ресурсов и развития энергетического рынка.

**Ключевые слова:** Энергетическое законодательство, гидроэнергетика, энергетическая безопасность, природные ресурсы, Таджикистан, энергетический рынок, независимость, ГЭС “Нурек”, ГЭС “Рогун”, правовое регулирование.

## HISTORY OF THE FORMATION OF LEGISLATION IN THE ENERGY SECTOR IN TAJIKISTAN

The article examines the history of the development of energy legislation in Tajikistan from the Soviet period to the present, identifying its main stages: initial (1991-1999), consolidation (2000-2020), and international integration (2021-2025). The authors highlight the country’s vast hydropower and coal resources as the natural foundation of this process and analyze the evolution of legislation based on key documents, such as the Law “On Energy” (2000) and government resolutions. The study addresses the shortcomings and achievements of the legislation, including issues of energy security, efficient resource use, and the development of the energy market.

**Keywords:** Energy legislation, hydropower, energy security, natural resources, Tajikistan, energy market, independence, Nurek HPP, Rogun HPP, legal regulation.

**Дар бораи муаллифон**

Абдуллозод Муҳаммади Амонулло
Ассистенти кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: (+992)100616262

Сангинзода Дониёр Шомаҳмад
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992) 980850707
Email: doniyor_sanginov@mail.ru

**Об авторах**

Абдуллозод Мухаммад Амонулло
Ассистент кафедры права факультета истории и права
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121
Тел: (+992)100616262

Сангинзода Дониёр Шомахмад
Доктор юридических наук, профессор кафедры предпринимательского и коммерческого права
Таджикский национальный университет
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: (+992) 980850707
Email: doniyor_sanginov@mail.ru

**About the authors**

Abdullozod Muhammadi Amonullo
Assistant of the Department of Law, Faculty of History and Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121
Phone: (+992)100616262

Sanginzoda Doniyor Shomahmad
Doctor of Law, Professor of the Department of Business and Commercial Law
Tajik National University
Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.
Phone: (+992) 980850707
Email: doniyor_sanginov@mail.ru

ТДУ 94(395) + 342 + 321

# МУАССИСАҲОИ ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚИИ ПОДШОҲИИ АШКОНИЁН

***Аламов Ҳ. Н.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Пас аз ҳуҷуми юнону мақдуниҳо ба сарзамини таърихии Ориёно шоҳаншоҳии Ашкониён (Портҳо) нахустин дудмони ориёие ба шумор меравад, ки дар эҳё ва рушди фарҳанги ориёӣ, суннатҳои давлатдории ниёгон ва таҳкими хотираи таърихӣ нақши муассир гузоштааст.

Тақрибан, соли 250 пеш аз милод қабилаи ориёии парниҳо бо роҳбарии Аршаки I сарзамини аҷдодии худро аз Селвекиҳо озод намуда, шоҳаншоҳии Ашкониёнро таъсис доданд, ки он аз ҷиҳати иқтидор ба империяи Рим баробар буд. Шоҳаншоҳии таъсиснамудаи онҳо то соли 224 и милодӣ арзи ҳастӣ намуд. Доир ба масъалаи давлатдории Ашкониён, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ намдуда, қайд менамоянд, ки Ашкониён дар қаламрави ниёгони ориёии мо - Варoруд комат афрохта, худро ворисони Ҳахоманишиён мешумурданд ва саҳифаҳои дурахшоне дар оини давлату давлатдорӣ ва таҳаввулу пешрафти тамаддуни ориёӣ гузоштаанд [13, с.328].

Анъанаҳои давлатдории Ашкониёнро анъанаҳои давлатдории моду ҳахоманишӣ ё худ анъанаҳои халқҳои ориёӣ ташкил медоданд. Онҳо ин сохторро нигоҳ дошта, ба он баъзе унсурҳои идоравиеро, ки хоси қабилаи парнҳо буданд, илова карданд [8, с.145].

Низоми идории давлатҳои ориёии то Ашкониён низ дар бештари маврид рӯйи адолат ва тартиботи муайяни ҷамъиятӣ шакл гирифта буд. Дар чунин низомҳо шоҳ мақоми марказӣ дошт ва ба ӯ чун шахси баргузида муносибат мешуд.

Дар империяи Ашкониён шоҳ таҷасумгари олии ҳокимияти давлатӣ буда, ҳуқуқи шоҳ шудан танҳо ба авлоди Ашкониён тааллуқ дошт. Шоҳ мақоми олии давлатӣ буд. Ҳокимияти шоҳӣ мутлақ ва ҳукуму фармонаш тағйирнопазир буд, лекин дарвоқеъ, ӯ давлатро танҳо идора намекард. Чуноне ки академик Бобоҷон Ғафуров қайд менамоянд: Дар империяи Ашкониён ҳокимияти подшоҳро ду шуро – шурои ашроф ва шурои мубадон ба андозае маҳдуд мекарданд. Ба шурои ашроф ғайр аз намояндагони сулолаи ашконӣ, боз шаш хонаводаи ашроф намояндагӣ менамуданд. Подшоҳро аз байни хонадони ҳукмрони ҳамин ду шуро интихоб карда, васияти подшоҳи марҳумро ҳам ба эътибор мегирифтанд [3, с.328]. Ҳокимияти шоҳӣ ба оилаи Ашкониён тааллуқ дошт, тартиби муайяни вориси тахт вуҷуд надошт ва қудрати подшоҳӣ дар дохили қабила интихобӣ буд. Агар шоҳ шахсеро дар васиятномаи худ ба ин мансаб пешниҳод намуда бошад, дар аксар ҳолат шахси зикршуда шоҳ интихоб мегардад. Ду роҳи пешниҳод гаштан барои ишғоли мансаби олии давлатӣ вуҷуд дошт, вале дар ҳар ду ҳолат ҳам танҳо анҷуман шоҳро интихоб мекард [2, с.76].

Дар низоми идоракунии ҳокимият инчунин як қатор ниҳодҳои давлатӣ мавҷуд буданд. Ниҳоди ҳазорпат баъди шоҳ аз ҳама мартабаи баланд дошта, ба зимаи дорандаи ин унвон ҳам вазифаҳои ҳарбӣ ва ҳам шаҳрвандӣ гузошта шуда буд. Хуршудян Э.Ш. ин масъаларо ба таври муфассал баррасӣ кардааст [1, с.148]. Маълумоти нав оид ба таърихи шоҳигарии Ашкониён ва давлати Сосониён имкон медиҳад, ки ақидаҳои қаблан муқарраршуда, дар бораи сохти маъмурии Эрон дар давоми ҳазорсолаи то милод (аз миёнаҳои асри III пеш аз милод то миёнаҳои асри VII мелодӣ) хеле амиқтар шаванд.

Маъмулан, дар низоми идорӣ нақши ниҳодҳои идоракунӣ хело калидист. Ба ин монанд, дар сохти идоракунии давлати Ашкониён низ махсус идораҳои муваззаф вуҷуд доштанд. Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ниҳодҳои идоракунии ашкониён истилоҳоти бидахш, падгоспан, марзбон ва канаранг баррасӣ мешавад. Истилоҳи бидахш дар асл ашкони буда, дар маъхазҳои форсии миёна, юнонӣ, лотинӣ, арамӣ, сурёнӣ, арманӣ ва гурҷӣ истифода мешавад.

Ниҳоди бидахшро (ҳамидоракунанда), "ҳокими дуюм (пас аз шоҳ); шахси дуюм дар салтанат; "шахси дуюм дар ҳокимия" ном мебурданд. Дар идоракунии давлатӣ аз рӯйи мақом бидахш ба шоҳ дар як сатҳ қарор надошта, дар як вақт намояндаи ваколатдори ӯ – ҳокимӣ як вилояти калон ё тобеъи мулк буд, ки вобаста ба вазъият метавонист вазифаҳои ҳокимӣ, роҳбарии дарбор, андозҷамъкунандаи асосӣ, сарфармондеҳиро иҷро кунад [12, с.18]. Дар бораи мақоми баланди ниҳоди бидахш Дяконов М.М. менависад, ки он якчанд вазифаҳои давлатиро иҷро менамуд" [5, с.95].

Инчунин, ниҳодҳои падгоспанҳо, канарангҳо, марзбонҳо мавҷуд буданд, ки онҳо аз ҷониби Шоҳаншоҳ тайъин шуда, вазифаҳои ҳокимӣ, ҳарбӣ ва молиявиро иҷро мекарданд. Ниҳодҳои ниведбед; "мудири дарбор" – дариган солор, дарбед, дариган нахуст ва "сардори посбонони дарбор" – дарбон, дарбон солор, дарбон дарбед меномиданд. Вазифаи "роҳбари маросимҳо" аз замони Ҳахоманишиён анъанавӣ будааст. Дар давраи ашкониён "роҳбари маросимҳо"–ро ниведбед (агар айнан баён кунем: эълонгари асосӣ, даъваткунандаи асосӣ) меномиданд. Дар дастгоҳи хазинаи давлатӣ нақши асосиро назоратчиёни молиявӣ - амаргарҳо мебозиданд. Дабирони ашконӣ ворисони дабироне буданд, ки дар канселяриҳои Ҳахоманишиҳо кор мекарданд. Анъанаи идоракунии Ҳахоманишинҳо, дар замони салтанати ашкониён давом ёфт, аз рӯйи тақсимоти маъмурӣ–ҳудудӣ, давлати Ашкониён 18-сатрапияро дар бар мегирифт. "Мувофики маълумотҳои Плиний ва Исидори Харакси Парфия ба 18 сатрапия тақсим шуда буд. Аммо, бар хилофи сатрапияҳои Ҳахоманишиён, сатрапияҳои Парфия аз ҷиҳати миқдор хеле хурдтар буданд. Номи ин сатрапияҳо дар маъхазҳои зикршуда оварда шудааст. Ҳокими ин ноҳияҳои маъмуриро сатрап меномиданд ва ӯро худи шоҳ таъин мекард. Сатрап тобеи шоҳ буд ва дар сатрапии ӯ ҳокимияти мутлақ буд. Сатрапҳо дастгоҳи идораи худро дошт" [4, с.18]. Сатрапҳоро хшатрапаван ва ё нахводор низ меномиданд. Сатрапияҳо ба гипархия ва гипархияҳо ба статмаҳо тақсим мешуданд. Статма иттиҳоди якчанд қишлоқ ва деҳаҳо буд. Дар онҳо постгоҳҳои ҳарбӣ меистоданд. Ба якчанд сатрапҳо як марзбон таъин мешуд. Марзбон ҳокими якчанд сатрап буд. Ҳудуди сатрапияҳои ашкониён нисбат ба сатрапияҳои Ҳахоманишиҳо хело хурд буд. Статмаҳоро юнониён бо забони парфиянӣ "диз" меномиданд. Роҳбари "дизҳо" ба дизпатҳо будааст [11, с.61].

Бояд қайд намуд, ки дар миёни ориёиҳо вуҷуд доштани шуроҳои машваратию қабилавӣ ҳанӯз дар ҳазорсолаҳои III ва II қабл аз мелод низ вуҷуд доштааст.

Мақомоти намояндагӣ дар давлатҳои ориёӣ бо номҳои маҷлиси аъзои қабила, шурои куҳансолон, шурои муғон, шурои машваратӣ ва ғайра вуҷуд доштааст.

Дар шоҳаншоҳии Ашкониён мақомоти намояндагиро Меҳистон меномиданд. Анҷумани Ашкониён аз ду шуро: шурои шоҳзодагон ва шурои бузургон иборат ва муштаракан Меҳистонро ташкил медоданд. Меҳистон – Анҷумани бузургони Ашкониён мебошад, ки идае аз муаррихон таъсисёбии онро ба замони Ашки аввал ва Ашки дуюм марбут медонанд, бархе менависанд, ки он нахустин нишасти худро дар замони шоҳаншоҳ Меҳрдоди I баргузор кардааст. Яъне нишасти муштараки ду шурои назди дарборро Меҳистон мегуфтанд. Ҳамин тавр, Меҳистон, ба фаҳмиши имрӯза ҷаласаи якҷояи ду палатаи парлумон будааст. Меҳистон аз ду палата иборат буда, бештар хусусияти маҷлиси машваратӣ доштааст. Ҳамин минвол хусусияти хоси парлумони Ашкониён аз он иборат будааст, ки он аз ду анҷуман: бузургон, ки ба он хонадони шоҳ ва ҳафт авлод шомил буданд, дигараш маҷлиси доноёну муғон, ки намояндагони музофотҳо ҳам дар он узвият доштанд, таркиб ёфта будааст. Дар ҳайати маҷлиси дуюм доноён нисбат ба муғон аксариятро ташкил дода, ин анҷуманро дар адабиёти Ғарбӣ аксар маврид Сенат низ ёд мекардаанд. Баъди он ки шоҳаншоҳ дар Меҳистон интихоб мегардид, акнун ӯ бо рамзу нишони худ тамоми мардуми империяро намояндагӣ мекард. Шоҳаншоҳ наметавонист ҳайати Меҳистонро таъсис ё таъин намояд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳокимияти ӯ маҳдуд будааст. Меҳистон дар ҳолати ҷангӣ дар интихоби сарлашкарон ҳам нақш доштааст [9, с. 82].

Вазифаи мақомоти судӣ дар гузашта танҳо дар аҳди Ҳахоманишиҳо бо номи "девони додгарӣ" амал мекард. Ба ғайр аз ин вазифаю салоҳиятҳои он дар замони мавҷудияти дигар давлатҳои таърихии мо дар таркиби дигар ниҳодҳо вуҷуд дошт.

Доир ба ниҳоди судӣ бояд, ҳаминро қайд намуд, ки дар давлати Ашкониён ниҳоди судии дунявӣ, ки онҳоро суди – шоҳӣ меномиданд амал мекард. Қонунҳои ягонаи маҳаллӣ вуҷуд надоштанд, вале онҳо таҳти назорати ҳукумати марказӣ қарор доштанд. Мақомоти олии суди шоҳ буд.

Дар пайроҳаи таърих гузшатагони номовари халқи тоҷик бо мақсади дифоъ аз Ватан ва арзишҳои маърифатӣ дар такмили мактаби ватандорӣ, низоми артишу артишдорӣ, садоқату муҳаббат ба марзу бум нақши бориз гузоштаанд. Бо ба сари қудрати сиёсӣ омадани сулолаҳои гуногуни ориёӣ ва таъсиси империяҳои паҳновар санъати артишдории ориёиҳо – тоҷикон торафт такмил ёфта, он ба як мактаби бузурги ҷасорату шуҷоат табдил ёфт.

Доир ба иқтидори артиши ашкониён Н.К. Дибвойз қайд менамояд, ки “дастоварди муҳимми ҳарбии ашкониён саворагони вазниняроқи ҷавшанпӯш буданд. Ҳам савора ва ҳам аспи ӯ дар тан ҷавшан доштанд” [6, с.19]. Ин усули артишдории ориёиҳо буда, дар аҳди ашкониёнба гунаи мукаммалтар мавриди истифода қарор гирифт.

Дар бораи маҳорати ҷангии артиши Ашкониён қайд кардан зарур аст, ки “соли 54 п.м. лашкаркаши рими Марк Лисиний Красс бо сипоҳи 42 ҳазор нафарааш ҳавобалдона ба Шарқ ҳаракат намуда, 9-майи соли 53 п.м. дар қарибии шаҳри Кар (Ҳаррон) бо сипоҳи 10 ҳазор нафараи сарлашкари ҷасури Ашкониён, Сурона (Сурен) вохӯрд... Дар натиҷаи он аз 42 ҳ. нафариримиён 20 ҳазор нафар дар муҳорибаи мазкур ҷон доданд, 12 ҳазор нафар асир гирифта шуданд ва 10 ҳазор нафар аз майдони набард фирор намуданд [10, с.95]. Дар таърихи ҷаҳонӣ ин як ҳодисаи хело беназир ба шумор рафта, саҳифаи дурахшони размоварони Ашконӣ аст.

Ҳамин тавр асоси артишро саворагони сабукяроқ ва вазниняроқи ҷавшанпӯш ташкил мекарданд. Аввалиҳоро аз ҳисоби заминдорони хурду миёна ва дуюмиҳоро аз ҳисоби табақаи воломақоми озодагон интихоб мекарданд. Саворагон мутаносибан бо камонҳои сабук ва дигар яроқ мусаллаҳ буданд. Пиёдагардонро дар шароити кӯҳистон ва барои хизмат дар пойгоҳҳои низомӣ истифода мебурданд [7, с.10].

Хулоса, низоми идории давлати Ашкониён мувофиқ ба замони худ аз ҳар ҷиҳат танзимшуда ва муназзам ба шумор меравад. Бо назардошти фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатӣ, ба хусус Меҳситон, ки сохтори давлатии Ашкониён барои замони худ, яке аз мукаммалтарин шакли идоракунӣ будааст.

### *Адабиёт*


1. Амбарцумян, А.А. “Письменные памятники Востока” Рецензия на книгу: Э.Ш. Хуршудян Государственные институты парфянского и сасанидского Ирана III в. до н.э. – VII в. н.э. / А.А. Амбарцумян. – Алматы: Институт Азиатских исследований, 2018. Том 15, № 4. – 400 с.
2. Буриев, И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Дастури таълимӣ-методӣ. Қисми аввал. Таҳти назари академик Ф.Т. Тоҳиров / И.Б. Буриев. – Душанбе, 2013. – 255 с.
3. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
4. Голамреза, Дж. История государственного управления в Иране и средней Азии в древности: авторев. дис. … канд. ист. наук. 07.00.02 / Дж. Голамреза. – Душанбе, 2004. – 26 с.
5. Дьяконов, М.М. Очерки истории древнего Ирана. Книга / М.М. Дьяконов, А.Г. Периханян. – Москва: Издательство литературы, 1961. – 444 с.
6. Дибвойз, Н.К. Политическая история Парфии / Пер. с англ., науч. ред. и библиографич. приложение В.П. Никонорова. – СПб.: Филологический факультет СПбГУ, 2008. – 816 с.
7. Мочалов, М. Держава Сасанидов. 224—652 годы / М. Мочалов, Д. Полежаев. – М.: Ломоносов, 2016. – 208 с.

8. Раҳмон, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
9. Сайнаков, С.П. Масъалаҳои мубрами таърихи шоҳаншоҳии Ашкониён. Маҷмуаи мақолаҳо / С.П. Сайнаков. – Душанбе, 2024. – 156 с.
10. Сайнаков, С.П. Таърихи муносибатҳои байналхалқи. Қисми I. Аз давраи қадим то давраи ташаккулёбии системаи Версал Вашингтон. Китоби дарсӣ / С.П. Сайнаков, А.Ё. Комилбеков, Ҳ.Н. Воҳидов. – Душанбе, 2020. – 560 с.
11. Холиқов, А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (аз давраи пайдоиш то интиҳои асри XIX). Китоби дарсӣ, қисми 1 / А.Ғ. Холиқов. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 301 с.
12. Хуршудян, Э.Ш. Государственные институты парфянского и сасанидского Ирана. Монография / Э.Ш. Хуршудян. – Алматы: Издательство “Институт Азиатских исследований”, 2025. – 400 с.
13. Раҳмон, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
14. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб / Э. Раҳмон. – Душанбе: “Ирфон”, 2009. – 704 с.

## МУАССИСАҲОИ ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚИИ ПОДШОҲИИ АШКОНИЁН

Дар ин мақола таҳлили амиқи ниҳодҳои давлатӣ-ҳуқуқии Империяи Парфия оварда шудааст. Эволютсияи шаклҳои идоракунии давлатӣ аз таъсиси империя аз ҷониби Арсаки I дар соли 250 пеш аз милод то сукути он дар соли 224 милодӣ баррасӣ карда мешавад. Ба мақоми ҳуқуқии подшоҳ ва механизмҳои қудрати ӯ аз ҷониби шахсони олӣ ва механизмҳои маҳдуд кардани ҳокимияти давлатӣ диққати махсус дода мешавад).

Сохтори дастгоҳи ҳукуматӣ, аз ҷумла вазъи ҳуқуқӣ ва салоҳияти муассисаҳо, ба мисли Бидахш (директор), Падгоспанҳо, Конарангҳо ва Сарҳадбонҳо баррасӣ карда мешавад. Системаи судӣ, аз ҷумла сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, расмиёти судӣ ва намудҳои ҷазо таҳлил карда мешавад. Муаллиф дар асоси тахлили маъхазхои мавчудаи таърихй ва усули мукоисавии хукуки ба чунин хулоса меояд, ки низоми хукукии мукаммал ва сохторшуда вучуд дошт, ки фаъолияти давлати Парфияро кафолат медод.

Дар ин мақола ҷанбаҳои ҳуқуқии идоракунии давлат таъкид шуда, институтҳои асосии ҳуқуқӣ ва накши онҳо дар фаъолияти империя нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Ориёӣ, Ашкониён, Портҳо, Шоҳаншоҳ, Аршак, Меҳрдоди I, Сурона, Меҳистон, идоракунӣ, ҳокимият, ниҳод, бидахш, сатрап, суд, артиш.

## ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ ИНСТИТУТЫ АРШАКИДСКОГО ЦАРСТВА

В данной статье проводится углубленный анализ государственно-правовых институтов Аршакидской (Парфянской) империи. Исследуется эволюция форм государственного управления, от основания империи Аршаком I в 250 г. до н.э. до её падения в 224 г. н.э. Особое внимание уделяется юридическому статусу шаха, механизмам ограничения его власти советами знати и старейшин (Мехистан).

Рассматривается структура государственного аппарата, включая правовой статус и компетенцию таких институтов, как бидахш (администратор), падгоспаны, канаранги, марзбаны. Анализируется судебная система, включая источники права, судебные процедуры и виды наказаний. На основе анализа доступных исторических источников и сравнительно-правового метода, автор приходит к выводу о развитой и структурированной правовой системе, обеспечивавшей функционирование Аршакидского государства.

Статья акцентирует внимание на юридических аспектах государственного устройства, выделяя ключевые правовые институты и их роль в функционировании империи.

**Ключевые слова:** Арии, Аршакиды, Парфяне, Шахиншах, Аршак, Митридат I, Сурен, Мехистан, управление, власть, институт, бидахш, сатрап, судебная система, армия.

## STATE-LEGAL INSTITUTIONS OF THE ARSACID KINGDOM

This article provides an in-depth analysis of the state-legal institutions of the Arsacid (Parthian) Empire. It examines the evolution of forms of governance, from the founding of the empire by Arsaces I in 250 BC to its fall in 224 AD. Particular attentions is paid to the legal status of the shah, analyzing the mechanisms for limiting his power by councils of nobles and elders (Mehestan).

The structure of the state apparatus is examined, including the legal status and competence of institutions such as the bidakhsh (administrator), padgospans, kanarangs, and marzbans. The judicial system is analyzed, including sources of law, judicial procedures, and types of punishment. Based on an analysis of available historical sources and the comparative legal method, the author concludes that there was a developed and structured legal system that ensured the functioning of the Arsacid state.

The article focuses on the legal aspects of state structure, highlighting key legal institutions and their role in the functioning of the empire.

**Keywords:** Aryan, Arsacids, Parthians, Shahanshah, Arsaces, Mithridates I, Suren, Mehistan, governance, power, institution, bitakhsh, satrap, judiciary, army.

**Дар бораи муаллиф**
Аламов Ҳалимҷон Неъматович
Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ҳуқуқ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
E-mail: alamov_141618@mail.ru
Телефон +992 (37) 2241383, 907678282.

**About the author:**
Alamov Halimjon Nematovich
Candidate of Historical Sciences, dotsent of the Department of to the Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
Address: 734003, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121.
E-mail: alamov141618@mail.ru telephone
Tell: +992 (37) 2241383, 907678282.

**Об авторе**
Аламов Халимджон Неъматович
Кандидат истарических наук, дотсент кафедры право
Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Аини.
Адрес: 734003, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: alamov_141618@mail.ru Телефон
Тел: +992(37)2241383, 907678282.

УДК 341.1

# ГРАЖДАНСКОЕ ОБЩЕСТВО И ЕГО ИНСТИТУТЫ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ И СОТРУДНИЧЕСТВА

**Каримов Ш.Т.**
*Институт изучения проблем стран Азии и Европы* НАНТ

В Таджикистане гражданское общество полностью еще не сложилось, оно находится в стадии становления, но Таджикистан вступлением в мировое сообщество, где ведущую роль играют страны развитой демократии, вступил в процесс великой трансформации демократического направления [3]. Сегодня в Таджикистане создано большое количество общественных организаций, которые играют важную роль в политической системе. Данные организации составляют основу гражданского общества страны. Среди них НПО являются одним из наиболее развитых и эффективных институтов гражданского общества в Таджикистане. На начало 2024 года в стране официально зарегистрировано около 3000 НПО. Результаты недавно проведенных Национальной ассоциацией НПО Таджикистана (НАНПОТ) совместно с Национальным законодательным центром при Президенте РТ показывают, что в Таджикистане существуют боле 17300 некоммерческих организаций, из них 5440 являются учреждениями, которые в основном являются государственными, а остальные организации являются негосударственными и их называют организациями гражданского общества (ОГО). Сегодня они функционируют во всех сферах общественной и государственной жизни страны. Основные направления их деятельности по формированию гражданского общества многообразны, они выполняют очень важную связующую роль между обществом и властными структурами, бизнесом и СМИ, другими институтами. НПО проводят значительную работу по правовому просвещению населения и правовой защите прав и свобод граждан, содействуют законотворческому процессу, осуществляют мониторинг прав человека, ведут просветительскую работу в области прав человека и их защите, создают общественные приемные, обеспечивающие бесплатной юридической помощью и психологической поддержкой всех нуждающихся и т.д.

Часто рассматривают гражданское общество как гарантию не только политического благополучия, но и экономического успеха. По их мнению, активное, сильное гражданское общество может внести полезный вклад в решение проблем экономической политики, облегчить развитие частной инициативы, помочь предотвратить чрезмерное вмешательство государства в экономику. Другими словами, гражданское общество считается необходимым условием экономического успеха. В этом контексте, НПО Таджикистана стали и бесспорным экономическим фактором, создавая рабочие места и способствуя снижению уровня бедности в стране. Они играют решающую роль и по своему социальному назначению. В частности, широкий круг социальных проблем, таких, как поддержка социально уязвимых слоев (дети, молодежь, ветераны, беженцы, инвалиды и пр.), отстаивание права граждан на здоровую окружающую среду, организация досуга, социальная реабилитация и т.д., давно и успешно решается именно НПО, а не коммерческими организациями, с их нацеленностью на максимальное извлечение прибыли и не государством в силу своей инертности, консерватизма и ограниченности ресурсов и идей заниматься конкретными человеком и его проблемами.

Как представляется, НПО как важный инструмент “мягкой силы” имеют значительный потенциал для предотвращения или урегулирования конфликтов, содействия интеграционным процессам, обеспечения безопасности, политической стабильности и устойчивого развития в контексте международного взаимодействия и сотрудничества. Разумеется, особенно в последние годы развитые страны мира, такие как США, Европейский

Союз и Япония, хорошо и эффективно используют этот действенный идеологический инструмент в своих международных отношениях на глобальном и региональном уровне. Такие страны, как Китай, Индия, Бразилия и т. д., также получают все большую и лучшую выгоду от этого эффективного инструмента. Например, в последние годы благодаря своим большим технологическим и коммуникационным достижениям, с одной стороны, и активной связи с международными и региональными интеграционными процессами и организациями, с другой, правильному и эффективному использованию «мягкой силы», в том числе публичной дипломатии с активным привлечением НПО, многие страны добились замечательных результатов. Подобный подход позволил политическому руководству этих стран все успешнее реализовывать свою внешнюю политику, повышать свое влияние и репутацию на мировой арене. С другой стороны, по мнению многих экспертов, такая политика способствовала успешному урегулированию и повышению уровня общественного доверия внутри развитых и демократических стран мира.

На самом деле, институты гражданского общества играют значимую и значительную роль в международном взаимодействии и сотрудничестве, что очевидно из нескольких ключевых аспектов:

***Участие в международных организациях и форумах***

Институты гражданского общества активно участвуют в работе международных организаций, таких как ООН. Например, Управление Организации Объединенных Наций по наркотикам и преступности (УНП ООН) признает необходимость развития партнерских отношений с гражданским обществом для решения проблем наркозависимости, коррупции и организованной преступности. Команда по работе с гражданским обществом (CST) УНП ООН поддерживает участие НПО в межправительственных совещаниях и укрепляет их потенциал через обучение и сотрудничество[1].

***Общественная дипломатия***

До недавнего времени традиционно считалось, что международные отношения — это прерогатива государств, а международное взаимодействие в большей степени сводилось к дипломатии, которую как в двух–, так и в многостороннем диалоге на уровне международных институтов представляли профессиональные и высококомпетентные национальные бюрократии. Постепенно, благодаря расширению роли гражданского общества, развитию горизонтальных связей и формированию сетевых социальных структур, увеличивалось количество контактов, что во многом было вызвано разными аспектами глобализации и цифровизации. Это позволило некоммерческим организациям и общественным объединениям занять собственную нишу в международных отношениях, которую традиционная дипломатия, во многом снисходительно, называла «дипломатией вторых треков»[2].

Сегодня гражданское общество играет важную роль в общественной дипломатии, которая дополняет традиционную дипломатию. Общественная палата России, например, участвует в международной деятельности через Международную ассоциацию экономических и социальных советов и схожих институтов (МАЭСССИ), объединяющую институты гражданского общества из 75 стран. Это взаимодействие помогает в решении глобальных проблем и поиске решений в онлайн-эпоху.

***Правозащитная деятельность***

Международные правовые обязательства государств требуют от них создания условий – экономических, социальных, культурных, правовых – которые активно поддерживают возможности и способности лиц, индивидуально или совместно с другими лицами, заниматься гражданской деятельностью. В этом контексте институты гражданского общества активно участвуют в продвижении и защите прав человека на международном уровне. Международные правозащитные механизмы ООН, такие как Управление Верховного комиссара ООН по правам человека (УВКПЧ) и Совет по правам человека, предоставляют платформу для гражданских организаций, чтобы они могли выступать за реализацию международных стандартов в области прав человека. Эти организации

документируют нарушения прав человека и предоставляют информацию, которая служит основой для вмешательств правозащитными механизмами ООН[4].

***Межцивилизационный диалог и религиозные организации***

Представители традиционных мировых религий являются значимыми акторами межцивилизационного диалога, способствуя устранению нежелательных тенденций в международных отношениях. Например, участие членов Общественной палаты России в встречах религиозных лидеров, таких как встреча в Индонезии в рамках «Большой двадцатки», демонстрирует важность религиозного фактора в международном диалоге и миротворчестве [2]. В Таджикистане, с нашей точки зрения, до сих пор недостаточно используют этот эффективный современный механизм в реализации внешнеполитических, стратегических целей и повышении своего влияния и престижа, точнее, разработка, формирование и использование идеи и ее эффективного применения не стали налаженной системой, отсутствует системный подход в решении данной проблематики.

***Наблюдение за выборами и референдумами***

Гражданское общество также участвует в наблюдении за выборами и референдумами в зарубежных странах, что помогает обеспечить прозрачность и законность избирательного процесса. Общественная палата России, например, инициировала направление собственных наблюдательных миссий в те страны, где это позволяет местное законодательство, что способствует обмену опытом и лучшими практиками правоприменения. Активное привлечение гражданского общества Таджикистана, несомненно, тоже способствовало бы наращиванию потенциала его институтов, усилению взаимодействия и доверия между государством и обществом, ведь чем активнее и сознательнее участвует в выборах и референдумах население, тем скорее и лучше решает сложные проблемы страна, тем успешнее ее развитие.

*Международная солидарность.* Несмотря на ограничения и стигматизацию, организации гражданского общества продолжают выражать международную солидарность через транснациональные, интернациональные и региональные связи. Они проводят кампании по правам человека и нуждаются в поддержке со стороны государств, бизнеса и международных организаций, чтобы избежать международной изоляции [5].

В целом, институты гражданского общества играют критическую роль в укреплении международного сотрудничества, продвижении прав человека, и решении глобальных проблем, часто дополняя и усиливая традиционные дипломатические усилия.

***Литература***


1. Взаимодействие УНП ООН с гражданским обществом по вопросам наркотиков и преступности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.unodc.org/unodc/ru/ngos/cst.html (дата обращения: 12.04.2025).
2. Доклад о состоянии гражданского общества в Российской Федерации. Общественная дипломатия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://report2022.oprf.ru/ru-RU/public-diplomacy.html (дата обращения: 12.04.2025).
3. Каримов, Ш. О диалектике зарождения гражданского общества и государственной поддержки НПО в Таджикистане // Центральная Азия и Кавказ. – 2006. – № 4. – С. 30-38. EDN: PVNHRL.
4. Пространство для деятельности гражданского общества и система прав человека ООН [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.ohchr.org/sites/default/files/Documents/AboutUs/CivilSociety/CS_space_UNHRSystem_Guide_ru.pdf (дата обращения: 12.04.2025).
5. Report on the participation of civil society organisations pursuing expressions of international solidarity. 18.03.2024 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://en.ovdinfo.org/advocacy/report-participation-civil-society-organisations-pursuing-expressions-international (дата обращения: 12.04.2025).


## ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА НИҲОДҲОИ ОН ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақолаи мазкур нақш ва ҷойгоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва институтҳои он дар доираи муносибат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки то вактҳои охир чун анъана чунин ҳисобида мешуд, ки мавзӯи муносибатҳои байналмилалӣ салохияти танҳо сохторҳои давлатӣ буда, хамкории байналмилалӣ асосан аз тариқи дипломатия амалӣ карда мешуд, ки онро дар сатҳи институтҳои байналмилалӣ бюрократияи миллии касбӣ ва баландихтисос намояндагӣ мекарданд. Ба ақидаи муаллифи мақола, имрӯз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, пешбурди ҳуқуқи инсон ва ҳалли мушкилоти глобалӣ нақши муҳим доранд, ки аксар вақт кӯшишҳои анъанавии дипломатиро пурра ва такмил кардаву таҳким бахшидаанд.

**Калидвожаҳо:** ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамкории байналмилалӣ, дипломатияи ҷамъиятӣ, ҳуқуқи инсон, муколама.

## ГРАЖДАНСКОЕ ОБЩЕСТВО И ЕГО ИНСТИТУТЫ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ И СОТРУДНИЧЕСТВА

В статье автором анализируется роль и место гражданского общества и его институтов в международном взаимодействии и сотрудничестве. Отмечается, что до недавнего времени традиционно считалось, что международные отношения — это прерогатива государств, а международное взаимодействие в большей степени сводилось к дипломатии, которую на уровне международных институтов представляли профессиональные и высококомпетентные национальные бюрократии. Согласно автору статьи, сегодня институты гражданского общества играют критическую роль в укреплении международного сотрудничества, продвижении прав человека, и решении глобальных проблем, часто дополняя и усиливая традиционные дипломатические усилия.

**Ключевые слова:** гражданское общество, институты гражданского общества, международное сотрудничество, общественная дипломатия, правозащитная деятельность, диалог.

## CIVIL SOCIETY AND ITS INSTITUTIONS IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL INTERACTION AND COOPERATION

In the article, the author analyzes the role and place of civil society and its institutions in international interaction and cooperation. It is noted that until recently, it was traditionally believed that international relations are the prerogative of states, and international interaction was largely reduced to diplomacy, which at the level of international institutions was represented by professional and highly competent national bureaucracies. According to the author of the article, today civil society institutions play a critical role in strengthening international cooperation, promoting human rights, and solving global problems, often complementing and strengthening traditional diplomatic efforts.

**Keywords**: civil society, civil society institutions, international cooperation, public diplomacy, human rights activities, dialogue.

**Об авторе**
Каримов Шамсиддин Турсунматови
Доктор политических наук, старший научный сотрудник отдела США и Канады Институт изучения проблем стран Азии и Европы.
Национальная академия наук Таджикистана.
Тел.: +(992) 935701780.
Электронная почта: shamskarimov14@gmail.com

**Дар бораи муаллиф**
Каримов Шамсиддин Турсунматович
Доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шӯъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои кишварҳои Осиё ва Аврупо
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
Тел.: +(992) 935701780.
E-Mail: shamskarimov14@gmail.com

**About the author**
Karimov Shamsiddin Tursunmatovich,
Doctor of Political Sciences, Chief Researcher of the Department for US and Canadian Studies of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries
National Academy of Sciences of Tajikistan.
Tel.: +(992) 935701780.
E-Mail: shamskarimov14@gmail.com

ТДУ 327(575.3:497)

# ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ БАЛКАНИ ҒАРБӢ: ҚАДАМҲОБА СӮЙИ ТАВСЕАИ РОБИТАҲОИ АНЪАНАВӢ

***Шарифзода А.А.***
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
***Шарифзода Ф.А.***
*Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Аслияти номи нимҷазираи Балкан (бо масоҳати қариб 467 ҳаз. км2), ки дар ҷанубу шарқи Аврупо ҷойгир аст, аз кӯҳҳои ҳамном сарчашма гирифта, маъноаш эҳтимол ё ба калимаи форсии “болохона” (хонаи калони баланд), ё ба калимаи туркии “balkan”, яъне қаторкӯҳҳои ҷангалдор алоқаманд аст. Феълан нимҷазираи Балкан қисмати аврупоии Туркия, Юнон, Албания, ҷумҳуриҳои собиқ Югославия, Руминия ва Булғорияро дар бар гирифта, соҳилҳояшро баҳрҳои Адриатика, Ионӣ, Мармар, Крит, Эгей ва Сиёҳ иҳота мекунанд. Минтақаи Балкан дар солҳои 1990-ум бо муноқишаҳо дар ҷумҳуриҳои собиқ Югославия ноором гардид, ки онҳо бо пошхӯрии он давлат ба Сербия, Хорватия, Черногория, Босния ва Ҳерсеговина, Словения, Македонияи Шимолӣ ва Косовои қисман шинохташуда ба поён расиданд [15]. Нимҷазираи Балкан чун анъана молики мақоми хосса дар харитаи иқтисодӣ ва сиёсии Аврупо буда, онро коршиносон қаблан ба “шиками поён” (узви нозук ё осебпазир) ва ё “борутхона”-и Аврупо шабоҳат додаанд. Ба ибораи публитсисти маъруфи британӣ Д.Э. Бакер: «Балкан ва Осиёи Хурд мавқеи муҳимтарини стратегиро дар дунё ишғол мекунанд. Ин минтақа дар худ мағз ва маркази Олами Навро таҷассум намуда, се қитъа – Аврупо, Осиё ва Африқоро тақсим ва ҳамзамон ба ҳам мепайвандад...» [4]. Тавре аз натиҷаи Саммити дуюми Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва шаш кишвари Балкани Ғарбӣ (Албания, Босния ва Ҳерсеговина, Косово, Македонияи Шимолӣ, Сербия ва Черногория) бармеояд (Брюссел, 13 декабри соли 2023), муттаҳидсозии комили қитъаи аврупоӣ бинобар раванди тавсеа – сармоягузории геостратегӣ ба таъмини сулҳ, амният ва некуаҳволӣ аст. Дар чаҳорчӯби Нақшаи иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ИА ба ин минтақа сармояи назаррас равона мекунад, аз ҷумла ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика (аз ҷумла неруи таҷдидпазир), таҳаввулоти рақамӣ ва экологӣ, бахши хусусӣ ва рушди иҷтимоӣ маблағи 30 млрд. евро (қарзҳо ва кумакҳои бебозгашт) ҷудо мегардад [9]. Ба ғайр аз ИА, кишварҳои ИМА, Олмон, Британияи Кабир (ба қадри камтар як қатор кишварҳои дигари аврупоӣ, аз қабили Италия, Юнон, Австрия, Фаронса), Чин, Туркия, як зумра давлатҳои Шарқи Наздик (Арабистони Саудӣ, АМА, Қатар, Кувайт) ҷиҳати ҳузури бештари иқтисодӣ ва стратегӣ дар ин минтақаи дорои имконоти бузурги транзитӣ ва тиҷоратӣ мароқ зоҳир кардаанд. Ба хотири ошноии бештаре бо давлатҳои Балкани Ғарбӣ – Сербия, Словения, Босния ва Ҳерсеговина, Албания, Черногория ва Македонияи Шимолӣ, сараввал диққатамонро ба хусусиятҳои кишварӣ пеш аз шарҳи муносиботи дуҷонибаи Тоҷикистон бо онҳо равона месозем.

Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки ҳамаи шаш кишвари болозикри Балкани Ғарбӣ ҷумҳуриҳои парлумонӣ буда, байни солҳои 2004-2016 панҷтои онҳо номзад ба узвияти ИА (ба ғайр аз Словения, ки соли 2004 ба ИА пайваст) эътироф шуданд. Ҳамзамон, Албания, Македонияи Шимолӣ ва Сербия аз соли 2019 инҷониб ҷиҳати таъсиси минтақаи ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсии “Балкани боз” (Open Balkan) пардохтанд, ки ҳанӯз солҳои 1990-ум идеяи он садо дода буд. Аъзои эҳтимолии ин иттиҳод аз ҷумла Босния ва Ҳерсеговина, Черногория ва Косово буда, то ҳол миёни аъзои он созишномаҳо дар бораи гардиши мол, тиҷорати маҳсулоти ғизоӣ, энергия, дастрасӣ ба бозори меҳнат, баробарарзишии дипломҳо ва ихтисосҳои корӣ, синамо, ҳамкорӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулодда баста шудаанд. Яке аз мақсадҳои ин ташаббус

таъмини имкониятҳои бузургтар барои ташвиқи ҳамгироии кишварҳои аъзо бо ИА ба шумор меравад [20].

Ҷумҳурии Сербия (бо масоҳати 88,499 км2 ва аҳолии 6,6 млн. нафар ба ҳолати соли 2022) расман пойбанди сиёсати бетарафии ҳарбӣ буда, дар соли 2007 шумораи бештари гурезагон дар Аврупоро дошт, ки ба вуруди онҳо ба ин кишвар дар пайи парокандашавии Югославия рабт дорад. Аз соли 2017 Президенти Сербия Александр Вучич (собиқ роҳбари Ҳизби прогрессивии Сербия) мебошад. Давлати узви СММ, Шурои Аврупо, САҲА, иштирокчии Барномаи "Шарикӣ баҳри сулҳ"-и СААШ (НАТО), Созмони ҳамкории иқтисодии Баҳри Сиёҳ, Иттиҳодияи савдои озоди Аврупои Марказӣ буда, дар раванди шомилшавӣ ба СУС қарор дорад [16]. Сербия дорои иқтисоди рӯ ба инкишофи ба бахши хизматрасонӣ асосёфта бо сатҳи даромаднокии аз миёна боло (ММД-и номиналӣ дар соли 2024 – қариб 82 млрд. долл. ИМА ва ба ҳар сари аҳолӣ 12,385 долл. ИМА) мебошад. Солҳои 2000-2001 баҳри ин кишвар кумаки хориҷии молиявӣ ва сармоягузориҳо барқарор шуда, пешрафти он аз ҷумла ба зарфиятҳои иқтисодии ҳавзаи Дунай вобастагӣ дорад. Бахшҳои қавитарини иқтисодаш энергетика, саноати мошинсозӣ, кӯҳӣ ва кишоварзӣ буда, молҳои содиротии асосии он – автомобилҳо, металҳо, мебел, маҳсулоти коркарди озуқа, мошину механизмҳо, маснуоти химиявӣ, шакар, шинаҳо, либосу анҷом ва доруворӣ [17].

Ҷумҳурии Словения (бо масоҳати 20,236 км2 ва аҳолии 2,1 млн. нафар ба ҳолати июли соли 2019) кишвари ҳудудаш бештар фарогири кӯҳсор ва ҷангалзор буда, чор минтақаи ҷуғрофии Аврупо дар он пайваст мешаванд: кӯҳҳои Алп ва Динарид, даштҳои Паннония ва Баҳри Миёназамин. Ҳокимияти воқеии иҷроия ва маъмурӣ дар Словения ба Ҳукумати он таҳти роҳбарии Сарвазир (Роберт Голоб аз 1 июни соли 2022) тааллуқ дорад. Соли 2004 ба аъзогии СААШ ва ИА шомил шуда, аз соли 2010 кишвари узви СҲИР (OECD) мебошад. Давлати саноатии дорои иқтисоди зудрушдёбанда (ММД-и номиналӣ дар соли 2024 – 72 млрд. долл. ИМА ва ба ҳар сари аҳолӣ 34,026 долл. ИМА) ба шумор рафта, дар он омехтагии бахшҳои анъанавӣ, ба монанди истеҳсолот ва кишоварзӣ, инчунин дигар бахшҳои муосир, аз қабили технологияҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ, ба назар мерасад. Дорои қувваи кории соҳибмаълумот, инфрасохтори рушдкарда буда, дар чорроҳаи асосии нақлиётӣ қарор дорад. Ҳоло Словения электроника (аз ҷумла низомӣ), таҷҳизоти электрикӣ, маводҳои химиявӣ, доруворӣ, маснуоти бофандагӣ, коғаз ва молҳои коғазӣ, маснуот аз чӯбу тахта ва автомобил истеҳсол мекунад [18].

Босния ва Ҳерсеговина (бо масоҳати 51,2 ҳаз. км2 ва аҳолии 3,45 млн. нафар ба ҳолати июни соли 2021) аз Федератсияи Босния ва Ҳерсеговина (БиГ), Ҷумҳурии Серпска ва ҳавзаи Брчко иборат буда, он аз соли 2010 номзад ба узвияти СААШ ва 15 декабри соли 2022 соҳиби мақоми номзад ба узвияти ИА шуд. Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ Президиум, Маҷлиси парлумонӣ ва Шурои вазирон дохил шуда, сарвари коллективии давлат – Президиум мебошад (муҳлати ваколат дар ҳайати кунунӣ аз соли 2022 то 2026), ки аз се аъзои ташаккулдиҳандаи халқҳо (аз ҳар се гурӯҳи этникии асосӣ як нафар намоянда) иборат аст. Солҳои 2010-2011 узви ғайридоимии Шурои Амнияти СММ ва май-ноябри соли 2015 раисикунандаи Кумитаи вазирони Шурои Аврупо буд. То пошхӯрии Югославия бахшҳои асосии иқтисодаш саноатҳои коркарди нафт ва кӯҳӣ, маҷмаи низомӣ-саноатӣ, энергетикаи барқӣ, металлургияи сиёҳ ва ранга, химиявӣ, электротехникӣ, бофандагӣ ва хӯрока буд; ҳоло бошад барқарорсозии он аз ҳисоби ислоҳоти бозоргонӣ ва сармояи хориҷӣ сурат мегирад. ММД-и номиналӣ дар соли 2024 ҳаҷми 29,8 млрд. долл. ИМА ва ба ҳар сари аҳолӣ 8,670 долл. ИМА-ро ташкил дод. Хусусан дар пойтахти Босния ва Ҳерсеговина шаҳри Сараево саноати тамокупарварӣ, мебелсозӣ, ҷуроббофӣ, истеҳсоли автомобил ва таҷҳизоти алоқа рушд карда, дар ин шаҳр аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ пеш рафтааст ва дар соли 2006 он аз ҷониби раддабандии "Lonely Planet" дар қатори 50 "Беҳтарин шаҳри дунё" ном бурда шуд [13].

Ҷумҳурии Албания (бо масоҳати 28,748 км2 ва аҳолии 2,4 млн. нафар ба ҳолати соли 2023) дар баробари Ҷумҳурии Косовои қисман шинохташуда ва Босния ва Ҳерсеговина яке аз кишварҳои аврупоии мусулмоннишин буда, давлати ба таври миёна рушдкардаи аграрӣ-саноатӣ мебошад. Президенти Албания аз соли 2022 – Байрам Бегай ва Сарвазираш – Эди Рама (аз соли 2013). Дар арсаи сиёсии Албания Ҳизби Сотсиалистии чапгарои марказӣ ва Ҳизби Демократии ростгарои марказӣ бартарӣ доранд. Дар соли 2020 ин кишвар раисикунандаи САҲА буд. Дар иқтисоди Албания (ММД-и номиналӣ дар соли 2024 ба андозаи 26,2 млрд. долл. ИМА ва ба ҳар сари аҳолӣ 10,586 долл. ИМА) бахшҳои пешсафтарин энергетика (бавежа гидроэнергетика), саноати кӯҳӣ, металлургия, кишоварзӣ, сайёҳӣ, коркарди хӯрока, бофандагӣ, коркарди чӯбу тахта, истихроҷи нафт, истеҳсоли семент ба шумор меравананд [12]. Хосатан аз ин кишвар дар соли 2024 тибқи омор 11,7 млн. нафар сайёҳи хориҷӣ дидан карда, дар нӯҳ моҳи соли 2024 ин бахши иқтисод даромади 3,8 млрд. долл. ИМА-ро тавлид кард. Ин омил ба инфрасохтор ва хизматрасонии сайёҳии беҳтаршуда, пешниҳоди васеъ барои сайёҳон, сиёсати фаъоли тарғиботӣ, фарҳанги бой ва манзараҳои зебою осоишӣ, аз қабили мавзеҳои кӯҳу ҷангалзор ва соҳили баҳр (Адриатика ва Ионӣ) иртибот дорад [23].

Черногория (бо масоҳати 13,812 км2 ва аҳолии 633 ҳаз. нафар ба ҳолати соли 2024) яке аз маконҳои зебоманзари Аврупо ва Балкан мебошад, ки дараи (каньон) дарёи Тара (калонтарин дар Аврупо ва дуюм дар ҷаҳон бо чуқурии 1300 метр), Парки миллии Дурмитор ва осоишгоҳи лижаронии Жабляк (1465 м аз сатҳи баҳр, шаҳри баландкӯҳтарин дар Балкан) аз ҷолибтарин мавзеҳои он ба ҳисоб мераванд. Аз октябри соли 2023 Сарвазири ин кишвар Милойко Спаич (роҳбари ҷунбиши “Аврупо ҳозир!”, ки дар Скупшина, Парлумони якпалатагӣ, аз 81 ҷой 24 ҷойро ишғол намуд) мебошад. Соли 2010 мақоми номзад ба узвияти ИА-ро ба даст оварда, соли 2017 ба СААШ шомил шуд. Ба ғайр аз ин, кишвари узви СММ, СУС, САҲА, Шурои Аврупо, Иттиҳодияи савдои озоди Аврупои Марказӣ, инчунин яке аз асосгузорони Иттиҳоди кишварҳои Баҳри Миёназамин мебошад. Дар иқтисоди Черногория (ММД-и номиналӣ дар соли 2024 – 8,85 млрд. долл. ИМА ва ба ҳар сари аҳолӣ 13,960 долл. ИМА) саноати пӯлод, алюминий, коркарди кишоварзӣ, молу маҳсулоти истеъмолӣ, туризм ҷойи намоёнро ишғол мекунанд. Бахусус, сайёҳӣ тақрибан 25% маҷмуи маҳсулоти дохилияшро таъмин мекунад. Омилҳои муҳими иқтисодияш – Комбинати алюминийи Подгоритса (Uniprom KAP), истеҳсол ва содироти неруи барқ (аз ҳисоби неругоҳҳои барқи обии дарёҳои Пива ва Зета) ба маблағи 200 млн. евро дар соли 2023, металлургияи сиёҳ (марказаш дар Никшич), саноати электротехникӣ (Тсетиние), хоҷагии ҷангал (бо вуҷуди бешазорҳо дар 40% қаламраваш), инчунин бахшҳои химиявӣ, сабук ва хӯрока [19].

Ҷумҳурии Македонияи Шимолӣ (бо масоҳати 25,436 км2 ва аҳолии 1,8 млн. нафар ба ҳолати соли 2021) аз панҷ ду ҳиссаи тамоми минтақаи ҷуғрофии Македонияро ишғол мекунад, ки он бинобар ҷойгиршавӣ дар пайванди асосии роҳҳои коммуникатсионӣ, бахусус хатсайри бузурги шимолу ҷануб аз дарёи Дунай то Баҳри Эгей бо гузаштани водиҳои дарёҳои Морава ва Вардар ва роҳҳои қадимаи тиҷоратии шарқу ғарби васлкунандаи Баҳри Сиёҳ ва Истанбул бо Баҳри Адриатика аҳаммияти калон дорад. 1100 манбаи калони обҳо дар Македонияи Шимолӣ воқеъ буда, Кӯли Охрид дар ин кишвар яке аз кӯлҳои қадимтарин ва биотопҳои ҷаҳон аст. Аз соли 2024 Президенти Македонияи Шимолӣ Гордана Силяновска-Давкова (аввалин хонум дар ин мақом) ва Сарвазири ин кишвар ҷаноби Християн Митсковски (роҳбари ҳизби “Созмони дохилии македонии инқилобӣ – Ҳизби демократӣ баҳри ваҳдати миллии македонӣ”) мебошанд. Кишвари узви СААШ, Шурои Аврупо, Бонки Ҷаҳонӣ, САҲА, Ташаббуси Аврупои Марказӣ, Иттиҳодияи савдои озоди Аврупои Марказӣ, Созмони байналмилалии Франкофония ва СУС аст. Дар иқтисоди Македонияи Шимолӣ (ММД-и номиналӣ дар соли 2024 – 17,4 млрд. долл. ИМА ва ба ҳар сари аҳолӣ 9,567 долл. ИМА) бахшҳои калидӣ истеҳсоли пӯлоду оҳан, ферроникел ва маснуот аз он (пӯлоди варақ, қубурҳо ва ғ.), қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо,

таҷҳизоти электрикӣ, семент, коркарди хӯрока, саноатҳои бофандагӣ, химиявӣ, коркарди чӯбу тахта ва пластика, энергетика, дорусозӣ маҳсуб меёбанд [14].

Муносибот бо Сербия. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Сербия (онвақта Ҷумҳурии Иттифоқии Югославия) 30 сол қабл – 9 сентябри соли 1995 ба роҳ монда шудаанд.

Оғоз аз он давра ду кишвар барои рушди равобити мутақобилан судманд иқдомоти мушаххас андешиданд. Бахусус таводули сафарҳои сатҳи баланди намояндагони ду давлат ба пойтахтҳои якдигар, инчунин дидору музокиротҳои сатҳи олию баланд сурат гирифтанд. Ҳамин тариқ, 26-28 декабри соли 1995 сафари Сарвазири Тоҷикистон Ҷамшед Каримов ба Сербия (онвақта Югославия) анҷом ёфт, ки зимни он вохӯриҳои мавсуф бо роҳбарияти ин кишвар барпо гардиданд. Аз натиҷаи сафар ду созишнома – оид ба савдо ва ҳамкориҳои иқтисодӣ ва оид ба таъсиси Кумитаи байниҳукуматии Тоҷикистону Сербия доир ба савдо, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва илмию техникӣ (аз 27 декабри соли 1995) ба имзо расид [6].

Дар навбати худ, 31 март – 2 апрели соли 2015 Муовини якуми Сарвазир, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Сербия ҷаноби Ивитса Дачич ба ҳайси Раиси амалкунандаи САҲА ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Дар рафти ин сафар ӯ бо Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии кишвар мулоқот дошт. Сарвари давлати тоҷикон зимни гуфтушунид (1 апрел) нақши Созмонро дар самти пешгирӣ аз муноқишаҳо, ҳалли бӯҳронҳо ва барқарорсозии пасазнизоӣ баланд арзёбӣ карда, ба мавзуи ҳамкорӣ ҷиҳати таҳкими ҳифзи сарҳади давлатӣ бо Афғонистон, инчунин муқовимат ба чолишу хатарҳои муосир таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Албатта, ҷонибҳо инчунин роҷеъ ба дурнамои рушди робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Сербия табодули афкори судманд доштанд [1, С. 81-82].

Дидору гуфтугӯйи навбатии Муовини якуми Сарвазир, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Сербия ҷаноби И. Дачич бо Президенти Тоҷикистон бори дувум зимни сафари расмии ӯ ба Душанбе рӯзи 8 апрели соли 2023 анҷом дода шуд. Ҳангоми музокирот доираи фарохи самтҳои ҳамкории Тоҷикистону Сербия матраҳ гардида, Пешвои миллат таъкид доштанд, ки “мо ҷонибдори густариши минбаъдаи робитаҳои дуҷониба дар тамоми соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ва таҳкими заминаи ҳуқуқии муносибатҳои ҳар ду кишвар ҳастем”. Мусоҳибон аз ҷумла ба мавзуоти таҳкими равобити байнипарлумонӣ, вусъатдиҳии ҳамкориҳо дар бахшҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, технология, сайёҳӣ ва кишоварзӣ майлу рағбат нишон доданд. Гузашта аз ин, роҳандозии муносибатҳои фарҳангиву гуманитарӣ, бахусус дар соҳаи маориф ва илм, самти умедбахши равобити ҷонибҳо маънидод гардид [7].

Анҷоми сафарҳои корӣ ва расмии намояндаи воломақоми Сербия ба Тоҷикистон дар солҳои 2015 ва 2023 гувоҳи мароқи хоссаи ин кишвар ба таконбахшии робитаҳои ояндадор бо Тоҷикистон мебошад. Дар баробари ин, Президенти Сербия ҷаноби Александр Вучич дар паёми табрикии худ ба унвони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати интихоб гардиданашон ба маснади олии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (20 октябри соли 2020) изҳори итминон карда буд, ки саҳми шахсии Сарвари давлати тоҷикон дар “муносиботи дӯстона ва ҳамкории байни Сербияву Тоҷикистон ба беҳтар намудани робитаҳоямон дар тамоми соҳаҳои барои ҷонибҳо судовар мусоидат хоҳад кард” [22].

Роҳбарияти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон низ дар навбати худ дар ҷодаи роҳандозӣ ва таҳкими пайвандҳои дӯстию ҳамкорӣ бо Сербия тариқи анҷоми сафарҳои корӣ ва расмӣ ба пойтахти ин кишвар саҳми бориз дорад. Чунончи, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин дар нишасти пленарии иҷлосияи 22-юми Шурои вазирони корҳои хориҷии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), ки дар шаҳри Белгради Сербия 3 декабри соли 2015 шуруъ шуд, иштирок ва суханронӣ намуд. Ҳамзамон, фурсати вохӯрии дуюми (пас аз соли 2015) вазири корҳои хориҷӣ С.Муҳриддин бо ҳамтои сербияш И.

Дачич 23 сентябри соли 2019 дар ҳошияи иҷлосияи 74-уми Маҷмаи Умумии СММ даст дод, ки зимни он роҳҳои ҷонноксозии ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои гуногун муҳокима шуд. Рӯйдоди муҳим дар таърихи муносибатҳои сиёсӣ боздиди расмии вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон аз Сербия (30 январи 2020) буд. Дар чаҳорчӯби ташриф мулоқоти вазир бо Сарвазири Ҷумҳурии Сербия хонум Ана Брнабич барпо гашта, зимни он вазъи кунунӣ ва дурнамои муносиботи ду давлат дар арсаҳои мухталиф баррасӣ шуд. Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Сербия ҷаноби Александр Вучич ба ҳузур пазируфт. Ҷонибҳо дар мавриди тавсеа бахшидани ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун ва дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ суҳбати созанда доштанд. Сипас мулоқотҳои мавсуф бо Раиси Шурои миллии Ҷумҳурии Сербия хонум Майя Гойкович ва вазири корҳои хориҷии Сербия Ивитса Дачич баргузор шуда, дар рафти он масоили ҳамкориҳои ду кишвар дар заминаҳои мухталиф, бавежа доир ба рӯзномаи минтақавию байналмилалӣ табодули андеша сурат гирифт. Дар поёни вохӯрӣ Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Сербия имзо гардид [21].

Илова бар ин, муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Музаффар Ҳусейнзода дар ҳошияи иштирок дар кори Конфронси сатҳи баланд бахшида ба 60-мин солгарди Ҷунбиши адами тааҳҳуд (ш. Белград, 11-12 октябри соли 2021) бо вазири корҳои хориҷии Сербия ҷаноби Никола Селакович гуфтугӯйи судманд дошт. Дар навбати худ, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар доираи иҷлоси 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (ш. Ню-Йорк, 24 сентябри соли 2022) бо ҳамтои сербии худ Никола Селакович роҷеъ ба зарурати таҳкими ҳамкориҳои судбахш дар самтҳои амният, иқтисод, иҷтимоӣ, гуманитарӣ, беҳдоштӣ ва обу иқлим мулоқот намуд. Дидори мазкур бо он хос буд, ки дар хотимаи он миёни ҷонибҳо Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Сербия дар бораи мутақобилан бекор кардани талаботи раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ ба имзо расид [6].

Дар соли 2023 вазир С. Муҳриддин бо вазир И. Дачич ду маротиба гуфтугӯ дошт. Бори нахуст дар рафти суҳбати телефонӣ 14 феврали соли 2023 вазирон зимни баррасии сатҳи бадастомадаи муносибатҳо аз ҷумла мурочиати Ҷумҳурии Сербияро ҷиҳати дастгирии номзадии Белград барои баргузории Намоишгоҳи байналмилалии махсуси ЭКСПО-2027 матраҳ карданд. 8 апрели соли 2023 дар Душанбе инак вохӯрии навбатии ҳарду вазир барпо шуд, ки дар ҷараёни он ҳавасмандии тарафҳо ба хотири рушди минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва сайёҳӣ иброз гардид. Ба аҳаммияти зарфиятҳои истифоданашудаи абзори дуҷониба – Кумитаи байниҳукуматии Тоҷикистону Сербия оид ба тиҷорат, ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ ҷиҳати густариши шарикии бисёрҷанбаи ду давлат ишора гардид. Ахиран, дар санаи 10 сентябри соли 2024 муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ бо котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Сербия Никола Стоянович дар ҳошияи Конфронси байналмилалии “Муколамаи Ереван” вохӯрда, мавзуоти мубрами дуҷониба ва шарокат дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалиро баррасӣ кард. Зимнан, ҷониби сербӣ аз мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди тамомияти арзии кишвараш арзи сипос намуд [6].

Робитаҳои байнипарлумонӣ дар сатҳи Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси мардумии (Скупшинаи) Ҷумҳурии Сербия ба роҳ монда шудаанд. Ҳамзамон, дар таърихи 1 июли соли 2021 Муовини Раиси Парлумони ин кишвар ҷаноби Радован Тврдишич барои иштирок дар ҷаласаи Шурои Ассамблеяи Парлумонии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ба шаҳри Душанбе ташриф овардааст. Бояд гуфт, ки заминаи ҳуқуқии муносибатҳо байни Тоҷикистон ва Сербия номукаммал буда, аз 4 санади зикршуда иборат аст. Айни ҳол лоиҳаи санадҳои нави ҳамкорӣ

миёни мақомоти корҳои дохилӣ, савдо ва саноат, созишномаҳо оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои сайёҳӣ, маориф ва илм, кишоварзӣ ва варзиш дар баррасии ҷонибҳо қарор доранд [6].

Гардиши мол байни Тоҷикистону Сербия дар солҳои 2023 ва 2024 мутаносибан 2,6 млн. долл. ИМА ва 3,6 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки бештар ба воридот аз Сербия рост меояд.

Дар қаринаи талошҳои муштараки ҷонибҳо ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав баровардани равобити сиёсӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва додугирифти тиҷоратӣ танзими сафарҳои расмии роҳбарияти олии ду кишвар ба пойтахтҳои якдигар ва баргузории ҷаласаи нахустини Кумитаи байниҳукуматии Тоҷикистону Сербия оид ба тиҷорат, ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ, инчунин Анҷумани соҳибкорону сармоягузорон мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Муносибот бо Словения. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Словения 4 феврали соли 2002 барқарор шудаанд. Тамосҳои сатҳи олӣ миёни ду кишвар ҳанӯз 19 апрели соли 2005 ба вуқуъ пайвастанд, вақте ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ш. Душанбе Раиси амалкунандаи САҲА, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Словения ҷаноби Димитр Рупелро ба ҳузур пазируфтанд. Дар қатори масоили шарикӣ дар доираи САҲА, Роҳбари давлат вобаста ба муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Словения изҳори андеша карда, ҳавасмандии Тоҷикистонро дар рушди онҳо тазаккур доданд [2, С. 70].

25 октябри ҳамон сол Президенти кишвар аз сафири нахустини фавқулодда ва мухтори Словения дар Тоҷикистон Андрей Бенедейчич эътимоднома қабул намуда, бо ӯ доир ба вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Словения суҳбат карданд. Сарвари давлат иброз доштанд, ки Тоҷикистон ба густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои Аврупои Шарқӣ, аз ҷумла бо Словения, бархурди ҷиддӣ дорад. Бо изҳори қаноатмандӣ аз равобити мутақобилан судманд бо Словения, Президент Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои сафари вазири корҳои хориҷии ин кишвар Д. Рупелро, ки моҳи апрели ҳамон сол ба ҳайси раиси САҲА бо гурӯҳи калони соҳибкорони Словения ба Тоҷикистон ташриф оварда буд, мусбату назаррас баҳо доданд. Ҳамчунин атрофи ташкили пояи қарордодию ҳуқуқии ҳамкориҳои минбаъда ва имконоти фарохи истеҳсолию саноатӣ суҳбати судманд сурат гирифт [22].

Қобили зикр аст, ки дар солҳои баъдӣ пайрав ба азму талошҳои рушди муносибатҳо мукотибаи расмӣ миёни роҳбарияти олии ду давлат ҷой дошт. Ҳамин тариқ, Президенти Ҷумҳурии Словения ҷаноби Борут Пахор ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 ноябри соли 2013 барқияи табрикӣ бинобар аз нав интихоб гардидан ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд. Дар номаи худ ӯ изҳори боварии том кард, ки "ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Словения ва Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ бомуваффақият рушд ёфта, ҷиҳати таъмиқи муносиботи дуҷониба, ки ба таҳкими субот, истиқрор ва ҳамдигарфаҳмӣ дар саросари ҷаҳон нигаронида шудааст, мусоидат хоҳад кард" [22].

Боиси тазаккур аст, ки Тоҷикистону Словения дар баробари манфиатдор будан ҷиҳати роҳандозии муносибатҳои дуҷониба, ҳамзамон ҳавасманди пешбурди шарикӣ дар масъалаҳои об буда, дар ин самт якҷоя дар чанде аз иқдому чорабиниҳо ширкат варзидаанд. Ҳамин тавр, 30 ноябри соли 2022 дар маркази матбуотии Женева вохӯрии 17-уми Гурӯҳи дӯстони об ва сулҳ, ки аз ҷониби Намояндагии доимии Ҷумҳурии Словения ва созмони «Geneva Water Hub» ташкил гардид, баргузор гашт. Он ба баррасии масъалаҳои обу сулҳ ва робитаи онҳо бо Конфронси бознигарии миёнамуддати Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бахшида шуд. Дар баромади худ Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Шуъбаи СММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ дар шаҳри Женева Ҷамшед Ҳомидов бар аҳаммияти масъалаи об ва тағйирёбии иқлим таъкид дошта, иштирокчиён ва намояндагони кишварҳои аъзоро ба таҳкими талошҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти об даъват кард [21]. Мисоли дигари ҳамбастагии Словения далели он буда метавонад, ки 21 марти соли 2023 Асосгузори

сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Словения хонум Наташа Пиртс-Мусар, инчунин роҳбарони ҳайатҳои расмии кишварҳои аъзои СММ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ дар доираи Конфронси оби СММ-2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Америко дар чорабинии канории корӣ зери унвони "Об моро муттаҳид месозад" иштирок ва суханронӣ карданд. 22 марти ҳамон сол бошад дар Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", ки онро якҷоя дар қароргоҳи СММ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд мизбонӣ намуданд, Президенти Словения, Раиси Шурои Босния ва Ҳерсеговина, Муовини Сарвазири Черногория ва дигарон иштирок карданд [10].

12 феврали соли 2025 бо ташаббуси ҷониби словенӣ дар шаҳри Душанбе даври нахустини машваратҳои сиёсии байниидоравӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Словения баргузор гардид. Роҳбарони ҳайатҳои ҷонибҳо муовини якуми вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Исматулло Насредин ва котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷӣ ва умури аврупоии Словения Марко Штучин буданд. Зимни музокирот масъалаҳои фаъолсозии ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии ду кишвар ва рӯзномаи минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла шарокат дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, матраҳ гардиданд.

Бо назардошти мавҷуд набудани заминаи бунёдии шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳо миёни ду кишвар, ба он ҷониб таклиф карда шуд, ки баҳри рушди муваффақонаи ҳамкориҳои дуҷониба, танзими сафарҳои сатҳи олӣ ва баимзорасонии созишномаҳои асосӣ амри зарурист. Он ҷониб арз дошт, ки Словения ба пуштибонӣ аз суботи минтақавӣ ва амният дар Осиёи Марказӣ манфиатдор буда, ҳадафи ин кишвар тақвияти ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла рушди лоиҳаҳои энергетикӣ ва таҳвили маҳсулоти технологӣ ба тариқи воридшавии ширкатҳои словенӣ ба бозори минтақа мебошад. Марко Штучин дар ин зимн пешниҳод намуд, ки робитаҳои ҷонибҳо дар сатҳи палатаҳои савдо ва саноати ду кишвар ва тариқи баргузории анҷумани доираҳои соҳибкору сармоягузор ва бахши давлатӣ мустаҳкам карда шавад. Ӯ номгӯйи ширкату корхонаҳои Словенияро барои ҳамкорӣ тавсия дод. Ширкатҳои "Gorenje" (корхонаи машҳури истеҳсолкунандаи таҷҳизоти барқӣ), "Krka" (ширкати бузурги дорусозӣ бо таваҷҷуҳ ба истеҳсоли доруҳо ва маҳсулоти тиббӣ аз гиёҳҳои шифобахш), "Riko" (машғули сохтмони лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ, аз қабили роҳи оҳан, пулҳо ва биноҳои муосир бо истифодаи технологияҳои "сабз" (экологӣ) ва насби панелҳои офтобӣ), "Kontron" (ширкати байналмилалӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ), "Photovoltastic d.o.o." (таҳия ва насби системаҳои энергияи тозаи барқароршаванда дар манзилҳо, корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ) аз ҷумла онҳо буданд.

Бино ба иттилои дипломати словенӣ, Словения дар соҳаи лижаронӣ, истеҳсоли таҷҳизоти лижа ва маҳсулоти зимистона содироткунандаи пешқадам дар бозори ҷаҳонӣ буда, бештари эҳтиёҷоти соҳаи лижаро дар Чин таъмин мекунад. Тавре қайд гардид, Тоҷикистон метавонад соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳро ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти мувофиқи талаботи бозорҳои минтақа рушд дода, масъалаи омода кардани мутахассисон ва ҷалби қувваи корӣ бо имкониятҳои ширкатҳои бузурги байналмилалии муқими Словения мавриди омӯзиш ва татбиқ карор диҳад [5].

Муносибот бо Босния ва Ҳерсеговина. Истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Босния ва Ҳерсеговина 12 январи соли 1997 ба амал омад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни маросими қабули эътимоднома аз сафири нави ин кишвар дар Тоҷикистон ҷаноби Эдиб Буквич (18 ноябри соли 2014) муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Босния ва Ҳерсеговинаро чунин тавсифу ситоиш намуданд: "Тоҷикистону Босния ва Ҳерсеговинаро низ муколамаи сиёсӣ ва ҳамёрии фаъол дар чорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони

амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бо ҳам мепайвандад. Мо ҷонибдори рушду такомули муносибатҳои худ бо ин кишвари дӯст дар арсаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ, тиҷорату иқтисод ва дигар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳастем ва омодаем, ки ҷиҳати барпо намудани пояи ҳуқуқии чунин робитаҳо иқдомҳои мушаххас андешем” [11].

Равобити ду кишвар дар соли 2024 ба марҳилаи нав ворид гардид. Узви Президиуми Босния ва Ҳерсеговина хонум Желка Свиянович дар раъси ҳайати баландпояи кишвараш дар кори Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” дар шаҳри Душанбе иштирок намуд. 10 июни соли 2024 мавсуфро Президенти кишвар ба ҳузур пазируфта, ташрифи ӯро ба Тоҷикистон боз як далели дастгириҳои доимии ин давлат аз ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим маънидод карданд. Дар рафти мулоқот масоили тағйирёбии иқлим, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон роҷеъ ба ҳалли масоили об ва дигар мушкилоти глобалӣ матраҳ гардид. Изҳори боварӣ карда шуд, ки мулоқоти мазкур ба рушду нумуи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманди ҳарду кишвар такони тоза хоҳад бахшид. Зимни музокирот ҳамчунин зарурати тавсеа додани ҳамкориҳо дар бахшҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, маориф, фарҳанг ва сайёҳӣ таъкид гардид [8].

Аз лиҳози дурнамои муносибатҳо, пеш аз ҳама таҷрибаи Босния ва Ҳерсеговина дар самти рушди саноати кӯҳӣ, химиявӣ, неруи барқӣ, бахши электротехника, истеҳсоли таҷҳизоти алоқа ва дигар маснуоти мавриди ниёз, инчунин ташвиқи симои сайёҳӣ, бо ҷалби сармояи хориҷӣ омӯхтанист. Ба хотири густариш ёфтани ҳамкориҳо то ба сатҳи сифатан нав танзими сафарҳои расмию кории масъулини баландмақоми ҷонибҳо ба кишварҳои якдигар, дидору мулоқотҳо дар сатҳи олӣ (сараввал дар ҳошияи чорабиниҳои байналмилалӣ), ташкили ҳамоиши соҳибкорони ду давлат ва иқдомҳои зарурӣ дар ҷодаи эҷоди заминаи ҳуқуқии муносибатҳо салоҳ дониста мешавад.

Муносибот бо Албания. Равобити дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Албания 22 декабри соли 1993 ба роҳ монда шудааст. Яке аз тамосҳои сатҳи баланд бо Албания дар ҳошияи иштироки вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ дар Иҷлосияи 17-уми Созмон (ш. Душанбе, 17 майи соли 2010) ба вуқуъ пайваст. Зимни мулоқоти Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Муовини Сарвазир – вазири корҳои хориҷии Албания ҷаноби Илир Мета ҷонибҳо роҷеъ ба зарфиятҳои бузурги роҳандозӣ ва рушди ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ суҳбати хуб доштанд. Бад-ин мақсад фароҳам овардани пояи қарордодию ҳуқуқии ҳамкорӣ амри зарурӣ дониста шуд. Намояндаи Албания изҳор дошт, ки кишвараш ба ташкил ва густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ҳавасманд аст [3, с. 110].

Талошҳои муайяни рушди муносибатҳо дар сатҳи намояндагони дипломатии ду кишвар низ дар солҳои баъдӣ сурат гирифтанд. Ҳамин тариқ, 1 марти соли 2024 дар доираи кори Форуми дипломатии Анталия, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Албания ҷаноби Игли Ҳасанӣ мулоқот намуд. Зимни гуфтушунид масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ду кишвар, аз ҷумла таҳкими заминаи ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба баррасӣ гардида, аз ҷумла азми тавсеаи шарикӣ дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ баён карда шуд [24].

Ҳол он ки муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо Македония 4 январи соли 1996 ва бо Черногория 3 августи соли 2006 барқарор шудаанд, равобит бо ин кишварҳо ниёз ба таваҷҷуҳу иқдомоти бештаре дар сатҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дорад.

Дар мавриди талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба роҳ мондани робитаҳои байнимардумӣ бо кишварҳои Балкани Ғарбӣ бояд зикр кард, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, №190 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №464»

Сербия, Словения, Босния ва Ҳерсеговина ва Черногория ба номгӯйи давлатҳои хориҷие, ки нисбати шаҳрвандони онҳо низоми бераводиди яктарафаи ба Тоҷикистон ворид шудан, будубош ва аз Тоҷикистон баромадан ба муҳлати 30 рӯз ҷорӣ карда шудааст, илова карда шуданд. Ҳамчунин, мутобиқи ҳамин қарор, Ҷумҳурии Албания ва Ҷумҳурии Македонияи Шимолӣ ба номгӯйи давлатҳои хориҷие ворид гардиданд, ки нисбат ба шаҳрвандони синну солашон аз 55 болои онҳо низоми бераводиди яктарафаи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан, будубош ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадан ба муҳлати 14 рӯз ҷорӣ карда шудааст.

Матлаби дар боло ифодаёфта нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар партави сиёсати хориҷии бисёрҷанбаи худ дар бархе аз самтҳои равобит бо кишварҳои Балкани Ғарбӣ ба дастовардҳои муайян ва рӯйдоду чорабиниҳои муҳим ноил шуда (бо Сербия ва Словения), бо зумрае аз онҳо қадамҳои аввали таҳкими муносибатҳоро мегузорад (Босния ва Ҳерсеговина ва Албания). Ҳамзамон мебояд ба рушди робитаҳои судманд бо Черногория ва Македонияи Шимолӣ низ дар бахшҳои мушаххас, аз қабили табодули таҷриба дар соҳаи истеҳсоли алюминий, семент ва гидроэнергетика, ҳамкориҳо дар самти истеҳсоли пӯлоду оҳан, электротехника, маводди химиявӣ ва махсусан омӯзиши модели сайёҳии онҳо тамаркуз кард.

***Адабиёт***


1. Шарифзода, А., Қосимӣ, З., Айниддин, С. Эмомалӣ Раҳмон ва 3000-солагии Ҳисор (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015). – Китоби 15. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 368 с.
2. Шарифзода, А., Қосимӣ, З. Эмомалӣ Раҳмон ва соли фарҳанги оламгир (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2005). – Китоби 5. Нашри дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с. (С. 70).
3. Шарифзода, А., Қосимӣ, З. Эмомалӣ Раҳмон: соли маориф ва фарҳанги техникӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2010). – Китоби 10. Нашри дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.
4. Искендеров, П.А. Балканы: прошлое, настоящее и будущее [Электронный ресурс] // «Перспективы» - Сетевое издание Центра исследований и аналитики Фонда исторической перспективы. – Режим доступа: https://www.perspektivy.info/rus/gos/balkany_proshloje_nastojashheje_i_budushheje_2010-06-09.htm (дата обращения: 08.03.2025).
5. Бойгонии ҷории Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Маълумотномаи муфассали муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Сербия // Бойгонии ҷории Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Садои мардум. – 2023. – 10 апрел. – № 51 (4634).
8. Садои мардум. – 2024. – 12 июн. – № 74 (4814).
9. Пресс-релиз “Саммит Европейский союз – Западные Балканы (Брюссель, 13 декабря 2023 г.)” [Электронный ресурс] // Сомонаи расмии Вазорати Аврупо ва корҳои хориҷии Фаронса. – Режим доступа: https://www.diplomatie.gouv.fr/ru/dossiers-pays/europe-65537/balkans-occidentaux/article/sammit-evropejskij-soyuz-zapadnye-balkany-bryussel-13-12-23 (дата обращения: 10.03.2025).
10. Иштирок дар Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” [Электронный ресурс] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Режим доступа:

https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/34452 (дата обращения: 09.03.2025).
11. Суханронӣ дар маросими қабули эътимодномаҳо аз сафирони нави 9 кишвари ҷаҳон [Электронный ресурс] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Режим доступа: https://www.president.tj/event/speeches/7461 (дата обращения: 10.03.2025).
12. Мақолаи “Иқтисоди Албания” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_Albania (дата обращения: 10.03.2025).
13. Мақолаи “Иқтисоди Босния ва Ҳерсеговина” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_Bosnia_and_Herzegovina (дата обращения: 10.03.2025).
14. Мақолаи “Македонияи Шимолӣ” дар Донишномаи Britannica [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.britannica.com/place/North-Macedonia (дата обращения: 10.03.2025).
15. Мақолаи “Нимҷазираи Балкан” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Балканский_полуостров (дата обращения: 10.03.2025).
16. Мақолаи “Сербия” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Сербия (дата обращения: 10.03.2025).
17. Мақолаи “Иқтисоди Сербия” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://en.wikipedia.org/wiki/Serbia#Economy (дата обращения: 10.03.2025).
18. Мақолаи “Словения” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://en.wikipedia.org/wiki/Slovenia (дата обращения: 10.03.2025).
19. Мақолаи “Черногория” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://en.wikipedia.org/wiki/Montenegro (дата обращения: 10.03.2025).
20. Мақолаи “Open Balkan” дар Донишномаи Википедия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://en.wikipedia.org/wiki/Open_Balkan (дата обращения: 10.03.2025).
21. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Режим доступа: www.mfa.tj.
22. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Режим доступа: www.president.tj.
23. Хабари “Албания 11,7 млн. сайёҳро дар соли 2024 қабул кард” [Электронный ресурс] // Портали “Albanian Times”. – Режим доступа: https://albaniantimes.al/albania-welcomed-11-7-million-tourists-in-2024/ (дата обращения: 12.04.2025).
24. Хабари “Мулоқоти вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо вазири корҳои хориҷии Албания” [Электронный ресурс] // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Режим доступа: https://mfa.tj/tg/main/view/14503/muloqoti-vaziri-korhoi-khorijii-tojikiston-bo-vaziri-korhoi-khorijii-albaniya (дата обращения: 10.03.2025).

## ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ БАЛКАНИ ҒАРБӢ: ҚАДАМҲОБА СӮЙИ ТАВСЕАИ РОБИТАҲОИ АНЪАНАВӢ

Дар мақола таърихи ташаккулёбӣ ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаи Балкани Ғарбии Аврупо дар давраи барқарории робитаҳои дипломатӣ инъикос шудааст. Муаллифон бахусус ба моҳияту муҳтаво ва натиҷаҳои ҳамкориҳои ҷонибҳо

дар доираи мулоқотҳои Президенти Тоҷикистон ва роҳбарияти Вазорати корҳои хориҷии кишвар бо намояндагони баландпоя ва сафирони ин давлатҳо, инчунин баргузории машваратҳои сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар партави сиёсати хориҷии бисёрҷанбаи худ дар бархе аз самтҳои равобит бо кишварҳои Балкани Ғарбӣ ба дастовардҳои муайян ва рӯйдоду чорабиниҳои муҳим ноил шуда (бо Сербия ва Словения), бо зумрае аз онҳо қадамҳои аввали таҳкими муносибатҳоро мегузорад (Босния ва Ҳерсеговина ва Албания). Ҳамзамон мебояд ба рушди робитаҳои судманди сиёсӣ ва иқтисодӣ бо Черногория ва Македонияи Шимолӣ тамаркуз кард. Зимни навиштани мақола китобҳову рӯзномаҳо перомуни фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сомонаи расмӣ ва маълумотномаҳои кишварии Вазорати корҳои хориҷӣ, инчунин дигар матолиби электронии дохилию хориҷӣ ва маводди иттилоотию оморӣ истифода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Балкан, Сербия, Словения, Босния ва Ҳерсеговина, Албания, Черногория, Македонияи Шимолӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, таърих, муколамаи сиёсӣ, равобити иқтисодӣ ва гуманитарӣ, сафарҳои расмӣ ва корӣ.

## ТАДЖИКИСТАН И СТРАНЫ ЗАПАДНЫХ БАЛКАН: ШАГИ К РАСШИРЕНИЮ ТРАДИЦИОННЫХ СВЯЗЕЙ

В статье отражена история становления и развития многоплановых связей Таджикистана со странами Западно-Балканского региона Европы в период установления дипломатических отношений. Особое внимание авторы уделили сути, содержанию и результатам сотрудничества сторон в рамках встреч Президента Таджикистана и руководства МИД страны с высокопоставленными представителями и послами этих стран, а также проведения политических консультаций. Таким образом, в свете своей многогранной внешней политики Таджикистан добился определенных достижений и важных событий и мероприятий с некоторыми странами Западных Балкан (с Сербией и Словенией), а также предпринимает первые шаги по укреплению отношений с определенными из них (Босния и Герцеговина и Албания). В то же время следует сосредоточиться на развитии выгодных политических и экономических связей с Черногорией и Северной Македонией. При написании статьи использованы книги и газеты относительно внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан, официальный сайт и страновые справки Министерства иностранных дел, а также другие отечественные и зарубежные электронные издания и информационно-статистические материалы.

**Ключевые слова**: Таджикистан, Балканы, Сербия, Словения, Босния и Герцеговина, Албания, Черногория, Северная Македония, международные отношения, внешняя политика, история, политический диалог, экономические и гуманитарные связи, официальные и рабочие визиты.

## TAJIKISTAN AND THE WESTERN BALKANS: STEPS TOWARDS EXPANDING TRADITIONAL TIES

The article reflects the history of the formation and development of multifaceted relations between Tajikistan and the countries of the Western Balkan region of Europe during the establishment of diplomatic relations. The authors focused on the essence, content and results of cooperation between the parties in the framework of meetings of the President of Tajikistan and the leadership of the Ministry of Foreign Affairs of the country with high-ranking representatives and ambassadors of these countries, as well as political consultations. Thus, in light of its multifaceted foreign policy, Tajikistan has made certain achievements and carried out important events and activities with some countries of the Western Balkans (with Serbia and Slovenia), and is also taking the first steps to strengthen relations with some of them (Bosnia and Herzegovina and Albania). At the same time, it is necessary to focus on the development of beneficial political and economic interaction with Montenegro and North Macedonia. When writing the article, books and newspapers on the foreign policy activities of the

President of the Republic of Tajikistan, the official website and country reference information of the Ministry of Foreign Affairs, as well as other domestic and foreign electronic publications and information and statistical materials were used.

**Keywords:** Tajikistan, Balkans, Serbia, Slovenia, Bosnia and Herzegovina, Albania, Montenegro, North Macedonia, international relations, foreign policy, history, political dialogue, economic and humanitarian ties, official and working visits.

**Дар бораи муаллифон**

Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб
Доктори илмҳои таърих, профессор
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

Шарифзода Фирдавс Абдуфаттоҳ
Номзади илмҳои таърих
Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи
Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Суроға: 734001, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33;
тел: (+992 37) 221-18-08
E-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

**Об авторах**

Шарифзода Абдуфаттох Абдувахxоб
Доктор исторических наук, профессор, член-корреспондент
Национальной Академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33;
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох
Кандидат исторических наук
первый секретарь Управления стран Европы и Америки
Министерства иностранных дел Республика Таджикистан,
734001, Таджикистан, город Душанбе, улица Шероз 33;
тел: (+992 37) 221-18-08;
E-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

**About the authors**

Sharifzoda Abdufattoh Abduvahhob
Doctor of historical sciences, Professor,
Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33;
E-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

Sharifzoda Firdavs Abdufattoh
Candidate of historical sciences
First Secretary of the Department of European and American countries
Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan,
Address: 734001, Tajikistan, Dushanbe, Sheroz Street 33;
Tel: (+992 37) 221-18-08;
Email: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

ТДУ 327(581)

# ҲАМКОРИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БО АФҒОНИСТОН ПАС АЗ СОЛИ 2021: ҚАДАМҲО БАРОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ

***Нуриддин П. Р., Халил Н. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Баъди 15 августи соли 2021 аз тарафи гурӯҳи "Толибон" забт шудани ҳукумати вақтӣ, Афғонистон дар интизои байналмилалӣ қарор гирифт. Новобаста бар ин оҳиста-оҳиста давлатҳои минтақа бо гурӯҳи "Толибон" ҳамкории тиҷоратию иқтисодиро ба роҳ монда, хусусан вобаста ба барномаҳои байналмилалие, ки дар кишвари Афғонистон ба нақша гирифта шуда буданд, то дараҷае идома ёфта истодаанд.

Аввалин давлати ИДМ, ки гурӯҳи Толибонро аз рӯйхати гурӯҳҳои террористӣ хориҷ намуда, барои ҳамкорӣ бо онҳо иқдом намуд, ин давлати Қазоқистон буд. Дуюмин давлате, ки ин иқдомро пеша намуд давлати Қирғизистон буд, ки мақсади асосӣ, ин инкишоф додани ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ буд. Дертар дигар давлатҳои минтақа низ чунин иқдом гирифта ҳамкории худро бо гурӯҳи "Толибон" ба роҳ монданд.

Дар марҳалаи имрӯза ҳамкории тиҷоратии Қазоқистон бо Афғонистон ба 313 миллион доллар расидааст, Қирғизистон бошад бо Афғонистон соли гузашта дар ҳаҷми 14 миллион доллар ҳамкории тиҷоратӣ дошт. Дар нӯҳ моҳи соли 2024 ҳаҷми савдои Ӯзбекистон бо ҳукумати "Толибон" ба 763 миллион доллар расид, ки дар минтақа аз ҳама зиёд аст.[1]

Дар рӯйхати гурӯҳҳои террористӣ қарор доштани гурӯҳи "Толибон" барои давлатҳои минтақа ногувор бошад ҳам, бинобар сабаби қудрати асоси ба ҳисоб рафтан дар Афғонистон, лозим донистанд, ки ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратиро бе ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ таҳрезӣ намоянд.

Дар моҳи июли соли 2022 дар шаҳри Тошканд конференсия оид ба Афғонистон доир гардид, ки дар он намояндагони 20 давлати ҷаҳон, инчунин созмонҳои байналмилалӣ ширкат дошанд.[2]

Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо оид ба Афғонистон Томас Никелсон ва намояндаи махсуси Иёлоти Муттаҳиаи Америка оид ба ҳуқуқи инсон ва корҳои занон дар Афғонистон Рина Амирӣ баъди конфронс такид намуданд, ки онҳо ҳукумати Толибонро то он замоне, ки ҳуқуқи занон ва шаҳрвандон дар ҳудуди кишвар риоя нагардад намепазиранд.[3]

Аксарияти мутахассисони хориҷӣ ва маҳаллӣ ақида доранд, бинобар сабаби аз лиҳози геополитикӣ дар минтақаи беназир ҷойгир будани Афғонистон барои минтақаи меҳварии барномарезии ҳамкорӣ дар самтҳои иқтисоду тиҷорат энергетика ва транзитию логистикӣ барои Осиёи Марказӣ мақоми хос дорад. Аммо баъди ҳамкории гуногунҷанба ва ҳамгироии гусастаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва АвруОсиё, хусусан баъди ба роҳ мондани ҳамкорӣ миёни Россия ва Эрон дар самтҳои ҳарбию сиёсӣ, нақлиётӣ, тиҷоратӣ, энергетикӣ ва логистикӣ, инчунин ташаккулёбии самти нави хатти нақлиётии Шимол-Ҷануб, ки аз ҳудуди Эрон мегузарад ва хатти роҳҳои нақлиётии бисёрсамта, ки аз ҳудудҳои Хитой, Россия, Осиёи Марказӣ ва Қафқози Ҷанубиро убур намуда, аз Афғонистон намегузарад, "мавқеи геополитикии" Афғонистонро дуюмдараҷа месозад.

Афғонистон ва Покистон робитаҳои дуҷониба ва мутақобилае бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ доранд, ки аз арзиши ҳамкории муштарак ва зарурати ухдадориҳои чандҷониба байни кишварҳои минтақа бархӯрдор аст. Шояд масъалаҳои мутақобил байни Покистон ва Афғонистон робитаҳои онҳоро дар сатҳи минтақавӣ бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилот ва монеаҳо рӯбарӯ кардааст, зеро кишваре чун Афғонистон роҳе барои расидан ба Осиёи Марказӣ мебошад.

Дар давраҳои охир, CASA-1000 яке аз талошҳои ибтидоии муштарак байни ҳукуматҳои ҳар ду минтақа будааст. Ин амр боиси ҷалби шарикони мухталиф дар дарозмуддат ва рушди

робитаҳо байни чор кишвари дахлдор дар ин сармоягузорӣ шудааст. Бинобар ин, бисёриҳо ин лоиҳаро ба навъе талоши амалӣ ва роҳкушо барои ҳамкорӣ ва беҳбуди робитаҳои байни ин кишварҳо медонанд.

Шояд ин масири транзитӣ тавассути интиқоли энергия ва табодули молу хизматрасониҳо муносибатҳои байни чор кишвари шарикро беҳтар кунад. Зеро иҷрои ин иқдоми "муфид ва муассир барои ҳама" метавонад робитаҳоро тақвият бахшад ва ба коҳиши мушкилот мусоидат намояд. Дар "Нишасти чорҷонибаи кишварҳо-аъзои CASA-1000", ки 6 июли соли 2017 дар Душанбе баргузор шуд, ҳамаи роҳбарони Покистон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон бар ин ақида буданд, ки ин лоиҳа қобилияти эҷоди имконоти бештар барои манфиатҳо тавассути сармоягузориҳои мутақобилро дорад[4, с. 41].

Аммо дар ин миён бояд ба нақши муҳимми Афғонистон дар пайвасти байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ишора кард. Афғонистон бояд нақши асосии худро дар татбиқи ҳадафҳои пайвасти физикӣ ба беҳтарин шакл иҷро кунад, зеро ин кишвар миёни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ воқеъ аст. Бояд қайд намуд, ки анҷоми лоиҳаи CASA-1000 ба сабаби он ки намоиши амалӣ аз пайвасти физикӣ мебошад, як қадами муҳим дар татбиқи идеяҳои шабакаҳои роҳӣ ё роҳи оҳан ба ҳисоб меравад. Ин амр боиси эҷоди эътимод байни кишварҳои шарик мегардад, ки метавонад кишварҳои дигари ҳамсояро барои шомил шудан ба ин лоиҳа ё сармоягузориҳои муштараки оянда барои эҷоди сулҳ ва шукуфоии муштарак дар ҳар ду минтақа ҷалб кунад.

Бояд гуфт, ки ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин Афғонистон, кишварҳои дар хушкӣ маҳдуд мебошанд ва барои тиҷорат бо ҷаҳон ба ҳамсоягони худ вобастаанд. Дар ин миён кишварҳое чун Покистон ва Эрон, бо бандарҳои муҳимми худ, аз ҷумла Чобаҳор ва Гвадар, метавонанд заминаи мубодилаи хориҷии кишварҳои минтақа бошанд. Масалан, кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд ба осонӣ тавассути масири долони иқтисодии Хитой ва Покистон (CPEC) ба бандари Гвадар пайваст шаванд. Ба ин тартиб, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ метавонанд дар масири ҳамкорӣ бо Афғонистон ҳамчун як пайванддиҳандаи самаранок бо Покистон ҳамкорӣ намуда, ташаббусҳои муштарак эҷод кунанд. Дар ин миён, баъзе кишварҳо хароҷоти транзитро мегиранд ва Афғонистон бузургтарин баҳраманд хоҳад буд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Афғонистон пули пайвасти байни Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ аст ва муҳимтарин кишвар дар сармоягузориҳои муштараки ду минтақа мебошад. [5, с. 42]

Бо ин тавзеҳот, наметавон аз аҳамияти лоиҳаҳои транзитӣ ва интиқолӣ дар минтақа ғофил монд. Аммо чунин ба назар мерасад, ки пешбурди ин гуна лоиҳаҳо дар Афғонистон ҳамеша бо мушкилот ва масоил рӯбарӯ будааст. Чолишҳое, ки боиси нотамом мондан ва ё натиҷае наёфтан аз инкишофи лоиҳаҳо ва баҳрабардорӣ аз даромадҳои он шудааст. Яке аз чунин лоиҳаҳои нотамом дар Афғонистон лоиҳаи CASA-1000 ба ҳисоб меравад. Ин лоиҳа бо ду соли таъхир рӯбарӯ буд, зеро Бонки умумиҷаҳонӣ ва Агентии байналмилалии рушди Иёлоти Муттаҳидаи Америка (USAID) тасмим гирифтанд маблағгузории худро пас аз тағйири режим дар Афғонистон бозпас гиранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки пас аз суқути ҷумҳурии Афғонистон дар соли 2021, Бонки умумиҷаҳонӣ масъули таъмини молии ин лоиҳаро дар Афғонистон ба уҳда гирифт, аммо пешрафти он боздошта шуд.

Тибқи гузориши "Рейтер" бо истинод ба як мансабдори расмӣ, лоиҳаи CASA-1000, ки дар бораи сохтмони хати интиқоли барқ байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мебошад, бинобар вазъи ноором дар Афғонистон боздошта шудааст.

Қисми Афғонистон аз лоиҳаи CASA-1000 то 30% анҷом ёфтааст. Пештар дар моҳи феврали соли 2020 Ашраф Ғанӣ, ба ноҳияи Суробии вилояти Кобул сафар кард ва корҳои амалӣ барои татбиқи лоиҳаи интиқоли барқи CASA-1000-ро дар ин кишвар оғоз намуд. Аммо, пас аз он, ин лоиҳа дар Афғонистон ба таъхир дучор шуд. Ҳатто дар дохили Афғонистон низ масъалаи гузариши хатҳо бо мушкилот рӯбарӯ гардид. Минтақаҳои маркзии бо номи "Ҳазораҷот" ва "Бомиён", ки ба назар мерасад дар як давра қарор шуд, ки ин хати Қубур аз онҳо убур накунад, бо эътирозҳои шадид рӯбарӯ шуданд. Дар ҳамин замина, муовини якуми пешини раиси иҷроия ошкоро изҳор дошт, ки ҳукумат бояд хатҳои баркро аз минтақаҳои марказӣ убур диҳад.

Дар робита ба ин таъхирҳо чанде пеш, Ф. Самиев, раиси иҷроияи лоиҳаи интиқоли барқи CASA-1000 аз Тоҷикистон, 19 августи соли 2022 изҳор дошт, ки интизор меравад марҳалаи ниҳоии ин лоиҳа дар се кишвари дигар соли оянда ба анҷом расад, аммо на дар Афғонистон. Шояд бо дубора ба қудрат расидани "Толибон", ноумедӣ ва норавшании бештар ба раванди идомаи лоиҳаҳои шарикии Афғонистон афзуда бошад. Бо вуҷуди ин, метавон гуфт, ки ҳатто гурӯҳе мисли "Толибон" наметавонад аз манфиатҳои эҳтимолии шарикӣ ва ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратии оянда сарфи назар кунад. Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки "Толибон" аз саргирии лоиҳаҳои рушд ва инкишофро дар барномаҳоиояндаи худ ҷой додаанд.

Тибқи эълони дафтари муовини якуми сарвазири Афғонистон дар корҳои иқтисодӣ, дар як иқдоми муҳим ба самти пайвастагиҳои минтақавӣ ва ҳамкории вобаста ба энергетика, Афғонистон ӯҳдадории худро барои аз сар гирифтани корҳои амалӣ дар якчанд лоиҳаҳои калидии транзитӣ ва энергетикӣ эълон кардааст. Ин иқдом боиси тақвияти робитаҳо байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ тавассути Афғонистон хоҳад шуд. Ба ин тартиб, ин ниҳод эълон кард, ки Афғонистон кӯшиш мекунад корҳои амалӣ дар лоиҳаҳои бузурги транзитӣ ва энергетикӣ байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубиро тавассути Афғонистон аз сар гирад.

Бар асоси изҳороти "Тулӯъ Нюз", лоиҳаҳои зикршуда аз ҷумла CASA-1000, хатти интиқоли барқи TAP (Туркманистон-Афғонистон-Покистон), хатти Қубури гази TAPI ва лоиҳаи энергетикии Туркманистон-Узбекистон-Точикистон-Афғонистон-Покистон (TOTAP) мебошанд. Дар ҳамин замина, қаблан Матиуллоҳ Обид, сухангӯи Вазорати энергетика ва оби Афғонистон, гуфта буд, ки CASA-1000 ва TAP лоиҳаҳои муҳимvи иқтисодӣ дар бахши энергетика мебошанд. Ин раванд на танҳо ба камбуди энергетикӣ дар Афғонистон посух медиҳад, балки ба рушди иқтисодии он низ мусоидат мекунад. Пешрафтҳое, ки то ҳол анҷом ёфтаанд, далели ухдадории ин кишвар барои татбиқи имконоти энергетикии худ ва табдил шудан ба пули ҳаётан муҳим байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки ҳукумати "Толибон" тасмим гирифтааст ба ҳамаи шартномаҳои марбут ба лоиҳаи CASA-1000, ки аз ҷониби ҳукумати пешини Афғонистон имзо шуда буданд, содиқ бимонад. Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон тасдиқ кардааст, ки танҳо 72,6 % ин лоиҳа анҷом ёфтааст, дар ҳоле ки 27,4 % корҳои он таъхир ёфтаанд. Тибқи гузориши сомонаи расмии Вазорати энергетикаи Афғонистон, Бонки умумиҷаҳонӣ ахиран дар як нишасти ғайрирасмӣ бо Вазорати молияи Афғонистон эълон кард, ки тамдиди шартномаи CASA-1000 ба пешниҳоди муштараки чор кишвар – Афғонистон, Покистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон вобаста аст. Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон ба давлатҳои аъзо итминон додааст, ки ҳамаи созишномаҳои имзошуда аз ҷониби ҳукумати пешини Афғонистон дар робита ба лоиҳаи CASA-1000 эътибор доранд ва қобили иҷро ҳастанд.

Аммо дар ин миён масъалаҳои марбут ба таъмини молиявӣ ва сармоягузорӣ низ матраҳ ҳастанд. Дар ҳамин замина, мушовири пешини ин ширкат, ки намехоҳад номаш зикр шавад, гуфт: «CASA-1000 як лоиҳаи дарозмуддат аст, ки қисме аз корҳои он анҷом ёфтаанд, аммо барои анҷоми пурраи ин лоиҳа ба миллионҳо доллар ниёз аст, ки бе кӯмаки сармоягузорони байналмилалӣ ғайриимкон аст». Ӯ таъкид кард: «Танҳо барои сохтани як зеристгоҳи барқ ба панҷ миллион доллар зарурат аст, ки дар ҳеҷ сурат ҳукумати Толибон бе кӯмакҳои ҷаҳонӣ наметавонад ин лоиҳаро анҷом диҳад.»

С. Аҳмадзай, раиси ширкати «Барқшона» дар зери идораи Толибон, дар як нишасти матбуотӣ, ки дар Кобул баргузор шуд, гуфт, ки Бонки умумиҷаҳонӣ ҳоло розӣ шудааст, ки ба ширкатҳои шартномавие, ки дар лоиҳаи CASA-1000 ширкат доранд, ҷуброни хисорот пардохт кунад. Ӯ афзуд: «Мо фаъолияти худро дар бахши хусусӣ ва саноатӣ идома хоҳем дод ва инчунин онро дар бахши расонаҳо шарик хоҳем кард. Соли гузашта мо 9,7 миллион доллар аз комиссия гирифтем.» Ба гуфтаи А. Ғолиб, раиси пешини «Барқшона», арзиши тахминии лоиҳаи CASA-1000 дар Афғонистон 263 миллион доллар мебошад. Ӯ илова кард, ки барои анҷоми ин лоиҳа 100 миллион доллари иловагӣ лозим аст. Ғолиб таъкид кард, ки бо дарназардошти аҳамияти ин лоиҳа барои суботи Афғонистон дар минтақа, ҳадафи он ташвиқи сармоягузорӣ дар бахши энергетика мебошад. Ҳоло Афғонистон нерӯи барқи

лозими худро аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон ворид мекунад ва ҳар сол хароҷоти зиёдеро ба дӯш мегирад.

Бар асоси гузориши хабаргузории “ОмуТВ”, ширкати «Барқшона» моҳи июли соли 2023 эълон кард, ки Бонки умумиҷаҳонӣ омодагии худро барои таъмини молиявии ширкатҳои масъули татбиқи лоиҳаи муҳимми интиқоли энергияи минтақавӣ бо номи CASA-1000 изҳор кардааст. Сипас, дар 3 ноябри соли 2023, ҳайати иҷроияи Бонки умумиҷаҳонӣ 18,3 миллион доллари кӯмаки молиявии иловагӣ ба лоиҳаи ҷории интиқоли барқ ва тиҷорати Осиёи Марказӣ – Осиёи Ҷанубӣ (CASA-1000) барои Ҷумҳурии Қирғизистон тасвиб кард. Ин маблағи иловагӣ лоиҳаи асосии CASA-1000-ро такмил медиҳад. Ба ҳамин тартиб, мӯҳлати анҷоми ин лоиҳа, ки қаблан 31 марти соли 2023 буд, тавассути як мактуб дар 31 марти соли 2023 то 31 декабри соли 2025 тамдид шуд.

Танзимоти шартномавии пурра барои сохтани зерсохтҳои лоиҳаи CASA-1000 миёни чор кишвар бо имзои даҳ шартномаи хариди муҳандисӣ ва сохтмон барои ин лоиҳа мавҷуд аст. Онҳо ду шартномаи хариди муҳандисӣ ва сохтмон дар Покистон, истгоҳи табдили ҷараёни доимии шиддати баланд (HVDC) (TWO1) ва шартномаҳои хатти интиқоли 500-киловолт (HVDC) (TWO2)-ро дар бар мегиранд. Гарчанде, ки кор дар ҳамаи кишварҳо ва дар тамоми бахшҳо хуб пеш меравад, бахши Афғонистон ҳанӯз дар ҳолати пайваст қарор дорад ва гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ барои пайдо кардани роҳи ҳалли оғоз намудани кор фаъолият мекунад.

Гурӯҳи “Толибон” пас аз ба қудрат расидан борҳо эътироф кардааст, ки дар татбиқи ин лоиҳаҳо ҳоло мушкилот вуҷуд надорад ва ин амалиёт идома хоҳад ёфт. Масъулони кишварҳои минтақа низ сафарҳое ба Афғонистон анҷом дода, бо Толибон дар бораи татбиқи ин барномаҳо гуфтушунид кардаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ҳодисаҳои мутақобили иқтисодӣ ва геополитикии минтақа дар Афғонистон, имкон дошт, ки ин барномаҳо дар низомҳои ҷумҳуриявӣ амалӣ шаванд; аммо бо омадани “Толибон” ба қудрат ва сенарияҳои эҳтимолӣ, чоллишҳои зиёде дар пешорӯи татбиқи ин лоиҳаҳо вуҷуд дорад.[6]

Чунонки ишора шуд, лоиҳаи барқи Осиёи Марказӣ – Осиёи Ҷанубӣ (CASA-1000) ба ҳамон гурӯҳи лоиҳаҳои нотамоми минтақавӣ шомил шудааст. Аммо, шояд гуфта шавад, ки умумияти ҳамаи монеаҳо ва саддҳое, ки дар роҳи ин лоиҳаҳо эҷод шудаанд, иҷрои кунд, таъхир ва вақткушии аксари кишварҳои шарик ва ҳамчунин ноустуворӣ ва тағйироти ахир, хусусан дар Афғонистон мебошанд. Аммо, дар баробари ин, метавон ба мушкилоти марбут ба зерсохтҳои энергетикаи минтақа низ ишора кард.

Хатти Қубури Trans-Adriatic ва CASA-1000 ҳар ду хатҳои интиқоли барқ бо ҷараёни доимии шиддати баланд хоҳанд буд, ки ба трансформаторҳои муосир ва таҷҳизоти идораи энергия ниёз доранд. Аммо ҳар ду дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дар ҳоли ҳозир қобили истифода нестанд. Эҳтимоли он меравад, ки ҳатто дар сурати анҷоми лоиҳаҳо низ, ин хатҳои интиқол таъсири ваъдашуда ва интизориро дар ҷомеаҳои маҳаллӣ надошта бошанд.[7]

Бо вуҷуди эҳёи умедбахши ин лоиҳаҳо, иқрор ба ин нуқтаи муҳим аст, ки роҳи пешравии Афғонистон бе монеа нест. Вобастагии кӯмакҳои рушди байналмилалӣ аз замони ба қудрат расидани “Толибон” ба печидатар шудани вазъи иқтисодии кишвар мусоидат кардааст. Бо вуҷуди ин, ӯҳдадории ҳукумати Афғонистон ба ҳамкории минтақавӣ ва лоиҳаҳои энергетикӣ азми ин кишварро барои таъмини ояндаи равшантар барои мардумаш нишон медиҳад. Оғози кор дар лоиҳаҳои муҳим, ба монанди CASA-1000, TAPI, ва TOTAP умеди тозаеро барои суботи иқтисодӣ ва ҳамгироии минтақавии Афғонистон ба вуҷуд меорад. Ин талошҳо на танҳо ниёзҳои энергетикии Афғонистонро бартараф мекунанд, балки Афғонистонро ҳамчун як актори асосӣ дар манзараи энергетикии минтақа ҷой медиҳанд. Бо пешрафти ин ташаббусҳо, имконияти табдил ёфтани Афғонистон ба маркази рушди иқтисодӣ ва пайвастшавӣ дар қалби Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ мавҷуд хоҳад буд.

**Адабиёт**

1. Abbas, Zaheer; Inayat Kalim and Muhammad Shoaib Malik, (2019), "CASA-1000: ITS POTENTIAL FOR REGIONAL TRADE AND DEVELOPMENT", Global Political Review (GPR), Vol. IV, No. III (Summer 2019), Pp. 39-48.
2. https://centrasia.org/newsA.php?st=1738252800 (рӯзи воридшавӣ: 18.02.2025).
3. https://gov.uz/ru/news/view/15258 (рӯзи воридшавӣ: 18.02.2025).
4. https://www.gazeta.uz/ru/2022/07/26/european-union/ (рӯзи воридшавӣ: 18.02.2025).
5. Symeonidis, Dimitris, (2022), "Obstacles to energy security in Central and South Asia", https://www.eastasiaforum.org/2022/03/19/obstacles-to-energy-security-in-central-and-south-Asia.
6. Али Асгар Амири, Толибон ва ояндаи норавшан ҳамкориҳо ва барномаҳои муштарак минтақавӣ, 2022, рӯзномаи Субҳ, ба нақл аз: https://8am.media/fa/the-taliban-and-the-uncertain-future-of-regional-cooperation-and-joint-projects/
7. Нуриддинов Р. Ш. «Взаимоотношения Республики Таджикистан и Российской Федерации в сфере среднего и высшего образования». Доклад на научно-просветительской конференции с международным участие на тему «Государственная молодёжная политика: стратегии развития и повседневные практики в настоящем и будущем». г. Новосибирск, СИУ РАНХиГС, 7–8 июня 2023 года.
8. Нуриддинов Р. Ш. «Сегодня есть много заблуждений по поводу движения «Талибан». URL: https://asia24.media/main/raymalikhon-nuriddinov-segodnya-est-mnogo-zabluzhdeniy-po-povodu-talibana/. (дата обращения: 10.10.2023).
9. Нуриддинов Р. Ш. Афганский фактор в системе региональной безопасности. Международный круглый стол «Факторы международного сотрудничества в Центральной Азии. Индекс «Большой игры». Новосибирский государственный университет экономики и управления (НГУЭУ–Нархоз), г. Новосибирск. 14 апреля 2023 года.
10. Нуриддинов Р. Ш. Внешняя политика Соединённых Штатов Америки в Афганистане: эволюция и изменение её формы и сущности. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2023. – № 9. – С. 262-269.
11. Нуриддинов Р. Ш. Идейная борьба лево-демократических и право-исламистских сил в Афганистане во второй половине XX века. – Душанбе: Ватанпарвар, 2012. – 384 с.
12. Нуриддинов Р. Ш. Некоторые особенности современного этапа развития ситуации в Афганистане // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 5. – С. 326-335.
13. Нуриддинов Р. Ш. Афганистанская повестка в системе региональной безопасности Средней Азии // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 11. – С. 261-269.
14. Нуриддинов Р. Ш. Военно-политическая стратегия США в Афганистане и ее влияние на центральноазиатский регион. Материалы республиканской научно-практической конференции «Место и роль Республики Таджикистан в геополитическом развитии региона», посвящённой 75-летию Таджикского национального университета и 60-летию образования кафедры политологии Таджикского национального университета. – Душанбе, 29 августа 2023 г. – С. 77-88.
15. Нуриддинов Р. Ш. Некоторые особенности неудачи процесса борьбы с международным терроризмом и ее влияние на безопасность региона Средней

Азии // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 12. – С. 2731-281.

## ҲАМКОРИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БО АФҒОНИСТОН ПАС АЗ СОЛИ 2021: ҚАДАМҲО БАРОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ

Пешрафтҳое, ки то ҳол анҷом ёфтаанд, далели уҳдадории ин кишвар барои татбиқи имконияти энергетикии худ ва табдил шудан ба пули ҳаётан муҳим байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, ба назар мерасад, ки ҳукумати Толибон тасмим гирифтааст ба ҳамаи шартномаҳои марбут ба лоиҳаи CASA-1000, ки аз ҷониби ҳукумати пешини Афғонистон имзо шуда буданд, содиқ бимонад. Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон тасдиқ кардааст, ки танҳо 72,6% ин лоиҳа анҷом ёфтааст, дар ҳоле ки 27,4 % корҳои он таъхир ёфтаанд. Тибқи гузориши вебсайти Вазорати энергетикаи Афғонистон, Бонки умумиҷаҳонӣ ахиран дар як нишасти ғайрирасмӣ бо Вазорати молияи Афғонистон эълон кард, ки тамдиди шартномаи CASA-1000 ба пешниҳоди муштараки чор кишвар – Афғонистон, Покистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон вобаста аст. Вазорати корҳои хориҷии Афғонистон ба кишварҳои узв итминон додааст, ки ҳамаи созишномаҳои имзошуда аз ҷониби ҳукумати пешини Афғонистон дар робита ба лоиҳаи CASA-1000 эътибор доранд ва қобили иҷро ҳастанд.

**Калидвожаҳо:** Афғонистон, “Толибон”, CASA-1000, ҳамгироӣ, лоиҳа, ҳамкории байналмилалӣ, минтақаи Осиёи Марказӣ.

## СОТРУДНИЧЕСТВО СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ С АФГАНИСТАНОМ ПОСЛЕ 2021 ГОДА: ШАГИ К РЕГИОНАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ

Достигнутый к настоящему времени прогресс свидетельствует о стремлении страны реализовать свои энергетические возможности и стать жизненно важным мостом между Центральной и Южной Азией.

Поэтому правительство Талибана, похоже, решило остаться верным всем контрактам, связанным с проектом CASA-1000, которые были подписаны предыдущим правительством Афганистана. Министерство иностранных дел Афганистана подтвердило, что только 72,6% проекта было завершено, в то время как 27,4 % работ были отложены. Согласно сообщению, на сайте Министерства энергетики Афганистана, Всемирный банк недавно объявил на неофициальной встрече с Министерством финансов Афганистана, что продление контракта CASA-1000 зависит от совместного предложения четырех стран – Афганистана, Пакистана, Кыргызстана и Таджикистана. Министерство иностранных дел Афганистана заверило государства-члены, что все соглашения, подписанные бывшим правительством Афганистана в отношении проекта CASA-1000, являются действительными и выполнимыми.

**Ключевые слова:** Афганистан, Талибан, CASA-1000, интеграция, проект, международное сотрудничество, Центральноазиатский регион.

## COOPERATION OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES WITH AFGHANISTAN AFTER 2021: STEPS TOWARDS REGIONAL INTEGRATION

The progress achieved to date reflects the country's ambition to harness its energy potential and become a vital bridge between Central and South Asia.

Therefore, the Taliban government appears to have decided to honor all contracts related to the CASA-1000 project that were signed by the previous Afghan government. The Afghan Ministry of Foreign Affairs confirmed that only 72.6% of the project has been completed, while 27.4 % of the work has been postponed. According to a report on the Afghan Ministry of Energy's website, the World Bank recently stated at an informal meeting with the Afghan Ministry of Finance that the extension of the CASA-1000 contract depends on a joint proposal from four countries–Afghanistan,

Pakistan, Kyrgyzstan, and Tajikistan. The Afghan Ministry of Foreign Affairs reassured member states that all agreements signed by the former Afghan government regarding the CASA-1000 project are valid and enforceable.
**Keywords:** Afghanistan, Taliban, CASA-1000, integration, project, international cooperation, Central Asian region.

**Дар бораи муаллифон**

Нуриддин Парвин Раймалихон
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
E-mail: panurama@mail.ru

Халил Назир Аҳмад
Докторант PhD-и кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

**Об авторах**

Нуриддин Парвин Раймалихон
Кандидат политических наук, доцент
Таджикский государственный
педагогический университет имени
Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки 121.
E-mail: panurama@mail.ru

Халил Назир Ахмад
докторант PhD кафедры политологии
Таджикский государственный
педагогический университет имени
Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки 121.

**About the authors**

Nuriddin Parvin Raimalikhon
Candidate of political science, associate professor
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki Avenue
E-mail: panurama@mail.ru

Khalil Nazir Ahmad
PhD student at the Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121, Rudaki Avenue

ТДУ: 327.594.15:327.519.5

# АРЗЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ПЕШГИРИФТАИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДАР САМТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Қудратов К.А., Мунисаи А.***
*Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

Ҷумҳурии Корея ҳамеша як самти ҷолиби сиёсати хориҷӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ боқӣ мондааст. Аз як тараф, принсипи бисёрвекторӣ ва мақоми бетарафӣ дар сиёсати хориҷии давлатҳои минтақа ба диверсификатсияи шарикон барои ҳамкорӣ дар ҷустуҷӯи тавозун байни таъсири субъектҳои асосӣ мусоидат мекунад. Аз сӯйи дигар, манофеи прагматикии нухбагони Осиёи Марказӣ дар робита ба давлатҳое, ки ба мадори, ба истилоҳ, таъсир ё фишори мустақими геополитикӣ шомил нестанд, ҳамеша равшантар баён мешуд. Дар ин росто, таҷрибаи ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея намунаи ҳамкориҳои судманди прагматикиро нишон медиҳад. Ҷумҳурии Корея дар заминаи таҳаввулоти низоми ҷаҳонӣ дидгоҳи худро оид ба ҳамкорӣ бо давлатҳои Авруосиё дар чаҳорчӯби сиёсати нави шимолӣ пешниҳод мекунад.

Соли 2024 аз барқарории расмии равобити дипломатӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва панҷ кишвари Осиёи Марказӣ 32 сол пур мешавад. Ҳарчанд Кореяи Ҷанубӣ ва панҷ кишвари Осиёи Марказӣ аз замони барқарории равобити дипломатӣ дар соли 1992 рушди қобили мулоҳизаи иқтисодиро нишон доданд, аммо шарикии иқтисодии Корея ва Осиёи Марказӣ бо назардошти сатҳи иқтисодӣ ва иқтидори рушди Осиёи Марказӣ то ҳол ба иқтидори пурраи худ нарасидааст. Сатҳи ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ, ки аз соли 2000 ба ин сӯ босуръат афзоиш ёфтааст, то ҳол аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи ҳамкориҳо бо кишварҳои дигари дорои сатҳи рушди иқтисодии ҳамсон намерасад. Ба вижа дар заминаи ҳамкориҳои тиҷорӣ ва иқтисодӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ дар даҳ соли ахир пешравии чашмрас доштааст.

Имрӯзҳо низ Кореяи Ҷанубӣ яке аз бозигаронест, ки дар баробари Ҷопон ва Чин ҳамчун ду кишвари Осиёи Шарқии рақобаткунанда дар Осиёи Марказӣ манфиатҳои ҳаётан муҳим доранд ва мувофиқан онҳо дар бахшҳои мухталиф, бахусус иқтисодӣ, дипломатӣ, технологӣ, техникӣ (махсусан дар робита ба ислоҳоти сиёсӣ ва молиявӣ), сармоягузорӣ (инфрасохтор, хадамоти давлатӣ, ҷанбаҳои иҷтимоӣ ба монанди маориф ва тандурустӣ), робитаҳои фарҳангӣ амал менамояд.

Дар соли 1992, вақте ки Кореяи Ҷанубӣ ва панҷ кишвари Осиёи Марказӣ равобити дипломатӣ барқарор карданд, ҳаҷми муомилоти мол миёни ду ҷониб ҳамагӣ 18 миллион доллар буд, аммо то соли 2022 ин рақам ҳудуди 280 баробар афзуда, ба 5 миллиарду 288 миллион доллар расидааст [7]. Ҳаҷми тиҷорат дар соли 2019, танҳо пеш аз сар задани пандемияи COVID-19, 6 миллиарду 728 миллион долларро ташкил дод, ки нисбат ба замони барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ 355 маротиба бештар аст. Маблағи умумии сармоягузории Кореяи Ҷанубӣ дар 30 соли охир ба панҷ кишвари Осиёи Марказӣ 3 миллиарду 596 миллион долларро ташкил медиҳад ва бо назардошти суръати баланди рушди тиҷорат, иқтидори ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Корея ва кишварҳои Осиёи Марказӣ кофӣ нест ва эҳтимол аст, ки тиҷорат байни Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ дар тӯли панҷ соли оянда ба 10 миллиард доллар мерасад [7].

Дастовардҳои иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ дар панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ба таври зайл ҷамъбаст шудааст. Аввалан, Корея дар саноатикунонии кишварҳои Осиёи Марказӣ саҳми арзанда гузошт. Бо дастгирии ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ ва бо сармоягузории ширкатҳои кореягӣ Узбакистон тавонист саноати нассоҷӣ, мошинсозӣ ва нафту кимиёро рушд диҳад. Сармоягузорӣ ва пешбурди ширкатҳои кореягӣ дар бахшҳои молия ва иттилооту иртибототи Қазоқистон натиҷаҳои назаррас дод. Азбаски Ҷумҳурии Қирғизистон ва Тоҷикистон ба наздикӣ шарикони асосии RDA барои Кореяи Ҷанубӣ гардидаанд, дар

оянда метавон саҳми назарраси Кореяи Ҷанубиро дар саноатикунонии ин кишварҳоро интизор шуд.

Сониян, бар хилофи бисёре аз кишварҳои пешрафта, ки таҷрибаашон муддати тӯлонӣ ҷамъ шудааст ва дар шакли донишҳои устухоншуда, муқарраршуда интиқол дода мешавад, таҷрибаи индустрикунонӣ дар Корея нисбатан ба наздикӣ ҷамъ оварда шудааст ва донишҳои нисбатан зинда ва воқеӣ медиҳад. Дар мавриди лоиҳаи Сургил бошад, коркарди захираҳо, бунёди инфрасохтор ва бунёди базаи истеҳсолӣ марҳила ба роҳ монда шуда, пас аз ба итмом расидани лоиҳа қариб дарҳол истеҳсоли ҷиддӣ ба роҳ монда шуд, ки ин лоиҳаро ба ёрирасони амалӣ табдил дод. иктисодиёти Узбекистон. Ба шарофати муваффақияти Сургил, лоиҳаҳои дигар, аз қабили Кандим низ тавонистанд ҳамчун лоиҳаи муттаҳидшуда инкишоф ёбанд.

Сеюм, ҳамкориҳои рушд ҷиҳати дастгирии лоиҳаҳое, ки ба марҳилаҳои рушди ҳар яке аз панҷ кишвари Осиёи Марказӣ мутобиқ карда шудаанд, идома ёфт. Ҳукумати Корея кишварҳои мавриди ҳадафи ҳамкориҳои рушд дар Осиёи Марказиро на танҳо Узбакистон, балки Қирғизистон ва Тоҷикистонро низ фаро гирифтааст. Илова бар ин, Корея ташаббуси лоиҳаҳоеро идома дод, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ саҳми назаррас доранд, аз қабили индустриализатсия, рушди минтақавӣ ва омӯзиши захираҳои инсонӣ, ҳамчун лоиҳаҳои ҳамкорӣ оид ба рушд бо назардошти вазъи ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ.

Чаҳорум, дастгирии ҳукумат, аз ҷумла Форуми ҳамкории Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея ва чорабинии «Корвон» барои беҳтар намудани шароит барои сармоягузорӣ ва воридшавии ширкатҳои хусусӣ ба таври лозима истифода шудааст. Аз ҷумла, Анҷумани ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея, ки беш аз 10 сол боз пайваста баргузор мешавад, ягона форуме гардид, ки дар он ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ширкат доранд. Ин ҳамоиш насли ояндаи раҳбарони панҷ кишвари Осиёи Марказиро даъват мекунад ва онҳоро барои ширкат дар ифтитоҳи лоиҳаҳои муштарак бо Кореяи Ҷанубӣ аз ибтидо барои мусоидат ба ҳамкориҳои дуҷониба даъват мекунад [5].

Дар робита ба таҷрибаи техникӣ, Кореяи Ҷанубӣ ба кишварҳои минтақа маслиҳат ва кӯмаки арзишманди техникӣ дар шакли «ёрии зеҳнӣ» расонидааст. Ба эътиқоди бисёре аз таҳлилгарон, ин барои шукуфоии Осиёи Марказӣ саҳми зиёде кардааст. "Барномаи мубодилаи дониш" (2004) яке аз лоиҳаҳое мебошад, ки Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба монанди Узбакистон (2004), Қазоқистон (2009), Тоҷикистон ва Қирғизистон (2014) ҳамкорӣ кардааст.

Дар мавриди Узбакистон, "Барномаи мубодилаи дониш" дар таъсиси минтақаи озоди саноатӣ (иборат аз 24 ширкат) -и ин кишвар саҳми арзанда гузоштааст. Дар робита ба ҷамъоварии сармоя, кӯмаки Кореяи Ҷанубӣ ба рушди минтақа дар байни солҳои 2006 ва 2019 даҳ маротиба афзоиш ёфтааст, ки инфрасохтори иҷтимоӣ ва хидматрасонии ҷамъиятӣ қисми зиёди буҷаро ташкил медиҳанд. Дар соли 2020 содироти Кореяи Ҷанубӣ ба ин минтақа 3,9 миллиард долларро ташкил додааст, ки бештари он ба Қазоқистон (51%) ва Узбакистон (48%) рост меояд. Албатта, тиҷорати Кореяи Ҷанубӣ бо минтақаи Осиёи Марказӣ умдатан якҷониба аст, зеро воридоти ин кишвар аз Осиёи Марказӣ ҳамагӣ 1 миллиарду 100 миллион доллар мебошад, ки 98 дарсади он аз Қазоқистон дар шакли нафту ашёи хом ворид шудааст [7].

Ба ҷуз аз ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ соҳаҳои сиёсӣ ва дипломатиро низ дар бар мегиранд. Ин кишвар дар баробари афзоиши қудрати иқтисодии худ ва аз кишваре, ки кумаки иқтисодӣ мегирад, ба як донори кумаки молӣ табдил ёфта, дар пайи афзоиши нуфузи сиёсӣ ва дипломатии худ низ будааст. Кореяи Ҷанубӣ майлу хохиши калон дорад, ки хамчун бозигари фаъоли сиёсати байналхалқӣ баромад кунад. Аз ин лиҳоз метавон густариши равобит бо кишварҳои Осиёи Марказиро то андозае василаи густариши равобит бо қудратҳои бузурге чун Русия ва баъдан густариши нуфузи ҷаҳонии Кореяи Ҷанубӣ арзёбӣ кард.

Албатта геосиёсат аввалин принсип ва омили рушди сиёсати стратегии Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ин кишвар муддати тӯлонӣ дар масирҳои тиҷоратии заминӣ ва

дар масирҳои баҳрӣ бо як монеаи бузурге ба мисли Кореяи Шимолӣ рӯбарӯ аст, ки дар убури баҳри Чини Ҷанубӣ ва гулӯгоҳи Малакка низ бо мушкилот ва хатарҳои бузург рӯбарӯ аст. Ин чолишҳо, дар баробари раванди афзояндаи беҳбуди равобит бо Русия, Кореяи Ҷанубиро водор сохт, ки ба Авруосиё ва ҳамчунин бозигарони дигари нав дар арсаи ҷаҳон назар кунад.

Корея аз соли 2000-ум инҷониб маҷмӯи маҳсулоти дохилии худро аз 383 миллиард доллар бо афзоиши қобили мулоҳиза ба 1,63 триллион доллар дар соли 2020 афзоиш дод ва барои нигоҳ доштани ин тамоюли афзоянда, коҳиш додани маҳдудиятҳои геоиқтисодӣ, ки хароҷоти сангинро ба ин кишвар меорад, ногузир сохт [4].

Ҳаракати дуввуми сиёсатҳои стратегии Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ ҷузъи "фарҳангӣ" аст. Тибқи иттилои манобеъи мухталиф, дар миёни аҳолии зиёда аз 70 миллион нафараи Осиёи Марказӣ аз 300 то 400 ҳазор кореягӣ ба сар мебаранд. Гуфта мешавад, ки аз ин теъдод бештарин дар Узбакистон бо ҳудуди 180 ҳазор нафар ва теъдоди қобили мулоҳиза (ҳудуди 120 ҳазор нафар) дар Қазоқистон ба сар мебаранд. Дар замони ҳукмронии Сталин ва пеш аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ин кореягиҳоро бо баҳонаи ҷосусӣ ба нафъи Империяи Ҷопон дар Шарқи Дури Русия тадриҷан ба Осиёи Марказӣ интиқол дода мешаванд. Албатта, дар солҳои 80-ум ва ба хусус баъд аз истиқлолият теъдоди зиёди ин афрод ба муҳоҷират рафтаанд. Ҳарчанд ин аҳолӣ ба навъе ба ҷомеаҳои бумии Осиёи Марказӣ шомил шуда бошанд ҳам, онҳо як нерӯи муносиб барои пешбурди сиёсатҳои Корея дар ин кишварҳо маҳсуб мешаванд [8].

Ҷузъи сеюми таъсирбахш дар ин раванд табиист, ки иқтисодиёт ва энергетика аст. Осиёи Марказӣ на танҳо бозори сердаромад, балки пур аз захираҳои табиист. Осиёи Марказӣ минтақаест, ки ба густариши доираи фаъолияти дипломатӣ ва сиёсии Кореяи Ҷанубӣ кӯмак мекунад. Кореяи Ҷанубӣ яке аз шарикони аслии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тиҷорат ва бахусус сармоягузорӣ аст ва то кунун ширкатҳои кореягӣ тарҳҳои чандмиллиард долларӣ ба мисли Корхонаи коркарди нафти Бухоро дар Узбакистон, Корхонаи коркарди гази Кянели дар Туркманистон ва дар Казокистон корхонаи Феропластро бунёд кардаанд. Кореяи Ҷанубӣ аз ҷумлаи 5 шарики асосии тиҷоратӣ ва сармоягузори асосӣ дар Узбакистон ва 10 сармоягузори асосӣ дар Қазоқистон аст. Ба ин далел, мо мебинем, ки нақши Кореяи Ҷанубӣ дар минтақа дар даҳсолаи ахир тавассути кумакҳои молӣ, тиҷорат, сармоягузорӣ ва дипломатияи фаъол бо кишварҳои минтақа ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфтааст.

Кореяи Ҷанубӣ дар баробари бозигароне чун Туркия, Ҳиндустон ва Покистон дар Осиёи Марказӣ яке аз фаъолони рушдёбанда маҳсуб мешавад. Ташаккули форуми ҳамкории «Кореяи Ҷанубӣ + Осиёи Марказӣ» дар баробари қабули стратегияи нави сиёсати Шимол таҳти унвони ташаббуси Авруосиё аз соли 2013 нишонаи сатҳи нави ҳамкориҳо мебошад. Ҳарчанд дар маҷмуъ табиати ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби иқтисодӣ баррасӣ мешавад, аммо таҳаввулоти солҳои охир нишон дод, ки он ба ҷуз аз иқтисод решаҳои геоиқтисодӣ дорад ва дар оянда шояд ҳатто аз андозаҳои васеъ дар соҳаҳои фарҳанг аз неруи нарм истифода барад [2; 3].

Ташаббуси Авруосиё дар соли 2013 аз тарафи Пак Кин Хе президенти онвақтаи ҷумҳури Кореяи Ҷанубӣ, пас аз муъаррифии ташаббуси Чин, "Як камарбанд ва як роҳ" пешниҳод шуда буд ва он дар соли 2017 бо эъломи сиёсати нави шимолии Кореяи Ҷанубӣ аз сӯи Мун Чжэ Ин президенти собиқи ин кишвар таъкид шуд. Ғояи зикршуда, ки ҳадафи пайвастани Сеул бо манобеъи энергетикӣ ва бозорҳои Авруосиёро дар назар дорад, новобаста аз авлавиятҳо ва ҳадафҳои ташаббуси "Як камарбанд, як роҳ"-и Чин таҳия шуда, вале иштироки Кореяи Ҷанубӣ дар ташаббуси "Як камарбанд ва як роҳ", дар он кишварҳои Осиёи Марказӣ низ иштирок мекунанд, эҳтимол ягона имконияти Кореяи Ҷанубӣ барои татбиқи "Ташаббуси Авруосиё"-и худ бошад [3].

Нақш ва мавқеъи геостратегӣ ва геополитикии Осиёи Марказӣ дар ҳар ду ташаббус, яъне дар «Як камарбанд, як роҳ» -и Чин ва Авруосиёи Кореяи Ҷанубӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Кореяи Ҷанубӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ бояд ташаббуси Авруосиёро бештар пайгирӣ кунад. Фарзияи санҷидашуда ин аст, ки пайвастани Кореяи Ҷанубӣ ба ташаббуси "Як камарбан ва як роҳ"-и Чин ягона шонси воқеии татбиқи ташаббуси

Авруосиёии Кореяи Ҷанубӣ мебошад ва азбаски Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи ҳарду ташаббус ҷойгир аст дар фазои геополитикии Осиёи Марказӣ ташаббуси Авруосиёи Кореяи Ҷанубӣ метавонад нақши муассир дошта бошад.

Ба далели аҳамияти ин минтақа дар сиёсатҳои Кореяи Ҷанубӣ, мо мебинем, ки президенти Ҷумҳури Кореяи Ҷанубӣ Мун Ҷе, дар соли 2017 дар партави ташаббуси Авруосиёи Кореяи Ҷанубӣ "Сиёсати нави шимолӣ"-ро пешниҳод кардааст. Бар асоси ин тарҳ, Кореяи Ҷанубӣ равобити худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бахшҳое чун ҳамлу нақл, логистика ва энержӣ тавсеа дода, имкони пайвастани нимҷазираи Кореяи Ҷанубиро ба сарзамини ин минтақа фароҳам мекунад. Ҷанбаи асосии сиёсати стратегии Кореяи Ҷанубиро дар Осиёи Марказӣ метавон дар шакли «Сиёсати нави шимол» ҷамъбаст кард. Дар чаҳорчӯби ин стратегия, ки дар ҳукуматҳои ахири ин кишвар бо номҳои мухталифе назири ташаббуси Авруосиё рабт гирифта буд, меҳварҳои мушобеҳ пеш рафтаанд. Аз ин лиҳоз, минтақаи Авруосиё ба се долони иқтисодӣ: шарқӣ (Сибир, Шарқи Дури Русия ва музофотҳои шимолии Чин), марказӣ (кишварҳои Осиёи Марказӣ) ва ғарбӣ (ним ғарби Русия, Белорус ва Украина) тақсим шудааст. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ авлавиятҳои Кореяи Ҷанубӣ рушди истифодаи сарватҳои зеризаминии ин кишварҳо ва ҳамчунин рушди зерсохтори стратегии ин кишварҳо мебошанд. Дар чаҳорчӯби ин дидгоҳ ба Осиёи Марказӣ тарҳҳое аз қабили эҳёи корхонаҳои коркарди нафту кимиё, роҳҳо, фурудгоҳҳо ва ҳатто неругоҳҳои ҳароратӣ бо сармоягузории Кореяи Ҷанубӣ анҷом дода шудааст. Эълони соли 2020 ҳамчун "Ҳамкории шимолии иқтисодӣ" низ бо ҳадафи пешбурди ин стратегияҳо сурат гирифтааст [10; 2].

Чизи ҷолиби сиёсати хориҷии Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ ин аст, ки на ҳама кишварҳои минтақа дар назари ин кишвар аҳамияти яксон доранд. Бар асоси ин назар Кореяи Ҷанубӣ сераҳолӣтарин кишвари ин минтақа, яъне Узбакистон ва ободтарин кишвари он Қазоқистонро авлавият додааст. Инчунин бояд қайд кард, ки ҳарчанд Кореяи Ҷанубӣ дар муқоиса бо Чин имкони нуфузи васеъ дар Осиёи Марказӣ камтар дорад, аммо сифати хизматрасонӣ ва дахолат накардан ба бахшҳои сиёсӣ Кореяи Ҷанубиро ҳамеша шарики боэътимоди кишварҳои Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Бо ин изҳорот метавон пешбинӣ кард, ки равобити Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ дар солҳои оянда густариш хоҳад ёфт.

Дар ҳамин ҳол, дар соли 2018 ин стратегия дар сатҳи баланд бо такмили калидӣ бо номи "Стратегияи 9 пул" таҳия шудааст. Дар робита ба ин, барои рушди Корея 9 самти калидӣ, аз қабили энергетика, роҳи оҳан ва инфрасохтор, киштисозӣ, бандарҳо, тиб, кишоварзӣ ва моҳидорӣ, сармоягузорӣ ва инноватсия, фарҳанг ва сайёҳӣ баррасӣ шудаанд. Дар робита ба ин, дар Осиёи Марказӣ барои Кореяи Ҷанубӣ як қатор авлавиятҳои нав таҳия карда шудаанд, ки дар минтақаҳои гуногун бо ченакҳои муайян амалӣ гардонида мешаванд. Брендинг ҳамчун модели рушд барои пешбурди қобилиятҳои илҳомбахш як қисми стратегияҳои асосии Корея оид ба ин масъала буд [1].

Фаъолияти KOCIS (Хадамоти иттилоотии фарҳангии Корея) дар Осиёи Марказӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст ва ҳузури онро дар бозиҳои видеоӣ, сериалҳо ва филмҳо ба таври ҷиддӣ дидан мумкин аст. Дар баробари ин, марказҳои фарҳангӣ ва таълими забони кореягӣ, аз қабили маҷмааҳои таълимӣ дар Бишкек ва Тошканд, Маркази фарҳангӣ ва санъати кореягӣ дар Тошканд, Маркази иттилоотии Кореяи Қирғизистон дар Бишкек, маркази фарҳангӣ дар Остона ва Тошканд ва ғайра назаррасанд. ки аз тарафи ҳукумати Корея дастгирӣ карда мешаванд, фаъолияти худро вусъат додаанд. Бо илҳом аз Моделҳои Русия, Амрико ва Туркия дар Осиеи Марказӣ, Узбекистон соли 2019 таъсиси донишгоҳи Корея Ва Узбекистонро дар Шаҳри Фарғона амалӣ кард, ки ба он 11,9 миллион доллар сармоягузорӣ аз ҷониби Кореяи Ҷанубӣ равона карда шудааст. Корея инчунин худро ҳамчун гаҳвораи технология ва инноватсия дар Осиёи Марказӣ ва дар соҳаҳои ҷамъиятӣ муаррифӣ мекунад [9].

Аз нигоҳи мавқеъи стратегии Осиёи Марказӣ дар сиёсати иқтисодӣ ва амниятии Кореяи Ҷанубӣ чунин ба назар мерасад, ки муҳити атрофи ин минтақа низ таваҷҷӯҳи сиёсатмадорони Кореяро дорад. Нодида гирифтан мумкин нест, ки наздикии ҷуғрофӣ ва иртиботи фарҳангӣ ва таърихии ин минтақа бо Осиёи Ғарбӣ ба унвони як минтақаи ноором

боис шудааст, ки Осиёи Марказӣ аз хатарҳои сиёсӣ ва амниятӣ як минтақаи ҷудогона набошанд, балки ҳамеша ҷудонашавандаи он боқӣ бимонад. Аз ин нуқтаи назар таваҷҷуҳи Кореяи Ҷанубӣ ба кишварҳое, ки дар тамоюлҳои амниятии Осиёи Ғарбӣ аҳамияти стратегӣ доранд, комилан рӯшан ва мантиқист. Он чизе, ки аз бархӯрди кореягиҳо дар чанд даҳаи гузашта бармеояд, ин аст, ки Тоҷикистон ба унвони яке аз кишварҳои таҷрибаи ҷанги шаҳвандиро аз сар гузаронида дар минтақа ва ҷаҳон кишвари фаъол дар масоили таъмини амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъриф шудааст. Аз ин рӯ, мантиқӣ ба назар мерасад, ки равобити Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ фаротар аз масоили дуҷониба ҷанбаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дорад [6]. Наздикии ҷуғрофии Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва мавқеъи геополитикии ин он дар Авруосиё ҳамеша аз ду масъалаи аслӣ арзёбӣ мешуд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ду нукта метавон иддао кард, ки беҳбуди мизони равобит дар муодилаҳои стратегӣ ва иқтисодии Осиёи Марказӣ ва Кореяи Ҷанубӣ як зарурат аст. Аз ин рӯ, амиқтар кардани равобити кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Кореяи Ҷанубӣ на танҳо дар абъоди миллӣ, балки дар абъоди минтақаӣ ва байналмилалӣ низ бисёр муҳим аст. Ин ба натиҷаҳои мусбат дар арсаҳои сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ вобаста буда ба зарфиятҳои ҳар як тараф равона карда шудааст.

***Адабиёт***


1. «Девять мостов» взаимодействия (Потенциал сотрудничества в судостроении между Россией и Южной Кореей обсудили онлайн на высоком уровне) // Контент – размещенные на сайте MORVESTI.RU. – Режим доступа: https://morvesti.ru/themes/1699/91958/ (дата обращения: 20.10.2024).
2. Буланакова, М.А. Евразийский вектор внешней политики Республики Корея: фактор Центральной Азии // Журнал Евразийская интеграция: экономика, право, политика. – 2020. – С. 70-87.
3. Евразийская инициатива после Пак Кын Хе: развитие, современное состояние и перспективы южнокорейских интеграционных проектов // «Известия Восточного института». – 2016/4 (32). – С. 102-112.
4. Суханов, И.А. Влияние COVID-19 на экономику и внешнеэкономические связи Республики Корея // Власть и управление на Востоке России. – 2021. – № 4 (97). – С. 173-179.
5. Иштирок дар Нишасти 17-уми вазирони корҳои хориҷии Форуми ҳамкории "Осиёи Марказӣ-Ҷумҳурии Корея" // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Режим доступа: https://mfa.tj/tg/main/view/16066/ishtirok-dar-nishasti-17-umi-vazironi-korhoi-khorijii-forumi-hamkorii-osijoi-markazi-jumhurii-koreya (дата обращения: 20.10.2024).
6. Қудратов, К.А., Мунисаи, А. Натиҷаҳои сиёсии сол дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – № 4 (16). – С. 230-239.
7. Ли, Санг Джун. 30 лет экономического сотрудничества между Республикой Корея и Центральной Азией: оценка и будущие задачи. – Режим доступа: https://www.kf.or.kr/korcenRus/na/ntt/selectNttInfo.do?nttSn=112454&bbsId=1336 (дата обращения: 20.10.2024).
8. Мен, Д.В. Корейцы Центральной Азии в государственной политике Советского Союза (1937-1991 гг.) // Корееведение Казахстана. – Выпуск 3. – Алматы: КазНУ им. аль-Фараби, 2015. – С. 253-290.
9. Узбекско-Корейский международный университет реализует проекты на $11,9 млн // «Газета.uz». – Режим доступа: https://www.gazeta.uz/ru/2020/06/12/kiuf/ (дата обращения: 20.10.2024).
10. Цой, Чжэ Док. Стратегия Корейского полуострова: перевод с корейского / Цой Чжэ Док; отв. ред. Ким Ен Ун. – М.: ИДВ РАН, 2019. – 288 с.

## АРЗЁБИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ПЕШГИРИФТАИ ҶУМҲУРИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДАР САМТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақолаи мазкур масоили сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Корея дар самти кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳқиқ гардидааст. Равобити Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои ахир беҳбуд гардида ва арзёбии сиёсати хориҷии пешгирифтаи Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дар самти Осиёи Марказӣ маҳаки таҳқиқотро ташкил медиҳад. Муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз рӯзҳои аввал барқарор гардида бо сабаби он, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз Кореяи Ҷанубӣ дар фосилаи дур қарор доштанд суст инкишоф меёфтанд. Дар ибтидои асри XXI муносибатҳо дар ҳама сатҳҳо пешрафт гардида, Кореяи Ҷанубӣ дар баробари дигар кишварҳо ҷиҳати хубтару беҳтар ба роҳ мондани муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ақиб мондани нест ва дар минтақа мавқеъи хоса дорад. Бале, ҳузури Кореяи Ҷанубӣ  дар Осиёи Марказӣ кам нест ва дар рушди иқтисоди минтақа низ нақши назаррас дорад. Ҳоло моро лозим аст, ки ин равандро дуруст баҳо диҳем ва аз имкониятҳои  сиёсати хориҷии пешгирифтаи Ҷумҳурии Корея дар  самти кишварҳои Осиёи Марказӣ истифода барем. Дар умум имрӯзҳо худи Ҷумҳурии Кореяи тайёр аст ҳамкориро бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ вусъат бахшад.

**Калидвожаҳо:** Кореяи Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ, сиёсати хориҷӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, равобит, муносибатҳо, ҳамкориҳо, арзёбии дастовардҳои сиёсати хориҷӣ, рушди муносибатҳои дуҷониба

## ОЦЕНКА ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ЮЖНОЙ КОРЕИ НА НАПРАВЛЕНИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье рассматриваются вопросы внешней политики Республики Корея в отношении стран Центральной Азии. Отношения Южной Кореи со странами Центральной Азии за последние годы улучшились, и в основу исследования положена оценка внешней политики, проводимой Республикой Южная Корея в отношении Центральной Азии. Торгово-экономические связи Южной Кореи со странами Центральной Азии были налажены с самого начала, однако они развивались медленно из-за того, что страны Центральной Азии находились далеко от Южной Кореи. В начале XXI века отношения развиваются на всех уровнях, и Южная Корея, наряду с другими странами, не отстает в плане улучшения отношений со странами Центральной Азии и занимает особое положение в регионе. Да, присутствие Южной Кореи в Центральной Азии не мало, и она также играет значительную роль в экономическом развитии региона. Теперь нам необходимо правильно оценить этот процесс и воспользоваться возможностями, которые предоставляет внешняя политика, проводимая Республикой Корея в отношении стран Центральной Азии. В целом, сегодня Республика Корея сама готова расширять сотрудничество со странами Центрально-Азиатского региона.

**Ключевые слова:** Южная Корея, Центральная Азия, внешняя политика, страны Центральной Азии, отношения, взаимоотношения, сотрудничество, оценка достижений внешней политики, развитие двусторонних отношений.

## ASSESSMENT OF SOUTH KOREA'S FOREIGN POLICY TOWARDS CENTRAL ASIA

The article examines the issues of the Republic of Korea's foreign policy towards Central Asian countries. South Korea's relations with Central Asian countries have improved in recent years, and the study is based on an assessment of the foreign policy pursued by the Republic of South Korea towards Central Asia. South Korea's trade and economic relations with Central Asian countries were established from the very beginning, but they developed slowly due to the fact that Central Asian countries were far from South Korea. At the beginning of the 21st century, relations are developing at all levels, and South Korea, along with other countries, is not lagging behind in terms of improving relations with Central Asian countries and occupies a special position in the

region. Yes, South Korea's presence in Central Asia is not small, and it also plays a significant role in the economic development of the region. Now we need to correctly assess this process and take advantage of the opportunities provided by the foreign policy pursued by the Republic of Korea towards the countries of Central Asia. In general, today the Republic of Korea itself is ready to expand cooperation with the countries of the Central Asian region.

**Keywords:** South Korea, Central Asia, foreign policy, Central Asian countries, relations, mutual relations, cooperation, assessment of foreign policy achievements, development of bilateral relations.

**Дар бораи муаллифон**

Қудратов Комрон Абдунабиевич
Номзади илмҳои таърих, мудиришуъбаи ИДМ
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиёва Аврупо
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Телефон: (+992) 935282862. E-mail: komron.kudratov@mail.ru

Мунисаи Аваз
Магистранти шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
Суроға: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел: +992900463838.

**Об авторах**

Кудратов Комрон Абдунабиевич
Кандидат исторических наук, заведующий отделом СНГ
Института изучения проблем стран Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33.
Телефон: (+992) 935282862.
E-mail: komron.kudratov@mail.ru

Мунисай Аваз
Магистрант отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана,
Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.
Tel: +992900463838.

**About the authors**

Kudratov Komron Abdunabievich
Candidate of Historical Sciences, Head of the CIS Department
Institute for the Study of Asian and European States
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbesity, Rudaki Ave. 33.
Phone: (+992) 935282862.
E-mail: komron.kudratov@mail.ru

Munisay Avaz
Graduate student of the CIS Department of the Institute for the Study of the Problems of the Countries of Asia and Europe
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734025, Dushanbe, pr. Rudaki, 33. Tel: +992900463838

ТДУ 355.48 + 681.5 + 004 + 9(575.3)

# ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ НИЗОМИ АВТОМАТИКУНОНИИ ИДОРАКУНИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ (дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон)

***Амиров Т.Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.*

Асосан ҳифзи амнияти миллӣ аз ду ҳолат якум, омодабошии Қувваҳои Мусаллаҳ ва дуюм ба рушди илму маориф вобастагии амиқ дорад. Дар шароити тағийрёбии фазои геополитикӣ бе рушди илми муосири ҳарбӣ таҳким бахшидани иқтидори ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ғайриимкон аст. Бинобар ин, барои омӯхтани моҳият, мазмуни характери ҷангҳои муосир автоматикунонии системаи идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ зарур аст.

Илми ҳарбӣ дар қабули стратегия оид ба мустаҳкам намудани иқтидори ҳарбӣ ва мудофиавии мамлакат накши калон дорад. Бинобар ин яке аз вазифаҳои илми ҳарбӣ ин пешгӯии илмӣ мебошад. Чунин пешгӯиҳо метавонад нақша ва сенарияҳои гуногунро вобаста ба вазъият ва таъсири омилҳои гуногун пешбинӣ намояд. Моҳияти консепсияи илми ҳарбӣ аз мавзуи илмӣ, методҳо ва вазифаҳои тадқиқотро барои автоматикунонии навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳ имконият фароҳам меоварад. Дар воқеъ, илми ҳарбӣ – ин системаи донишҳо дар бораи ҷанг, табиати он, усулҳои рафторӣ, қонунҳои ҷанг, омода кардани Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҷанг мебошад. Илми ҳарбӣ ин ҷангро бо сиёсат, иқтисод, ахлоқ ва илми техникиро пайваст мекунад. Асосан дар илми ҳарбӣ методҳои умумиилмӣ истифода бурда мешавад. Ба методҳои умуми илмӣ: таҷриба, моделсозӣ, таҳлил, синтез ва ғайра дохил мешаванд. Ба методҳои мушаххаси тадқиқоти илми ҳарбӣ майдони озмоиш, машқҳои фармондеҳӣ (омӯзиш), бозиҳои тадқиқотӣ, усулҳои махсуси ҳисобҳои оперативӣ ва тактикӣ, пешгуӣ моделсозӣ (методҳои математикӣ, тадқиқоти амалиётӣ, моделсозии амалиёти ҷангӣ), сафарҳои саҳроӣ ва ғайра дохил мешаванд.[1]

Илми ҳарбӣ чунин вазифаҳоро ба анҷом мерасонад:

- омӯзиши характери ҷангҳои оянда, аз ҷумла бо шаклҳо ва роҳҳои ғайриҳарбӣ расонидани таъсир ба душман;
- бо назардошти тағийрёбии ҷангҳои муосир муайян намудани самтҳои инкишофи низоми яроқноккунӣ (мусаллаҳшавӣ);
- дар амалия ҷори намудани натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ-ҳарбӣ дар тамоми навъҳои қушунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ.

Дар илми ҳарбӣ пеш аз ҳама амалия, тадқиқоти пайваста ва мақсаднок барои муайян кардани хусусияти эҳтимолии муноқишаҳои ҳарбӣ хеле муҳим аст. Яке аз вазифаҳои мураккаби илми ҳарбӣ ин дар рафти амалётҳои ҷангҳои муосир муайян кардани талабот ба идоракунии қушунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Бинобар ин, барои муваффақ гаштан лозим аст, ки тамоми низоми идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ автоматӣ кунонида шавад. Автоматикунонии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз хама барои ба низом даровардани фаъолияти байниҳамдигарии воҳидҳои ҷузъӯ томҳо дар давраи ҷанг ташкил карда мешавад.

Низоми автоматикунонидашудаи идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар ҷараёни гузаронидани корҳои тадқиқотӣ (КИТ) ва конструкторӣ инкишоф ёбад. Тибқи талаботи низоми автоматикунонӣ системаи идоракунии натиҷаҳои микдорӣ ва сифатии фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмида мешаванд. Чунин низон дар ҳалли вазифаҳои идоракунии қӯшунҳо дар рафти ҷанг самараи хуб медиҳад. АСИ-и Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ аз омӯзиши характери ҷангҳои муосир бар меоянд. Ин талабот метавонад дурнамои АСИ-и Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кунад. Аз ин нуқтаи назар, автоматикунонии системаи идоракунӣ таркиб, сохтор, меъморҳо, нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии фаъолият ҳалли вазифаҳои

фармондеҳии қушунҳо ва самаранокии татбиқи методҳои гуногуни амалиёти ҳарбиро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, системахои автоматии идоракунӣ дар истеҳсолоти ҳарбӣ низ барои баланд вазифаҳои технологияҳои иттилоотӣ мусоидат мекунад. САИ Қувваҳои Мусаллаҳ ба таъмин намудан ва такмил додани шаклу усулҳои муборизаи мусаллаҳона, инчунин яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ мусоидат мекунад. Дар айни замон дар таъминоти иттилоотии сатҳи баланд, таъмини қӯшишҳои ҳарбӣ як лаҳзаи муайянкунандаи хусусияти асосан тактикӣ дар таъсир расонидан ба душман мебошад.

Технологияҳои автоматикунонидашуда бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла мустақил ва дурдаст истифода мешаванд. Ҳавопаймоҳои бесарнишин дар фазои иттилоотии Қувваҳои Мусаллаҳ қодиранд, ки зарари калон расонанд, нисбат ба қушунҳои хушкигард, ротаи тирандозӣ, посбонӣ, разведка, взводи инженерӣ бо техника ва пункти идоракуниро дарбар мегирад. Реҷаи идоракунӣ ба таҳияи системаи автоматии идоракунии ҳайати низомӣ ва қӯшунҳо барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда мусоидат мекунад. Маҷмӯи амалиётҳои таҳияшуда, агар вазифа бомуваффақият иҷро карда шавад, дар баробари талафот ба душман зарари калон мерасонад. Чунин кори оперативӣ бо истифода аз системаҳои автоматии идоракунӣ боиси пайдо шудани методҳои нави амалиёти тактикии қӯшунҳо мегардад. Дар баробари ин, мавҷудияти иттилооти оперативӣ дар бораи вазъи кунунӣ барои системаи ягонаи тақсимоти иктишофӣ сифати вазифаи иҷрошавандаро таъмин мекунад. [6]

Барои муайян кардани тамоми талаботи фаврӣ оид ба дурнамои СИА-ии Қувваҳои Мусаллаҳ (бо мақсади давомнокӣ, таъмини амният, махфӣ будани идоракунӣ ва ҳифзи системаи идоракунӣ) зарур аст, ки бо иштироки намояндагони баландтахассуси касбии соҳаи ҳарбӣ тадқиқоти ҳаматарафаи илмию тадқиқотӣ дар соҳаи ҳарбӣ гузаронда шавад. Талаботи асосии СИА-и

Қувваҳои Мусаллаҳ умуман ва қисмҳои таркибии он кори системаи тадқиқотро амиқ ва асоснок мекунад. Натиҷаҳои системаи идоракунии автоматӣ асосан ҳангоми гузаронидани машқҳои ҳарбӣ, машқҳои фармондеҳӣ-штабӣ оид ба идоракунии қӯшунҳо, натиҷаҳои навсозии равандҳои идоракунии қӯшунҳо, натиҷаҳои навсозии қувваҳо, натиҷаҳои навсозии равандҳои идоракунии қӯшунҳо дида мешавад.[5, с. 74]

Системаи идоракунии автоматикунонии Қувваҳои Мусаллаҳ ин нишондиҳандаи доимии микдорӣ ва сифатӣ буда наметавонад. Зеро дар баробари ба вуҷуд омадани таҳдидҳои нави ҳарбӣ воситаҳои муборизаи мусаллаҳи тарафҳои ҷангкунанда шакл ва методҳои истифодабарии онҳо тағийр меёбанд бинобар ин, характери муборизаи мусаллахона тағийр меёбад. Бинобар ин, натиҷаи СИА-и Қувваҳои Мусаллаҳ бояд дар партави тағйироти баамаломада нишон дода шуда, барои як давраи муайян, масалан, 5-10 сол пешбини карда шавад. Системаи идоракунии автоматикунонӣ ба рушди Қувваҳои Мусаллаҳ таъсири назаррас расонида, чунин вазифаҳои дар бар мегирад: сари вақт аниқ намудани имконияти системаи идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ ва қисмҳои таркибии он ҳангоми ба вуҷуд омадани камбудиҳо дар самти техникӣ. Яке аз принсипҳои муҳимтарини таъмини автоматии қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ин принсипи яквақта дар бораи вазъият, ҳолат, характери ҷанг бо нерӯҳои ҳарбии душман мебошад. Принсипи яквақта ин ворид кардани иттилоот дар бораи системаи автоматии идоркунии Қувваҳои Мусаллаҳ буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки навъҳои нерӯҳо бояд бо назардошти маҳдудияти дастрасӣ ба иттилоот мавҷуд бошанд.

Принсипҳои дигари муҳими системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ ин принсипи инкишофи эволюционии система ва принципи системаи кушод мебошанд. Ин принсипҳо нишон медиҳанд, ки дурнамоӣ СИА-ии Қувваҳои Мусаллаҳ бояд бе вайрон кардани системаҳои мавҷуда, балки бо назардошти камбудиҳои онҳо инкишоф ёбад. Истифодаи қарорҳои нави техникӣ ва технологияҳои муосири иттилоотӣ дар СИА-ии Қувваҳои Мусаллаҳ бояд рушди фаъолияти он ва имкони дохил кардани системаҳо ва воситаҳои нави сохташударо таъмин намояд.[2]

Ҳамин тавр, нақши илми ҳарбӣ дар ташкил ва инкишофи системаи идоракунии автоматии Қувваҳои Мусаллаҳ чунин аст:

1.Таҳияи сенарияҳои эҳтимолии омодагӣ ба ҷанг, оғоз ва гузаронидани ҷангҳои эҳтимолӣ. Тавзеҳи вазифаҳои идоракунии навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳ. Асоснок кардани принсипҳо ва талаботи фаврии системаи идоракунии автоматии Қувваҳои Мусаллаҳ.

2.Дар баробари ин, нақши роҳбарикунанда бояд ба Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ тааллуқ дошта бошад.

Дар рафти расонидани ёрии фаврӣ барои ҳалли вазифаҳои асосии илмӣ ба тавзеҳоти зерин диққати махсус додан лозим аст:

- тавзеҳи принсипҳои таъсис ва рушди системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ;
- тавзеҳи Консепсияи таъсис ва рушди системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ;
- тартиб додани руйхати зарурии Р ва Д барои ташкил ва инкишофи системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ барои дохил шудан ба тартиботи мудофиаи давлатӣ ва барномаи мусаллаҳшавии давлатӣ.

Мувофиқи таҳқиқоти олимон ва мутахассисони соҳаи ҳарбӣ дар раванди таъсис ва рушди СИА конструктори генералии СИА ва алоқаи Қувваҳои Мусаллаҳ бидуни дастгирии фаврии Ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ бомуваффақият роҳандозӣ ғайри имкон аст.[4, с. 12-16]

3. Дастгирии илмӣ-ҳарбӣ ба раванди таъсис ва рушди системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ аз ҷониби марказҳои илмӣ-тадқиқотии Вазорати мудофиа, ки дар рафти он вазифаҳои асосии илмию амалии зерин ҳал карда мешаванд:

таҳияи лоиҳаҳои илмӣ барои таъсис ва рушди системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- кор карда баромадани маълумотҳои асосӣ барои корхонаҳои саноатии ҳарбӣ;
- таҳлил ва ҳамоҳанг сохтани фикру мулоҳизаҳо оид ба маводҳои саноатӣ оид ба лоиҳаҳои илмӣ-техникӣ;
- таҳияи барномаҳо ва методҳои санҷиши давлатӣ, зерсистемаҳо, ва комплексҳои гуногуни илмӣ;
- иштирок ва санҷишҳои пешакии давлатӣ, зерсистемаҳо ва комплексҳои гуногун;
- иштирок дар тайёр кардани ҳуҷҷатҳо оид ба санҷишҳои давлатӣ.[3, 40]

Барои бомуваффақият ҳал намудани вазифаҳои дар боло зикршуда ба ҳамаи онҳое, ки дар рушди илми ҳарбӣ ва рушди системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ машғуланд имкониятҳои васеъ тибқи талаботи фаъолияти корҳои илмӣ додан лозим аст. Бояд қайд кард, ки бе таҳқиқоти илмӣ ва ҷалби олимони соҳа Қувваҳои Мусаллаҳ ғайри имкон аст. Амали гардонидани таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи ҳарбӣ бевосита танҳо дар заминаи марказҳои илмӣ ва донишгоҳу доникадаҳои ҳарбӣ имконият дорад. Барои рушди илми ҳарбӣ дар системаи автоматикунонии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ бояд бо мақсади ҷалби ҷавон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ озмуни ҷумҳуриявии байни мутахассисони дар самти илмӣ ҳарбӣ, навоварӣ ва ихтироъкорӣ ташкил ва гузаронида шавад.

Воқеъан, имрӯз дар Тоҷикистон илми ҳарбӣ дар марҳилаи барқарорсозӣ қарор дорад. Бинобар ин, барои барқарорсозии рушди илми ҳарбӣ лозим аст, ки Консепсия ва стратегияи рушди илми ҳарбӣ таҳия ва тасдиқ карда шавад. Натиҷаҳои Консепсия дар марҳилаҳои зерин амалӣ карда шавад: Якум, таҳия ва тасдиқӣ Стратегия ва Консепсияи рушди илми ҳарбӣ дар Тоҷикистон. Дуюм, мутобиқ кардани системаи илми ҳарбӣ ба талаботи муосир. Сеюм, баланд бардотани иқтидорӣ ҳарбӣ дар заминаи рушди илми ҳарбӣ. Дар асоси Консепсияи рушди илми ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳодҳои ҳарбии Вазорати мудофиа нақшаи амалишавии консепсияро таҳия менамоянд.

Ғайр аз ин, дар Консепсия ва стратегия масъалаҳои зерин бояд ба инобат гирифта шаванд:

– рушди марказҳои илмӣ-ҳарбӣ ва баланд бардоштани иқтидори корҳои илмию тадқиқотӣ (КИТ) дар заминаи муассисаҳои олии таълимии ҳарбии Вазорати мудофиа;
– баланд бардоштани иқтидори илмӣ-тадқиқотӣ, таъсиси синфхонаҳои лабораторӣ-таҷрибавӣ ва пойгоҳи илмӣ;
– таҳкими инкишофи ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо дигар муассисаҳо ва марказҳои илмии кишварҳои хориҷӣ;
– такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии системаи идоракунии автоматии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.

Дар баробари ин, тавассути механизмҳои гуногуни омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таъсилоти олӣ ва марказҳои илмию тадқиқотӣ, ҷиҳати такмили инфрасохтори муосири илмию тадқиқотӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба талаботҳои системаи ҳарбӣ мутобиқ кунонида шавад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи Консепсияи рушди илми ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сатҳи тахассусон ва муҳаққиқони ҷавон баланд бардошта шавад. Дар вақти бартараф намудани омилҳои манфии дар боло зикршуда бояд самаранокии тадқиқотҳои илмӣ баланд гардида, ба инкишофи системаи идоракунии автоматии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

***Адабиёт***


1. Буренок, В.В. Разжалованная наука // Военно-промышленный курьер. – 2017. – № 20. – С. 3-6.
2. Кудряшов, Г.И. Интеллект без статуса // Военно-промышленный курьер. – 2017. – № 22. – С. 81.
3. Макушев, И.Ю. Пора защищаться // Военно-промышленный курьер. – 2016. – № 8. – С. 80.
4. Михайловский, А.Б., Сайфетдинов, Х.И. Оперативные основы создания перспективного облика системы управления Вооруженными Силами Российской Федерации // Военная Мысль. – 2015. – № 11. – С. 12-16.
5. Сайфетдинов, Х.И. Роль военной науки в создании и развитии автоматизированной системы управления Вооруженными Силами Российской Федерации // Военная Мысль. – 2020. – № 10. – С. 74-81.
6. Применение автоматизированных систем управления в военной промышленности [Электронный ресурс] // Режим доступа: https://apni.ru/article (дата обращения: 24.042024).


## ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ НИЗОМИ АВТОМАТИКУНОНИИИДОРАКУНИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ (дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон)


Дар мақола нақши илмро дар системаи идоракунии автоматии Қувваҳои Мусаллаҳ, ки ба такмил додани шаклу методи муборизаи мусаллаҳона, инчунин яроқу аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ мусоидат мекунад, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ғайр аз ин, муаллиф дар тибқи талаботи муосир зарурати таҳияи системаи автоматии идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ асоснок кардааст.

Системаи автоматикунонии Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаҳои зеринро дар бар мегирад: сари вақт аниқ намудани имконияти системаи идоракунии Қувваҳои Мусаллаҳ ва қисмҳои таркибии он ҳангоми ба вуҷуд омадани камбудиҳо дар самти техникӣ. Ба андешаи муаллиф, яке аз принсипҳои муҳимтарини таъмини автоматии қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ин принсипи яквақта дар бораи вазъият, ҳолат, характери ҷанг бо нерӯҳои ҳарбии душман мебошад.



**Калидвожаҳо:** Вазорати мудофиа, давлат, Қувваҳои Мусаллаҳ, автоматикунонӣ, системаи идоракунӣ, рушди илми ҳарбӣ.

## НАУЧНЫЕ АСПЕКТЫ СИСТЕМЫ АВТОМАТИЗАЦИИ УПРАВЛЕНИЕ ВООРУЖЕННЫМИ СИЛАМИ
### (в условиях Республики Таджикистан)

В статье рассматривается роль науки в системе автоматического управления Вооруженными Силами, которая способствует совершенствованию форм и методов вооруженной борьбы, а также вооружения и военной техники. А также, автор обосновал необходимость разработки автоматической системы управления Вооруженными Силами в соответствии с современными требованиями.

Система автоматизации Вооруженных Сил включает в себя следующие функции: своевременное определение возможности системы управления Вооруженными Силами и ее составными частями в случае возникновения технических недостатков. По мнению автора, одним из важнейших принципов автоматического обеспечения воинских частей Вооружённых Сил является принцип одновременности обстановки, состояния, характера войны с военными силами противника.

**Ключевые слова:** Министерство обороны, государство, Вооружённые Силы, автоматизация, система управления, развитие военной науки.

## SCIENTIFIC ASPECTS OF AUTOMATION SYSTEM MANAGEMENT OF THE ARMED FORCES
### (in the conditions of the Republic of Tajikistan)

The article examines the role of science in the automatic control system of the Armed Forces, which contributes to the improvement of forms and methods of armed struggle, as well as weapons and military equipment. And also, the author substantiated the need to develop an automatic control system for the Armed Forces in accordance with modern requirements.

The Armed Forces automation system includes the following functions: timely determination of the capabilities of the control system of the Armed Forces and its components in the event of technical deficiencies. According to the author, one of the most important principles of automatic support for military units of the Armed Forces is the principle of simultaneity of the situation, state, and nature of the war with the enemy’s military forces.

**Keywords:** Ministry of Defense, state, Armed Forces, automation, control system, development of military science

**Дар бораи муаллиф**
Амиров Толиб Шарифович
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
Тел: 988616395.
E mail: tolib.amirov.88@mail.ru

**Об авторе**
Амиров Толиб Шарифович
кандидат политических наук, доцент кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
Адрес: 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121.
Тел.: 988616395.
E mail: tolib.amirov.88@mail.ru

**About the author**
Amirov Tolib Sharifovich
candidate of political sciences, associate professor of the department of political science
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
Address: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
Tel.: 988616395.
E mail: tolib.amirov.88@mail.ru

ТДУ 327:81'42

# РИТОРИКАИ ДИПЛОМАТӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Саидова Ф.С.**

*Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

Қайд кардан бамаврид аст, ки санъати суханварӣ яке аз воситаҳои ҳифзи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии инсоният буда, дар раванди таърих хизматҳои бузург дорад. Сухан аз ҷумлаи неъматҳои олии маънавӣ буда, ақлу хиради инсониятро таҷассум менамояд. Сухан воситаи муҳими муошırати байни одамон, табодули андешаҳо ва василаи пурзӯри таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтору кирдори одамон мебошад. Қобилияти сухангӯйӣ ҷузъи маданияти шахс буда, сатҳи маърифатнокӣ ва ҷаҳонбинии ӯро ифода менамояд. Ҳатто дар Юнони қадим фанни риторика, яъне суханвариро илми идораи ҷомеа мешумориданд. Таъсири ин илм ба ҳаёти ҷомеа ва давлат он қадар бузург будааст, ки онро Афлотун ҳамчун “санъати идоранамоии ақлҳо” муайян кардааст. Имрӯз ҳам мақому мартабаи илму амал ва ҳусни инсонро бештар дар баёнаш медонанд, ки ин ҳам воқеият дорад [7, с.5].

Бояд қайд намуд, ки яке аз сабабҳои рушду нумӯ ёфтани риторикаи сиёсӣ ин робитаи байниҳамдигарии мардумон мебошад. Инчунин, сар задани мушкилоту нофаҳмиҳои гуногун сабаби инкишофи риторика гардидааст. Дар ин росто ҳар як миллат ва халқият мақсад ва ҳадафҳои худро баён дошта, фикру андешаҳои хешро ҳимоя мекарданд. Тавре маълум аст, санъати суханварӣ бо фаъолияти сиёсӣ тавъам аст. Мавқеи давлат дар миқёси байналмилалӣ дар алоқамандӣ бо мақоми сиёсии он, муносибатҳои мутақобилаи он бо давлатҳо ва акторҳои дигари сиёсати ҷаҳонӣ муайян карда мешавад. Вале нақши асосиро дар муайяннамоии нуфузи давлат роҳу воситаҳои муаррифии кишвар мебозанд, ки ба василаи фаъолияти моҳиронаи нотиқии сарварони сиёсӣ ва ходимони дипломатӣ амалӣ мегардад. Сиёсатмадорон баҳри ҳалли мушкилоти мушаххас тавассути баромаду маърӯзаҳо метавонанд ҳам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам ба шаҳрвандони кишвари хеш муроҷиат намоянд, аз масъалаҳои мухталифи байналхалқӣ иттилоъ диҳанд.

Воқеан, муносибатҳои байналхалқӣ маҷмуи робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, дипломатӣ, фарҳангӣ, илмӣ байни субъектҳои асосии саҳнаи байналхалқии кишварҳо, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ҷумбишҳои иҷтимоӣ ва ашхоси алоҳида мебошад. Алоқа ва робитаҳои зикршуда, мундариҷаи фаъолияти байналхалқиро ташкил дода, симои ҷаҳони имрӯзаро шакл медиҳанд. Муносибатҳои байналхалқӣ ба маънои маҳдуди хеш баъзан ҳамчун дипломатия фаҳмида мешавад: Дар madди аввал робитаҳое, ки ҳукуматҳо байни худ доранд ва равишҳое, ки бо ёрии онҳо ин робитаҳо амалӣ мегарданд. Дуюм маҷмуи усулу воситаҳо, технологияи татбиқи фаъолияти давлатии дипломатӣ. Сеюм раванде, ки бо ёрии он интиқоли иттилоот аз як ҳукумат ба ҳукумати дигар сурат мегирад [9, с.17].

Дипломатия яке аз падидаҳои қадимтарин дар таърихи инсоният ва муносибати байни миллату кишварҳо ба ҳисоб меравад. Тавре аз таърифи классикии ин мафҳум бармеояд он “фаъолиятест оид ба ҳимояи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он дар хориҷи кишвар, ки тавассути бурдани мукотибаи дипломатӣ, бастани шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, интишори ҳуҷҷатҳо дар ВАО бо мавқеи расмии давлат оид ба ин ё он масъала, иштироки давлат ва сиёсатмадорон дар чорабиниҳои дипломатӣ ва дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад” [2, с.287]. Яъне дипломатия санъатест, ки тавассути усулҳои мухталифи алоқа, пеш аз ҳама, барои мутавозин нигоҳ доштани муносибатҳои байналмилалӣ истифода мешавад. Ин усулҳо махсус суханрониҳоест, ки мо онро дар як қатор ҳуҷҷатҳои дипломатӣ мушоҳида менамоем. Дипломатия пеш аз ҳама, ҳунар ва маҳорати навиштан аст ва силоҳи дипломатҳо сухан аст. Муҳимтарин фаъолияти дипломатӣ таҳияи санадҳо, аз қабили мукотиботи дипломатӣ бо намояндагони кишварҳои хориҷӣ, мукотиботи расмӣ, шахсӣ ва байниидоравӣ мебошад.

Албатта, риторикаи сиёсӣ ҳамчун дипломатияи хоси қабулгардида метавонад мардумро барои иҷрои мақсаду маром ва идеяи созанда сафарбар намуда, усулу роҳҳои гуногуни ба

мақсад расидани онҳоро таъмин намояд. Зеро нутқи суханвар ин каломест, ки ҳам ба ҳиссиёт ва ҳам ба шуури инсон таъсир расонида, дар рушди иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва дигар соҳаҳои фаъолияти инсон нақши муҳим дорад. Махсусан, дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа падидаи риторикаи сиёсӣ баҳри расидан ба ҳадафҳо ва арзишҳои нав ҳамчун роҳбалад хизмат карда метавонад. Тавре, ки Марк Тулий Ситсерон навиштааст: «Дар олам ду навъи санъат: санъати лашкаркаши хуб ва санъати суханварии хуб мавҷуд аст, ки инсонро метавонад ба зинаи баландтарини шараф ва ифтихор расонад» [3, с.117].

Бояд гуфт, ки риторикаи дипломатӣ - ин нутқи намояндаи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва муассисаҳои дипломатӣ буда, ҳамчун шакли асосии муносибатҳои расмии байни давлатҳо ба шумор меравад. Вале бо сабаби хусусияти махфиро касб намудани фаъолияти кории дипломатҳо, ин шакли риторикаро камтар таҳқиқ намудаанд.

Ҳанӯз аз давраҳои қадим намунаҳои нутқи дипломатиро дар шаклҳои мухталиф дидан мумкин аст. Вале аз даврони Екатеринаи II (асри XVIII) дипломатҳои машҳуре тадриҷан фаъолият доштанд, ки на танҳо ҳамчун дипломатҳои хуб, балки ҳамчун суханварони асил аз ҷониби насли баъдина ном бурда мешаванд, аз ҷумла Княз Патёнкий, Танин, Чичерин ва ғайра. Риторикаи дипломатӣ дорои яккатор махсусиятҳо аст. Зеро дипломат наметавонад, ба таври ошкорро сухан гӯяд, зеро суханварии ӯ дар бисёр мавридҳо метавонад боиси ранҷидани мусоҳибон гардад, ки аслан, хориҷиёнанд ва ба муносибатҳои байни давлатҳо зиён орад [7, с.94]. Бинобар ин, дипломатҳо аксар вақт як масъаларо фикр карда, масъалаи дигарро баррасӣ менамояд.

Дипломатияи байналмилалии оммавӣ шакли махсуси дискурси институтсионалӣ ба ҳисоб меравад, ки аз муошират дар доираи муайян иборат мебошад. Тавре ки олими рус Чудинов А. П. қайд менамоянд: «Нутқи сиёсатмадор бояд сифатҳои зиёд дошта бошад, ки ба назар бо ҳам мухолиф намоянд. Он бояд ба ҳама фаҳмо буда, вале баъзе ҷузъиёти онро бояд танҳо «огоҳмандон» дарк кунанд. Сиёсатмадор бояд тавре ки мақом ва вазъияташ тақозо мекунад ҳарф зада, ҳамзамон мавқеъи шахсии худро баён кунад. Сиёсатмадор бояд нуқтаи назари худро қотеъона дифоъ карда тавониста, дар айни замон, нисбат ба ақидаҳои дигар таҳаммулпазир бошад» [10, с.25].

Дар баробари ин, танзими самарабахши масоили ҷаҳонӣ ва барқарор намудани робитаҳои мутақобилан судмандро бо шарикони хориҷӣ аксар вақт омили шахсият муайян мекунад, ки ин имкон медиҳад «дар сохтори умумии дискурси дипломатӣ - шахсияти забонии дипломат, ки қобилиятҳои коммуникативӣ, маърифатӣ ва забонии ӯ дар ниҳояти кор муваффақияти тамоми коммуникатсияро муайян мекунанд», фарқгузорӣ карда шавад[7]. Ҳимояи манфиатҳои кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба омили муайянкунандаи рафтори нутқии дипломат табдил меёбад.

Бояд гуфт, ки аз ҷумлаи ҳамаи шаклҳои амалияи дипломатӣ муҳимтаринаш мукотибаи дипломатӣ мебошад, зеро мубодилаи номаҳо (ё нотаҳо) аз мубодилаи мавқеъҳои далелнок пешниҳодшуда бо мақсади бовар кунонидан ба қабули нуқтаи назари бегона иборат аст. Мукотибаи дипломатӣ маҷмӯи ҳуҷҷатҳо ва матнҳое мебошанд, ки тавассути онҳо муносибатҳои байни давлатҳоро бароҳ мемонанд [1,с.488].

Тавре аз «Шоҳнома» маълум мегардад, мукотибаи дипломатӣ (нома) дар байни подшоҳон «ойин»-и худро доштааст. Аз ҷумла, чуноне аз осори марбут ба «Шоҳнома» бар меояд, худи Фирдавсӣ чунин номанигориро ҳамчун «хати хусравӣ» зикр менамуд. Имрӯз мукотибаи маъмулии дипломатӣ талаботи муайян дорад. Ин қоида бо изҳори эҳтиром, забони нарму фаҳмо ва назардошти назокатҳои дигари муошират иншо кардани нома вобаста мебошанд.

Ҳамчунин, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» доир ба сифатҳои сафирон гуфтааст. Махсусан, барои сафирону намояндагони давлат донишмандӣ ва қобилияти баланди суханварӣ доштанро муҳим арзёбӣ менамояд. Дар замони Фирдавсӣ фиристода (сафир) шахсе буд, ки супоришҳои алоҳидаи роҳбари давлаташро, аз қабили расондани нома ва дар ҳолатҳои ҷудогона тӯҳфаҳо ба шоҳи кишвари дигар, муҳокимаи масъалаҳои гуногун бо он ҷониб, ҷамъ овардани ҳама гуна ахбор дар бораи кишвари сафаркардааш ва ғайра ба иҷро мерасонд[12, с.115].

Дипломат бояд дар изҳори назар ва гузоришҳои худ воқеъбин ва ростгӯ бошад. Дипломатияи дуруст ва пойдор он аст, ки бар мабнои ростӣ ва воқеъбинӣ ва бо дар назар гирифтани манфиатҳои миллии кишвар ва наздикии миллатҳо поягузорӣ шуда бошад. Дар ин маврид, аз маҳорати риторикии сафир пешбурди манфиатҳои давлати ӯ вобаста мебошад. Мукотибаи дипломатӣ метавонад расмӣ ва нимрасмӣ (ё хусусӣ) бошад.

Тибқи навиштаи муҳаққиқ В.И.Попов мукотибаи дипломатӣ намудҳои зерин доранд: нотаи шифоҳӣ, нотаи шахсӣ, номаи хусусии дорои хусусияти нимарасмӣ, қайди ёддоштӣ, меморандум, изҳороти ҳукумат ё вазорат, паёми вазири корҳои хориҷӣ, сарвазир ё президент, телеграмма, ҳисоботи солонаи сиёсӣ, номаи сиёсӣ, нома ё маълумотномаи иттилоотӣ, баррасии матбуот, тавсифномаи сиёсӣ ва шифротелеграмма [3, с.435].

Таҳлили равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки дар арсаи байналмилалӣ, хусусан, дар раванди шиддатёбии муносибатҳои байни давлатҳо, тактика ва стратегияҳои дипломатҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо нақши ҳалкунанда мебозанд. Воқеан, дар муносибатҳои дипломатӣ ҳатто тарзи нишаст, роҳ рафтан, тарҳи чеҳра, имову ишорат, маданияти азбар намудани либос, тарзи нигоҳ ва вақти сукут ҳамчун ҷузъи фарҳанги гуфтор ба таркиби ҳунари суханварӣ ворид гардида, ифодагари маданияти дипломатӣ ба шумор меравад[11, с.64].

Бояд гуфт, ки суханронии дипломатӣ дар навъҳои зерин амалӣ мешаванд:

а) суханронӣ дар конфронсҳо, ҷамъомадҳо, ҷаласаҳо, мулоқотҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ;

б) суханронӣ оид ба санадҳо (созишномаҳо, тамосҳо, баёнияҳо) - и дипломатӣ;

в) суханронӣ ҳангоми боздидҳо, қабулҳо, хайрухушиҳо, мукофотдиҳӣ ва ғайра;

г) мукотибаи дипломатӣ.

Воқеан ҳам маданияти дипломатӣ аз ифода ва истифодаи дурусти усулҳои суханронӣ иборат аст. Забони дипломатӣ аз натток дониши баланди забони адабӣ ва хориҷӣ, талаффузи хуб, қобилияти даркнамоӣ, маҳорати ворид шудан ба мавзӯҳо, ғояҳо, афкори дуруст, бо шавқ идома додани суҳбат, хушмуомилагӣ ва дақиқкориро талаб мекунад. Барои суханвар - дипломат ирода, нерӯ, заковат ва дар айни замон эҳтиёткорӣ ва мулоҳизакорӣ лозим аст.

Тавре маълум аст, суханварии дипломатӣ ба худ нозукиҳои махсус дошта, ҳамчун воситаи маҳорати касбии дипломатӣ махсус омӯхта мешавад. Онро мустақилона аз худ кардан ғайриимкон аст. Чуноне аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд суханварии дипломатӣ дар риторикаи қадим пайдо шудааст. Аксаран наттоқони бузург сафири кишварҳои худ шуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуданд, аз ҷумла Горгий ва Демосфенро аз Юнони қадим метавон ном бурд.

Албатта, муносибати наздик байни санъати суханварӣ ва сиёсат хоси тамоми давраи таърихию иҷтимоии инсоният буда, ҳамчун унсури муҳими ҳар як сохти давлатдорӣ хизмат кардааст. Яке аз сабабҳои рушду нумӯ ёфтани риторика, махсусан риторикаи дипломатӣ ин муносибати мутақобилаи мардумон мебошад. Ҳамчунин, ба вуҷуд омадани мушкилоту мухолифатҳо омили рушди риторика гардидааст. Дар чунин маврид ҳар як миллат ва халқият манфиат ва ҳадафҳои худро баён дошта, фикру андешаҳои хешро ҳимоя мекарданд. Махсусан, авлатҳо дар танзими сиёсати хориҷӣ бар дипломатҳо, яъне намояндагони кишвар такя мекарданд. Чуноне ки Г. Николсон менависад: «Дипломатия - ҳунари ба мувофиқа овардани манфиатҳои халқҳо буда, мақсади дипломатия ба ризоияти мусолиматомез расонидани халқҳо ба шумор меравад” [6, с.315]. Яъне ҳама гуна мусоҳиба ва музокироти дипломатӣ ба он равона карда мешаванд, ки мувофиқаи халқҳо ва ризоияти мусолиматомези онҳо ба даст оварда шавад.

Бояд гуфт, ки дар тули таърих муносибатҳои байналмилалӣ қоидаву меъёрҳои муайяни муоширати дипломатиро таҳия кардааст, ки нигоҳ доштани он арзиши муҳим дорад. Онҳоро дар нутқҳои дипломатӣ ва дигар шаклҳои мукотибаи дипломатӣ истифода кардан аз аҳамият холӣ нест. Чунки дар раванди таърих бо анъанаҳои ҳар як миллат омезиш ва мустаҳкам гардида, ба як меъёре табдил ёфтаанд, ки барои мустаҳкам намудани равандҳои муоширати байнидавлатӣ мусоидат менамояд. Яке аз чунин анъана ва шартҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ

қабул шуда, ин протоколи дипломатӣ мебошад. Мазмуни ин мафҳум ҳоло қариб тамоми соҳаҳои фаъолияти дипломатиро дарбар мегирад. Аз ҷумла, барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ, эътирофи давлатҳои нав, ифтитоҳи намояндагиҳо, суҳбатҳо ва музокироти дипломатӣ, даъвати машварат ба конфронсҳои байналмилалӣ, созишномаҳо, шартномаҳо, таъйини сарони намояндагиҳои дипломатӣ, супоридани эътимодномаҳо, татбиқи сафарҳо, имзои конвенсияҳо, баёнияҳо, воҳӯриҳо, вокуниш ба рӯйдодҳои идона ва фоҷиавӣ, пазироиҳо ва мукотибаҳои дипломатӣ.

